194105

МУЛЛОҶОН ФОЗИЛОВ

ФАРҲАНГИ ЗАРБУЛМАСАЛ, МАҚОЛ ВА АФОРИЗМҲОИ ТОҶИКИЮ ФОРСӢ




Ф82

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКӢ

МУЛЛОҶОН ФОЗИЛОВ

ФАРҲАНГИ ЗАРБУЛМАСАЛ, МАКОЛ ВА АФОРИЗМҲОИ ТОҶИКИЮ ФОРСӢ

Ҷилди I



НАШРИЁТИ «ИРФОН»
ДУШАНБЕ 1976

Тоҷик Ф
Ф 82



Китоби «Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» аз се ҷилд иборат хоҳад шуд. Дар ҳар се ҷилд зарбулмасал, мақол ва афоризмҳое гирд омадаанд, ки онҳо аз адабиёти китобатии дар Иттифоқи Советӣ, Эрону Афғонистон ва Ҳинду Покистон нашргардида ва инчунин аз дастнависҳои ҳанӯз ба табъ нарасида кӯшачинӣ шудаанд ва ҳама шарҳи худро доранд. Мусаннифи китоб хостааст, ки он дурдонаҳои бехамтои дар давоми зиёда аз ҳазору сад сол офаридашуда дастраси ҳонандагони гиромӣ гардад.

Китобе, ки ҳоло дар даст доред, ҷилди якуми сеҷилда аст.

Муҳаррири масъул
АЪЛОҲОН АФСАҲЗОД

Ф $\frac{7-2-3-146}{М\ 501(13)-75}$

© НАШРИЁТИ «ИРФОН», 1975

МУҚАДДИМА

Чунон ки адабиёти бадей ду ҳел аст, яъне адабиёти даҳанакӣ ва адабиёти китобатӣ, зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ҳам ду ҳел мебошанд: зарбулмасалу мақолҳои даҳанакӣ ва зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ. Зарбулмасалу мақолҳои даҳанакӣ онҳое мебошанд, ки дар тамоми шаҳру районҳои Тоҷикистон ва берун аз он бо лаҳҷаи ҳамон маҳал вирди забон шудаанд. Зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ онҳое мебошанд, ки дар асарҳои бадей, илмӣ, сиёсӣ ва матбуоти ҷорӣ истеъмол мешаванд. Ин ду навъ зарбулмасалу мақолҳо ба ҳамдигар муносибати ниҳоят наздик доранд. Зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ, ки зуҳури онҳо ба пайдоиши забони адабӣ алоқаманд аст, асосан аз зарбулмасал ва мақолҳои даҳанакӣ сар зада, бо мурури замон аз ҷиҳати сохт ва мазмун тағйир ёфтаанд ва дар натиҷа байни онҳо тафовут ба вуҷуд омадааст.

Дар даврањои аввали ташаккули забони адабии тоҷик унсурҳои забони гуфтугӯӣ ба забони адабӣ ва адабиёт дохил гардида, сабаби инкишофи забон ва қувват гирифтани ҷанбаи демократии он гардидаанд. Дар ҳамин ҷараён зарбулмасалу мақолҳо низ ба таври фаровон ба асарҳои бадей дохил шудаанд. Яке аз ташаббускорони ин иқдоми нек Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд. Хидмати ниҳоят шоистаи ӯ дар ин аст, ки асарҳои худро ба забони содда навишта, бо ҳамин роҳ дар инкишофи минбаъдаи забони адабӣ ҳиссаи муҳим гузошт. Ӯ нахустин шуда беҳтарин унсурҳои забони халқӣ, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳоро дар асарҳои худ муҳимтарин воситаи тасвири бадей қарор дод. Ин равияро устодони дигари каломи бадей, чунончи, Абулқосими Фирдавсӣ, Абулҳасани Фаррухӣ, Абулқосими Унсурӣ, Асадии Тӯсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Носири Хисрав, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Румӣ, хусусан Саъдии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ пайравӣ кардаанд, идома додаанд.

Дар давран советӣ барои ба омма наздик кардани забони адабии тоҷик тадбирҳои муҳим гузаронида шуд.

Аҳли илму адаб ба хубӣ дарк намуданд, ки забони адабии им-

рӯза бояд бехтарин унсурҳои забони адабии давраи гузашта ва забони зиндаи халқи тоҷикро дар бар гирад, ба ҳамаи тоҷикон фаҳмо бошад. Ин масъалаи давлатӣ дар иштироки фаъолонаи асосгузори адабиёти советии тоҷик — Садриддини Айнӣ дуруст ҳал карда шуд. Аз солҳои бистум адибон ва олимони тоҷик бо сардории устод Айнӣ роҳи ба забони адабӣ дохил намудани бехтарин унсурҳои забони гуфтугӯй, аз ҷумла зарбулмасал ва мақолҳоро пеш гирифтанд.

Ҷолиби диққат аст, ки устодони суханҳои дар баробари истеъмоли зарбулмасалу мақолҳои халқӣ худашон дар он қолаб афоризмҳои зиёде эҷод карданд, ки бо гузашти рӯзгор ба қатори зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ дохил шуданд. Ин навъ зарбулмасалу мақолҳо ва мисраъу шоҳбайтҳои ҳикматомези шоирон дар-рӯи коғаз намонда, аз тарафи дигарон низ истифода мешуданд. Ягон фикри начиберо, ки нависандае мегуфт, дигаре сайқал дода, ба қолаби зарбулмасалу мақол мерехт. Адибон зарбулмасалу мақолҳои зиёдро аз адабиёти халқҳои дигар низ тарҷима карда, ба асарҳои худ дохил менамуданд. Инчунин шоирон ва нависандагоне, ки забони модарии онҳо забони дарӣ набуд, аз забони модарии худ зарбулмасал ва мақолҳоро ба истеъмол медаровардаанд. Ҳамин тавр, дар давоми зиёда аз ҳазор сол аҳли илму адаб бо бехтарин зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ ва афоризмҳои худ ганҷинаи адабиётро аз дурдонаҳо пур кардаанд.

Зарбулмасалу мақолҳо аз жанрҳои адабиёти бадеии халқӣ мебошанд. Онҳо аз ибтидо каломи бадеӣ буда, дар давоми асрҳо тағйир ёфта, ба шакли ҳозираашон расидаанд. Акнун зарбулмасал ва мақолҳо аз рӯи шакли зоҳирӣ ба ду гурӯҳи мустақил, яъне мавзум ва мансур тақсим мешаванд. Зарбулмасалҳои мавзум дорои ҳамаи санъатҳои бадеӣ ҳастанд. То ҷорӣ гардидани арӯз зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ ба мисли зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ ба вазни ҳиҷоӣ мутобиқ будаанд.

Зарбулмасалу мақолҳои халқиро асосан шоирон ба қолаби арӯз даровардаанд ва аз ҳамин сабаб дар либоси нав боз хушоҳангу зеботар гаштаанд. Бинобар он омӯхтани хусусиятҳои бадеии зарбулмасал ва мақолҳо на кори лексикографҳо, балки вазифаи муҳиммии фольклоршиносону адабиётшиносон низ мебошад.

Таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳо, хусусан зарбулмасалу мақолҳои халқиро мукаррар кардан мушкил аст. Мо аз рӯи баъзе ҳуҷҷатҳо танҳо замони пайдоиши чанде аз онҳоро тахмин карда метавонем. И. С. Братинский дар ин хусус менависад: «Пайдоиши назми халқи тоҷик сарчашмаи худро аз қадимтарин эътиқодот ва урфу одатҳои гузаштагони халқи тоҷик, аз давраҳои сохтмони ибтидоӣ-общинагии Осиёи Миёна мегирад».[1] Аз ин гуфта хулосае барнамеояд,

[1] И. С. Братинский, Из истории таджикской народной поэзии, Изд. АН СССР, Москва, 1956, стр. 145.

ки тамоми жанрҳои адабиёти даҳанакии халқ, аз қабили зарбулмасалу мақол, чистон, суруд, афсона, ҳамоса, рубой, латифа, тамсил дар як замон ба вуҷуд омада бошанд. Ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки зарбулмасал ва мақолҳо ба монанди тамсил (басня) аз қадимтарин намудҳои эҷодии бадеии халқ аст. Таърихшиноси Рим Курсий Руф дар давраи якуми солшумории милодӣ дар китоби худ ду зарбулмасали аз забони зиндагии мардум шунидаи худро («Овози саги тарсончак аз газиданаш сахттар аст» ва «Чуқуртарин дарьё ҳамон аст, ки ҳамвора чорӣ бошад») қайд намудааст [1].

Сабаби ба вуҷуд омадани адабиёти даҳанакӣ, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳо, ба инкишофи минбаъдаи тафаккури инсон, яъне ба тафаккури абстрактӣ ва дараҷаи олии он — тафаккури бадеӣ қобил шудани инсон вобаста аст. Сабаби дигаре, ки он боиси ташаккули адабиёти даҳанакӣ гардид, ин набудани хат буд. Хат кашфиёти бузург ва беҳтарини инсон аст, ки ба давраҳои инсбатан наздики ҷамъияти инсонӣ тааллуқ дорад.

Дар адабиёти хаттӣ андарзгӯй ҳанӯз дар давраи сосониён (солҳои 224 ё 226—621) оғоз ёфта, бисьёре аз он андарзҳо мазмунан ба зарбулмасал ва мақолҳо наздик будаанд. Гумон меравад, ки бо мурури замон баъзе аз он андарзҳо, ки мазмунан ва шаклан халқӣ будаанашон ба назар мерасад, сайқал ёфта, ба қатори зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ даромадаанд. Масалан, аз «Андарзҳои Озарподи Морсипандон»-и Анӯшервон (531—579), аз ҷумла, андарзҳои «Шабхез бош, ки корраво ёбӣ», «Ҳар кӣ дигаронро чоҳ канад, худ андар он чоҳ афтад» ва ғайра мебошанд, ки аз онҳо мақоли «Шабхез бош, то комраво бошӣ» [2] ва зарбулмасали «Чоҳкан зери чоҳ», «Чоҳ макан, ки худ афтӣ, бад макун, ки бад афтӣ» ба вуҷуд омадаанд.

Бояд ки шакли аввалини зарбулмасал ва мақолҳо ба монанди ҳамин ҷумлаҳои кӯтоҳи пандомезе, ки дар онҳо ақида, мушоҳида ва хулосаҳои ҳодисаҳои гуногуни зиндагии ҳаррӯза ифода ёфтаанд, ба зухур омада бошанд. Аз ин ҷиҳат зарбулмасали то давраи сомонӣ овардаи Чоҳиз: «Ҳар кӣ равоз (равад) чараз (чарад) ва ҳар кӣ хуспад, хоб бинад» ҷолиби диққат аст. Албатта, на ҳамаи он пандия, балки қисме аз онҳо, хусусан онҳое, ки мазмунан ба ҳаёти оммаи васеи халқ мувофиқ буданд, бо мурури замон сайқал ёфта, ба зарбулмасал ва мақолҳо мубаддал гардиданд.

Таърихи пайдоиш ва зарбулмасал гаштани зарбулмасали «Аз мост, ки бар мост» кобили диққат аст. Ин зарбулмасал яке аз мис-

---

[1] К. В. Тревер. Памятники греко-бактрийского искусства. М. Л., 1940, стр. 27.

[2] Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор. Девони ашъор, Теҳрон, 1945, ч. II, саҳ. 335—359.

раъҳои тамсили Носири Хисрав, буда, маҳз ба тавассути ӯ чун зарбулмасал байни тамоми мардумони порсизабон интишор ёфтааст. Пеш аз Носири Хисрав ин гуфтор чун як мисраи тамсили драматурги Юнони қадим Эсхиль (соли 525—456 то милодӣ) ба назар мерасад [1].

Ҳар давр зарбулмасал ва мақолҳои хос ба вуҷуд меоварад. Бо мурури замон ин чакидаҳо табақа-табақа болои ҳам шуда, як ганҷинаи пурбаҳоеро фароҳам меоваранд, ки ҳар як табақаи ин ганҷина аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар зарбулмасал ва мақолҳо ақидаю ҷаҳонбинии офарандагони онҳо инъикос меёбад. Азбаски макон, замон ва ҳаёти маиширо ва иҷтимоии одамон бо расидани замони дигар тағьир меёбад, нуқтаи назари онҳо ҳам нисбат ба ҳаёт дигар мегардад. Аз ин ҷост, ки зарбулмасал ва мақолҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо аз зарбулмасал ва мақолҳои замони гузашта тафовут доранд, ҳатто чунин зарбулмасал ва мақолҳое офарида мешаванд, ки онҳо аз ҷиҳати ақида ва ғоя ба зарбулмасал ва мақолҳои замони гузашта муқобиланд.

Сабаби дигари гуногунии онҳо дар он аст, ки ақидаи худи офарандагони зарбулмасалу мақолҳо гуногун аст. Табиист, ки ба ҳамон як ҳодисаю воқиа аҳли илму дониш, арбобони дину сиёсат, бониёни давлат ва ғайра ба тарзи худ муносибат мекунанд ва он гуногунии ғоявӣ боиси ба вуҷуд омадани зарбулмасал ва мақолҳои мухталифмаъно мегардад.

Агар мазмуни зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ ва ё даҳанакии форсу тоҷик аз назар гузаронида шавад, ба назар мерасад, ки дар онҳо воқиа ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти гузаштаи мардумони Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ва ғайра акс ёфтаанд, ки ин барои омӯхтани таърихи он халқҳо аҳамияти хеле калон дорад. Аз ин рӯ, зарбулмасал ва мақолҳо воқианомаи хеле муҳиме мебошанд, ки дар онҳо дар давоми садҳо сол аксари ҳодисаҳои ҷамъияти инсонӣ сабт ёфтаанд. Онҳо инчунин инъикоскунандаи мафкура, савия, ҷаҳонбинии мардумони даврaҳои гузаштаанд. Маълум аст, ки халқи тоҷик аз сари худ давраи мудҳиши ғуломдорирo дар давраи ҳохоманишиҳо (асрҳои VI—IV то милодӣ) гузаронидааст. Вуҷуд доштани ин факти таърихиро бо зарбулмасал ва мақолҳо тасдиқ кардан мумкин аст: «Ғулом аз ситам чӯб бар хар шикаст, ба подоши он хоҷааш сар шикаст», «Ғулом ба моли хоҷа нозад, хоҷа ба ҳар ду», «Ғуломи оқил беҳ аз шайхи ҷоҳил», «Ғулом мехарам, ки маро соҳиб бигӯянд», «Ғулом пир шавад, хоҷааш кунад озод» ва ғайраҳо. Бешубҳа, на ҳамаи ин зарбулмасал ва мақолҳо дар давраи ғуломдорӣ ба вуҷуд омадаанд, вале онҳо вуҷуд доштани ғуломдорирo тасдиқ менамоянд.

---

[1] «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо». Тартибдиҳанда М. Фозилов, Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1973, саҳ. 5—6.

Миқдори зарбулмасал ва мақолҳои китобатиро эҳёда аз дах ҳазор тахмин кардан мумкин аст, ки дар давоми асрҳои эҳёд ба вуҷуд омада, бисёрашон то имрӯз вирди забонанд. Дар офаридани онҳо тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ иштирок кардаанд, барои ҳамин ҳам доираи онҳо ниҳоят васеъ ва маъмунан гуногунанд. Дар онҳо муносибатҳои ичтимоии даврахои гузашта ва ҳозира инъикос ёфтаанд. Аксари он зарбулмасал ва мақолҳо эчоди аҳли меҳнат буда, дар онҳо фикрҳои нағиб дар бораи ҳаёт, давлат, дин, ватандӯстӣ, озодихоҳӣ, илму ҳунар ва дӯстиву рафоқат ва ғайраҳо акс ёфтаанд. Инчунин зарбулмасал ва мақолҳое мавҷудаанд, ки дар онҳо ҳаргуна фикрҳои реакционӣ ифода шудаанд. Онҳо бо мурури замон аз сабаби номувофиқ будани маъмунашон аз байн рафта, ба чои онҳо зарбулмасал ва мақолҳои нав ба вуҷуд омадаанд. Хулоса, ҳар зарбулмасал ва мақоле, ки эҷод карда мешавад, ҳақиқати ҳоли замон ва акидаи офарандагони онҳоро инъикос менамояд. Баъзе аз онҳоро аз назар мегузаронем. Зарбулмасал ва мақолҳои «Рустоиро ақл аз пас меояд», «Рустоиро бигзор ки ба забони худ икрор кунад», «Рустой агар Валӣ будӣ, хирс дар кӯҳ Бӯалӣ будӣ», «Деҳ марав, деҳ мардро аҳмак кунад, ақлро бенуру беравнақ кунад» (Румӣ) офаридан замони феодализм аст, ки дар ҳақиқат деҳоти даврон феодалӣ чунин буд, дар он ҷаҳолат ҳукмфармой мекард, ки ин ҳолати воқеиро зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои болоҳаққоний ифода намудаанд. Акнун ба хаёли касе намерасад, ки яке аз ин зарбулмасалу мақолҳоро нисбат ба деҳоти ҳозираамон гӯяд. Зарбулмасали «Занро мӯй дарозу ақл кӯтоҳ» низ дар замони гузашта ба вуҷуд омадааст, зеро на бо айби занон, балки бо айби замон, бо касофати шароиту муҳити феодалӣ онҳо дар банди ҷаҳолат афтода буданд. Пайдоиши чунин зарбулмасал ва мақолҳо бо муносибати феодалӣ нисбат ба занон алоқаманд мебошад.

Аз унвони «Фарҳанг» маълум аст, ки дар он на танҳо зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои китобатии тоҷик, инчунин зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тамоми халқҳои порсизабон гирд оварда шудаанд.

Маълум аст, ки то як давран муайян барои ҳаман онҳо забони адабӣ ва адабиёти бадеӣ ва илмӣ ягонаву муштарак буд, ки ин умумият ба зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо низ дахл дорад.

Муқаррар намудани пайдоиши забони адабӣ ва адабиёти бадеии мардумони порсизабон яке аз масъалаҳои муҳиммест, ки дуруст ҳал карда шудани он боиси дарьёфти ҳақиқати ҳол ва инчунин сабаби ҳал гаштани як қатор масъалаҳои дигар ва барҳам ёфтани баъзе фикрҳои ғалат мегардад.

Пеш аз ҳама пайдо шудани адабиёти бадеӣ ба пайдо шудани забони адабӣ вобастааст, забони адабӣ дар навбати худ вобаста ба зу-

хури адабиёти бадеӣ аст. Пас, сурат гирифтани ин ҳар ду бе якдигар мумкин намегардад. Ба исбот расидааст, ки забони адабӣ, яъне забони порсӣ-дарӣ, ки бо он Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ, Кисоӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва дигарон шеър офаридаанд, дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ба вуҷуд омада, дар давраи Сомониён ба авҷи инкишофи худ расидааст. Проф. Е. Э. Бертельс менависад: «Дар он замоне, ки дар Осиёи Миёна адабиёт ба забони дарӣ нашъунамои тамом дошт, мо ин ҳолатро дар Эрон дида наметавонем. Дар давраи давлати Бундҳо дар асри X забони арабӣ мавқеи худро нигоҳ медошт, вале дар ҳамсоягии он, баъзе шоирон, аз ҷумла Камолиддини Бундор (вафоташ тахминан соли 1010) кӯшиш доштанд, ки дар адабиёт лаҳҷаҳои маҳаллиро ба кор баранд. Дар Ҳамадон бошад, мукорини ҳамон замон аз лаҳҷаҳои маҳаллӣ Бобо Тоҳири маъруф (ваф. соли 1049), ки дар як вақт бо забони арабӣ ҳам менавишт, истифода мекард. Дуруст аст, ки чанде аз рубоиёти Бобо Тоҳир, ки ба забони дарӣ гуфтааст, боқист, вале ба аслияти онҳо ҳанӯз В. А. Жуковский ҳаққоний шубҳа карда буд.

Дар вилояти назди Хазар, махсусан дар қаламравии Зиёриҳо, ки-чунин забони арабӣ ҳукмрон буд, ки Кобус ибни Вушмгири Зиёрӣ (976—1012) онро бо камоли хубӣ медонист. Вале дар қатори забони арабӣ ин ҷо ҳам мо кӯшишоти ба дарачаи забони адабӣ бардошта шудани забонҳои маҳаллиро мушоҳида менамоем. Мо як қатор шоиронро медонем, ки бо он забонҳо асар навиштаанд, аз ҷумла: Испаҳбад Хуршед ибни-ал-Қосими Мамтирӣ, Барбади Ҷарирӣ, Иброҳимӣ, Мукӣ, устод Алии Пирӯза, Деваршази Мастмардӣ»[1].

Барои ҳамин ҳам ба вуҷуд омадани адабиёти тоҷикиву форсиро на дар территорияи Эрон, балки дар территорияи пайдо шудани забони адабӣ, яъне дар Мовароуннаҳр ва Хуросон донистан аз рӯи мантиқ аст. Адабиёти бадеӣ дар давраи Сомониён аз тарафи як гурӯҳи тавоно бо забони ниҳоят соддаву фасеҳ ба авҷи боло бароварда шуд. Минбаъд ин адабиёт аз макони худ ба территорияи Эрон, қисман ба Ҳиндустон, Қафқоз ва ҷойҳои дигар паҳн гашта, бо саъю кӯшиши намояндагони халқҳои гуногун боз такмилу инкишоф ёфт. Ин адабиёт ба адабиёти байналхалқӣ мубаддал гардида, минбаъд ба қатори адабиёти ҷаҳонӣ дохил шуд.

Забони ин адабиёт забони форсии дарӣ низ мебошад, ки тавассути адабиёти бадеӣ забони адабии халқҳои гуногун гашта, бо он забон сохтани Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон ва дигар кишварҳо асарҳои бадеӣ ва илмӣ ба вуҷуд оварда, адабиёти умумихалқиро мазмунан ва шаклан бойтар намуданд. Аз ин ҷост, ки зарбулмасал ва маколҳо низ барои ҳамаи он халқҳое, ки бо забони адабии порсӣ асар-

[1] Е. Э. Бертельс. Персидский язык таджикский. «Советская этнография», № 4, 1950, стр. 18.

хои бадей ва илмй ба вучуд овардаанд, муштарак буда, ин муштаракй ганчинаи зарбулмасал ва маколхоро боз хам бой ва гуногунтар намудааст.

Зарбулмасал ва маколхоро берун аз нутк ва хорич аз мати тасаввур кардан мушкил аст, зеро онхоро хеч кас бе эхтиёче ба хотири худ намеоварад. Барои ин ки фикре тасдик ва ё рад гардад, ё амали ношоистае махкум карда шавад, зарбулмасал ва маколхоро оварда, фикри худро асоснок менамоянд. Масалан, зарбулмасали китобатии «Аввал пурсиш, баъд кушиш» харгиз он маъноро надорад, ки аввал арзу холи касеро пурсида баъд ўро куштан лозим аст. Барои равшан гаштани маъноии он ба яке аз матнхои истеъмолшудаи хамин зарбулмасал мурочиат мекунем. Дар «Латифахои точикй» чунин мати оварда шудааст:

— Саллаю чомаи ман аз кучо ба ту муттахам расид?

Мушфикй бо оромй чавоб дод:

— Таксир, «аввал пурсиш, баъд кушиш» гуфтаанд.

Аз матни боло маълум мегардад, ки зарбулмасали «Авval пурсиш, баъд кушиш» ба маънои «пеш аз чазо ё танбехи гунахгоре гунохи ўро собит намуда, баъд чазо дода шавад» истеъмол шудааст. Ё ин ки он зарбулмасал ба касе гуфта мешавад, ки ў бе хеч тахкику тафтиш ба чазо кашида шавад. Ба чазои сахт сазовор набудани гунахгор бо ин зарбулмасал огохонида мешавад.

Азбаски зарбулмасал ва маколхо аз жанрхои мустакили адабиёти бадей хастанд, онхо дорои хама хусусиятхои каломи бадей буда, махз бо хушохангй, равонй ва мазмуни баланд дар хотири одамон накш баста, аз дахон ба дахон гузашта боиси дарозумрй мегарданд.

Барои дуруст муайян намудани мохияти зарбулмасал ва маколхо пеш аз хама худуди хакикии онхоро бояд муайян намуд. Бидуни ин хар коре, ки оид ба зарбулмасал ва маколхо ба даст гирифта мешавад, сарбаста гашта, халли дурусти он номумкин мегардад. Одатан тартибдихандагони мачмўахои зарбулмасал ва маколхо ва хатто дар баъзе корхои илмй оид ба зарбулмасал ва маколхо бе хеч як асос калимахои мураккаб, ибораҳои гуногун, ташбехот, хикам, хадис, ривоят ва амсоли инхоро зарбулмасал ва макол шуморида, доманаи онхоро инхоят васеъ менамоянд, ки он боиси номаълум ва сарпеч шудани худуди зарбулмасал ва маколхо мегардад. Мо аз дохил намудани он гуна «зарбулмасал ва маколхо» дар фарханги худ худдорй намуда, кўшиш намудем, ки ин ганчина аз харгуна чизхои тасодуфй тоза бошад. Чун омехтани фактхои гуногуни забон ва каломи бадей қариб ғалати ом шудааст, барои дуруст тасаввур намудани худуди зарбулмасал ва маколхо баъзе аз он иштибохҳоро аз назари хонандагони гиромй мегузаронем.

1. Пеш аз хама аз қатори зарбулмасалу маколхо ибораҳои рех-

та — фразеологизмҳо ва ибораҳои озодро, на чун воҳиди каломи бадей, балки чун воҳиди лексика хорич кардан зарур аст, онҳо аз кабили зеринанд.

«Маҷмӯъ-ул-амсол» ва **«Ҷомеъ-ут-тамсил»** (таълифаш соли 1639—1640 ва 1644—45):

Об аз дасташ намечакад, Об ба гулӯяш фурӯ намеравад, Оби белаҷом хӯрда, Ангуштакнамон халқ шуд.

«Баҳори Ачам» (таълифаш соли 1739//1740):

Об аз дарьё мебахшад, Оташ гирифту рафт.

«Махзан-ул-фавоид» (таълифаш соли 1810):

Об надида мӯза кашидан, Аз дарвешон барги сабзе.

«Матлаъ-ул-улум» (таълифаш соли 1845//46):

Ҳикмат ба Лукмон омӯхтан, Намак хӯрдану намакдон шикастан.

«Персидские пословицы» (таълифаш 1931):

Хару говро аз ҳам фарқ намекунад. Хар ду поро дар як кафш карда.

«Амсолу ҳикам» (таълифаш 1913):

Сар ба сар, Сар хоридан.

«Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ» (таълифаш соли 1956):

Аз барф гурехта ба борон дучор шудан, Аз кулӯх алов парид.

«Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ» (таълифаш соли 1960):

Дар бод гап задан, Дида ба дида расид.

II. Калимаҳои содда ва мураккабро ба қатори зарбулмасал ва маколҳо даровардан низ саҳв аст, аз қабили: **«Гургоштӣ, шутургурба...»** («Масалҳои форсӣ»), «Кӯрнамак» («Зарбулмасал ва чистонҳои тоҷикӣ»), «Сапеддаст, говдил, говриш» («Амсолу ҳикам»), «Фӯта» («Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ», нашри соли 1960), «Зоҳирбин, сӯҳонрӯ». («Фарҳанги авом»).

III. Мисолҳои зерин зарбулмасал набуда, чумлаҳои оддӣ мебошанд: «Бо чашми худ дидам» («Масалҳои форсӣ»), «Чора нест дар ин воқиа илло таслим» («Махзан-ул-фавоид»), «Пионер бачаи далер» («Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ», нашри соли 1956) «Дарси забон бе мисол не, дарси таърих бе сол» («Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ», нашри соли 1960).

IV. Ташбеҳоте, ки ба воситаи калимаҳои «чун, монанд, мисл» сохта мешаванд, низ зарбулмасал ва мақол намебошанд:

Мисли дарьё, Мисли дастаи гул, Чун фалак («Амсолу ҳикам»), «Монанди ду қатраи об, Монанди рӯдаи гов» («Зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ», нашри соли 1960), Мисли шоми ғарибон, Мисли шери барфӣ, Мисли шири модар («Фарҳанги авом»)...

V. Ҳикматҳои зерин низ зарбулмасал ва мақол набуда, балки «фраза» ё «калимаҳои забонзади умумигашта» (крылатые слова) мебошанд: Рӯбоҳро гуфтанд: Гувоҳат кист? Гуфт: Думам. Шутурмурғро гуфтанд: Бор бардор! Гуфт: Ман мурғам. Гуфтанд: Бипар! Гуфт:

Ман шутурам («Масалҳои форсӣ»). Рӯбоҳро гуфтанд: Пӯстинпӯшӣ? Гуфт: Он чӣ пӯшидаам, ба ман бигузоред! («Маҳзан-ул-фавоид»). Гургро гирифтанд, пандаш диҳанд. Гуфт: Сарам диҳед, гала рафт («Амсолу ҳикам»). Ба качал гуфтанд: Чаро зулф намегузорӣ? Гуфт: Дӯст намедорам. («Фарҳанги аввом»).

VI. Чумлаҳои муқаррарӣ, яъне, штампҳоро инчунин зарбулмасал ва мақол шуморидан ғалат аст: Ачаб, ачаб ки туро ёди дӯстон омад. Карам намову фурӯд о, ки хона хонаи туст. Гӯй мушкил ва агар нагӯй мушкил. Моро ба хайру шуморо ба саломат. («Маҳзан-ул-фавоид»). Ба чашм. На чашм бинад, на дил бисӯзад. («Фарҳанги аввом»). Дӯст шоду душман поймол. Чӣ кунад бенаво ҳамин дорад. («Матлаъ-ул-улум»). Набинаму насӯзам. («Зарбулмасал ва маколҳои точикӣ», нашри соли 1960).

VII. Ҳаргуна нафрин ва дуои неку бад ҳам зарбулмасал ва макол намешавад: Умрат дароз бод, ки ин ҳам ганимат аст. Маро ба хайри ту умед нест, шар марасон! Садака додан радди балост. («Матлаъ-ул-улум»). Бало ба пасаш. Худоё, ин дардро ба кас марасон! (Зарбулмасал ва маколҳои точикӣ, нашри соли 1960). Кадам расид, бало нарасад. Зар маталаб, дуо талаб, магар дуо тилло нест (Ф. Абдуллозода. Зарбулмасал ва маколҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ, Н. Д. Т. Сталинобод, 1958).

VIII. Ҳаргуна тағйибу ҳадис ва ривояту фикрҳои сӯфиёна низ зарбулмасал ва мақол намешаванд: Хукми ҳоким кабул бояд кард, Кори тақдир ба тадбир рост наояд («Маҳзан-ул-фавоид»). Хости худоро чора нест. Шоҳ худои замин аст («Амсолу ҳикам»). Имрӯз гузарад, фардо худо подшоҳ аст («Зарбулмасал ва маколҳои точикӣ, нашри соли 1960»). Хаққи подшоҳӣ баробари хаққи сагир (Аз «Зарбулмасал ва маколҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ»).

IX. Афоризмҳое, ки бе ҳеҷ чӯчоз ва баденяте гуфта шудаанд, низ зарбулмасал ва мақол намебошанд: Ман онам, ки худ донам, Ман зинда — чаҳон зинда. («Маҳзан-ул-фавоид»). Нури акл дониш аст. («Зарбулмасал ва маколҳои точикӣ», нашри соли 1956).

X. Инчунин баъзе «зарбулмасал ва маколҳое», ки солҳои охир дар асоси колабҳои анъанавӣ ва табдили маънии зарбулмасалу маколҳои маъмул эҷод шудаанд, аз сабаби сустии мазмун ва баденяти онҳо ба фарҳанг дохил нагардидаанд. Чунончи: «Аввал кор, баъд бозор» (дар қолаби «аввал хеш, баъд дарвеш»), «Аввал салом, баъд гаом» (дар қолаби «Аввал таом, баъд калом»), «Агар тарсӣ аз хатар, накун орзуи сафар», «Агар ту пеши роҳи селро нагирӣ, сел пеши роҳи туро мегирад», «Агар ба хонаат меҳмон ояд, пишакатро пушт нагӯй!», «Аз деҳқон ҳаракату аз замин баракат», «Аз думи гурба гирӣ, дастатро мехарошад», ё «Аз зиндаи бекор мурда бехтар аст» ва монанди инҳо.

Сабаби ба «Фарҳанг» дохил шудани афоризмҳо, яъне мисраъҳои чудогонаи назму насри сайқалёфтае, ки як фикри томро ифода намуда, забонзади умумӣ гаштаанд, он аст, ки онҳо ба зарбулмасалу маколҳо аз чиҳати шакл, сохт ва мазмун наздик буда, чун воситаи тасвири бадеӣ барои таъсирнок шудани нутқ ва ё мақсади хизмат менамоянд.

Афоризмҳо бошанд, муаллиф доранд ва сабаби эҷодашон он аст, ки зарбулмасалу мақол ва афоризмҳои чорӣ кӯҳна мешаванд, ба воситаи онҳо фикру ақида ва муносибатҳои иҷтимоии замонияти навро дигар ифода кардан мумкин намегардад. Аз ин рӯ навсозидагон афоризмҳои нав эҷод менамоянд. Ҳамин тавр ҳар давра табақа ба табақа фикру ақида ва фалсафаи ҳаёти худ ва ҳар як воқеа ва ҳодисаи барчастаи замонро инчунин ба воситаи афоризмҳо ифода намуда, ба онҳо умри дароз мебахшанд. Афоризмҳо гоҳе муаллифони худро гум карда, ба қатори зарбулмасалу маколҳо медароянд ва фонди онҳоро зиёд намуда онҳоро мазмунан бойтар мегардонанд.

* * *

Оғози омӯзиши зарбулмасал ва маколҳои китобӣ чандон дур нест. Агар суханҳои маҳз дар боран таъриҳи тартиб дода шудани фарҳангҳои зарбулмасалу маколҳои китобатӣ равад, мутассифона дар ин бобат ҳам кори зиёде карда нашудааст. Шарҳи маъноии зарбулмасалу маколҳои точикӣ, форсӣ аввал дар фарҳангҳо, аз ҷумла, фарҳанги «Баҳори Ачам» (таълифаш соли 1839//40, «Ғиёс-ул-луғот» (таълифаш соли 1826//27) ба қалам расидааст, хусусан фарҳанги «Баҳори Ачам» як миқдор зарбулмасалу маколҳоро дар матн оварда, маъноии онҳоро шарҳ додааст, ки ин минбаъд боиси расм гаштани ин иқдоми нек шудааст.

Дар Аврупо аввалин маҷмӯаи зарбулмасал ва маколҳое, ки маъноии онҳо шарҳ дода шудааст, маҷмӯаи Вильям Хунтер ва Томас Равбак мебошад.[1] Маҷмӯаи зарбулмасалу маколҳои он муаллифон дар тартиб додани рӯйхати пурраи зарбулмасалу маколҳо аҳамияти муҳим аст. Гуфтан мумкин аст, ки ин маҷмӯа оғози омӯхта шудани зарбулмасалу маколҳои точик дар Аврупо гашт.

Асари муфиди дигаре, ки дар он 500 зарбулмасалу маколи китобатии форсу точик ҷамъу шарҳи ҳартарафа ёфтааст, кори академик Владимир Гордлевский «Персидские пословицы»[2] мебошад.

---

[1] A collesion of proverbs and proverbial phrases in the Persian and Hindustance langnages, Calcutta, 1824.

[2] «Труды восточной комиссии Императорского Московского археологического общества», т. IV, Москва, 1913.

Академик Гордлевский навиштааст, ки: «Чуончи В. А. Жуковский қайд кардааст, эҳодиёти халқии форсӣ, ки аз ҷиҳати забон, шакл ва мундариҷа хеле мароқангез аст, то ҳол чун соҳаи тамоман омӯхтанашуда ва номаълум мондааст ва ман ба таклифи Мирзоабдуллоҳ Ғаффор дар бораи ба забони русӣ интишор додани зарбулмасал ва мақолҳои форсӣ мувофиқат кардам» [1].

Кори академик Гордлевский ҳаргиз қимати худро гум намекунад ва ба ононе, ки рӯйхати зарбулмасалу мақолҳои тоҷику форсро тартиб додаанд ва ё мехоҳанд фарҳанги онҳоро ба вуҷуд оранд, кӯмаки хеле хуб мерасонад.

Бехтарин коре, ки барои ба вуҷуд овардани фарҳанги зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ карда шудааст, асари чорҷилдаи Алиакбари Деххудо «Амсолу ҳикам» [2] мебошад. Бартарии ин китоб, ба назари мо, иборат аз инҳо мебошанд:

1. «Амсолу ҳикам» ягона рӯйхати пурраи шарҳёфтаи саҳеҳи зарбулмасалу мақолҳои китобатии форсу тоҷик аст. Он шарҳ ва эзоҳҳое, ки аз тарафи муаллиф ба зарбулмасалу мақолҳо дода шудаанд, ниҳоят пуразиш буда, дар оянда низ қимати худро гум нахоҳанд кард.

2. Муаллиф аз адабиёти бадеии ҳазорсола зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳои гуногун ва мисолҳои дигарро гирд оварда, омӯхта шудани онҳоро ба пеши муҳаққиқон гузоштааст.

3. Дар катори зарбулмасал ва мақолҳои китобатии тоҷику форс гирд оварда ва шарҳи маъно дода шудани зарбулмасал ва мақолҳои зиёди арабӣ, ки онҳоро муаллифони тоҷику форс дар асарҳои худ истеъмол намудаанд, ниҳоят кори хайр аст. Фаровон истеъмол шудани зарбулмасалу мақолҳои арабӣ ва инчунин истеъмол шудани зарбулмасал ва мақолҳои тоҷику форс дар забони арабӣ факти диққатангезест, ки бояд сабаб ва дарачаи таъсири онҳо ба якдигар муқаррар карда шавад.

4. Муаллифи «Амсолу ҳикам» танҳо ба овардани матни зарбулмасалу мақол қаноат накарда, боз матнҳои дигареро, ки онҳо ба зарбулмасалу мақолҳо ишора ва назир шуда омадаанд, қайд намудааст, ки онҳо аз як тараф маънои зарбулмасалу мақолҳоро кушода бошанд, аз тарафи дигар боз якчанд масъалаҳои дигарро ба мадди назари муҳаққиқон расонидаанд.

Албатта, чунин як кори бузург, ки бори аввал ба анҷом расидааст, аз баъзе камбудиҳо холӣ нест. Мо чанде аз онҳоро қайд менамоем.

1. Гарчанде ки дар «Амсолу ҳикам» зарбулмасал ва мақолҳои зиёде ҷой доранд, онро маҷмӯа ва ё фарҳанги зарбулмасалу мақолҳо гуфтан мушкил аст. Дар китоб ба ғайр аз онҳо боз калима ва кали-

[1] Ҳамон асари номбаршуда, саҳ. 26.
[2] Алиакбар Деҳхудо, Амсолу ҳикам, дар чаҳор ҷилд. Теҳрон, соли 1931.

маҳои мураккаб, истилоҳҳо, ибораҳои устувор ва озод, ҳикматҳо, ҳадис, ривоят ва ҳаргуна маълумотҳои таърихӣ ва амсоли онҳо дохил шудаанд, ки бо ин намуди худ он бештар ба энциклопедия шабоҳат пайдо кардааст. Худ аз худ маълум аст, ки Деҳҳудо дар пеши худ мақсади ба вучуд овардани фарҳанги зарбулмасал ва мақолҳоро нагузошта, пиростани фарҳанги умумиеро, ки ба як қатор саволҳои хонанда ҷавоб диҳад, гузошта аст.

2. Аксари матниҳои зарбулмасалу мақолҳо манзуманд. Ин бад нест, вале наср, ки чун як чузъи адабиёти баденист ва дар онҳо зарбулмасалу мақолҳо нисбат ба назм бештар истеъмол мешаванд ва маъноянишон равшантар кушода мегарданд, хеле кам истифода шудааст. Чунин асарҳои муҳимми мансур ба монанди «Абӯмуслимнома», «Сиёсатнома», «Ҳамзанома», «Бахтиёрнома», ҳар ду «Доробнома», «Калила ва Димна», «Марзбоннома», «Анвори Суҳайлӣ» ва даҳҳо дигар асарҳо, ки дар онҳо зарбулмасал, мақол ва ҳикматҳо фаровон истеъмол шудаанд, аз диққати муаллифи китоб хориҷ мондаанд. Чанд асари мансур, ки гоҳ-гоҳ (аз қабили «Таърихи Байҳақӣ», «Таърихи «Систон» ва дигарҳо) иқтибос шудаанд, барои чунин як кор кофӣ нестанд.

3. Миқдор ва таносуби матниҳои овардашуда якранг намебошад. Бе ҳеҷ эҳтиёҷ барои он зарбулмасал ва мақолҳое, ки маънои онҳо равшан аст, матниҳои зиёде оварда шудааст.

4. Моддаҳои луғавии зиёде, ки онҳо ба унвони китоб ҳеҷ муносибате ва ё чандон кимати илмӣ надоранд, ба китоб дохил шуда, мутолиаи китобро мушкил гардонидаанд.

5. Асар пешгуфторе надорад, ки аз он хонанда аз мақсаду сохти китоб ва дигар масъалаҳое, ки ба тартиб дода шудани китоб алоқаманданд, воқиф гардад.

Албатта ҳамаи ин камбудиҳое, ки қайд шуданд, ҳаргиз бонси паст задани кимати китоб наҳоҳад шуд. Гуфтаанд, ки «Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар». Ин китоб дар ҳақиқат дар омӯхтани ганҷинаи ниҳоят гаронбаҳо — зарбулмасал ва мақолҳо суханӣ тоза буд, ки бонси ба вучуд омадани як қатор китобҳо, аз ҷумла «Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон»-и Муҳаммадтақии Муқтадирӣ (соли нашраш 1950), «Зарбулмасалҳои форсӣ ва англисӣ»-и Сулаймон Хайим (соли нашраш 1956), «Фарҳанги авом»-и Амирқулии Аминӣ (соли чопаш 1960), «Фарҳанги амсоли форсӣ»-и Ҷамшедпур (соли чопаш 1968) ва ин фарҳанге, ки ба диққати хонандагони гиромӣ расидааст, низ бо таъсири неки «Амсолу ҳикам»-и Деҳҳудо ба вучуд омадаанд.

Дигар фарҳанге, ки кобили диққат аст, «Фарҳанги авом ё тафсири амсол ва истилоҳоти забони форсӣ»-и Амирқулии Аминӣ (чопи якумаш соли 1945 ва чопи дуюмаш соли 1960) мебошад.

Агар калимаҳои аз қабили «кошкӣ, кошҳисоб, кошхулк, ғур-ғур кардан» ва ташбеҳот, аз қабили «мисли шоми ғариbон, мисли шири модар, мисли халво» ва ғайраҳо, ки онҳо дар фарҳанги мазкур кам нестанд, истисно шаванд, «Фарҳанги авом»-ро фарҳанги зарбулмасал, мақол, ҳикам ва ибораҳои рехта номидан мумкин аст. Фазилати дигари «Фарҳанг» он аст, ки тамоми зарбулмасал ва мақолҳо мухтасар ва фаҳмо шарҳ ёфтаанд. Кушодани маънои зарбулмасал ва мақолҳо ва гоҳо нишон дода шудани мавриди истеъмоли онҳо хеле кори муҳим аст.

Аксари зарбулмасал ва мақолҳои «Фарҳанги авом» матн надоранд, барои ҳамин фаҳмидани маънои баъзе аз онҳо то андозае мушкил мегардад. Ғайр аз ин, А. Аминӣ эҳтимол аз сабаби забонзад будани афоризмҳои зарбулмасалу мақолшуда, аз қабили «Хар касеро баҳри коре сохтанд, майли оиро дар дилаш андохтанд», «Об дарьё агар наtавон кашид, ҳам ба қадри ташнагӣ боид чашид» (Ҷалолиддини Румӣ), «Онон, ки ғаштаранд, мӯҳтоҷтаранд», «Оиро, ки саховат аст, чӣ ҳочат ба шуҷоат?» (Саъдии Шерозӣ) ва ғайра муаллифҳояшонро қайд накардааст.

Дар охир боид қайд кард, ки соли 1968 дар Теҳрон «Фарҳанги амсоли форсӣ» ном китобе нашр шудааст, ки ба қалами Юсуфи Ҷамшедпур тааллуқ дорад. Агар моддаҳои луғавии ин фарҳанг бо моддаҳои «Амсолу ҳикам» ва «Фарҳанги авом» муқоиса гардад, кариб як будани онҳо ба назар мерасад. Гарчанде «Фарҳанги амсоли форсӣ» пас аз 37 соли «Амсолу ҳикам» ва 8 соли «Фарҳанги авом» нашр шуда бошад ҳам, афсӯс, ки материалҳои тозае надорад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосаҳои зер омадан мумкин аст.

Якум: ҳоло дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон барои ба вуҷуд овардани фарҳанги зарбулмасалу мақолҳо заминаҳои хуб фароҳам омадаанд. Ғайр аз корҳои илмии анҷомёфта, боз асарҳои зиёди бузургони илму адаб хусусан дар Эрон, Тоҷикистон ва республикаҳои дигари Иттифоқи Советӣ ва ҳамчунин Афғонистон ба чоп расиданд, ки акнун ҳӯшачинӣ намудани зарбулмасалу мақолҳо ба тавре бояду шояд имконпазир гаштааст. Ҷолиби диққат аст, ки ҳоло ба фольклор ва ба яке аз жанрҳои мустақили он зарбулмасалу мақолҳо назари аксари олимони Шарқ дигар гашта, бо рағбати тамом ба ҳартарафа омӯхтани он шурӯъ намудаанд.

Дуввум: мақсад аз тартиб додани фарҳанг дастрас намудани зарбулмасал ва мақолҳоест, ки онҳо дар саҳифаи китобҳои бешумор садҳо сол хобида, аз соҳибони худ дур мондаанд. Агар ба миқдори зарбулмасалу мақолҳои ҳоло дар истеъмол буда диққат карда шавад, маълум мегардад, ки миқдори онҳо бештар аз 400—500 нест. Албатта, ин миқдор зарбулмасал ва мақолҳо барои халқе, ки дар тӯли ҳазор сол адабиёти оламшумул офаридааст, ниҳоят кам аст. Устод

Садриддин Айнӣ ҳамагӣ дар асарҳои бешумори худ 228 зарбулмасалу мақолҳо (албатта, на ҳамаи онҳо зарбулмасалу мақол мебошанд) истеъмол намудааст[1]

Мо миқдори умумии зарбулмасал ва мақолҳои китобатиро зиёда аз даҳ ҳазор тахмин мекунем. Фарҳанг ҳаман онҳоро фаро намегирад. Боз бисьёр зарбулмасал ва мақолҳои қобили диққат ҳастанд, ки аз сабаби бе матн буданашон ба фарҳанг дохил карда нашуда, як маҷмӯаи дигар, ки дар он тахминан 5—6 ҳазор зарбулмасал ва мақол гирд оварда шуданд, пироста шуд.

Зарбулмасал ва мақолҳо чун яке аз беҳтарин эҷодҳои халқ ба худ диққати махсусро талаб мекунанд. Онҳо дурдонаҳои гаронбаҳое мебошанд, ки дар давоми қариҳо сайқал ёфта, фалсафаи ҳаёти аҷдодони гузаштаи моро дарбар гирифтаанд. Инак, мо дар давоми зиёда аз 20 сол адабиёти гуногуни гузашта ва ҳозираро мутолиа намуда, зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои онҳоро ҷамъ намудем, то ин ки як рӯйхати ба қадри имкон пурраи онҳоро ба вуҷуд овардем, дастраси ҳонандагони гиромӣ гардонем.

Агар тартиб додани рӯйхати пурраи зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ як қисми кор бошад, қисми дигари муҳим ва мушкили он кушодани маъноҳои зарбулмасал ва мақолҳо мебошад. Мушкилии кушодани маъноҳои зарбулмасал ва мақолҳо дар он аст, ки он муҳит, шароит ва сабабҳои ба вуҷуд омаданӣ зарбулмасал ва мақолҳои зиёде аз мо ниҳоят дуранд ва акнун мо онҳоро ба осонӣ фаҳмида наметавонем. Барои сарфаҳм рафтани онҳо на танҳо мо бояд таърихи гузаштаро хуб донем, инчунин ҳамаи он матниҳое, ки онҳо истеъмол гаштаанд, гирд оварем. Ин кори суботкорона ҳиммати коллективонаро низ талаб мекунад. Танҳо баъди ба вуҷуд овардани фонди мукаммали зарбулмасал ва мақолҳо тартиб додани фарҳанги онҳо мумкин хоҳад шуд.

Саввум: Техникаи «шарҳи» тартиб додани фарҳангҳо имрӯз кӯҳна гашта, ба пурратар нишон додани хусусиятҳои зарбулмасал ва мақолҳо имкон намедиҳад. Барои ҳамин, лозим меояд, ки фарҳанг аз рӯи илми лексикологияи ҳозирзамон тартиб дода шаванд. Мо кӯшиш намудем, ки ба қадри имкон ин фарҳанг ба талаботи ҳонандагони имрӯза ҷавоб диҳад.

Чаҳорум: Фарҳанги мо ҳаргиз ба мукаммалии худ даъво надорад ва инчунин аз камбудӣ ва нуқсонҳо холӣ нест. Умед дорем, ки хушхонанда, махсусан олимони мамлакатамон, инчунин дӯстмандони Эрон, Афғонистон ва дигарон ба мукаммал намудани ин фарҳанг ё ба вуҷуд овардани фарҳанги дигари хубтар ва ё умуман ҳар-

---

[1] «Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои Садриддин Айнӣ», Тартибдиҳанда Р. Абдуллоева. НДТ, Сталинобод, 1958.

тарафа омўхтани зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ ва ё даҳанакӣ рағбат намуда, ба ин кори хайр аз рўи зарбулмасали «кори накӯ кардан аз пур кардан аст» амал хоҳанд намуд.

ТАРКИБ ВА СОХТИ ФАРҲАНГ.

1. Моддаҳои луғавии фарҳанг аз зарбулмасал, мақол, афоризмҳо, шарҳи маъно, ишора, назир ва ҳаргуна аломатҳои ёридиҳанда иборатанд.

2. Ин фарҳанг дар асоси он зарбулмасал ва мақолҳое, ки дар адабиёти бадеии эҷёда аз ҳазорсола истеъмол шудаанд, ба вуҷуд оварда шуд. Қайд шуда буд, ки аз ибтидо зарбулмасалу мақолҳои китобӣ байни халқҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон ва кишварҳои дигар муштарак буда ва ҳоло ҳам аксари он зарбулмасал ва мақолҳо вирди забони мардумони он сарзамин мебошанд. Барои ҳамин на танҳо адабиёти классикӣ, инчунин адабиёти бадеии халқи тоҷик, афғон ва форс низ мутолиа шуда, ба фарҳанг дохил карда шудаанд. Табиӣ аст, ки ҳаман он адабиёти дар берунӣ Иттифоқи Советӣ ба нашр расида, хусусан адабиёти бадеии замони ҳозираро, ки миқдораш бисьёр аст, ба тавре бояд шояд зери назар гирифта, фарҳангро пурратар кардан аз имкон берун буд.

Дар қатори асарҳои манзум ва мансури эҷёд ҳаргуна маҷмӯаҳо, тазкираҳо, асарҳои драматургӣ, фолклорӣ, журнал, газета ва як миқдор китобҳои илмие, ки дар онҳо зарбулмасал ва мақолҳо оварда шудаанд, ба қайди фарҳанг дароварда шуд. Боз як миқдор асарҳои бадеӣ, ки дар китобхонаҳо ва дар дасти дӯстдорони китоб ҳастанд, низ ба риштаи фарҳанг кашида шуданд.

3. Ба фарҳанг афоризмҳои эҷёде, ки онҳо аз ҷиҳати сохт ва маъно аз зарбулмасал ва мақолҳо фарқе надоранд, дохил гардиданд. Муаллифони он афоризмҳоеро, ки дар адабиёт ва маҷмӯаҳои зарбулмасалу мақолҳо ба қатори зарбулмасал ва мақолҳо даромадаанд, барқарор намудем.

4. Маълум аст, ки байни талаффузи тоҷикон ва эронӣёни фарқҳои куллӣ мавҷуданд. Азбаски дар навиштани калимаҳо имлоиқос намудани ин тафовут аз имкон берун аст, мо мувофиқи қоидаи имлои ҳозираи тоҷикӣ навишта шудани онҳоро раво дидем.

5. Барои шарҳи зарбулмасалу мақолҳои эҷёде худи матнҳои зарбулмасалу мақол асос гаштанд. Ҳамин тариқа, ҳар як зарбулмасалу мақол дар асоси матнҳо маънидод ва гоҳо мавриди истеъмоли онҳо муқаррар карда шуд. Як миқдор зарбулмасал ва мақолҳои бемаъне, ки дар маъно аз зарбулмасал ва мақолҳои шарҳъёфта фарқе надоштаанд, ба қайди фарҳанг гирифта шудани онҳо муносиб дида шуд.

194105

Институт языка и литературы им. Рудаки

6. Дар зери моддаҳои луғавӣ матиҳо аз рӯи хронология оварда шуда, дар зерашон агар манзум бошанд, номи пурраи муаллиф ва агар мансур бошанд, номи китоб зикр гардид. Сабаби қайд шудани номи китоб аввал дар он аст, ки аксари он китобҳо на бо номи муаллифашон, балки бо унвони худашон маъруф гаштаанд ва дигар он ки мисраъҳои зарбулмасалу мақолгашта эҳёди муаллифи китоб набуда, балки эҳёди дигарон аст. Барои ҳамин қайд шудани номи китоб («Аз «Калила ва Димна», «Аз «Қобуснома» ва ғайра) ба назари мо дуруснтар намуд.

7. Дар зери он матиҳое, ки аз мақалла ва газетаҳо дар фарҳанг оварда шудаанд, агар муаллифҳояшон маъруф бошанд, номи пурраи онҳо ва агар барои хонандагони васеъ ношинос бошанд, номи маъхази он матиҳо қайд карда шуд.

8. Дар фарҳанг зарбулмасалу мақолҳои матндоре, ки маънои онҳо бо маънои он зарбулмасал ва мақолҳои бематни аз мачмӯаҳои гуногуни зарбулмасалу маколҳо гирд овардашуда яканд, низ дохил карда шуда, ба зарбулмасал ё маколи матндор муроҷиат намудани хонанда тавсия шуд. Мақсад аз дохил намудани зарбулмасал ва мақолҳои бемати он аст, ки хостем ҳарчи бештар онҳо ба назари хонанда расида, маъмул ва мустаъмал гарданд.

9. Ғайр аз он матиҳои зарбулмасал ва маколдор боз матиҳои иловагӣ, ки дар онҳо ба зарбулмасал ва маколҳо ишора шудаанд, ба фарҳанг даровардa шуданд. Ҳамин тавр моддаҳои луғавӣ маҷчуданд, ки дар зери онҳо матиҳои зарбулмасал ва мақолдор, азбаски онҳо ба даст наёмадаанд, оварда нашудаанд. Барои ҳамин мо он матиҳои ба зарбулмасал ва мақол ишорашударо қайд намуда, бо ҳамин роҳ мавҷуд будани он зарбулмасал ва маколҳоро тасдиқ намудем. Мумкин аст, ки дар зери моддаҳои луғавӣ ҳам матиҳои зарбулмасалу маколдор ва ҳам ишоратдор оварда шуда бошанд. Агар ба он мисолҳо дуруснтар диққат карда шавад, маълум мегардад, ки таърихи эҳёди матиҳои ба зарбулмасал ва мақол ишорашуда нисбат ба он матиҳои зарбулмасал ва маколдор кӯҳнатаранд ва ё мумкин аст, ки бо ҳосилан онҳо макони дигари пахншавии зарбулмасал ва ё мақол ба назар дошта шуда бошад.

10. Ба ҷуз ишораҳо дар зери моддаҳои луғавӣ назирҳои нависандагони дигар бо баъзе зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо оварда шуданд. Онҳо низ маъмул будани он зарбулмасал, мақол ва афоризмҳоро нишон дода, барои равшан гаштани маънои онҳо кӯмак мерасонанд.

11. Барои маълум гаштани макони пахншавии зарбулмасал ва маколҳо номи зодгоҳи муаллифони асар дар таркиби номи пурраи онҳо қайд шуда бошад ва ё нишон дода шудани онҳо хилофе ба вуҷуд наёварад, аз қабили Ансории Ҳиравӣ, Анварии Абевардӣ, Ҳило-

лии Чигатой ва ҳоказо қайд шудани онҳо зарур донista шуд, то ки территорияи паҳншавии зарбулмасалу мақолҳо маълум шуда истанд.

12. Он матнҳои зарбулмасал ва мақолдоре, ки мо пайдо накардаем ва онҳо агар аз тарафи муаллифони дигар ба қайд даровардa шуда бошанд, мо онҳоро ба фарҳанг дохил намуда, аз кучо гирифта шудани онҳоро (ба монанди «Аз «Амсолу ҳикам», «Аз «Баҳори Ачам» ва ғайра) қайд намудем.

13. Тамоми зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо дар фарҳанг аз рӯи тартиби алифбои точикӣ мувофиқи ҳарфи аввалаашон чойгир шуданд. Дар он моддаҳои луғавие, ки дар онҳо якчанд вариантҳои зарбулмасалу мақолҳо оварда шудаанд, агар онҳо тобишҳои маъногии фарқшаванда дошта бошанд, аз рӯи тартиби алифбо гузошта, боз бо рақамҳо аз ҳамдигарашон фарқ кунонида шуданд.

14. Ҳар як зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои шарҳшаванда бо ҳарфҳои равшан дар миёни сатр оварда шуданд. Дар зери афоризмҳо номҳо мухтасар ва агар эҳтиёҷ бошад, пурра навишта шуданд. Чунончи: Ахмади Ҷомӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ... Агар асари насрӣ як хел ном дошта бошад, дар ин сурат асари кӯҳантар бо рақами римии I ва дигар бо рақами II қайд шуданд: «Доробнома» I (яъне, «Доробнома»-и Тартӯсӣ), «Доробнома» II (яъне, «Доробнома»-и Ҳочимуроди Тоҳирӣ).

15. Ҳаман зарбулмасал, мақол ва афоризмҳое, ки дар матнҳо оварда шудаанд, барои дарҳол ба назари хонанда расидани онҳо мо онҳоро дар нохунакҳо гирифта, баъдтар навишта шудани онҳоро мувофиқ донистем.

16. Агар зарбулмасалу мақолҳои шарҳшаванда якчанд вариант (варианти лексикӣ ва шаклӣ) дошта бошанд, дар он сурат фарқияти онҳо дар қавсҳо дода шуданд ва агар онҳо аз чиҳати маъно фарқ дошта бошанд, паси ҳам оварда шуданд:

Аввал андеша в-он гаҳе (баъд) гуфтор,

Аввал таом, в-он гаҳ (баъд, баъд аз он, охир, пас), калом.

Агар варианти лексикаи зарбулмасалу мақолҳо аз рӯи тартиби алифбо бо зарбулмасалу мақолҳои додашуда, рост наёянд, дар он сурат онҳо дар чои лозимӣ дода шуда, ба якдигар ишора кунонида шудаанд. Чунончи:

Агар асб тозист, як тозиёна бас аст.

Нигаред ба «Асби начибро як тозиёна бас аст».

17. Зарбулмасал, мақол ва афоризмҳое, ки аз чиҳати маъно бо ҳамдигар яканд ва ё наздик мебошанд, дар он сурат яке аз қадимтар ва маъруфтарини онҳо шарҳ дода шуда, дигари он ба ин зарбулмасал ва ё мақоли шарҳьёфта ишора шуданд ва ё муқоиса кардани он тавсия шуд.

а) Дар он моддаҳои луғавие, ки ба воситаи «нис.» ишора шудааст, аз ҷиҳати маъно бо ҳам наздик буданӣ ишорагунанда ва ишорашаванда дар назар дошта шудааст. Аз ин барнамеояд, ки онҳо биттамом бо ҳамдигар синоним буда, фарқи маъной ва услубӣ надоранд. Инро низ дар бораи антонимҳо, ки онҳо дар моддаҳои луғавӣ чун «акси маъноаш» қайд шудаанд, айнан гуфтан мумкин аст.

б) Агар ба воситаи «муқ.» ба моддаи луғавии дигар ишора шуда бошад, дар байни он ду мавҷуд будани фарқ ба назар гирифта шудааст.

в) Пас аз шарҳи ин ва ё он зарбулмасалу мақол «нис.» ва «муқ.» қайд шуда, боз як зарбулмасал ё мақоли дигар сабт шудааст, ба он мақсад, ки ба назари хонанда боз як зарбулмасал ва ё мақоли дигарн хаммаъно ҷилвагар гардад.

г) Пас аз шарҳи баъзе зарбулмасалу мақолҳо «Нис. ба ҳикоя» ин зарбулмасал ва ё мақол» гуфта шудааст. Ин ишора ба китоби «Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо»-ест, ки нашриёти «Дониш» соли 1973 нашр намудааст. Дар он маҷмӯа 108 ҳикоя ва тамсилҳое, ки рукни асосии онҳо зарбулмасалу мақолҳо мебошанд, ва ё дар онҳо вазифаи муҳиммеро иҷро намудаанд, гирд оварда шудаанд. Дар он ҳикоя аз тамсилҳо на танҳо маъно ва мавриди истеъмоли зарбулмасал ва мақолҳо равшан гардонданд, инчунин таърихи пайдоиши баъзеи онҳо ба назар мерасад.

18. Зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо аз рӯи маъмул ва кӯҳантар будани худ бонси шарҳ шуданд. Маъноҳои онҳо аз рӯи он матиҳое, ки дар поён қайд шудаанд ва инчунин матиҳои нав, ки дар фонди муаллифи фарҳанг гирд оварда шудааст, дода шуд.

а) Маънои он зарбулмасал, мақол ва афоризмҳое, ки дар матиҳо аз тарафи муаллифони мати шарҳ ёфтаанд, ва ё маънои онҳо бароя хонанда маълум аст, дигар бор маънидод карда шудани онҳо лозим донисга нашуд.

б) Ду роҳи равшан намудани маънои зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо пеш гирифта шуд: шарҳ дода шудани маъно ва мукаррар намудани мавриди истеъмоли онҳо.

19. Меъёри дохил намудани зарбулмасал ва мақолҳои даханакӣ дар фарҳанг, дар адабиёти бадеӣ ва илмӣ истеъмол гаштани онҳо мукаррар карда шуд. Аз ин хулосае барнамеояд, ки акнун онҳо биттамом ба зарбулмасал ва мақолҳои китобатӣ мубаддал гашта, ҳукуки комили истеъмоли худро пайдо намудаанд. Дар оянда ҳукуки истеъмол шудан ва нашудани онҳоро замон ва табъи баланди бадеии муаллифони китобҳои гуногун муқаррар хоҳанд кард.

20. Дар охири китоб рӯйхати маъхазҳо оварда шуда, дар он:

а) мухтасар дар бораи нависанда ва асарҳои он маълумоте дода мешавад. Ин маълумоҳо иборат аз инҳо мебошанд: I. Назми ас-

ри IX—XX, II, насри асри X—XX, III. китобҳои махсус оид ба зарбулмасал ва мақолҳо, IV. маҷмӯаҳо, V. асарҳои драматургӣ, VI. асарҳои фольклорӣ, VII маҷалла ва газетаҳо, VIII, тазкираҳо, IX, китобҳои илмӣ.

б) Дар охири китоб инчунин дар зери номи ҳар муаллифи матнҳои ба фарҳанг дохил кардашуда саҳифаҳои зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои истеъмолшуда қайд карда мешавад.

в) Шояд, ки рӯйхати тамоми зарбулмасал, мақол ва афоризмҳо аз рӯи мазмунашон ба бобҳои алоҳида ҷудо карда дода шавад.

* * *

Дар муҳокимаи дастнависи ин фарҳанг докторҳои фанҳои филология Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Рачаб Амонов, Расул Ҳодизода, Муҳаммадҷон Шукуров, аъзо-корреспонденти Академияи фанҳои Тоҷикистон Носирҷон Маъсумӣ ва номзадҳои илми филология В. А. Капранов, Тӯрақул Зеҳнӣ, С. Д. Арзуманов, Ҳафиз Рауфзода, Ахмадҷон Сангинов, Раззоқ Ғаффоров, Бозор Тилавов, Баҳром Шермуҳаммадов, Додхудо Карамшоев ва дигарҳо иштирок доштаанд, маслиҳатҳои судманде доданд.

Дар кори ба картаҳо кӯчонидани матнҳои зарбулмасалу мақолдор ва аз рӯи алифбо гузоштани картаҳо ва корҳои дигари фарҳанг кормандони илмӣ, аз ҷумла Исрофил Байрамзода, Саҳобиддин Сиддиқов, Ансор Афсахов, Ҳомидҷон Зоҳидов, Ҷобул Додалишоҳ, Ҳомидҷон Аҳадов, Муяссара Шукурова, Марьям Юсуфова, Ҳамида Муҳаммадиева, Ҳусния Турсунова, Меҳрӣ Ҳайдарова ва дигарҳо хеле кӯмак расониданд.

Барои беҳтар шудани сифати фарҳанг хусусан муҳаррири он Аълохон Афсаҳзод ва номзади илми филология мӯҳтарам Раҳим Ҳошим, директори Институти забон ва адабиёти Академияи фанҳои Тоҷикистон Абдулқодир Маниёзов заҳмати бисьёре кашиданд. Мо аз ҳамаи ин рафиқон миннатдорем.

А

АБЛАҲ БА АБЛАҲ ХУШ АСТ.

Муқ. Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз, кабӯтар бо кабӯтар боз бо боз.

1. АБЛАҲ (АҲМАҚ) ГУФТУ ДЕВОНА (КОҲИЛ, АБЛАҲЕ) БОВАР КАРД,

2. АБЛАҲЕ ГУФТУ АҲМАҚЕ БОВАР КАРД.

Дар мавриде гуфта мешавад, ки касе соддалавҳона ба гуфтаи пучу аблаҳонаи касе бовар карда бошад ва ё мумкин аст, ки касе ба гуфтаи касе бовар накардани худро бо ин зарбулмасал изҳор намояд. Муқ. Фаҷ гуфту содда бовар кард.

1. Он дӯст гуфт, ки зиҳор ки ба суҳани ӯ аз роҳ наравӣ ва даст аз матлаби худ бознадорӣ ва масали **«аблаҳ гуфту девона бовар кард»** кор нафармой, ки рашки ҳамчашмӣ аз куфри иблис машҳуртар аст.

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

2. Одам барои хароб кардани як хонаи пӯсидаи аҳли сипаҳсолорӣ он қадар чигаракӣ, лабӯй, алинайза, алибанд, муштӣ, фаъласу ҳаммол хабар мекунад, баҳ-баҳ, **«аҳмаке гуфту аблаҳе бовар кард».**

Алиакбари Деҳхудо

АБЛАҲ ОН КАС, К-Ӯ БА ХОРӢ ҶАНГ БО ХОРО КУНАД.

1. Дидаву доништа бо кори хатарнок даст задан аз беақлӣ аст, 2. бо зӯртар аз худ зӯроварӣ намудан аз рӯи ақл нест. Муқ. Панча бо шеру мушт бо шамшер задан кори хирадмандон нест.

Душманашро, гӯ, шароби ҷаҳл чун хӯрдӣ ту дӯш,
Собирӣ кун, к-ин хумори ҷаҳли ту фардо кунад.

Бо бузургони бузургони ҷаҳон паҳлу задй,
«Аблаҳ он кас, к-ӯ ба хорй ҷанг бо хоро кунад».
Аблаҳ он гурге, ки ӯ наҳчир бо шерон кунад,
Аҳмак он саъва, ки ӯ парвоз бо анқо кунад.

Мануҷеҳрии Домғонӣ

назир:

Мушт бар хоро задан бозуи худ ранҷидан аст,
Мекунад бо хеш бад ҳар кас, ки бадхоҳи ман аст.

Адиб Собири Тирмизӣ

АБЛАҲРО ДАР СУХАН ТАВОН ДОНИСТ.

Мук. То мард сухан нагуфта бошад, айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.

назир:

Сафолро ба тапонча задан ба бонг оранд,
Ба бонг ғардад пайдо шикастагй зи дуруст.

Рашидии Самарқандӣ
(аз «Амсолу ҳикам»)

АБР АГАР АЗ ҚИБЛА ХЕЗАД, САХТ БОРОН МЕШАВАД,
ШОҲ АГАР ОДИЛ НАБОШАД, МУЛК ВАЙРОН МЕШАВАД.

Аҳмади Ҷомӣ

Зоҳиршавии аломатҳои ҳодисае далели вуқӯъи он аст. Мук. Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад, бод агар аз қибла хезад, ҷангу тӯфон мешавад.

1. Абри сиёҳ, ки аз тарафи ғарб бархоста буд, рӯи шафақи шомро гирифт ва дунёро тамоман шаби торик ғардонид. Аз ғояти ғарду ғубори регзорои ва хокбороне биёбон чашм кушодан мумкин набуд.

— Холо ин аввали кор аст,— гуфт як ҳезумкаш,— бояд борони сахт ҳам шавад, зеро **«абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад»** гуфтаанд.

Садриддин Айнӣ

2. Шамоли қибла — ғарб дар тирамоҳ аксар вақт хунук ва борон меовард. Бод ҳаври аз баҳру дарьёҳои ғарб баромада ба абр мубаддалшударо ба шарқ меронад. Бехуда ҳам нест, ки деҳқонон **дар баҳорон** ва тирамоҳ ҳангоме, ки бодии ғарбӣ мевазад, **зарбулмасали «абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад»**-ро такрор менамоянд.

Раҳим Ҷалил

и ш о р а:

Аз саводи он ду абрӯ гирьям аз ҳад гузашт,
Ҳамчу абри қибла, к-он борони бисьёр оварад.

Абдураҳмони Мушфиқӣ

АБР АГАР ОБИ ЗИНДАГӢ БОРАД,
ҲАРГИЗ АЗ ШОХИ БЕД БАР НАХЎРӢ.

Мук. Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад. ...Оташ нишондану ахгар гузоштан ва афъӣ куштану бача ингох доштан кори хирадмандон нест.

«Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нахӯрӣ».
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-аз нан бӯрнё шакар нахӯрӣ!

Саъдии Шерозӣ

АБР БОЯД, КИ БА САҲРО БОРАД,
З-ОН ЧӢ ҲОСИЛ, КИ БА ДАРЬЁ БОРАД?

Абдураҳмони Ҷомӣ

Ҳосили амали ҳар шахс чунон бошад, ки аз он дигарон баҳраманд гарданд.

АБРИ СИЯҲ БОРАД ОБИ САПЕД.

Мук. Аз пан ҳар гирья охир хандаест.

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
Ки **«абри сиях борад оби сапед»**.

Низомии Ганҷавӣ

АБРРО БОНГИ САГ ЗИЁН НАКУНАД.

1. Носазо гуфтани бадхоҳ наметавонад монеъи пешрафти кор гардад. 2. ба гуфтаҳои зишти бадгӯй набояд мушавваш шуд. Мук. Овози сагон кам накунад ризқи гадоро.

и ш о р а:

1. Н-андешам аз касе, ки ба нодонӣ
Бар ман расан ба кина кашон дорад.
Абри сиёҳро ба ҳаво-андар
Аз гулғули сагон чӣ зиён дорад?

Носири Хисрав

2. Маҳтоб, ки нури пок дорад,
Аз бонги саге чӣ бок дорад?

Хусрави Деҳлавӣ

3. Бо чу ман кард коинот овез,
Бар хилофат гумошт то чӣ киёс?
Мохро аз хурӯши саг чӣ зиён?
Шерро аз наҳиқи хар чӣ харос?

Ятимои Чандаҳӣ

назир:

1. Гар бадгӯе туро баде гуфт, эй мох,
Харгиз нашавад бар ту дили банда табоҳ.
Аз гуфтан бадгӯй зи мо узр махох,
К-ошна синҳ нагардад аз рӯи сиёҳ.

Абдулмаҷиди Сонӣ

2. Зи макри тонин тоъунгрифта эмин бош,
Ки бонги саг надиҳад нури мохро ташвиш.

Бадри Чочӣ

3. Гар баде гуфт туро душмани дун, боке нест,
Мис на он аст, ки ӯ мартабаи зар шиканад.
Таъни хаффош кучо равнаки хуршед барад?
Санги бадасл кучо кимати гавхар шиканад?

Аз «Анвари Суҳайлӣ»

АБРӮ БОЛОИ ЧАШМ САНГИНӢ НАМЕКУНАД

нигг. Санги даркорӣ вазниниӣ надорад.

АВВАЛ АНДЕША В-ОН ГАХЕ (БАЪД) ГУФТОР.

1. Пеш аз гуфтани сухане фикр бояд кард, 2. сухан аз андеша карда гуфтан пуртаъсиру судмандтар мегардад. Муқ. Аз андеша бомағз гардад сухан.

1. **«Аввал андеша в-он гахе гуфтор»,**
Пойбаст омадасту пас девор.

Саъдии Шерозӣ

2. Буда дар вақти гуфтан ӯро кор,
«Аввал андеша, он гахе гуфтор».

Аз «Хафт иқлим»

3. — Дар омади гап гуфтам-дия, ранс, мебахшед,— **узрхоҳӣ кард Улфатов.**

— «Аввал андеша, баъд гуфтор»,— гўён раис дар сари дураҳа аз Улфатов чудо шуд...

Фотеҳ Низомӣ

ишора:

1. Ба ҳар коре нахуст андеша бояд,
Ки бе андеша коре бариаёяд.
Нахуст андеша бояд кард бо хеш,
Гирифтан пас раҳи мақсуд дар пеш.

Салмони Соваҷӣ

2. Сухан ҳар чӣ гўянд мардони мард,
Нахустин сухан бояд андеша кард.
Ва андоза гўянд мардон сухун,
Сухан ҳар чӣ гўӣ, ту андоза кун!

Соҳиб

3. Ҳар чӣ хоҳӣ, бигўӣ, эй хоҷа,
Бикун андеша аввал аз сари хуш.
Гар бувад хайри сомеъу қоил,
Бикушо лаб, вагарна бош хомўш!

Абдураҳмони Ҷомӣ

назир:

1. Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ,
Пасу пеши сухан назора кунӣ,
Гар киноят бувад, канора кунӣ.

Камолиддини Бинои

2. Зи дил маёр насанҷида харфро ба забон,
Инон кашида нигаҳ дор аспи саркашро.

Соиби Табрезӣ

АВВАЛАШ ҲАЛВО, ДУЮМАШ ҒАВҒО.

Зан зани аввал, бахту осоиш бо зани аввал.

Хоҳ зану хоҳ мард бехтараш бо чашм кушода дидааш умрбод осояд. Бехуда нагуфтаанд, ки **«аввалаш халво, дуюмаш ғавғо»**. Ин гапи ҳак.

Аз «Замони Тоҷикистон»

АВВАЛ БАРОДАРИАТРО СОБИТ КУН, СИПАС (БАЪД) ИДДАОИ МЕРОС (и-ПАДАР) КУН!

Аввал ба чизе ҳак доштан ва сазовор будани худро исбот кун, баъд онро талаб кун!

Макун оҳанги раҳ бо чашми баста,
Забон макшой бар гуфтори бечо!
«Бикун собит бародар буданатро,
Пас он гаҳ даъвии мерос бинмо!»

Аҳмади Ахтар

АВВАЛ БАҲОР, ОХИР ХАЗОН.

мук. Ҳар камолеро заволе.

АВВАЛ БУБИН ЧОИ ХУД (ЧОЯТА) БАЪД БИМОН ПОИ ХУД (ПОЯТА)!

1. Аввал корро бисанчу баъд огози он бикун, ҳаргиз бе мулоҳизаю андеша кореро макун, ҳар корро бо пешбинии оянда ба даст гир. 2. ба шароит нигоҳ карда, ба кор огоз кун! Мук. То накунй чои қадам устувор, пой манеҳ дар талаби ҳеч кор!

1. Акнун замоиҳо охир шуда, мардум ба ин маъниҳо эътиборе надода монданд, ки мегўянд: **«Аввал бубин чои худ, баъд бимон пои худ!»**

Раҳим Ҷалил

2. Шокарим, ҳа, камомад доштааст, аз партфелаш ҳуччатҳои қалбакй баромадааст. Ҳамту, Пошшюхон. Окибаташро андеша кунед! **«Аввал бубин чоята, баъд бимон поята!»**

Сотим Улугзода

АВВАЛ ГИРЕБОНИ ХУД БИБЎЙ, БАЪД АЙБИ ДИГАРОН БИҶЎЙ!

Пеш аз он ки ба касе айб гирй, аввал камбудию айби худро мулоҳиза кун!

«Аввал гиребони худ бибўй, баъд айби дигарон бичўй!» — гуфтаанд. Ту ҳеч вакт айби худатро намебинй.

Тоҷй Усмон

АВВАЛИ БАҲО — МУШКИ БАҲО.

иег. Байъи аввалу халоси охир.

1. **Аввали косав (хум)-у дурдй,**
2. **Аввали пиёлаву бадмастй,**
3. **Аввали қадаҳу (пиёлаву) дурд.**

1. Ҳанўз ба макоме нарасида, мартабаву кудрат ҳосил накарда, **мутакаббирию нописандй, 2. кор аз аввалаш ғалат.**

1. Кӣ донист, к-ин кӯдаки хурдсол
Шавад бо бузургон чунин бадсигол,
Ба **«аввалқадах дурд»** орад ба пеш,
Гузорад шукӯҳи ману шарми хеш.

Низомии Ганҷавӣ

2. Гар ба дарде бозмондӣ, дил зи дармон бармагир,
Сокнӣн **«аввалқадах дурде»** ба хаммороне диҳанд.

Хоҷуи Кирмонӣ

ишора:

Муэтар машавӣ зи бастани наъл,
Дурдӣ надиҳӣ зи аввали хум.

Анвариии Абевардӣ

АВВАЛ НОН, БАЪД ИМОН.

мук. Аввал таом, в-ои гаҳ калом.

— Шиками маро сер карда, баъд ҳар кадар ки савол диҳед, додан гиред!

— Ой амак, гӯед, подшоҳ мамлакат дорад ё не?

— Оббо-е! Охир, **«аввал нон, баъд имон»** гуфтаанд.

Мирсаид Миршакар

АВВАЛ ПАНД, ОН ГОҲ БАНД.

Гуноҳкардаро аввал насиҳат бояд кард, агар суде набахшад, **он гоҳ** чазо додан писанд аст. Аксаш **«аз банд гирад бадандеш панд».**

ишора:

Валекин яке достон аст нагз,
Агар бишнавад марди покизамагз,
Ки Зардушт гӯяд ба «Асто»-ву «Занд»,
Ки ҳар кас ки аз кирдигори баланд
Бипечад ба як сол пандаш диҳад,
Хамон моии судмандаш диҳад.
Пас аз сол гар ӯ наёяд ба рох,
Кушедаш ба ханчар ба фармони шоҳ.

Абулқосими Фирдавсӣ

АВВАЛ ПУРСИШ, БАЪД КУШИШ.

Пеш аз чазо ё танбеҳи гунаҳгор гуноҳи ӯро собит намуда, баъд чазо додан лозим аст.

1.— Саллаю чоман ман аз кучо ба ту муттаҳам расид?

Мушфикӣ бо оромӣ ҷавоб дод:
— Таҳсир, **«аввал пурсиш, баъд кушиш»** гуфтаанд.

Аз «Латоифи ҳикмат»

2. Ба маълумоти олиатон фахр мекунед? Ба касбу амалатон меболед? Магар дар хонаводаи зани шумо каси бесаводе ҳаст?.. Рашид, Фотима-апа, **«аввал пурсишу баъд кушиш»...**

Файзулло Ансорӣ

3. Маҳмадалӣ оромона ба гапи онҳо гӯш карда истод. Ҳангоме ки тафсӣ падар каме паст шуду хомӯш монд:
— Худаш чӣ гап, падар? Ҷаҳл кардан чӣ ҳоҷат? **«Аввал пурсиш, баъд кушиш»** гуфтаанд.

Мутаваллӣ Наҷмиддинов

АВВАЛ РАСАН АСТ В-ОН ГАҲЕ ЧОҲ.

1. Пеш аз иқдоми ҳар коре **аввал бояд нақшаи он корро кашид, сипас ба иҷрои он пардохт,** 2. пеш аз шурӯи ҳар коре шаронти лозимии онро бояд муҳайё намуд. Муқ. Аввал чоҳро бикан, баъд манораро бидузд!

Ҳар куфл, ки хоҳияш кушодан,
Шарт аст нахуст озмудан.
«Аввал расан аст в-он гаҳе чоҳ»,
Бе пой ба сар намеравад роҳ.

Низомии Ганҷавӣ

АВВАЛ РАФИҚ, В-ОН ГАҲ (ОХИР) ТАРИҚ.

ниг. Аввал ҳамроҳ, баъд роҳ. Ниг. ба ҳикояи он зарбулмасал.

1. Чу роҳе гирифтӣ, марав бе рафиқ,
Ки **«аввал рафиқ аст в-он гаҳ тариқ»**.
Ду ёри мувофиқ ба ҳам дар сафар,
Фишонанд гарди ғам аз якдигар.

Носири Бухорӣ

2. Аввал падар маро васият кард, ки ӯй фарзанд, бар ту бод, ки ҳаргиз сафари танҳо ва бе рафиқ накунӣ ва рафиқи роҳозмуда бояд, ки ӯро шиносӣ ва мардро дар сафар тавон шинохт, ки дар сафар тааби роҳ ҳавсалаҳоро танг мекунад ва табиат ба як қарор наметавонад ва хӯй тағьир меёбад. Ва рафиқ аз хонаи худ мебояд ё ҳамсояи худ, ки дар миёнаи ӯ эшон бошӣ, ки бузургон гуфтаанд: **«Аввал рафиқ, охир тариқ»**

Аз «Қобуснома»

ишора:

Сафар чу чӯй ҳамчун нучум ёрон чӯ,
Ваҳиду муфраду танҳо ҳилолвор марав!
Нахуст ёр ба даст ор, пас бурун нех пой,
Ягонапӯй мабошу хаёлвор марав!

Аз «Мақомоти Ҳамидӣ»

АВВАЛ ТАОМ, В-ОН ГАҲ (БАЪД, БАЪД АЗ ОН, ОХИР, ПАС) КАЛОМ.

1. Аввал шикамсерию баъд ҳолу аҳволпурсӣ, аввал шикамсерию баъд корҳои дигар, 2. дар вақти хӯрдани таом гуфтугӯй кардан дуруст нест, 3. дар гуруснагӣ сухан ба гӯш хуш намеояд. Мук. Аввал нон, баъд нмон.Ниг. ба ҳикояи ни мақол.

1. Аммо, эй некӯзан, имрӯз се рӯз аст чизе нахӯрдаам, гуруснаву ташнаам. Агар чизе бошад, ҳозир кун, то бихӯрам ва қуввате биёбам. **«Аввал таом, баъд аз он калом»**, ки қудрати сухан гуфтан надорам ва забонам дар ком хушк шудааст.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

2. Дар ин миён хизматгор ош кашида оварда ба пеши мо монд. Аммо бой ба ош ҳам нигоҳ накарда, кори худро давом дод. Ман, ки гурусна монда будам, ба ӯ гуфтам:

— Биёед, аввал таом хӯрем, **«аввал таом, в-он гаҳ калом»** гуфтаанд.

Садриддин Айнӣ

3. Азимов — Не, ғалат мекунӣ, акаи Одина, шикори дарранда-ҳои домдида кори осон нест... Биёед, чӣ кор карданашонро мегӯям... Канӣ шинед, дар урфият мегӯянд, ки **«аввал таом, баъд калом»**, мо баръакс кунем, яъне то таом тайёр шудан як хурсандӣ шавад чӣ? Чӣ гуфтед, падар?

Абдусалом Деҳотӣ

1. АВВАЛ ФИКР, ОН ГАҲ АМАЛ,
2. АВВАЛ ФИКРУ ОХИР КОР.

Пеш аз ичрон ҳар амале мулоҳизаву андешан ичрон хуби онро бояд кард. Мук. Чил бор чен куну як бор бур!

1. Ба ту мегӯянд он ҳаким, вале,
К-«аввал-ул-фикри охир-ул-амали».

Авҳадии Марогӣ

2. Эй **«аввали фикру охир кор»**,
Эй қиблан ҳафту зубдан чор,

Чун рӯй бад-ин диёр кардй,
В-ин ҳафт шутур қатор кардй.

Абдураҳмони Ҷомй

ишора:

1. Пас зи ман зоид дар маънй падар,
Пас зи мева зод дар маънй шачар.
«Аввали фикр охир омад дар амал»,
Хоса фикре, к-ӯ бувад васфи азал.

Ҷалолиддини Румй

АВВАЛ ХЕШ, БАЪД (СИПАС, ДУЮМ) ДАРВЕШ.

Аввал ғами худро, баъд ғами дигаронро боид хӯрд, пеш аз ҳама кори худро ба анҷом расонда, баъд ба кори дигарон пардохтан лозим аст. Мук. Чароғе, ки ба хона равост, ба масҷид раво нест.

1. Агар мо байналмилалй мекунем гуфта, забони адабиёти точикиро аз доираи точикон берун барорем, қисми авоми точик аз ғизои дониш маҳрум мемонад.

Худи ман аз тарафдорони фикри дуюмй ҳастам, зеро **«аввал хеш, дуюм дарвеш»** аз масалҳои машҳури точикй аст.

Садриддин Айнй

2. — Азиз, ту ачаб одаме ҳастй! **«Аввал хеш, баъд дарвеш»**, ба пахтаи колхози дигар корат чй?

— Ин зарбулмасалатон кӯҳна шуда, аҳамияташро гум кардааст,— гуфт табельчй — комсомолец Мирзочон...— Онро ба зарбулмасали нав иваз кардан даркор: **«Аввал ҳамаю баъд мо!»**.

Раҳим Ҷалил

ишора:

Боид аввал тараҳҳуме бар хеш,
Баъди хеш аст навбати дарвеш.
Корҳоро шурӯъ кун аз худ,
Ваинҳй то сабил бар сари реш.

Аҳмади Ахгар

назир:

Нор, чу бемор туй, худ бихӯр,
Арза макун бар дигарон нори хеш!

Носири Хисрав

АВВАЛ ЧАШМ БИНАД, ОН ГАҲ ДИЛ ПИСАНДАД.

инг. Дида мебинад, дил мехоҳад.

Пас хештанро нигоҳ дору аз ошиқӣ парҳез кун, ки хирадманд аз чунин кор парҳез тавонанд кард. Аз он чи мумкин нагардад, ки ба як дидор касе бар касе ошиқ шавад. **«Аввал чашм бинад, он гаҳ дил писандад».** Чун дил писанд кард, табъ бад-ӯ моил шавад, он гоҳ мутакозии дидори ӯ кунад.

Аз «Кобуснома»

АВВАЛ ЧОҲРО БИКАН, БАЪД МАНОРАРО БИДУЗД!

ниг. Аввал расан аст в-он гаҳе чоҳ.

Манзурам аз савол ин аст, ки бехтар аст, қаблан чанд дақиқае бо худи зан дар хонаи мо бинишинед ва гуфтугӯ кунед. Харфи ҳақиқии дили ӯро бифаҳмед, чист? Ба қавли маъруф: **«Аввал чоҳро биканед, баъд манораро бидуздед».**

Алимуҳаммади Афғонӣ

АВВАЛ ҲАМРОҲ, БАЪД РОҲ.

Сафар бо ҳамроҳи нағз ва аҳлу содиқ хуш аст, бо ҳамсафари хуб сафар ба некӣ анҷом меёбад. Мук. Аввал рафиқ, в-он гаҳ тариқ.

Дигар раҳ гуфт бо раҳшн раҳанҷом:
Ниҳӣ, раҳшо, ҳаме бар чашми ман гом.
Маро ҳастӣ чу фарзанди дилафрӯз,
Ба ту напсандам ин сахтӣ бад-ин рӯз.
Чаро ҳамроҳи бад чустиву бадҳоҳ?
Ту нашнидӣ, ки **«ҳамроҳ асту пас роҳ?»**
Агар бо ту на ин ҳамроҳ будӣ,
Туро бар чашми ман-бар роҳ будӣ.

Фахриддини Гургонӣ

назир:

1. Ба раҳ чун равӣ, ҳеҷ танҳо мапӯй,
Нахустин яке нек ҳамраҳ биҷӯй!

Асадии Тӯсӣ

2. Роҳ бе ёр нек натвон рафт,
Варна пеш оядат ҳазор окафт

Абулмаҷди Саноӣ

3. Нест боз омадан аз фикру хаёли ту маро,
Бо рафиқони мувофиқ сафари дур хуш аст.

Соиби Табрезӣ

АВВАЛ ҲАМСОЯ, БАЪД ХОНА.

ниг. **Хавлӣ нахар, ҳамсоя харӣ**

назир:

То надонй, ки кист ҳамсоя,
Ба иморат талаф макун моя!

Ахадии Марогй

АГАР АБЛАҲЕ МУШКРО ГАНДА ГУФТ,
ТУ МАЧМЎЪ БОШ, Ў ПАРОКАНДА ГУФТ.

ниг. Дарьё ба даҳони саг начис намешавад.

Гарой, ки душман-т гўяд, маранч,
Вагар нестй, гў, бирав, боз санч!
«Агар аблаҳе мушкро ганда гуфт,
Ту мачмўъ бош, ў пароканда гуфт».

Саъдии Шерозй

АГАР АЗ ТАЛХИИ ҲИЧРОН БА ЗАҲРИ ҒАМ ТАВОН МУРДАН,
АЗ ОН БЕҲТАР, КИ БО БЕГОНА БОЯД АНГУБИН ХЎРДАН.

Дигарбора малик пурсид: Дар сўҳбати бумон муддати дароз чй гуна сабр кардй ва бо инон, ки биттабъ зидди ту буданд, чй сон дарсохтй? Ва ман медонам, ки ахьёрро токати мусоҳабати ашрор набошад ва карим аз дидори лаим билхосият гурезон бувад. Гуфтаанд: **«Агар аз талхии ҳичрон ба заҳри ғам тавон мурдан, аз он беҳтар, ки бо бегона бояд ангубин хўрдан».**

Коршинос гуфт: Чунин аст, ки малик фармуда, ҳеч ранче нафсро бадтар аз ҳамнишинии ноинс нест.

Аз «Анвори Суҳайлй»

АГАР АНҚО ЗИ БЕБАРГЙ БИМИРАД,
ШИКОР АЗ ДАСТИ ГУНЧИШКОН НАГИРАД.

Саъдй

мук. Нахўрад шер инмхўрдан саг, в-ар ба сахтй бимирад андар ғор.

Эй ки мол аз баҳри чоҳ дўст медорй, карам кун ва тавозўъ пеш гир, ки чоҳе аз ин аълотар нест, ки халқат дўст доранд ва санот гўянд. Гуруснагй бех, ки серй аз паҳлўи дарвешон. **«Агар анқо зи бебаргй бимирад, шикор аз чанги гунчишкон нагирад».**

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

ва з и р:

Агар худ шавад ғарқа дар баҳр мор,
Нахоҳад касе аз вазаг зинҳор.

Низомии Ганҷавӣ

АГАР АСБ ТОЗИСТ, ЯҚ ТОЗИЁНА БАС АСТ.

инг. Асби начибро як тозиёна бас аст.

и ш о р а:

Намонад хавф агар ғарқӣ равона,
Нахоҳад асби тозӣ тозиёна.

Маҳмуди Шабистарӣ

АГАР БАД КУНӢ, ЧАШМИ НЕКӢ МАДОР,
КИ ГАР ХОР КОРӢ, СУМАН НАДРАВӢ.

мук. Аз мукофоти амал ғофил машав, ғандум аз ғандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.

Чӣ донӣ, ки анҷоми давлат ба чист,
Ба озораш ар оқилӣ, награвӣ,
Ки аз ту ба кӯҳ ар расад нутқи хуш,
Ҷавоб аз садо ҷуз ҳамон нашнавӣ.
**«Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор,
Ки гар хор корӣ, суман надравӣ».**

Ибни Ямин

АГАР БЕМОР ДУРУСТ ШУДАНӢ БОШАД, ТАБИБ БА ДАРИ ХОНА МЕОЯД.

1. Агар коре дуруст шуданӣ бошад, асбоби он фароҳам мешавад, 2. кор кушоиш кунад, ҳоҷат ба даҳолат нест. Мук. Барои беморе, ки тимораш доранд, табиб нохонда оянд.

— «Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд» гуфтаанд, эшони Султонхони дарвозӣ, ки аз эшонҳои машҳури замонанд, имшаб ба ҳавлии Яъқуббой меҳмон шудаанд, ана ҳамон касро оварда меҳмонам,— гуфта аз пан эшон рафт.

Садриддин Айнӣ

и ш о р а:

Масал зананд, ки оят пизишк нохонда,
Чу тандурустии тимор дорад аз бемор.

Абдуҳанифаи Аскофӣ

АГАР БИНЙ, КИ НОБИНО БА ЧОҲ АСТ,
АГАР ХОМӮШ БИНШИНЙ, ГУНОҲ АСТ.

иног. В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст, агар хомӯш биншинам гуноҳ аст. Иног. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Абдулло боз илҳоҳ намуду тазаррӯъ кард, ки ё шайх, маро ноумед накун, ки ба умеде омадаам. **«Агар бинй, ки нобино ба чоҳ аст, агар хомӯш биншинй гуноҳ аст»**, ва ман аз рӯи ихлосу эътиқод аз роҳи дуре омадаам.

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

АГАР БОЖГУНА БУВАД ПИРАҲАН,
БУВАД ҲОҶАТИ БАРКАШИДАН ЗИ ТАН.

Рӯдакй

Ислоҳи иштибоҳ шарт аст, камбудй бояд ислоҳ карда шавад.

АГАР БОРОН БА КӮҲИСТОН НАБОРАД.
БА СОЛЕ ДАҲЛА ГАРДАД ХУШКРӮДЕ.

мук. Харчи бо дахл баробар ҳунар аст.

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,
Ки мегӯянд маллоҳон суруде.
«Агар борон ба кухистон наборад,
Ба соле дачла гардад хушкрӯде».

Саъдии Шерозй

АГАР ГАНҶ ХОҲЙ, РАНҶ БАР!

иног. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

назир:

Агар он ганчи гарон металабй, ранче бар,
Гул мачиндор, ки бе захмати хоре бошад.

Авҳадии Марогй

АГАР ГУФТАН СИМ АСТ, ХОМӮШЙ ЗАР АСТ.

иног. Бех аз хомӯшй ҳеч пироя нест.

АГАР ГЎЙ, КИ БИТВОНАМ, КАДАМ ДАРНЕХ, КИ БИТВОНЙ ВА ГАР ГЎЙ, КИ НАТВОНАМ, БИРАВ, БИНИШИН, КИ НАТВОНЙ.

Хоҳиш ва ирода бояи комёбист. Мук. Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, Агар хоре бувад, гулдаста гардад.

1. Амир хандон шуланду гуфтанд, ки дар Кирмони Мағриб шаҳре дидаам, ки подшоҳе дар вай чоҳе канда ва умки онро ба сатҳи Мухит расонида ва аз он обе мунфачир гашта, ки як маноравор баланд мерезад ва чаҳор шаҳр аз он маъмур аст, аз кучо ин чоҳ мисли он наҳоҳад шуд? **«Агар гӯй, ки битвонам, қадам дарнех, ки битвонӣ, ва гар гӯй, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ»...**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

2. Бо вучуди он ки аз пасттарин мардуми он тонфа будам, пешдастӣ карда ва ба дигарон сибқат гирифтам ва ба яке аз фузало изҳор кардам, ки ман ирода дорам. Он азиз бишунид, ба шигифт омада ба рӯи ман ҳандид ва дасте бар пушти ман зад, ки ба дастҳои ӯ пушти ман қавӣ гардид ва гуфт: **«Дар кори хайр хочати хеч истихора нест».** Хуб фикри бачо кардай, ки аз ту ёдгорӣ хоҳад монд. Пас фармуд: **«Агар гӯй, ки битвонам, қадам дарнех, ки битвонӣ, вагар гӯй, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ».**

Аз «Чоҳеч-ут-тамсил»

АГАР ГӮЙӢ, НАКӮ ГӮ, ЭҲ БАРОДАР,
КИ НЕКӮГӮЙӢ БО НАФЪ АСТУ БЕ ЗАР.

Носири Хисрав

назир:

Гарат некӣ аз рӯи кирдор нест,
Накӯ гӯй боре, ки душвор нест!

Асадии Тӯсӣ

АГАР ДАР ДИДАИ МАҶНУН НИШИНӢ,
БА ҒАЙР АЗ ХУБИИ ЛАЙЛӢ НАБИНӢ.

мук. Лайлиро ба чашми Маҷнун боид дид.

1. Ба Маҷнун гуфт рӯзе айбчӯе,
Ки пайдо кун бех аз Лайлӣ накӯе,
Ки Лайлӣ гарчи дар чашми ту хурест,
Ба ҳар чузве зи хусни вай кусурест.
Зи ҳарфи айбчӯ Маҷнун барошуфт,
Дар он ошуфтагӣ хандон шуду гуфт:
«Агар дар дидаи Маҷнун нишинӣ,
Ба ғайр аз хубии Лайлӣ набинӣ».
Ту кай донӣ, ки Лайлӣ чун накӯест,
К-аз ӯ чашмат ҳамин бар зулфу рӯест,

Ту кад бинию Маҷнун ҷилвaи нав,
Ту чашму ў нигоҳи мовакандов.
Ту мӯ мебинию ў печиши мӯ,
Ту абрӯ, ў ишоратҳои абрӯ.

Ваҳшии Бофқӣ

2. Ва инҷо шунидаам, ки Абуласвад канизаки олусчашме бихарид ва ӯро бас дӯст медошт. Пайвандони Абуласвад ӯро маззаммат карданд. Абуласвадро ачаб омад ва дастҳояшро бар ҳам молид ва ин байт бихонд:

«Агар дар дидан Маҷнун нишинӣ,
Ба ғайр аз хубии Лайлӣ набинӣ».
Ту мӯ мебинию ман печиши мӯ,
Ту абрӯ, ман ишоратҳои абрӯ.

Аз «Ҳазору як шаб»

АГАР ДАР ДИЛАТ МЕҲРИ УСТОД НЕСТ,
ВА ДАСТИ УМЕДИ ТУ ЧУЗ БОД НЕСТ.

Аз «Гулистони маорифат»

Барои бомуваффақият оӯхтани ҳунари устод, аввал худи ӯро бояд дӯст дошт.

АГАР ДАР ХОНА КАС, ХАРФЕ БУВАД БАС.

яъне, Дар хона агар кас аст, як харф бас аст.

Чу панде бишнавӣ аз пандфармоӣ,
Чу доно бояднат дар чои куяӣ чоӣ!
На чун нодон зи як гӯшаш даромӣ,
Ба дигар гӯш берунаш гузорӣ!
Набошад ин масал пӯшида бар кас,
Ки «агар дар хона кас, харфе бувад бас».

Абдураҳмони Ҷомӣ

АГАР ДИДА НАБИНАД, ДИЛ НАХОҲАД.

Акси зарбулмасали «Дида мебинад, дил мехоҳад».

Чу бар дил чира гардад меҳри чонон,
Бех аз дурӣ набошад ҳеҷ дармон.
Хама меҳре зи ношоиста бихоҳад,
«Агар дида набинад, дил нахоҳад».
Басе ношоиста, ки ношоиста зуҳдаст,
Чунон к-аз асл худ гӯё набудаст.

Фаридиддини Ғаввосӣ

АГАР ДОНО БУВАД ХАСМИ ТУ БЕҲТАР,
КИ БО НОДОН ШАВӢ ЁРУ БАРОДАР.

Носири Хисрав

ниг. Душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст.

1. АГАР ДУ БАРОДАР ДИҲАД ПУШТ, ПУШТ,
ТАНИ КӮҲРО БОД МОНАД БА МУШТ.

Фирдавсӣ

2. АГАР ДУ ЁРИ МУВОФИҚ ДУ ДИЛ ЯКЕ СОЗАНД,
ФАЛАК БА ЯК ТАНИ ТАНҲО ЧӢ МЕТАВОНАД КАРД?

Соиби Табрезӣ

мук. Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт.

1. АГАР ДУОИ ТИФЛОН МУСТАҶОБ БУДӢ, ЯК МУАЛЛИМ ДАР ҲАМА ОЛАМ ЗИНДА НАМОНДӢ,
2. АГАР ДУОИ ТИФЛОНРО АСАР БУДӢ, ЯК МУАЛЛИМ ЗИНДА НАМОНДӢ.

Бадгӯиву нафрини тамаъкор асаре надорад, бо хоҳиши бади касе бадӣ рӯй намедиҳад. Ниг. Абрро бонги саг зиён накунад. Мук. Ба дуои гурбаи сиёҳ борон намеборад. Ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Ҷамъе ба дуои борон берун рафтанд ва ҳама атфоли мактабро бо худ бурданд.

Зарифе пурсид:

— Ин тифлонро кучо мебаранд?

Гуфтанд:

— То дуо кунанд, ки борон биборад, зеро дуои тифлон мустачоб аст.

Зариф гуфт:

— **«Агар дуои тифлон мустачоб будӣ, як муаллим дар ҳама олам зинда намондӣ».**

Аз «Ҳикояҳои латиф»

АГАР ЁР АҲЛ АСТ, КОР САҲЛ АСТ.

Агар дар байни дӯстон мувофикату ягонагӣ ва якдилӣ бошад, ҳар мушкиле зуд осон мегардад. Мук. Ёр ахл аст, кор сахл аст.

1. Ниҳам ногоҳ сар бар пошу гӯям,
Ки **«бошад кор саҳл, ар ёр аҳл аст».**

Ибни Ямин

2. Канизак гуфт:

— Бок мадор ва андўҳ махўр, ки **«агар ёр ахл аст, ин кор сахл аст»**. Маро ба хотири ҳамъ пеши халифа бифиристт. Ман чунон кунам, ба худои таоло, ки ту аз ин ғам начот ёбй.

Аз «Чоҳат-ут-тамсил»

3. Тавоной ба ёрй, ки ба ҷаҳл аст!
«Агар ёр ахл бошад, кор сахл аст!»

Мухаммадҷон Раҳимй

ш о р а:

Бегона бад-он ҷамоат аҳлост,
Хар кор, ки мушкил аст, саҳлест.

Шамсиддини Шоҳин

АГАР ЕРИ ШОТИР НЕСТЙ, БОРИ ХОТИР МАБОШ!

нг. Ёри шотир бош, на бори хотир!
н а з и р:

Занбўри дурушти бемурувватро гў:
Боре чу асал намедихй, неш мазан!

Саъдии Шерозй

АГАР ЖОЛА ҲАР КАТРАЕ ДУР ШУДЙ,
ЧУ ХАРМЎҲРА БОЗОР АЗ Ў ПУР ШУДЙ.

Саъдии Шерозй

мук. Агар ҳама шаб қадр будй, шаби қадр бекадр будй.

На мардум ҳамин устухонанду пўст,
На ҳар сурате ҷони маъни дар ўст.
Ва султон харидори ҳар бандаест,
На дар зери ҳар жандае зиндаест,
«Агар жола ҳар қатрае дур шудй,
Чу хармўҳра бозор аз ў пур шудй».

Саъдии Шерозй

АГАР КАЛ ИЛОҶ МЕДОНИСТ, САРИ ХУДРО ИЛОҶ МЕКАРД.

Нг. Кал агар табиб будй, сари худ даво намудй.

АГАР КОРЕ КУНЙ, МУЗДЕ СИТОНЙ,
ЧУ БЕКОРЙ, ЯКИН, БЕМУЗД МОНЙ.

Носири Хусрав

мук. Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард.

АГАР КОҲ АЗ ТУ НЕСТ, КОҲДОН АЗ ТУ АСТ.

ниг. Коҳ аз ту нест, коҳдон аз туст.

АГАР МАРДӢ, БИДЕҲ ДИЛРО БА МАРДЕ.

1. Ҳеҷ кас аз пеши худ, бе устод соҳиби ҳунаре намешавад, 2. хислатҳои нек аз пайравӣ ба некон ба даст меояд. Ниг. Ё мард бош ё дар хидмати мард бош!

Чу пири мо шав андар куфр фарде,
«Агар мардӣ, бидеҳ дилро ба марде».

Маҳмуди Шабистарӣ

и ш о р а:

Хоҳӣ ки дар ин замона фарде гардӣ,
В-андар раҳи дил соҳиби дарде гардӣ,
Рӯзону шабон ба гирди мардон мегард,
Марде гардӣ, чу гирди марде гардӣ.

Ансории Ҳиравӣ

АГАР МАСҶИД ХАРОБ АСТ, МЕҲРОБАШ БА ҶОСТ.

Ҳанӯз чораи илоҷ дер нашудааст, ҳоло асос барои ислоҳ мавҷуд аст. Мук. То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст.

н а з и р:

Хайрии хона гар хароб шудаст,
Ғам махӯр, то ба хона маъмур аст.

Анварии Абевардӣ

АГАР МУШКИ ХОЛИС ТУ ДОРӢ, МАГӮЙ,
КИ ГАР ҲАСТ, ХУД ФОШ ГАРДАД БА БӮЙ.

ниг. Бӯи мушк пинҳон наmemонад.

1. Ҳанзола дарҳам зада шуд, аз маҷлис берун рафт ва Аҳнаф хуррам шуд ва Аъшоро дар канор гирифту бӯсаҳо бар рӯи ӯ зад ва дар аснои он ҳол Аъшо гуфт:

Эй амир, агар бипазирӣ, насиҳате кунам?

Гуфт: Бигӯ!.

Гуфт: Зинҳор, ки дар маҷлис ба муфохирати худ сухан нагӯӣ ва мунозира накунӣ, ки ин шева тариқи бузургон нест. **«Агар мушки холис ту дорӣ, магӯй, ки гар ҳаст, худ фош гардад ба буй».**

Аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ

АГАР НАРРИ ТОВУС БОШАД БА БОҒ,
КИРО МЕКАШАД ДИЛ БА ДИДОРИ ЗОҒ?

Асадии Тӯсӣ

мук. Рӯи зебо марҳами дилҳои хаста асту калиди дарҳои баста.

АГАР НАХӮРДАЕМ НОНИ ГАНДУМ, ДИДАЕМ ДАСТИ МАРДУМ.

Агар хоҳанд бигӯянд, ки мо ҳам каме медонем, мефаҳмем ва аз кору ҳол воқифем, ин зарбулмасалро эрод менамоянд.

Ман лоф намезанам, то вақтҳое, ки шавҳар доштам, як маликаи зиндонӣ будам ва ҳаргиз натавонистам яъне, дар зиндагӣ чое ба ҳабс намеомадам, ки битавонам чунин барномаеро ичро кунам. Аммо ба кавли маъруф: **«Агар нахӯрдаем нони гандум, дидаем дасти мардум»,**

Алимуҳаммади Афғонӣ

АГАР НИМ НОНЕ БА ИЗЗАТ ДИҲӢ,
АЗ ОН БЕҲ, КИ НОНЕ БА МИННАТ НИҲӢ.

Абдуллоҳи Ҳотифӣ

АГАР НОНИ ГАНДУМАТ НЕСТ, ЗАБОНИ МАРДУМИИ ТУРО ЧӢ ШУД?

Агар ба касе аз ӯҳдаи ёрӣ расонидан набарой, нарм гуфтану дилбардорӣ намудани ӯро ҳатмӣ дон!

назир:

Гарат некӣ аз рӯи кирдор нест,
Накӯ гӯй боре, ки душвор нест!

Асадии Тӯсӣ

АГАР ОДАМӢ БА ЧАШМ АСТУ ДАҲОНУ ГӮШУ АБРӮ,
ЧӢ МИЕНИ НАҚШИ ДЕВОРУ МИЕНИ ОДАМИЯТ?

Одам ба ақлу заковат одам аст, мук. Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ, Аҳмаду Бӯчаҳл ҳам яксон будӣ.

назир:

1. Ҳар кӣ бе сират хуб аст накӯсурат,
Чуз ҳамон сурати девор маянгораш.

Носири Хисрав

2. Одамиро ақл бояд дар бадан,
Варна чон дар колбад дорад ҳимор.

Саъдии Шерозӣ

АГАР ОЛУДА ШУД ГАВҲАР БА ЯК НАНГ,
НАШЎЯД ОБИ САД ДАРЬЁ АЗ Ў РАНГ.

Фахриддини Гургонӣ

Пас аз олудадоман гардидан ба некӣ ном баровардан имконият мушкил аст, нанги амали зишт абадӣ аст. Мук. Наярзад комил садсола яке нанг, к-аз ў бар чон бимонад човидон занг.

АГАР ОҚИЛ БУВАД ХАСМИ ТУ БЕҲТАР,
КИ БО НОДОН ШАВӢ ЁРУ БАРОДАР.

инг. Душмани доно аз дўсти нодон беҳтар аст.

1. Ва ин масалро фоида он аст, ки марди оқил бояд ки тарҳи дўстӣ бо худованди ақл наафганад ва аз сўҳбати нодон ба фарсангҳо бигрезад... **«Агар оқил бувад хасми ту беҳтар, кӣ бо нодон шавӣ ёру бародар».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2 **«Агар оқил бувад хасми ту беҳтар, ки бо нодон шавӣ ёру бародар»** ва ин масал барои он овардам, ки то одамӣ бидонад, ки тарҳи дўстӣ ва тариқи ошиной бо худованди ақлу фаҳм боид кард, ки бо хар чоҳил дўстӣ нашояд.

Аз «Чамеъ-ут-тамсил»

АГАР ОҚИЛӢ, ЯК ИШОРАТ БАСАТ

инг. Ба оқил як ишорат бас аст.

Бубол аст додан ба ранчур канд,
Ки дору талхаш бувад судманд.
Турушрўӣ беҳтар кунад сарзаниш,
Ки ёрони хуштабъи шарминанаиш.
Аз ин беҳ насиҳат нагўяд касат,
«Агар оқилӣ, як ишорат басат».

Саъдии Шерозӣ

АГАР ПИЛЗЎРӢ В-АГАР ШЕРЧАНГ
БА НАЗДИКИ МАН СУЛҲ БЕҲТАР ЗИ ҶАНГ.

Харчанд пурзўрию тавоной корро ба чанг наанчом, дар **хама хол сулҳ беҳтар аст.** Мук. Сулҳ бех аз чанг аст.

1. Мазан бар сипохе зи худ бештар,
Ки натвон задан мушт бар иештар.
Агар з-ў тавонотарӣ дар набард,
На мардист бо нотавон зўр кард.

«Агар пилзўрӣ, в-агар шерчанг,
Ба наздики ман сулҳ беҳтар, зи ҷанг!»

Саъдии Шерозӣ

2. Бад-ин далел ҳоло ҷанг аз ҷониби ишон дар укдаи таваққуф аст ва агар фаразан дониҳо ҷанг дошта бошанд, моро муҳориба намудан салоҳ нест ва хирадмандтарини халқ он бошад, ки аз ҷанг бипарҳезад, чунончи дар ҷанг талаф мешавад ва нақди ҳаёт аст ва онро иваз надид наёяд. **«Агар пилзўрию гар шерчанг, ба наздики ман сулҳ беҳтар зи ҷанг».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

3. Ҳанӯз ҳафтсад сол пеш аз ин яке аз суханварони хирадманди Шарқ — Саъдии Шерозӣ ҷангчӯёни беандешаи замонашро огоҳонида буд. **«Агар пилзўрӣ в-агар шерчанг, ба наздики ман сулҳ беҳтар зи ҷанг!»**

Абдусалом Деҳотӣ

АГАР ПИРОН НАҲАНДАНД, КУҶО ТИФЛОН СИТАМГОРӢ ПИСАНДАНД?

Натиҷаи саҳлгирӣ ба хислати бади кӯдакон боиси ситамгар шудани онҳо мешавад. Ниг. То ниҳол тар аст, бояд рост кард.

Шунидастам, ки дар заҳчири омон
Яке будаст аз ин ошуфтаномон.
Чу бо ӯ сохтӣ ноболиғе ҷанг,
Ба болиғтар касе бардоштӣ санг.
Бипурсиданд, к-аз тифлон хӯрӣ хор,
Зи пирон кин кашӣ, чун бошад ин кор?
Ба ҳаида гуфт: **«Агар пирон наҳанданд,**
Куҷо тифлон ситамгорӣ писанданд?»

Низомии Ганҷавӣ

АГАР ПИРҲАР БОР НАКАШАД, РОҲ БАРАД.

Куҳансолон гарчи аз ӯҳдаи ичрои корҳои вазнин набароянд ҳам, аз ӯҳдаи кор ишон додан, маслиҳати ичрои неки корҳо мебароянд.

Ва Амр ҳеҷ заифро наёзурдӣ ва гуфтӣ: **«Агар пирхар бор накашад, роҳ барад».**

Аз «Таърихи Систон»

АГАР ПУЛ БОШАД, ДАР ҶАНГАЛ ШӮРБО.

Пул ҳаман масъалаҳои мушкилро ҳал менамояд, пул мушкилкушои ҳаман бандҳост. Мук. Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо. Аксаш **«Он кас, ки бе зар аст, чун мурғи беболу пар аст».**

Тоҷикон як масали хуб доранд: **«Агар пул бошад, дар ҷангал шӯрбо»** мегӯянд. Дар он вақт ҳукуматдорони ин ҷо ихтиёр ва имтиёзи хазинаҳои ниҳонии мамлакатро бо кувваи коргариаш ба дасти давлатҳои пулдор супурда ба бадалаш хазина-хазина тиллоҳои нақд гирифта бо хушӣ ҳукмронӣ хоҳанд кард.

Садриддин Айнӣ

назир:

Бувад бо зар мадори кори олам,
Ба зар осон шавад душвори олам.

Ваҳшии Бофқӣ

АГАР РАНГИ ДАСТАТ ХУБ ОМАД, ПОЯТРО НИЗ РАНГИН КУН!

Дидӣ ки огози корат хуб аст, ҳатман давоми онро бубин!

ишора:

Чунон некӯ наёмад рангам аз даст,
Ки боид низ поямро дар ӯ баст.

Фахриддини Гургонӣ

АГАР РАФИҚИ ШАФИҚӢ, ДУРУСТПАЙМОН БОШ!

Ҳофиз

Агар дӯсти меҳрубон шудаӣ бошӣ, ҳатман дурустаҳду бовафо бош!

1. Шафиқ рафиқро гуфт: Эй дӯсти нодон, ман рӯзи аввал ба тариқи масал гуфтам: **«Агар рафиқи шафиқӣ, дурустпаймон бош!»** ва ту аҳду паймон нигоҳ надоштӣ, ҳоло кудрати парвардигорро дидӣ, алҳол аз карда пушаймон шаву тавба кун, ки дигар норостӣ накунӣ ва аҳд нашиканӣ.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

2. Сухан зи Ҳофизи ширинсухан шунав, Собир,
«Агар рафиқи шафиқӣ, дурустпаймон бош!»

Собири Ҳамадонӣ

«АГАР»-РО БО «МАГАР» ТАЗВИҶ (ҶУФТ) КАРДАНД, АЗ ОНОН (ИШОН) БАЧАЕ ШУД «КОШКӢ» НОМ.

Дар мавриди изҳори орзуву хаёли хому пуч гуфта мешавад. Муқ. «Кошкӣ»-ро коштанд, сабз нашуд. Инг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Ва ин масал бад-он овардам, то бидонӣ, ки бе якине содиқ дар мисли ин калимот ҳаз набояд намуд ва ба бӯк ва магару лаълла ва аса фирефта нашояд шуд ва гуфтаанд, чун касе «агару магар»-ро

чуфт созад, фарзанде ки аз ишон мутаваллид шавад, «кошкӣ» хоҳад шуд. **«Агар»-ро бо «магар» тазвиҷ карданд, аз ишон бачае шуд «кошкӣ» ном».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Пас гуфт: Эй сафеҳи чоҳил, ин чӣ хаёли фосид аст ва тамаъи хом ва он чӣ хирси бечост, ки бо худ тасаввур кардӣ? Эй бародар, амри маҳол ва хаёли ботил ва тамаъи хом ба мисли ин музахрафот хавз бояд намуд. Монанди «Агар» ва «Магар» ва «Чунину чунон», «Якину гумон», ки ҳама амри маҳол аст, фирефта набояд шуд. «Агар»-ро бо «Магар» чун чуфт карданд, аз ишон бачае шуд «Кошкӣ» ном».

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

назир:

Мӯътиёнро «агар» асту «магар» андар суханон,
Суханони ту ҳама бе «агар»-у бе «магар» аст.

Муиззии Нишопурӣ

АГАР РОСТӢ, КОРАТ ОРОСТӢ.

Ниг. Ростӣ — растӣ.

Набошад бех аз ростӣ пешае,
Вале кам бувад ростандешае.
Макун пешаи худ ба чуз ростӣ,
«Агар ростӣ, корат оростӣ».

Абдуллоҳи Хотифӣ

АГАР САГ БА МЕҲРОБ АНДАР ШАВАД,
МАР ОНРО БУЗУРГИИ САГ НАШМАРЕМ.

Носири Хисрав

Мук. Саг бо қилодан заррин низ ҳамон саг аст.

1. АГАР САД СОЛ ҒАБР ОТАШ ФУРӮЗАД.
ҲАМ Ӯ РӮЗЕ БАД-ОН ОТАШ БИСӮЗАД.
(САРАНҶОМАШ ҲАМОН ОТАШ БИСӮЗАД)

Одами бад метавонад солҳо бадӣ кунад, вале рӯзе ба чазо гирифтор шудани ӯ хатмӣ аст.

1. Равонро ранҷи бехуда намой,
Ҳар он тах, к-озмуда озмой.
На ман ошуфтахушу сустроям,
Ки чандин озмуда озмоям.
Бас аст ин дог, к-ам бар дил ниҳодӣ,

Бас аст чашма, к-аз чашмам кушодй,
«Агар сад сол габр оташ фурўзад,
Ҳам ў рўзе бад-он оташ бисўзад».
Чи нокаспарвару чи гургпарвар,
Ба кўшиш бех нагардад хеч гавхар.

Фахриддини Гургонй

2. «АГАР САД СОЛ ГАБР ОТАШ ФУРЎЗАД, АГАР ЯК ДАМ ДАР ОН АФТАД, БИСЎЗАД».

Саъдии Шерозй

Агар сад сол зери санг бошй
Аз он бехтар, ки зери нанг бошй.

Хилолй

Мук. Мурдан ба ном бех, ки зиндагонй ба нанг.

ишора:

Бинё ва аз сари ин кор бигузар ва доғатро бар дили Зарғинмалик магузор! Шоҳзода хандида гуфт:

— Модарчон, ҳар чй ҳаст бошад, аз кушта шудан болотар чизе нест. Шумо ачаб фармоише мефармоед, он вақт мардуми олам мегўянд, то пои дурчи товус рафт ва аз тарси кушта шудан баргашт. **«Агар сад сол зери санг бошам, аз он бехтар, ки зери нанг бошам».**

Аз «Малик Баҳман ва маликаи Гулнор»

АГАР САД СОЛ МОР ПАРВАРЙ, ЧУН БУЗУРГ ШУД, АВВАЛ ГАЗАНД БАР ТУ КУНАД.

Мук. Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамй бузург шавад.
Сазои некй, ки ман ба ту кардам ивазбад мекунй?
Ҳар кй асле надорад чун ту ҳаромзода бошад ё ҳар кй ўро ниҳод бад бошад, ҳар чй бо вай куни, аз некй надонад. **«Агар сад сол мор парварй, чун бузург шуд, аввал газанд бар ту кунад».**

Аз «Самак-и Айёр»

АГАР САНГЕ ЗИ ГАРДУН-АНДАР ОЯД,
ҲАМОНО ОШИКОНРО БАР САР ОЯД.

Ҳама нохушиҳои зиндагй аввал ба сари ошикон меояд.

Бикардам посухе бо ту мачозй,
Гумон бурдам, ки кардам бо ту бозй.
Фузунтар бод ҳар рўзе ниҳебам,
Ки ҳам тимори ман гашт ин итебам.

«Агар санге зи гардун-андар ояд,
Хамоно ошиқонро бар сар ояд».

Фахриддини Гургонӣ

АГАР САР БОЯДАТ, СИРРО НИГАҲ ДОР!

Агар хоҳӣ, ки ба ту ҳеҷ осебе нарасад, сирри худ ва дӯстонатро ҳаргиз ифшо макун! Мук. Сар хоҳӣ саломат, сир нигаҳ дор!

1. Нигаҳбони сарат гаштаст асрор,
«Агар сар боядат, сирро нигаҳ дор!»
Забон дарбаста бехтар, сир нуҳуфта,
Намонад сар чу шуд асрор гуфта.

Носири Хисрав

2. Шояд ки ҳар як аз ҳозиронро дӯсте ва рафиқе бошад ва юмкин, ки ишон хабари ин мачлис ва шарҳи суханони гузашта ба тафсил бозпурсанд ва андак замоне камоҳиш тадбирот дар афвоҳу алсина афтода, ба гӯши дӯсту душман расад ва аз ин чост, ки дар пӯшидани асрор муболиға кардаанд: «Чӣ зебо гуфтааст он марди ҳушьёр, ки **гар сар боядат, сирро нигаҳ дор!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АГАР СЕСАД ЗАБОН ДОНӢ, ФУЗУН НЕСТ.

«Агар сесад забон донӣ, фузун нест»,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, забун нест.
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд.

Саъдиҳмади Аҳлӣ

АГАР ТӮТӢ ЗАБОН МЕБАСТ ДАР ҚОМ, НА ХУДРО ДАР ҚАФАС ДИДӢ, НА ДАР ДОМ.

Аз бисьёр ва газоф гуфтан хомӯш будан бехтар аст, дар харзагӯӣ нохушии бисьёре хаст. Мук. Бузбул аз овози худ гирифтори қафас аст. Ниг. Ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Тӯтиро гирифтанд ва дар қафас карданд. Дар он вакт, ки шохзода тӯтиро дар қафас дар банд дид, гуфт: «Тӯтӣ зи забони хеш дар банд афтод», ки алҳол зарбулмасал шуда.

Шоҳзода ба сухан даромада гуфт: ин тӯтӣ агар дар макони худ забон нигоҳ медошт, ҳаргиз дар банд намеафтод, ки гуфтаанд: «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод».

«Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком,
На худро дар қафас медид, на дар дом».

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

2. **«Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком,**
На худро дар қафас дидӣ, на дар дом».
На булбул дар кафас бошад зи сайёд,
Ки аз фарьёди худ бошад ба фарьёд.

Вақшии Бофқӣ

назир:

1. Гар сухан аз некӯй чуй зар бувад,
Он сухан ногуфта некӯтар бувад.

Фаридаддини Аттор

2. Дар кафас аз чист булбул! — Аз забони хештан.

Ибни Ямин

1. АГАР ХАР НАЁЯД БА НАЗДИКИ БОР, ТУ БОРРО БА НАЗДИ ХАР ОР,

2. АГАР ХАРРО БА НАЗД (ПЕШ)-И БОР ОВАРДАН МУМКИН НАШАВАД, БОРРО ПЕШИ ХАР МЕБАРАНД (МЕОРАНД).

Ниг. Ё харро пеши бор, ё борро пеши хар.

1. Набинам ҳаме дар сараш кеҳтарӣ,
Наёяд касеро ба фармонбарӣ.
В-аз он пас ба Бандӯю Густаҳм гуфт,
Ки бикшоям ин достон аз нухуфт.
Ки: **«Гар хар наёяд ба назднки бор,**
Ту бори гарон сӯи пушти хар ор».

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Ашӯр-чаррох, ки шикамаш аз гояти фарбеҳӣ ё пурбодӣ аз худаш як оршин пештар мегашт, ба ошёнаи дуюм — манзили Ёдгор бо зина баромада натавонист; дар дуньё хеч кори бепаноҳ нест. **«Агар харро пеши бор бурдан мумкин нашавад, борро пеши хар меоранд»,** агарчи чарроҳро пеши бемор баровардан мумкин нашуд, беморро пеши чарроҳ фуровардаид.

Садриддин Айнӣ

АГАР ХЕШТАНРО МАЛОМАТ КУНӢ,
МАЛОМАТ НАБОЯД ШУНИДАН ЗИ КАС.

Худро ба айби содиршуда сарзаниш нахунӣ ва онро ислоҳ наномоӣ, ҳатман аз дигарон маломат хоҳӣ шунавид. Мук. Айби худро донистан беҳтар аз ғайб донистан.

1. Ба дидори мардум шудан айб нест,
Валекин на чандон ки гӯянд бас.
«Агар хештанро маломат куни,
Маломат набояд шунидан зи кас».

Саъдии Шерозӣ

2. ...Зурафо ва фузало он миқдор хандиданд, ки Мирсадриддин Юнус гирьён аз мачлис берун рафт.

Ба дидори мардум шудан айб нест,
Валекин на чандон ки гӯянд бас.
«Агар хештанро маломат куни,
Маломат набошад шунидан зи кас».

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

АГАР ХОК ХАМ БА САР МЕКУНӢ, АЗ ПОИ ТАЛИ БАЛАНД КУН!

Ниг. Хок бардорӣ, аз тӯдаи калон бардор!

ишора:

1. Гар ба сар-бар хок хохӣ кард ночор, эй писар,
Он бех оянд, к-он зи хоке харчи некӯтар куни.

Носири Хисрав

2. Ҳиммат аз мардумони нек талаб,
Хок аз тӯдаи калон бардор!

Шӯи Ямин

3. Хок бар сар макун, зи ман бишнав,
Вар куни, хок ба пои талли баланд.

Косими Кирмонӣ

назир:

1. Хона дар кӯи бахтиёрон кун,
Дӯстӣ бо латифкорон кун.

Анвадии Марогӣ

2. Чу додӣ дил, ба дилбанди накӯ дех,
Чу хохӣ дод чону дил, бад-ӯ дех!

Пӯлоди Вали (Аз «Алфоли дилкам»)

АГАР ХОҲӢ, КИ БИНӢ РӮИ ДАРМОН,
МАКУН ДАРД АЗ ТАБИБИ ХЕШ ПИНҲОН!

Ниг. Дард аз табибон нашояд нухуфт.
Агар бо ман рост бигӯй, дармони дили ту бикунам ва агар рост

нагӯй, лобуд, ки дар он ғам бимонй. **«Агар хоҳй, ки бинй рӯи дармон, макун дард аз табиби хеш пиҳон!»**

Аз «Дорубнома» II

АГАР ХОҲЯ, КИ САРАТ БА ҶО БУВАД, СИР НИГОҲ ДОР!

Ниг. Агар сар боядат, сирро нигаҳ дор!

Бо худ фикру андеша кард, ки беҳбудии ман дар ин аст, ки дандон ба чигар ниҳам ва изҳори аҳамияте накунам, ки ишон се нафаранд ва ман танҳо, мабодо ки касди ман намоянд. Дар ин биёбон кози худост ва «сари бурида сухан надорад» ва ин сирри магӯро набояд гуфт, ки бузургон гуфтаанд, ки **«агар хоҳй, ки сарат ба ҷо бувад, сир нигоҳ дор!»**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

АГАРЧАНД ФАРЗАНД ЧУН ДЕВ ЗИШТ,
БУВАД НАЗДИ МОДАР ЧУ ҲУРИ БИҲИШТ.

Асадии Тӯсй

Фарзанди ҳар кас барои худаш азизу зебо аст. Мук. Зангй арчи сиёҳфом бувад, пеши модар маҳи тамом бувад.

назир:

Фарзанд агарчи айбнок аст,
Дар чашми падар зи айб пок аст.

Абдуллоҳи Хотифй

АГАРЧИ БЕ ДӮСТ НАБОЯД, АММО ҲАР КАС НИЗ ДӮСТИРО НАШОЯД.

Сангпушт гуфт: Ман дониям дӯстию ҳамсӯҳбатй дорам, валекин намедонам қобилияти он маро ҳосил аст ё не?

Бӯзина гуфт: Ҳукамо дар боби дӯстй мизоне ниҳодаанд, фармудаанд, ки **«агарчи бе дӯст набояд, аммо ҳар кас низ дӯстиро нашояд».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

АГАРЧИ ДӮСТ АЗИЗ АСТ, РОЗИ ХУД МАҚШОЙ,
КИ ДӮСТ НИЗ БИГӮЯД БА ДӮСТОНИ ДИГАР.

Ибни Ямин

Дар гуфтани сире ҳатто аз дӯстат ҳам эҳтиёт бош!

АГАРЧИ ЗИНДА БА РАВҒАН БУВАД ЧАРОҒ, ВАЛЕК
ФУЗУН ЗИ ҚАДР ШАВАД, МӮЧИБИ ҲАЛОКИ ЧАРОҒ.

Ибни Ямин

Андоза нигах дор, ки андоза накўст.

АГАРЧИ ҚОР БОШАД САҲМГИН САХТ,
БА ОСОНӢ БАРОЯД ЧУН БУВАД БАХТ.

Бахт агар ёрирасон шавад, корҳои мушкил ҳам ба осонӣ ҳал мегарданд. Муқ. Толеъ агар мадад кунад, хок гирӣ, зар гардад.

«Агарчи кор бошад саҳмгин сахт,
Ба осонӣ барояд чун бувад бахт».
Чунон чун Вису Роминро баромад,
Дарахти ранҷро шодӣ баромад.

Фахриддини Гургонӣ

АГАРЧИ СУХАН ЗАР АСТ, СУКУТ ГАВҲАР АСТ.

Ниг. Беҳ аз хомўшӣ ҳеҷ пироя нест.

АГАРЧИ ШУҚУФА АЗ МЕВА ПЕШТАР АСТ, ҚАДРУ МАРТАБАИ ҲАР ҚАДОМ МУҚАРРАРУ МУАЙЯН АСТ.

1. Ҳар кас қадру қимате дорад, 2. ҳар касу ҳар чиз дар як вақти муайян ба худ қадру қимати махсус пайдо мекунад.

Агар якчанд рўз бар ту сибқат гирифтаанд, дар салтанат боке нест. **«Агарчи шукуфа аз мева пештар аст, қадру мартабаи ҳар кадом муқаррару муайян аст».** Зинҳор ки хотир малул надорӣ, ки анкариб инҳо арзаи талаф мешаванд ва подшоҳию салтанат бар тариқи истиқлол бар ту хоҳад карор гирифт.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

АГАР ШАРОБ НОДОНӢ ХЎРД ЗАҲР АСТ В-АГАР БИДОНӢ ХЎРДАН ПОДЗАҲР.

Аз «Кобуснома»

Ба меъёр нўшидани май хуб аст, вагарна бад аст. Муқ. Ба ҳикмат бода роҳатбахр бошад, ба пурӣ оби ҳайвон заҳр бошад.

назир:

1. Гоҳи хўрдан ду бода камтар нўш,
То набояд ба даст рафтану дўш.

Авҳадии Марогӣ

2. То нахоҳад табиатат май хўр,
Чун бихоҳад, дигар нашояд хўрд.

Ибни Ямин

3. Сокӣ ар бода ба андоза хӯрад, нӯшаш бод,
Варна андешаи ин кор фаромӯшаш бод!

Хофизи Шерозӣ

АГАР ҚОРУРА ПОК АСТ, АЗ ТАБИБ ЧӢ БОК АСТ?

Мук. Онро ки ҳисоб пок аст, аз муҳосаба чӣ бок аст?

АГАР ҲАВАС АСТ, ҲАМИН ҲАМ (ҚАДАР, ДИГАР) БАС АСТ.

Такрор шудани амале мувофиқи табъ набошад, ин маколро эрод менамоянд.

Шумо биравед, пироҳанатонро бипӯшед ва зери шалворатонро хушк кунед ва ҳамон чо пахлуи хоҳаратон, ки танҳост, бошед! Оббозӣ **«агар ҳавас аст, дигар бас аст»**, сармо хохед хӯрд.

Алимуҳаммади Афғонӣ

АГАР ҲАМА ШАБ ҚАДР БУДӢ,
ШАБИ ҚАДР БЕ ҚАДР БУДӢ.

Саъдӣ

Қадру қимати ҳар чиз ба сифат ва миқдораш вобаста аст.

Мук. Агар жола ҳар катрае дур шудӣ, чу хармӯҳра бозор аз ӯ пур шудӣ.

Баъд, ба марги ту, як дафъа мисли ин ки иборати Шайхи Саъдӣ, ки мегӯяд: **«Агар ҳама шаб қадр мешуд, шаби қадр ҳам мисли шабҳои дигар мешуд!»**, ба ман илҳоми дигар шуд. Он вакт чалдто истиғфор кардам ва гуфтам: «Худоё, бузургӣ ба ту мебарозаду бас. Вокиан агар зулмот набуд, қадри нурро кӣ медонист, агар талхӣ набуд, лаззати ширинро кӣ мефахмид?»

Алиакбари Деҳхудо

ишора:

1. На ҳама шабҳо бувад қадр, эй чавон,
На ҳама шабҳо бувад холӣ аз он.

Чалолиддини Румӣ

2. Набояд ғамин шуд, ки чоят чаро
Гахе зайл буду гахе садр буд?
Шаби қадр бекадр будӣ, агар
Ҳама шаб туро лайлатулқадр буд.

Аҳмади Ахлаф

назир:

1. Ӯ-он азиз аст офтоб, ки ӯ
Гох пайдову гох нопайдост.

Масъуди Саъди Салмон

АГАР ҲАНЗАЛ ХЎРӢ, АЗ ДАСТИ ХУШРЎӢ
БЕҲ АЗ ШИРИНӢ АЗ ДАСТИ ТУРУШРЎӢ.

Мук. Деви хушрӯй беҳ аз хури гирехпешонӣ.

АГАР ЧАВҲАРШИНОСӢ, ТЕҒРО УРЬЁН ТАМОШО КЎН!

Мук. Теғи урьён оинан мард аст.

АГАР ЧАМШЕД МЕОЯД, БИЁ ГЎ!

Ба куввазмой омода будани худро бо ин мақол изҳор менамоянд.

Дар ин ҳикоят буданд, ки паҳлавон Муҳаммади Молонӣ пайдо шуд. Мирзо бо вай гуфтанд, ки паҳлавони оламро ба ту дағдағаи гӯштӣ аст, чӣ мегӯй?

— Гуфт: Хошо, ки ба он ҷаноб ин густохиро ба хотир гузаронам ва ин чураҳ тавонам. Ман шогирди каминаи падари ишонам, ишон махдуму махдумзодаи мананд.

Бо валинеъмат ар бурун ой,
Гар сипехрӣ, ки сарнагун ой.

Ҳама ҳузури мачлис ба паҳлавон Муҳаммад Молонӣ офарину таҳсин карданд. Паҳлавони олам фармуданд, ки дахл надорад. Яке аз шаронти гӯштигирӣ он аст, ки ҳар кас аз вай гӯштӣ талаб намояд, ибо накунад ва узр нагӯяд. **«Агар Ҷамшед меояд, биё гӯ!».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

АГАР ҶУЗ ТУ ДОНАД, КИ РАЪНИ ТУ ЧИСТ,
БАР ОН РАЪЮ ДОНИШ БИБОЯД ГИРИСТ.

Саъдӣ

Агар бар тадбири малик ғайри касе, ки филҳақиқат мӯътамиди подшоҳ набошад, вукуф ёбад, халалҳои куллӣ аз он мутасаввир аст. **«Агар ҷуз ту донад, ки раъйи ту чист, бар он раъю дониш бибояд гирист».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АГАР ЧЎШИ МАГАС ХОҲӢ, БА САҲРО ОР ҲАЛВОРО!

Чизи рағбатовар бошси ҳусни таваччўҳ мебошад. Мук. Хар кӣ ширинӣ фурўшад, муштарӣ бар вай бичўшад ва Магас чое нахоҳад рафт аз дўкони ҳалвой.

Ту ҳалво кардай пинҳон, магасҳо чумла саргардон,
«Агар чўши магас хохӣ, ба саҳро ор халворо».

Мавлоно Ширини Магрибӣ

1. АДАБ БЕҲТАРИН ГАНҶ АСТ.

2. АДАБИ МАРД БЕҲТАР АЗ ЗАР(Р)И ЎСТ.

Беҳтарин хислати неки ҳар кас хулқу одоби хуби ўст. Мук. Сад чон диҳю адаб харӣ, арзон аст.

Беадабро ба зар магӯ, ки накӯст,
«Адаби мард беҳтар аз зари ўст».

Мактабии Шерозӣ

АДЛ БУНЬЕДИ МАМЛАКАТДОРИСТ,
ЗУЛМ САРМОЯИ НАГУНСОРИСТ.

Мактабӣ

мук. Дод ободонӣ бувад, бедод вайронӣ.

АДЛ НУРЕСТ, К-АЗ ОН МУЛК МУНАВВАР ГАРДАД,
В-АЗ НАСИМАШ ҲАМА ОФОҚ МУАТТАР ГАРДАД.

мук. Ҳар кучо адл рӯй бинамудааст, неъмат андар чаҳон бинҳфзудааст. Аксаш «Ҳар кучо зулм рахт афгандааст, мамлакатро зи бех баркандааст».

1. АЁН АСТ ЧӢ ҲОҶАТ БА БАЁН?

2. АЁНРО ЧӢ БАЁН?

3. АЁНРО ЧӢ ҲОҶАТ БА БАЁН?

Маълумро, ҳочат ба гуфтану далел овардан нест, он чизе, ки равшан аст, эҳтиёч ба тавзеҳ надорад. Мук. Ҳар чо ки аён аст, чӣ ҳочат ба баён аст?

1. Сухани ишки ту бе **он ки** барояд ба забонам,
Ранги рухсора хабар мединҳад аз ҳоли ниҳонам.
Боз гӯям ки биполам зи парешонии ҳолам,
Боз гӯям, ки **«аён аст, чӣ ҳочат ба баёнам?»**.

Саъдии Шерозӣ

2. Ба ҳамин тариқ, духтарчонам, ҳарчанд гоибона бошад ҳам, ҳамин хел дӯстони меҳрубон ва қадрдон пайдо кардаем, ки мисли гӯшту нохун аз ҳам чудонашавандаем. **«Аёнро чӣ баён?»**. Ҳар кас ки ба ин дӯстон қасди бад кунад, он чазоро мебинад, ки ҳаман душманонамон дидаанд.

Рахим Чалил

АЖДАҲО ШАВАД, АР РЎЗГОР ЁБАД МОР.

Инг. Мухолифонро як рӯз рӯзгор мадех, ки **«аждаҳо шавад, ар рӯзгор ёбад мор»**.

1. Мухолифони ту мўрон буданд, мор шуданд,
Барор аз сари мўрони моргашта димор.
Мадеҳ замонашон з-ин бешу рўзгор мабар,
Ки **«аждаҳо шавад, ар рўзгор ёбад мор»**.

Масъудии Марвазӣ

АЗ АНБОРИ ХОЛӢ САД МАН ШОЛӢ.

Агар ваздан касе хушкухолӣ ва беасос бошад, ин зарбулмасалро мегўянд.

1. Хулоса, дарбориён гўшу кисаи онҳоро ба суханҳои хуби хушк ва «чормағзҳои пучи бемағз» пур карда, рўзро ба шаб расониданд ва бо таъбири маколи халқ ба онҳо **«аз анбори холӣ сад ман шолӣ»** инъом намуданд.

Садриддин Айнӣ

2. **«Аз анбори холӣ** ба ман **сад ман шолӣ»** инъом доданду сарамро гардонда, духтарамро никоҳ карда гирифтанд.

Сотим Улугзода

АЗ АНДЕША БОМАҒЗ ГАРДАД СУХАН.

мук. Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор.

Бад-ӯ гуфт мўбад ки андеша кун,
К-**«аз андеша бомағз гардад сухун»**.

Абулқосими Фирдавсӣ

н а э н р:

Андеша кардан ки чӣ гўям, беҳ аз пушаймонӣ хўрдан, **ки чаро** гуфтам.

Саъдии Шерозӣ

АЗ АСБ ДАВ, АЗ СОҲИБАШ ЧАВ.

Ичрои неки ҳар кор дар шикамсерӣ аст, шиками хидматгори худро сер куну баъд ичрои корро талаб кун!

Ҳар касеро вазифаест чудо,
Хоҳ кам ё зиёд дар кайҳон.
Қори ҳар кас бувад фарохўри ӯ,
«Дав зи асб асту чав зи соҳиби он».

Аҳмади Ахгар

АЗ АКИБИ ДУШМАНИ ГУРЕХТА НАБОЯД РАФТ.

ниг. Аз паи душмани гурехта нарав!

Дарсоат деҳкони бел бардўш расид, гуфт: Мюре **аз хайли мо** гурехта, ба кадом тараф рафт?

Шайх гуфт: **«Аз акнби душмани гурехта набояд рафт».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

АЗ БАД КАСОФАТ, АЗ НЕК ШАРОФАТ.

ниг. Бо моҳ шиниҳ моҳ шавӣ, бо дег шиниҳ снёҳ шавӣ.

АЗ БАДМАСТ НЕКӮЙ ХАЕЛ АСТ.

Зи чашмат мардумӣ айни маҳол аст,
Ки **«аз бадмаст некӯй хаёл аст».**

Котибии Туршезӣ

АЗ БАДОН БАД ШАВӢ, ЗИ НЕКОН НЕК.

ниг. Бо моҳ шиниҳ, моҳ шавӣ, бо дег шиниҳ, снёҳ шавӣ.

«Аз бадон бад шавӣ, зи некон нек»,
Донад ин нукта он кӣ хушёр аст.

Носири Хисрав

АЗ БАНДА НАҚД РӮЯД, АЗ ХУДО НАСИЯ.

ниг. Ба умеди худо нашаву буттаро дор!

АЗ БАНД ГИРАД БАДАНДЕШ ПАНД.

Одами бадро бо снёсат ислоҳ кардан мумкин аст. Муқ. Бе банд нагирад одамӣ панд. Аксаш: «Аввал панд, он гаҳ банд».

Бифармуд Хусрав ба пӯлодгар,
Ки банди гарон созу мисморсар.
Хам андар замон пой кардаш ба банд,
Ки **«аз банд гирад бадандеш панд».**

Абулқосими Фирдавсӣ

назир:

Афтодаму маслиҳат чунин буд,
Бе банд нагирад одамӣ панд.

Саъдии Шерозӣ

1. АЗ БАРАҲНА ПӮСТИН НАТАВОН ГИРИФТ,
2. АЗ БАРАҲНА ПӮСТИН ЧУН БАРҚАНӢ?

муқ. Аз дехи вайрон наситонанд хироҷ.

ишора:

Гуфт: Хон, эй мӯҳтасиб, бигузору рав,
Аз бараҳна кай тавон бурдан гарав?

Ҷалолиддини Румӣ

АЗ БАЧА ҲАМ НАМЕБОЛАМ, АЗ ҒАМ ҲАМ НАМЕНОЛАМ.

мук. Бузе надорам дар рама, на ғам дорам, на ғамхона.

АЗ БАҒДОД МАН МЕОЯМ, ТУ ТОЗӢ МЕҒӮЙӢ.

ниг. Ман аз осиё омадаму шумо мегӯед, ки дӯл холӣ.

АЗ (ОДАМИ) БЕКОР — ХУДО (ҲАМА) БЕЗОР.

Бекор ғаштан ниҳоят бад аст, бекор маъкули ҳеч кас намешавад.

1. Кампир,— гуфт бобо,— **«аз бекор — худо безор»** мегӯянд рост аст. Хусусан дар ҳамин рӯзҳои ҷанг.

Раҳим Ҷалил

2. Агар худашро бо ҳаман корҳо овора насозад, дилаш торс мекафад ва боз мегуфтааст, ки **«аз одами бекор — худо безор»**.

Толис Пӯлодов

АЗ БЕОРДӢ АТОЛА ТУНУК АСТ.

мук. Мастурии бибӣ аз бе чодарист.

1. АЗ БЕРУНИ БАЛО БУДАН, ДАР ДАРУНИ ОН БУДАН БЕҲТАР АСТ.
2. АЗ БИМИ БАЛО БАЛО ХУБ АСТ.

ниг. Дар бало будан беҳтар аз бими бало.

— Ман,— гуфт Ӯрмон-полвон,— фиреб хӯрда, ё ин ки хурсанд шуда ба кори ҳукумат надаромадаам. Балки барои ин даромадаам, ки то вазидани боде аз тарафе «оре», «бале» гуфта гардам. Магар нагуфтаанд, ки **«аз берун бало будан, дар дарун он будан беҳтар аст»**.

Садриддин Айнӣ

АЗ БЕРУН НАКШУ НИГОР АСТУ ДАРУН НОЛАИ ЗОР.

ниг. Аз рӯй хой-хою аз дарун вой-вой!

АЗ БИМИ МУШТ ХАНҶАРУ СИНОН СОХТААНД.

ш о р а:

Масал шунидам к-аз бими мушт сохтаанд
Ҳар он салоҳ, ки аз чинси ханҷар асту синон.

Абулмаҷди Санойӣ

АЗ БИСЬЁРИ БЕМАЗА КАМИ БОМАЗА БЕҲ!

ниг. Кам бошаду хуб бошад.

ишора:

Чун хуби кам аз бади фузун бех,
Зи-фан ба чаҳон зи зуфнун бех!

Эраҷ Мирзо

АЗ БОД ОМАДА, БА БОД (ДАМ) ШАВАД.

Чизи ҳаром ва ё муфту бе меҳнат ба даст даромада, зуд талаф мешавад. Мук. Аз ҳаво омада боз ба ҳаво меравад.

1. В-аз он пас фиристод назди Балош,
Ки шоҳо, ту аз марг ғамгин мабош!
Ки ин дард ҳар кас бихоҳад чашид,
Шикебоию ном бояд гузид.
«Зи бод омада боз гардад ба дам»,
Яке дод хонад-ш, дигар ситам.

Абулқосими Фирдавсӣ

Мунтазири дод ба доде шавад,
В-**«омадан бод ба боде шавад»**.
Зудраву зуднишин шуд ғубор,
З-он ба яке чой надорад қарор.
Кӯҳ ба оҳистагӣ омад ба чой,
Аз сари он аст чунин дерпой.

Низомии Ганҷавӣ

ишора:

1. Аз бод фароз омаду ба дам шуд,
Аз моли ҳаромӣ чӣ дуду чӣ дам.

Носири Хисрав

2. Сими имрӯз зи дастат биравад то фардо,
Бодбар бошад чизе, ки бувад бодовар.

Эраҷ Мирзо

АЗ БОРАКАЛЛОҲ КАБОИ КАСЕ РАНГИН НАМЕШАВАД.

мук. Ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

АЗ БУЗУРГОН АФВ БУДАСТ, АЗ ФУРӮДАСТОН ГУНОҲ.

иног. Аз хурдон хато, аз бузургон ато.

1. Васияти нӯҳум он ки афвро шиору дисори худ сохта мулозимонро ба андак чаримае дар маърази хитобу итоб наёрад, ки ҳамвора акобир ба оби афву марҳамат накшн чароим аз чароиди аҳволи асоғир фурӯ шустаанд ва домани иғмоз аз рӯи шафқат бар беада-

бию чуръати нишон пўшида. «З-ибтидои даври Одам (офариниш) то ба аҳди подшоҳ, **аз бузургон афв будаст, аз фурўдастон гуноҳ».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Пас малик бархоста бо вазир ба бурҷ омаданд, чун наздик ба Камаруззамон расиданд, Камаруззамон ба пой бархост ва аз тахт ба зер омада, дасти маликро бўса дод ва даст пеш гирифта истод. То як соат ба он ҳолат сар ба зер афганда биистод, пас аз он сар бароварда аз чашмаш ашк рехт ва гуфтан шоир бархонд: «З-ибтидои даври олам то ба вақти подшоҳ, **аз бузургон афв будаст, аз фурўдастон гуноҳ».**

Аз «Ҳазору як шаб»

АЗ БЎЗИНА НАҶҶОРӢ НАЕЯД.

ниг. Дўредгарӣ кори бўзина нест.

Ҳаво бишкан, к-аз ў ёрӣ наёяд,
Ки **«аз бўзина наҷҷорӣ наёяд».**

Низомии Ганҷавӣ

ишора:

Ҳарифи сифла майхорӣ надонад,
Кучо бўзина наҷҷорӣ тавонад?

Ягмои Чандақӣ

АЗ ГАНДУМ ҶАВ, АЗ ҶАВ ГАНДУМ НАРЎЯД.

ниг. Аз мукофоти амал ғофил машав, гандум аз гандум бирўяд, чав зи чав.

1. Ва асли мардумӣ, гуфтаанд, ки камозорӣ аст, пас агар мардумӣ, камозор бош ва дигар кирдор бо мардумон накў дор! Аз он-ч мардум бояд дар онна нигарад, агар дидораш хуб бувад, бояд ки кирдораш чун дидораш бувад, ки аз некў зиштӣ назебад ва набояд ки **«аз гандум ҷав рўяду аз ҷав гандум».**

Аз «Кобуснома»

2. Бувад покизатинат поккирдор,
Зинозода набошад чуз зинокор.
Зи мардум саг, зи саг мардум назояд,
«Зи гандум ҷав, зи ҷав гандум наояд».

Абдураҳмони Ҷомӣ

АЗ ГАП ГАП МЕБАРОЯД.

ниг. Суҳан аз суҳан хезад.

1. Хулосаи калом **«аз гап гап мебарояд»** мегўянд, ки ҳаҷ асту

рост. Се-чор кас, ки ба як ҷо ҷамъ омад, гап сар мешавад. Чунон гапхои бисьёри нави охарй ва чунон гуфта мешаванд, ки дар охир одам нафаҳмида мемонад: гап аз кучо сар шуда буд, ки ба ин ҷо омада тамом шуд.

Раҳим Ҷалил

2. **«Аз гап гап мебарояд»** гуфтагй барин, бонси ҳикоя ҳамин шуд, ки ман ба ҳамкори худ — муаллима Мехрй Абдуллоева дар бораи **«Модари ӯгай»** ном кинофильми нав таассуроти худро накл кардам.

Абдуҷалил Воситзода

АЗ ГИЛЕМИ ХЕШ ПО БЕРУН НАМЕБОЯД НИҲОД.

мук. Ба кӯрпаат нигоҳ карда, пой дароз кун!

Эй Калимидил, зи таври хеш по берун манеҳ,
«Аз гилеми хеш по берун намебояд ниҳод».

Мулло Ширини Магриба

ишора:

1. Аз андоза бартар мабар дасти хеш,
Фузун аз гилемат макун пой пеш!

Абӯшакури Балхй

2. Мачӯ болотар аз даврони худ ҷой,
Макаш беш аз гилеми хештан пой.
Чу дарьё бармазан мавче, ки дорй,
Мапар болотар аз авче, ки дорй.
Ба кадри шуғли худ бояд задан лоф,
Ки зардӯзй надонад бӯрьёбоф.

Низомии Ганҷавй

назир:

Машав ғарра з-оби хунарҳои хеш,
Нигаҳ дор бар чойгаҳ пои хеш!

Абулқосими Фирдавсй

АЗ ГОВИ ШОХЗАН ОҒИЛИ ХОЛЙ БЕҲ!

Аз будани кас ё чизи бад набудани он бехтар аст.

1. — Тез бош, ҳайвон! **«Аз гови шохзан оғили холй беҳ!»** — гуфтаанд. Аз Шӯроб рафтани ту хуб мешавад.

Раҳим Ҷалил

2. Хуб кардй, ки аз баҳри ин хел амаки сияҳдил гузаштй. **«Аз гови шохзан оғили холй беҳ»** мегӯянд.

Фотеҳ Ниёзй

АЗ ГАВ ҒАДУД.

нигг. Аз хирс мӯе.

АЗ ГУНҶИШК ТАРСӢ, АРЗАН НАКОР!

Агар аз мушкилӣ, хавфу хатар тарсӣ, ба коре иқдом макун!

1. — Дар Помир точикон **«аз гунчишк тарсӣ, арзан накор!»** мегӯянд... Мардуми меҳнаткаш то ба кай тарсад?

Раҳим Ҷалил

2. Ба ин кор худатон боварӣ доред? Манфиатбахшии онро медонед?

Ҷӯра-саркор дере ба пахтазор нигоҳ карда, баъд гуфт:

— Ранс, **«аз гунчишк тарсӣ, арзан накор!»** гуфтаанд.

Аъзам Сиддӣ

н ш о р а:

Барзгар **ин масал накӯ** гуфтаст,
Чашми дилшон аз ин масал хуфтаст.
Гар зи гунчишк будаме ба фикар,
Андар ин мазраат шитобонсар,
Осмонвор барфироштаме,
Арзан андар замин накоштаме.

Абулмаҷди Саноӣ

н а з и р:

Чунин гуфт Ҳамдонгушаспи баланд,
Ки эй назди пурмоягон арҷманд,
Зи ноомада бад чӣ тарсӣ ҳаме,
Зи дайҳими шоҳӣ чӣ пурсӣ ҳаме?
Бикун кору карда ба яздон супур,
Ба хурмо чӣ ёзӣ, чу тарсӣ зи хор?

Абулқосими Фирдавсӣ

АЗ ГУРГ ШУБОНӢ (ЧӮПОНӢ) НАЁЯД.

1. Ичрои корро ба касе бояд супурд, ки ӯ нисбат ба он тамаъе надошта бошад, 2. ҳар кас шоистаи анҷом додани ҳар коре нест. Муқ. Накунад гург пӯстиндӯзӣ.

1. Накунад чаврпеша султонӣ,
Ки **«наёяд зи гург чӯпонӣ».**

Асадии Тӯсӣ

2. Бимир, эй ҳаким, аз чунин зиндагонӣ,
Аз ин зиндагонӣ чу мурдӣ, бимонӣ.

Аз ин зиндагӣ зиндагонӣ нахезад,
Ки гург асту **«н-ояд зи гургон шубонӣ»**.

Абулмаъоли Саноӣ

3. Гуфт:

— Чунон бояд кардан, ки хама кас аз ту розӣ бошанд, чуз дуои хайр кори дигар накунанд ва хама касро соҳиби давлат бидон ва дӯсту душманро бишинос, чунон ки гуфтаанд:

Ҷафопешагонро нагардон бузург,
Ки ҳаргиз **«наёяд шубонӣ зи гург»**.
Мадеҳ аз раият бадонро нион,
Ки гург аз гала боз дорад шубон.

Аз «Искандарнома»

н ш о р а:

1. Чӣ он панде, ки ман бар ту бихонам?
Чӣ он тухме, ки дар шӯра фишонам?
Агар ҳаргиз зи гург ояд шубонӣ,
Зи ту ояд вафову мехрубонӣ.

Фахриддини Гургонӣ

2. Дил ба хавон ту додаам ману чуз ман
Хеч касе гургро надода шубонӣ.

Адиб Собири Тирмизӣ

3. Гар нишинад фариштае бо дев,
Ваҳшат омӯзаду хӯёнату рев.
Аз бадон некуӣ наёмӯзӣ,
Накунад гург пӯстиндӯзӣ.

Саъдии Шерозӣ

4. Кай сазад аз иртичӯи зода қонунпарварӣ,
Кай сазад аз гург умеди шубонӣ доштан?

Муҳаммадтақии Баҳор

н а з и р:

Ҳар замон бадтар шавад ҳоли рама,
Чун бувад аз гурусна гургон руст.

Носири Хисрав

АЗ ГУФТОР БОЗТАВОН ИСТОДУ АЗ НАБИШТА БОЗНАТАВОН ИСТОД.

Аз «Таърихи Байҳақӣ»

ишора:

Набиштан зи гуфтан муҳимтар шиное,
Ба гоҳи набиштан бачо ор ҳуш!
Сухан бо қалам чун қалам рост дор,
Ба неку ба бад дар сухан нек кӯш!
Ду нӯги қаламро мадон чуз ду чиз,
Яке сирфи захру яке маҳзи нӯш.
Ту аз нӯши ӯ зиндагонӣ ситон,
Зи заҳраш макун чони ширин ба чӯш.
Ба гуфтан туро гар хатое фитад,
Зи зарбат фузунат бимоланд гӯш.
Вагар дар набиштан хатое куне,
Сарат чун қалам дур монад зи дӯш.

Масъуди Саъди Салмон

АЗ ДАВЛАТИ ШОЛӢ КУРМАК ОБ МЕХЎРАД.

ниг. Аз пушти шолӣ курмак об мехӯрад.

— Хуб, шумо намехӯрда бошед, ман хӯрдам,— гӯён зани калон пиёлаи наботчойро аз пеши палончаш гирифт ва илова намуд:—Амакаш аз барои келин фиристода бошанд ҳам, **«аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад»** гуфтагӣ гапҳо ҳаст.

Садриддин Айнӣ

АЗ ДАРАВ ТОЛЕЪ ДОРАМУ АЗ ДАРЗА НЕ.

Қасе агар аз чизҳои аввалиндарача ва муҳимтарин маҳрум бошад, ин зарбулмасалро зикр мекунад.

Баъзеҳо мегӯянд, ки **«аз дарав толеъ дораму аз дарза не»**. Аммо ходимони шӯъбаи милицияи Регар мегӯянд, ки на аз дарав толеъ дорему на аз дарза.

Аз «Хорпуштак»

АЗ ДАРАХТОНИ ДИГАРОН БАР ЧИН,
В-АЗ ПАИ ДИГАРОН ДАРАХТ НИШОН!

Масъуди Саъди Салмон

мук. Дигарон коштанд, мо хӯрдем, мо мекорем, дигарон бихӯранд.

АЗ ДАСТАМ КОРАМРО ГИРУ АЗ ДАҲОНАМ НОНАМРО (ГИР)!

Агар гуфтанӣ бошанд, ки корамро куну муздатро гир, корамро кунӣ, ҳеч чизро аз ту дареғ намедорам, ин зарбулмасалро эрод менамоянд.

Хабарат ҳаст, духтарам, ки ман дина боғи лабӣ сойро ба Саид васиқа кунонда додам? Рав гуфта, ду таноб ғӯзаро ҳам ваъда кардам. Саид аз ин илтифоти ман ниҳоят хурсанд шуд. Ба қавли гапе **«аз дастам корамро гиру аз дахонам нонамро гир»**. Тирамоҳ, духтарам, худо расонад, ҳосилро ки ғундоштам, шикастурехти хонаҳоро дуруст карда, ба ҳардуятон медиҳам.

Раҳим Ҷалил

АЗ ДАСТИ ДӮСТ ҲАР ЧӢ СИТОНӢ ШАКАР БУВАД.

ниг. Ҳар чӣ аз дӯст мерасад, некӯст.

«Аз дасти дӯст ҳар чӣ ситонӣ шакар бувад»,
В-аз дасти ғайри дӯст табарзад табар бувад.

Саъдии Шерозӣ

н а з и р:

1. Аз дӯст ҳар чафо, ки расад ҷои миннат аст,
Зеро ки нест ҳеч вафо чун чафои дӯст.

Ҳалолии Чағатой

2. Аз дасти дӯст ҳар чӣ расад, нӯш мекунам,
Гар шарбати шифост в-агар заҳри қотил аст.

Нодира

АЗ ДЕВОНА МЕПУРСӢ, КИ МОҲ ЧАНД.

1. Аз нодон чавоби саҳеҳу дуруст талаб макун, 2. аз он одаме, ки аз ҳолу аҳвол бехабар аст, мунтазири чавоби саволи худ шудан бефоида аст.

1. Айёми ҳачр, равӣ, худ аз мо макун суол,
«Девонаро мепурс, ки аз моҳ чанд шуд».

Аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ

2. — Ӯ, бачем,— гуфт як оҳ кашида модараш, **«аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд»**. Ман кию маънидод кардани китоб чӣ!

Ҷалол Икромӣ

3. — Э, ман надонам,— дилтангона даст афшонда гуфт модаркалонам.— **«Аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд»**, кай дар хотирам ҳаст ин нумуру адрес.

Толис Пӯлодов

АЗ ДЕВОРИ КАҶ ПАРҲЕЗ (ҲАЗАР)!

Аз одами бад **ва** аз касофат дур будан беҳ аст.
— Хонаи ҷосусро месӯзонем...

— Дар ин чоҳ хилват чосус чӣ кор дорад?
— **«Аз девори кач парҳез!»** — мегӯянд.

Мирсаид Миршакар

1. АЗ ДЕҲИ ВАЙРОН КӢ СИТОНАД ХИРОҶ?
2. АЗ ДЕҲИ ВАЙРОН НАСИТОНАНД ХИРОҶ.

Аз қаси нотавону оҷиз ёрии моддӣ пурсидан ё аз ӯ чизе умедвор шудан бефоида аст. Мук. Деҳи вайрон хироҷ надорад.

1. Ҳочии мо чун зи сафар гашт боз,
Кард бар он ҳиндуи худ туркӣтоз.
Гуфт: «Биовар ба ман, эй телҳуш!»,
Гуфт: «Чӣ?» — Гуфто: «Зар» — Гуфто: «Хамӯш!»
Дар карам овезу раҳо кун лаҷоҷ,
«Аз деҳи вайрон кӣ ситонад хироҷ?»

Низомии Ганҷавӣ

2. З-ин тани лоғар чӣ барӣ пакди чон,
«Аз деҳи вайрон кӣ ситонад хироҷ?».

Абдурраҳмони Ҷомӣ

ишора:

1. Мискин дили ман хароб кардӣ ба азоб,
Акнун ту ҳаме хироҷ хоҳӣ зи хароб.

Қатрони Табрезӣ

2. Бӯҳтони ганҷ бар дили мискин ниҳодаанд,
Варна хироҷ бар деҳи вайрон набуда шарт.

Назирии Нишопурӣ

АЗ ДИДА БАСЕ ФАРҚ БУВАД ТО БА ШУНИДА.

ниг. Шунидан кай бувад монанди дидан?

1. Ту гӯш ниҳодастӣ, мо дида ба дидор,
«Аз дида басе фарқ бувад то ба шунида».

Камоли Хуҷандӣ

2. Бо сели сиришкам чӣ бувад қиссаи тӯфон,
«Аз дида басе фарқ бувад то ба шунида».

Аз «Гулистони Муассарат»

АЗ ДИЛ БА (СӮИ) ДИЛ РАҲ АСТ.

ниг. Дил ба дил роҳ дорад.

1. Зулайхо чун ҳадиси чоҳ бишнид,
Ба сони ресмон бар хеш печид.

Фитод андар дилаш, к-он рӯз будаст,
Ки чонаш дар ғами чонсӯз будаст.
Хисоби рӯзу моҳ чун нек бардошт,
Ба пеши ӯ якин шуд он чӣ пиндошт.
Бале, донад дале, к-огоҳ бошад,
Ки **«аз дилҳо ба дилҳо роҳ бошад»**.

Абдураҳмони Чомӣ

2. Ошиқу маъшукро **«роҳе бувад аз дил ба дил»**,
Имшабам ин нукта равшан гашт аз он шамъи Чигил.

Файзи Кошонӣ

3. Ту аз ман бехабар чун астӣ, охир,
«Зи дил ба дил, ҳамегӯянд, роҳ аст».

Абулқосим Лоҳутӣ

ишора:

1. Не, валекин ёри мо э-ни огаҳ аст,
З-он ки аз дил чониби дил равза аст.

Чалолиддини Румӣ

2. Зи дил ба дил гузаре ҳаст, то муҳаббат ҳаст,
Раҳи чаман патавон баст, то сабо ин чост.

Назири Нишопурӣ

АЗ ДИЛ БИРАВАД, ҲАР ОН ЧӢ (КӢ) АЗ ДИДА БИРАФТ

Дурӣ аз ҳамдигар сабаби костани меҳру муҳаббат мегардад. мук. Ҳар кӣ аз дида дур, аз дил дур.

1. То аз барам он ёри писандида бирафт,
Орому қарор аз дили шӯрида бирафт.
Хуни дилам аз дида равон аст аз он-к
«Аз дил биравад, ҳар он чӣ аз дида бирафт».

Муҳаммади Мушфиқӣ

2. Афсӯс, ки дилбари писандида бирафт,
Доман зи кафам чу умр дарчида бирафт.
Аз дида бирафт хун, зи дил низ, бале,
«Аз дил биравад, ҳар он кӣ аз дида бирафт».

Абдураҳмони Чомӣ

3. Айнулҳаёт чавоб дод, гуфт: Эй айёр, аҳсанта, аҳсанта! Азим зуд омадӣ ва моро зуд ба ёд овардӣ. Вале туро чӣ гунаҳ, шоҳзода маро фаромӯш кардаваст, ки туро пеши ман намефиристад ва намегӯ-

яд, ки холи ишон дар ин ҳисор чӣ гуна бошад? Рост гуфтаанд бузургони рӯзгор: **«аз дил биравад, ҳар он чӣ аз дида бирафт».**

Аз «Дорбнома» II

4. Чун аз барам он ёри писандида бирафт,
Хуни дилам аз чашми балодида бирафт.
Дидем ба чашму ҳам шунидем ба гӯш,
«Аз дил биравад, ҳар он чӣ аз дида бирафт».

Ҷалолиддини Табиб
(Аз «Ҳафт иқлим»)

назир:

Басо ишқо, ки нодидан зудудаст,
Чунон к-аз асл, гӯё, худ набудаст.

Фахриддини Гургонӣ

АЗ ДИЛИ ШИКАСТА ТАДБИР (ПАЙМОН)-И ДУРУСТ НАЕЯД.

инг. Н-ояд зи дили шикаста паймони дуруст.

1. Тадбири савоб аз дили хуш бояд ҷуст,
Сармояи офият кифоф аст нахуст,
Шамшери қавӣ наёяд аз бозӯи сust,
Яъне, **«зи дили шикаста тадбири дуруст».**

Саъдии Шерозӣ

2. Сангпушт гуфт: Чаро ин кор ҳам зеҳни шумо тавонад ангехт ва ҳилаи ин муҳим ҳам аз андешаи шумо ҳосил тавонад шуд ва ман бо чопе аз ҳаёти ҳичрон хаста ва дили аз бори фироқ шикаста, чӣ тадбир тавонам кард? «Дар ҳар коре дили бибоянд зи нахуст, **н-ояд зи дили шикаста тадбири дуруст».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ДИЛОЗОР — ҲАМА БЕЗОР.

мук. Саг аз мардуми мардучозор бех!

АЗ ДОНИШМАНД МАПУРС, АЗ КОРАФТОДА ПУРС!

мук. Пеши табиб нарав, пеши коросмуда рав!

АЗ ДУЗДИ ХОНА ДАРРО НАТАВОН БАСТ.

Бегонаро аз чизе манъ кардан мумкин аст, аммо хоҳишу майли дили худро аз касеву чизе боздоштан маҳол аст.

Ҳама ҷо дузд аз бегона хезад,
Маро, бингар, ки дузд аз хона хезад.

Ба афсун аз дили худ раст натвон,
Ки **«дузди хонаро дар баст натвон»**.

Низомии Ганҷавӣ

ишора:

Дида гар бандам зи хубон, чун кунам тадбири дил?
Бастани дар ҳеҷ монеъ нест дузди хонаро.

Носири Бухороӣ

АЗ ДУ КАДБОНУ ХОНА НОРӮФТА МЕМОНАД.

ниг. Ба ду кадбону хона норӯфта мемонад.

АЗ ДУМИ ГУРБА МАГИР (НАКАШ), КИ ДАСТАТРО МЕХАРОШАД!

1. Бо зӯрманд ҷанг ва талош макун, ки мусибате хоҳӣ дид, 2. бо одами бад кордор машав, ки аз он бад хоҳӣ дид.

Ман-ку боз гурехта халос мешавам, лекин ту дар ҳабсхонаҳо пӯсида меравӣ. Аз ёдат набарор, ки Норкӯзиро дар хонат ту руст карда будӣ. Вай аз афташ ба ту хеш ҳам буд-а? **«Аз думи гурба накаш, ки дастатро мехарошад»** гуфтаанд.

Раҳим Ҷалил

АЗ ДУНБАИ НАСИЯ ШУШИ НАКД БЕХ!

ниг. Гунчишки накд бех, ки товус банасия.

Садоқат: Дар рӯзҳои наздик ба кор медароям, даставвал аз моҳонаам карзи шуморо дода адо мекунам.

Оншахола (бо заҳрханда): «Бузакам намур, ки баҳор меояду алаф мехӯрӣ». Кай ба кор медарояву ман карзи худро аз ту мегирам. Не. Садоқат, **«аз дунбаи насия, шуши накд бех»** гуфтаанд.

Аз «Масориф ва маданият»

АЗ ДУР ШЕВАН СУР НАМОЯД.

Ҳар шакле ва сурате аз дур ба назар зеботар ва дилработар метобад. Мук. Шеван аз дур сур менамояд.

Битарс аз инҳопрашк в-аз кинавар,
Ба гуфтори ҳар кас дил аз раҳ мабар!
Гумонҳо ҳама рост машмар зи дур,
Ки бас **«монад аз дур шеван ба сур»**.

Асадии Тӯсӣ

ишора:

На сур аст, арчи ҳамчу сур аз дур,
Пур аз бонгу ҳалолу гашт шеван.

Носири Хисрав

АЗ ДУШМАН БИГСИЛУ ДАР ДӮСТ ЗАН ДАСТ!

Аз душман дур бошу бо дӯст як шав!

Пас хирадманд бояд, ки аз ин навъ душманони дӯстрӯй бипархезад ва дар паноҳи дӯстони холис ва рафиқони мухлис гурезад. **«Зи душман бигсилу дар дӯст зан даст!».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ДӮСТ БА ҲАР ҶАВРЕ БЕЗОР (АФГОР) НАБОЯД ШУД.

Аз дӯст нохушие расад ҳам, набояд аз ӯ ранҷид.

1. **«Аз дӯст ба ҳар ҷавре безор набояд шуд»,**
Аз ёр ба ҳар захме афгор набояд шуд.
В-ар ҷону дилу динро афгор нахоҳӣ кард,
Бо ишқи хуши шӯхе даркор набояд шуд.

Абулмаҷди Саноӣ

2. Саввум. Аз дӯстон ба андак мубоситат муҷонибат нанамояд ва озор дар дил нагирад, ки он сармояи нодонист. **«Аз дӯст ба ҳар ҷавре афгор набояд шуд».**

Аз «Синдбоднома»

АЗ ДӮСТИ НОДОН ДУШМАНИ ДОНО БЕҲ!

ниг. Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон.

Қудрат дар бораи ба ҳамшираш толиб шудани Баракаи батрак, бо ӯ зимнан бад буд ва як вақтҳо ҷанг карда буд. Рӯзе ки дар вақти аз шаҳр ба пеши падараш ба қишлоқ рафтан Баракаро танҳо дида дар бораи хоҳараш ба пеши Рашидов рафта арз кардаиро маслиҳат дод. Барака дар қадди роҳ — дар ҷояш шах шуда монд, ӯро одами пухта, кордон ва маслиҳатгӯ пиндошт. **«Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар!»** гуфта вай фикр кард.

Ҷалол Икромӣ

назир:

Агар оқил бувад хасми ту беҳтар,
Ки бо нодон шавӣ ёру бародар.

Аз «Амсолу ҳикам»

АЗ ДӮСТ ЯК ИШОРАТ, АЗ МО БА САР ДАВИДАН

1. Барои изҳори тайёр будан ба иҷрои коре ё аз чизу дил қабул намудани таклифи касе гуфта мешавад.

1. Дорӣ даме сари он, к-ой барам, агарчи
Бо ман туро набошад оини орамидан.
Гӯяш чӣ гуфт: Гуфто: Ар хоҳӣ, ар бихоҳӣ,
«Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан».

Ибни Ямин.

2. Мавқуфи илтифотам то ки расад ичозат,
«Аз дӯст як ишорат в-аз мо ба сар давидан».

Ҳамдаддини Табрезӣ

3. Он мавқуф ба он буд, ки аз он чониб ишорате воқеъ шавад, то ба муктазои **«аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан»** сари иродат бар он остони саодат ниҳода шавад.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

4. Яке аз даҳмардони аҳли базм магар мулло будани ин меҳмонро донист, ки аз чои худ рост хеста:

— Ака Корӣ, даруи мардамат кунетои — гуфт.

Меҳмонони «азиз» ҳам ба ҳамин қадар ишорат мунтазир буданд ва ба дили худ **«аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан»** — гӯён бе он ки сари худро аз дар берун кунанд, кафшҳои худро накашида, пои худро дарун гирифтанд ва бе пӯшт-пӯшт мардумро зер карда, ба даруни давра гузаштанд.

Садриддин Айнӣ

АЗ ДӮСТ ҲАР ЧӢ МЕРАСАД, НЕКӮСТ.

мук. Аз дасти дӯст ҳар чӣ ситонӣ, шакар бувад.

АЗ ЗАРАР ҲАР ЧӢ БАРГАРДАД, НАФЪ АСТ.

шиг. Ҳар чӣ аз зарар баргардад, манфиат аст.

АЗ ЗАХМИ ЗАБОН ЗАХМИ ТАБАР БЕҲ!

мук. Захми забон аз захми шамшер бадтар аст.

АЗ ЗЕРДАСТОН ТАҚСИРУ АЗ БУЗУРГОН БАХШИШ.

мук. Аз хурдон гуноху аз калонон бахшидан.

Муш чун ин суханон ва гуфтори дахшатомезро аз гурба шунид, оху фиғон баркашид, ва зор-зор бигиристу гуфт: — Эй шаҳриёр, **«аз зердастон тақсиру аз бузургон бахшиш».**

Шайх Баҳоӣ

АЗ ИЛМ МУРОД ЧУЗ АМАЛ НЕСТ.

Камоли Хуҷандӣ

мук. Илму амал.

АЗ ИМРӮЗ КОРЕ БА ФАРДО МАМОН!

инг. Кори имрӯзаро ба фардо магузор!

«Аз имрӯз коре ба фардо мамон»,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон?
Гулистон, ки имрӯз бошад ба бор,
Ту фардо чиниӣ гул, наёяд ба кор.

Абулқосими Фирдавсӣ

назир:

Васият ҳамин аст, ки чунин бародар,
Ки авқот зоеъ макун то тавонӣ!

Ҳофизи Шерозӣ

АЗ ИН (ЧО, СӮ) РОНДА, АЗ ОН (ЧО, СӮ) МОНДА.

Дар як вақт барои ичро намудани ду кор ва ё ба даст даровардани ду мақсад машғул машав, ки аз онҳо натичае нахоҳӣ ёфт. Мук. Он бишуд аз дасту ин ба даст наёмад.

1. Бе наву кӯҳна дар замон мондӣ,
Ҳам **«аз ин ронда, ҳам аз он мондӣ»**.

Абдураҳмони Ҷомӣ

2. То шабе як занаш ба хона намонд,
В-он дигар низ зи хона берун ронд.
Монд он тирабахти дармонда
«З-ин яке монда, з-он дигар ронда».

Камолиддини Биноӣ

3. Пас худро пеши сарпанчаи каъзо тафвиз намудам ва беш гирди хавасу орзу нагаштам ва ба кадом чадда, ки дучорам карданд, бад-он сар ниҳодам. Аз ин чиҳат на дар тарк чуръате дорам ва на дар чамъ ҳиммате, миёни ину он дармондаам. Ман **«аз ин сӯ ронда ва аз он сӯ мондаам»**.

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

4. Вақти намози пешин ва ҷанозаи хонакохи Девонбегӣ ҳам расид. Акнун дар ин ҷо истодан ҳам фонда надорад, балки зарар дорад, ки аз ҷанозаҳои худой ва ертишҳои онҳо маҳрум мемонам. **«Аз ин ҷо рондаю аз он ҷо монда»** шудан кори беаклона аст.

Садриддин Айнӣ

назир:

Басо касо, ки ба умеди он ки бех ёбад.
Шакар зи даст бияфганду баргпрафт шаванг.

Абулқасами Фаррухй

АЗ ИН СУТУН БА ОН СУТУН ФАРАҶ АСТ.

мук. Себ то фурўд омадан, хавор чарх мезанад. Ниг. ба хикояи ин зарбулмасал.

1. Мардум гуфтанд: Кадом козй? Абулқасами Ғулча?

Хеч вакт Шамъун пулдорро аз даст намедихад. Мехраки бенаворо бигиред!

Гуфтанд: Чора чист? Боз **«аз ин сутун ба он сутун фарач аст»**. Ба роҳ афтоданд.

Аз «Девони Балх»

2. Дар дил андешидам, ки **«аз ин сутун ба он сутун фарач аст»** ва гирьён чун тифле аз ду тифлон мусаллам дар дунболи ин Хориси соҳй ва ин гўли бешоху дум равон гардидам.

Сайидмухаммадалии Чамолзода

АЗ КАДУ ХОВАНЙ НАЕЯД.

Ҳаргиз нодону бехунар аз ўҳдаи ичрои корҳои донову пурҳунар намебарояд.

Чои ҳакимон маталаб бе хунар,
З-он ки **«наёяд зи каду хованй»**.

Носири Хисрав

АЗ КАЖЖЙ РОСТИИ КАМОН ОМАД .

ниг. Ростии абрў дар качии он аст.

АЗ КАМОНИ ШИКАСТА (ХОЛЙ) ДУ ТАН ТАРСАД.

Душман аз камони камондор метарсаду соҳиби камон аз шикаста будани камони худ. мук. Аз туфанги холй ду кас тарсад.

ишора:

Ачабтар э-ин надидам достоне,
«Ду тан тарсад зи бишкаста камоне».

Фахриддини Гургонй

АЗ КАРНАЙЧЙ — ЯК ПУФ.

Ба ичро расидани амале ниҳоят зарур бошаду вале **ба ичрои** неки **он** шубҳа кунанд, таваккалона озмудани ичрои онро **бо ин** зарбулмасал **изҳор** менамоянд.

1. — Як рафта ганҷанон кунед, бад намешавад, аз мо чӣ рафт? **«Аз карнайчӣ як пуф»,**— гуфт Муҳаммадиёз.

Сотим Улуғзода

2. Ба ҳар ҳол як санҷидан зарур. Аз шумо чӣ меравад? **«Аз карнайчӣ — як пуф»** гуфтаанд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

АЗ ҚАФШИ ТАНГ ПОБАРАҲНА РАФТАН БЕҲТАР АСТ.

иг. По тиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг!

АЗ КАҶМИЗОҶ ҲАРГИЗ РОСТӢ НАЕЯД.

Аз одами бадандеш маслиҳати судманд намебарояд.

1. Ва бибояд шиноҳт маликро, ки **«аз каҷмизоҷ харгиз ростӣ наёяд»** ва бадсирати мазмуни тариқатро ба таклифу такаллуф бар ахлоқи порсо ва роҳи рост натавон дошт.

Аз «Калила ва Димна»

назир:

Аз каҷниҳод сар назанад ҷуз баёни каҷ,
Каҷ меравад ҳаданг буруи аз камони каҷ.

Кассоби Кошонӣ

АЗ КАҶӢ АФТӢ БА КАМУ КОСТӢ,
АЗ ҲАМА ҒАМ РАСТӢ, АГАР РОСТӢ.

Аз каҷрафторӣ гирифтори осебе мегардӣ ва аз росткорӣ ҳамеша шоду эмин мебошӣ.

Гуфт, ки ман субҳ ки аз рӯи тӯшак бархостам ба ноҳуни пои ман гӯшаи тӯшак дарида буд, ҳоло аз он асаре пайдо нест. Тӯшакчӣ кайфиятро машрӯҳ ба арз расонид.

Подшоҳ фармуд, ки руфӯгарро ҳозир гардон! Бо вай гуфт:

— Агар рост гуфтӣ растӣ ва илло согари зиндагонии худро ба санги ҷаҳолат шиҳастӣ. **«Аз каҷӣ афтӣ ба каму костӣ, аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ».**

Аз «Бадоеъ ул-вақоеъ»

АЗ КУШТА БАРНАОЯД ОВОЗ.

иг. Аз мурда ҳадис наёяд.

1. Ошиқон куштагони маъшуқанд,
«Барнаёяд зи куштагон овоз».

Саъдии Шерозӣ

2. Зи душман рез хун, чун ёфтӣ даст,
Ки аз дасташ ба хунрезӣ тавон раст,

Чу гардад кушта, пинхон монад ин рол,
«Зи кушта барнояд ҳаргиз овоз».

Абдураҳмони Ҷомӣ

АЗ КӮЗА ҲАМОН БУРУН ТАРОВАД, КИ ДАР ӮСТ.

Феълу хӯй, табиат, фазлу донишӣ ҳар кас дар чараёни амалаш, аз изҳори фикраш аён мегардад. Мук. Ҳар он чӣ дар дил аст, бар забон ояд. Инг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

1. Чу чуз дар зиракӣ набвад туро даст,
«Зи кӯза он таровад, к-андар ӯ хаст».

Фариддидини Аттор

2. Холӣ аз худ буду пур аз ишқи дӯст,
Пас **«зи кӯза он таровад, к-андар ӯст».**

Ҷалолиддини Румӣ

3. Бадасл гадо чу ҳоча гардад, на пиндорӣ,
Мағрур шавад, надонад аз душман дӯст.
Гар донаи кӯза зи гавҳар созанд,
«Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст».

Бобо Афзали Кошӣ

4. Ҳаргиз надиҳад шеъ бӯи гули сурх,
«Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст».

Абӯисҳоқи Шерозӣ

5. Дигар гуфт: Маликро бибояд шиноҳт, ки аз кӯчикзоч ҳаргиз ростӣ наёяд ва бадсирати зиштасл ба такаллуфу такаллуф сутудаҳӯю покизахислат нагардад: **«Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ш о р а:

Гар дизӣ нек, нек пеш оранд,
В-ар куни бад, бадӣ нигаҳ доранд,
З-он ки аз кӯза баҳри олату хӯ,
Битаровад гулобу сирка дар ӯ.

Абулмаҳди Соҳӣ

н а з и р:

Хаст ҳамчун намунаи суханат,
З-он чи дорӣ ту дар бадан маҳчӯб.
Гар дарунат бад аст, гуфтат бад,
В-ар дарунӣ ту хуб, гуфтат хуб.

Ибни Ямин

АЗ КЎР ДИДБОНӢ НАЁЯД.

Одами оҷизу нотавон аз ўҳдаи иҷрои амале барнамеояд.

назир:

1. Ҷаҳон хоб асту мо дар вай хаёлем,
Чаро чандин дар он мондан сиголем?
Набошад ҳоли ўро пойдорӣ,
На табъашро ҳамеша созгорӣ.
На гоҳи меҳр неку бад бидонад,
На меҳри кас ба сар бурдан тавонад,
Чӣ он к-аз ӯ бибӯсад меҳрубонӣ,
Чӣ он к-аз кӯр чӯяд дидабонӣ.

Фахриддини Гургонӣ

2. Наёяд раҳбарӣ аз мардуми кӯр,
Нахоҳад офтоб аз машъала нур.

Фаридаддини Аттор

АЗ МАН АСТ, КИ БАР МАН АСТ.

ниг. Аз мост, ки бар мост.

Овардаанд, ки марде солеҳу парҳезгор буд ва зане солеҳа дошт, ки ҳаргиз боди тӯҳмат бар доманаш навазида буд. Шабе бо шавҳар нишаста буд ва аз ҳар чо сухан дар миён оварданд. Зан аз рӯи зарофат ба шавҳар гуфт: Ту қадри исмати ман надонӣ ва шукри ин неъматро нашиносӣ, ки ҳақ ва таоло чун ман занеро насиби ту карда, ки ҳаргиз назари ҳаром бар ман наяфтода.

Шавҳар гуфт: Дар масалҳо гӯянд, ки **«аз ман аст, ки бар ман аст»**. Ҳар кас ҳар чӣ мекорад, медаравад. Ман он чӣ коштам, медаравам.

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

АЗ МАРГ БАТАР СЎҲБАТИ НОАҲЛ БУВАД.

ниг. Сӯҳбати ноаҳл бадтар аз марг аст.

Сад сол дар оташам агар маҳл бувад,
Он оташи сӯзанда маро саҳл бувад.
Бо мардуми ноаҳл мабодо сӯҳбат,
«Аз марг батар сӯҳбати ноаҳл бувад».

Ансории Ҳиравӣ

АЗ МАРДУМОЗОР — ҲАМА БЕЗОР.

мук. Саг аз мардуми мардумозор беҳ!

АЗ МАРДИ ТО НОМАРДИ ЯК ҚАДАМ АСТ.

Одам бо амали нек некном мегардад ва сахл аст, ки бо як ҳаракати ношоистан ҳуд бадном гардад. Мук. Марди номардӣ як қадам аст.

Пас бо дасти тиҳӣ пеши ман омаду салом кард, ки ман ҷавоби саломи ӯро бозодам.

Он ҷавон гуфт: «Эй шердил, бидон, ки **«аз мардӣ то номардӣ як қадам аст»**. Ва «мардӣ аз мардон ояд». Мехоҳам, ки чун мардон ғарибнавозӣ кунӣ, дар ҳаққи мо гирифторон лутфе намоӣ ва эҳсон ба ҷой оварӣ.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

АЗ МАСТ СУХАН МАГИР БАР ДАСТ.

Ба сухани маст эътимоду эътибор набояд кард. Мук. Сухани маст ту бар даст магир!

Ту бар нодонам акнун фурӯ куп,
Надонистам, хато кардам, афв кун!
Зи пой афтода будам бедилу маст,
«Нагирад ҳеҷ кас аз маст бар даст».
Ба бозӣ гар намудам зарқу дастон,
Чунин боре ачаб набвад эи мастон.
Зи ман кина магир, эй симсина,
Ки аз мастон касе нагирифта кина.

Фаридаддини Аттор

ишора:

Касе ки хӯрад доруи бехушӣ,
Набояд гузидан чуз аз хомушӣ.
Зи нодонӣ омад гунаҳгорнам,
Гумонам, ки девона пиндорнам.
Сазад гар, ки бахшӣ гуноҳи маро,
Дурахшон кунӣ рӯи моҳи маро.
Манам бар дарат бандаи бехирад,
Шаҳаншоҳам аз мардумон машмарад.
Чунин дод посух, ки аз марди маст
Хирадманд чизе нагирад ба даст.

Абулқосими Фирдавсӣ

назир:

1. Гуфт: Мастам хонию бар ваъдаи ман дил нихӣ,
Соддадил мардо, ки дил бар ваъдаи мастон нихад!

Абулмаъдии Сонӣ

2. Гар кашидам ба зулфи ӯ дасте,
Маст будам, магир бар масте.

Авҳадии Марогӣ

3. Чашмат ба карашма назаре кард, ки тан зад,
Бар маст ҳамон бех, ки нагиранд хаторо.

Салмони Соваҷӣ

АЗ МОРГИР МОР БАРОРАД ҲАМЕ ДИМОР.

1. Ҳар касе, ки бо кори хавфу хатарнок машғул аст, рӯзе зарари он ба ӯ хоҳад расид, 2. бадкардаро охир ҷазо бадист. Мук. Аҷали морбоз дар нешӣ мор.

Ғарра машав бад-он, ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азизро, ки ҷаҳон кард зуд хор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳончӯй моргир
В-**«аз моргир мор барорад ҳаме димор»**.

Имоми Марвазӣ

ишора:

Дил аз татовули зулфи нигор ҷон набарад,
Чун моргир, к-аз осеби мор ҷон набарад.

Муҳаммадтақии Баҳор

иазир:

1. Морфисой, арчи фусунгар бувад,
Ранча шавад рӯзе аз мори хеш.

Носири Хисрав

2. Бад уфтанд бадон, лочарам, ки дар масал аст,
Ки мор даст надорад зи қатли морафсой.

Саъдии Шерозӣ

3. Ҳарчанд ки моҳир бувад фусунгар,
Фарҷом ҳалокаш зи нешӣ мор аст.

Парвини Эътисомӣ

АЗ МОР НАЗОЯД БА ҶУЗ МОРБАЧА.

мук. Окибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад.

АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ.

Ҳар мусибате, ки ба сари одамӣ меояд, натичаи ғафлату саҳлгирии худи ӯ ё хиёнати наздикони ӯст, ҳар неку бад аз амали худи кас сар мезанад.Ниг. Ба ҳикояи ин масал.

1. Гуфто: Ачаб аст ин ки зи чӯб асту зи оҳан
Ин тезию тундию париданш кучо хост?
Зй тир нигоҳ карду пари хеш бар ӯ дид,
Гуфто: Зи кй нолам, ки **«аз мост, ки бар мост»**.

Носири Хисрав

2. Мебигзарад оби мижаи мо зи сари мо,
Некӯ масал ин, ки ҳам **«аз мост, ки бар мост»**.

Хасани Деҳлавй

3. Ва ин масал бад-он овардам, то бидонй, ки роҳи ин меҳнат худ ба худ паймудай ва дари ин ранчу машаққат худ бар худ кушодай. Охир, зи кй нолам, ки **«аз мост, ки бар мост»**.

Аз «Анвори Суҳайлй»

4. Чон гар ба лаби мо расад, аз гайр наполем, ба кас насиголем,
Аз хеш бинолем, ки чони сухан ин аст, **«аз мост, ки бар мост»**.

Муҳаммадтақии Баҳор

5. Ситора (худ ба худ): Охир, зи кй нолам, ки **«аз мост, ки бар мост!»** Чаро дӯсташ доштам? Чаро дар дилаш тухми муҳаббат коштам? Не, не! Худи ӯ гунаҳкор аст. Охир, чаро бо нигоҳҳои гарм ва чеҳраи хандон ба сӯям нигарист?

Мирсаид Миршакир

и ш о р а:

1. Аз мо бар мост чун нигоҳ кунй нек,
Дар табару дар дарахту оҳану сӯҳон
Кор зи сар гиру асбу тег дигар соз,
Хоса, ки пайдо шуд аз баҳор зимистон,

Абӯҳанифаи Аскофй

2. Агар шодист моро, ҳам ғам аз мост,
Ки бар мо ҳар-ч меояд, ҳам аз мост.

Фаридаддини Аттор

3. Ҳамчу мо рӯзгор махлуқ аст,
Гила кардан зи рӯзгор чарост?
Гила аз ҳеч кас набояд кард,
К-аз тани мост он чи бар тани мост.

Масъуди Савди Салмон

н а з и р:

Ман аз бегонагон харгиз наполам,
Ки бо ман ҳар чй кард, он ошно кард.

Хофизи Шерозй

АЗ МУКОФОТИ АМАЛ ҒОФИЛ МАШАВ, ГАНДУМ АЗ ГАНДУМ БИРӮЯД, ҶАВ ЗИ ҶАВ.

Румӣ

1. Аз амали нек нек мерасад, аз амали бад бад, аз некӣ некӣ бинӣ, аз бадӣ бадӣ, 2. аз бад кардан бипарҳез, ки ҷазои он дар пеш аст. Ниг. Агар бад кунӣ, чашми некӣ мадор, ки гар хор корӣ, суман надравӣ.

— Не, аввалу охир худо, аз Устосултони мо хеч кас бадӣ намебинад,— гуфт Коридомулло.

— Дар ҳаққи Устосаъдӣ хам хамин тавр мегуфтанд, охир дар ҳаққи як бечора чихо накард? — гуфт тағоям.

— Кас бадӣ кунад, бадӣ мебинад. **«Аз мукофоти амал ғофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав»** гуфтаанд.

Хасан Ирфон

назир:

Он чӣ хоҳӣ, ки мадравиш, макор,
В-он чӣ хоҳӣ, ки машнавиш, магӯй!

Носири Хисрав

АЗ МУРДА ҲАДИС (ҲАБАР) НАЕЯД.

1. Мурда сухан намегӯяд, мурда ҳама сирру асрорро бо худ ба гӯр мебарад, 2. бо катли душман аз зарари он эмин мешавӣ. Мук. Сарбурида сухан нагӯяд.

1. Тамомаш бикуштам ба санг он хабис,
Ки **«аз мурда дигар наёяд хадис»**.
Чу дидам, ки гавғое ангехтам,
Раҳо кардам он буму бигрехтам.

Саъдии Шерозӣ

2. Касе, к-ӯ зиёни касон суди хеш
Шуморад, манеҳ, сӯи вай пой пеш!
Магар, ки-ш чу аждар бикӯбиш сар,
Ки **«аз мурда дигар наояд хабар»**.

Адиби Пешоварӣ

АЗ МУШК БӮИ ОЯД, АЗ КОҲ ДУД.

Хар касу хар чиз тинат ва мохияти худро зохир мекунад.

Аз ӯ он сазад, аз ту ин, бад кӣ буд,
Ки **«аз мушк бӯй ояд, аз коҳ дуд»**.
Дусад бор агар мис ба оташ дарун
Гудозӣ, аз ӯ зар наояд бурун.

Асадии Тӯсӣ

АЗ МУҲАББАТ НОР НУРЕ МЕШАВАД,
В-АЗ МУҲАББАТ ДЕВ ҲУРЕ МЕШАВАД.

Румӣ

1. Дар назари ошиқ маҳбубааш аз ҳама беҳтару зеботар аст, 2. ошиқ ғофили ҳамаи камбудиҳои маҳбубаи худ аст, 3. муҳаббат бадро ҳам нек ҷилвагар менамояд.

назир:

1. Ман ошиқаму дилам бад-ӯ гашта табоҳ,
Ошиқ набувад зи айби маъшуқ огоҳ.

Абулҳасани Фаррухӣ

2. Надонистам, ки ошиқ кӯр бошад,
Кучо бахташ ҳамеша шӯр бошад.

Фахриддини Гургонӣ

АЗ МЎИ СИЯҲ МАТАРСУ АЗ АБРИ САПЕД,
АЗ МЎИ САПЕД ТАРСУ АЗ АБРИ СИЕҲ.

инг. Матарс аз чавонони шамшерзан, ҳазар кун зи пирони бисьёрфан.

АЗ МЎРИИ ХУНУҚ — ДУДИ ХУНУҚ.

инг. Ҳарфи бад бар забони бад бошад.

АЗ НАВКИСА ҚАРЗ МАҚУН,
ҚАРЗ КИ ҚАРДӢ, ҲАРҶ МАКУН!

инг. Зи навкиса қарз макун, қарз ки кардӣ, харҷ макун!

ишора:

1. Зи навкиса макун ҳаргиз дирам вом,
Ки расвоию ҷанг орад саранҷом.

Носири Хисрав

2. Хоки наъли маркабаш хоҳам зи сими мохи нав,
З-он ки аз навкиса некӯ нест чизе вом кард.

Дарвеши Деҳакӣ

АЗ НАИ БЎРИЕ ШАКАР НАХЎРӢ.

мук. Аз шӯразамин суман наруяд.

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар наҳӯрӣ.
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-«аз наи бӯриё шакар нахӯрӣ».

Саъдии Шерозӣ

1. АЗ НАФСИ БАД ЧУЗ ФЕЪЛИ БАД НАЕЯД,
2. АЗ НАФСИ ХАБИС, ХАР ЧИ ГЎЙ, ОЯД.

1. Одами бад аз ичрои хеч бадй рў наметобад, 2. аз бад некй чашм набояд дошт.

1. — Эй малик, эҳтимоми ман дар ин кор беш аз он фонда надошт, ки ин малъуи бадгумон шуд ва баъд-ул-явм ҳилаву макри ў бар ҳалоки малика максур хоҳад буд ва кори подшоҳу ранятро бар ҳам хоҳад зад ва аз он зиёдат, ки дар хаққи Шатраба, ки вазири мухлис ва меҳрубону мушфик буд, раво дошт, дар хаққи сояи аркони давлат ба чой хоҳад овард, ки **«Аз нафси бад чуз феъли бад наёяд»** ва аз тинати нопок ғайр аз фасоду бебокй назояд.

Аз «Калила ва Димна»

2. Вазир аз сурати ҳол огоҳй ёфта, ба манъу дафъи он иштиғол намуду гуфт: — Ниҳоли табъи кўдакон дар ғояти нозукист ва онро ба ҳар тарик, ки майл диҳанд, харшна моил гардад ва бар он дастур бимонад. Салоҳ он аст, ки малик шоҳзодаро аз сўҳбати кафшгар боздорад, то ногоҳ ахлоки замимаи ў дар табиати маликзода сироят накунад ва ҳиммати фирдавсманзилати он кавкаби сипеҳри салтанатро дар ҳавзаи мазаллат наяфганад ва дигар анвои хатарот аз ў тасаввир метавонад буд. К-**«аз нафси хабис, хар чй гўй, ояд».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

АЗ НАФСПАРВАР ҲУНАРВАРЙ НАЕЯД ВА БЕҲУНАР САРВАРИРО НАШОЯД.

Нафспарвар ҳаргиз соҳибҳунару беҳунар ҳаргиз сазовори сарварй намегардад. **«Аз нафспарвар хунарварй наёяд ва бехунар сарвариро нашояд».**

Макун раҳм бар марди бисьёрбор,
Ки бисьёрхусб асту бисьёрхор.
Чу гов ар ҳаме бовдат фарбехй,
Чу хар тан ба чаври касон дардихй.

Саъдии Шерозй

1. АЗ НАҒЗ РАСАД ШАРОФАТ, АЗ БАД РАСАД КАСОФАТ,
2. АЗ НЕК ШАРОФАТУ АЗ БАД КАСОФАТ.

Дар шиштухез феълу атвори неку бади одамон ба ҳамдигар сироят ва таъсир мекунад.

Номаи Остон: **«Аз нағз расад шарофат, аз бар расад касофат»** гуфтани одамон бечиз набудааст. Ба ман касофати одамони бад зада буд.

Раҳим Ҷалил

АЗ НИСФИ ЗАРАР БАРГАШТАН НАФЪ (МАНФИАТ) АСТ.

мук. Хар чй аз зарар баргардад, манфиат аст.

АЗ НОМА НАХОНАНД МАГАР ОН ЧЙ НАВИШТАСТ.

Кўхна шудааст. Феълу атвори неку бади инсон аз пеш муайян карда мешавад.

Харгиз пари товус касе гуфт, ки зишт аст?
Ё дев касе гуфт, ки Ризвони бихишт аст?
Некию бадй дар гухари халк сиришт аст,
«Аз нома нахонанд, магар он чй навиштаст».

Саъдии Шерозй

АЗ НОНИ МУЛЛО СИТОРА НАЗДИКТАР АСТ.

инг. Шири мурғу пои мору нони мулло кас надид.

АЗ НОХУНИ ПАЛАНГ ЧЙ НУКСОН БА ПОИ ПИЛ?

инг. Чй халал ба пои пилон халачўби говроиЙ?

«Аз нохуни паланг чй нуксон ба пои пил»,
Точи хурўсро чй ғам аз нўли мокиён?

Сайидои Носифй

назир:

Гургро кай расад салобати шер,
Бозро кай расад нихеби шахин?

Абўабдуллохи Рўдакй

АЗ ОБИ ХУРД МОХЙ ХУРД ХЕЗАД.

1. Хар чиз мувофики хачм ва ғунчоиши худ махсул медихад, 2. аз сармояи кам ва марди андакмоя нафъи хурд хосил мешавад. мук. **Зи оби хурд мохй хурд хезад.**

1. Хар он кас, к-ў запад лофи далерй,
Зи чанги шер ёбад номи шерй.
Бех, ар бо кам зи худ худро пасанчй,
К-аз афгандан в-аз афтодан биранчй.
Ситеза бо бузургон бех тавон бурд,
Ки аз хамдастони хурдон шавй хурд.
Наханг он бех, ки дар дарьё ситезад,
К-«аз оби хурд мохй хурд хезад».

Низомии Ганчавй

2. Пас он шаб либоси айёрй пўшида ва зар кўчаву бозор мегашт ва ба хар тараф назар мекард. Ногох дуздн дигар дучори он дузд

шуд, ки ӯ низ ба ҳамин андеша мегашт. Ба ҳасби чинсият бо ҳам дарпайвастанд ва аз ҳоли якдигар воқиф гардиданд ва он ҳуросонӣ чун ғариб буд ва роҳ ба чое намебурд, бар сабили мушоварат аз он дузд пурсид, ки агар мо хоҳем нақде ба даст оварем, ба кучо бояд рафт? Аз хонаи дарвеш чӣ ҳосил шавад? **«Зи ови хурд моҳӣ хурд хезад»** «наҳанг он аст, к-аз дарьё ситезад».

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

АЗ ОДАМИ ХОМ ДЕВИ ПУХТА БЕХ АСТ.

Фоидаи одами бади кордидаву пуртачриба бештар аст аз фоидаи одами хуби корнодидаву бетачриба.

1. Одами гарчи бар замона меҳ аст,
«З-одами хом деви пухта беҳ аст».

Абулмаъоли Санойӣ

2. Коҳилию хомиро хурсандӣ маҳон, ки нақши олами ҳудус дар кортоҳ... чабру кадар чунин бастаанд, ки то ту дар басту кушоди корҳо мнёни чаҳд набандӣ, туро ҳеч кор накушояд.

Гирди дарьёву рӯди Чайҳун гард,
Моҳӣ аз тоба сайд натвон кард.
Одами гарчи бар замона меҳ аст,
«З-одами хом деви пухта беҳ аст».

Аз «Марзбоннома»

АЗ ОН НАТАРС, КИ ҲОЮ ҲУ ДОРАД, АЗ ОН БИТАРС КИ САР БА ТУ ДОРАД.

На аз он кас бояд тарсид, ки ба ту дӯгу пӯписае мекунад, аз он кас бояд тарсид, ки ба ту таваччӯҳ дорад, аз ту тамаъе дошта бо ту тамаллуқ мекунад. Мук. Натарс аз он ки ҳою ҳуй дорад, битарс аз он ки сар ба ту дорад.

н а з и р:

1. Бар он манғар, ки дарьё ром бошад,
Бар он бингар, ки беором бошад.

Фахриддини Гургонӣ

2. Камон то фузунтар бувад ҳампазир,
Фузун бошадаш сахтии захми тир.

Асадии Тӯсӣ

АЗ ОН ТАРС, К-Ӯ АЗ ТУ ТАРСОН БУВАД.

«Аз он тарс, к-ӯ аз ту тарсон бувад»,
В-гар бо ту ҳазмон дигарсон бувад.

Асадии Тӯсӣ

назир:

Аз он, к-аз ту тарсад битарс, эй ҳаким,
В-агар бо чу ӯ сад барой ба чанг,
Набиний, ки чун гурба очиз шавад,
Барорад ба чангол чашми паланг.
Аз он мор бар пои роъй занад,
Ки тарсад бикӯбад сарашро ба санг.

Саъдии Шерозӣ

АЗ ОСИЁ МАН МЕОЯМУ ТУ МЕГЎЙ (КИ) ДЎЛ ХОЛӢ.

ниг. Ман аз осиё омадаму шумо мегўед, дўл холӣ.

— **«Аз осиё ман меояму ту мегўй дўл холӣ».** Сарамро гиж кардӣ, чароғам,— эътироз намуд Эсанпай вазнашро гоҳ ба ин гоҳ ба он пои кӯтоҳи качаш бор карда.— Хабрият мужданоӣ мегирам гуфта ин хабарро ба ӯтовамон набурдам, ки қип-қиёмат мешуд. Исто, ки дўстам Арслоналӣ ҳамроҳи ту аз вагон фаромада буд ё бачан гўлу гумроҳ ба вагон шишта нафаҳмида ба Кўканд гузашта рафт?

Раҳим Ҷалил

АЗ ПАИ АЙБ КАЛ КУЛОҲ ЧЎЯД.

Ҳар кас барои пўшида будани айби худ чораҳо мечўяд.

Он накўтар, ки андар ин меъроҷ
Даст бар сар кунӣ, наёбӣ тоҷ.
К-аз паи ғайб мард раҳ пўяд,
В-**«аз паи айб кал кулаҳ чўяд».**

Абулмаҷди Саноӣ

АЗ ПАИ ДУШМАНИ ГУРЕХТА НАРАВ (НАБОЯД РАФТ).

Ба каси ва ё ҳасми ба тангомада дарнаяфт, ки ӯ бар гу сахт дармеафтад. Мук. Сагро чун дар тангӣ гиранд, бигазад.

Дами теғ баргардад аз пушти теғ,
«Марав аз паи хасми бигрехта».

Носири Хусравӣ

ишора:

1. Чу зинҳор хоҳанд, зинҳор деҳ,
Ки зинҳор додан зи пайкор беҳ.

Чунон-шон магардон зи бечорагӣ,
Ки ҷонро бикӯшанд якборагӣ.
Зи бун баргурезандагон раҳ магир,
Марез аз касе хун ки бошад гузир!
Ба думми гурезандагон шаб мапӯй,
Чу душман шуд овора, бешаш мачӯй!

Асадии Тӯсӣ

2. Сипоҳи ғайрати ҳақ бар шикастагон ёр аст,
Чу фатҳ рӯй диҳад, аз паи сипоҳ марав!

Соиби Табрезӣ

3. Хасм чун дар размгаҳ бигирехт, думболаш марав,
Бо дами шамшер набвад ҷавҳари пушти камон.

Ҷӯёи Табрезӣ

назир:

Шунав то чӣ гуфтаст Пӯлодванд,
Ки хасми гурезандаро раҳ мабанд.
Чу душман ҳазимат хӯрад дар ситез,
Набояд бар-ӯ баст роҳи гурез.

Ҳамиди Кашмирӣ

АЗ ПАИ КОРВОН ТИҲИДАСТОН,
ШОДУ ЭМИН РАВАНД ЧУН МАСТОН.

Авҳадии Марағӣ

мук. Осуда касе, ки хар надорад, аз коху ҷаваш хабар надорад.

АЗ ПАИ МЕВА БОҒБОН ОБ ДИҲАД НИҲОЛРО.

Ҳар коре бо мақсади ба даст овардани нафъе ва натиҷаи нек карда мешавад.

Дар қадамаш гиристам, раҳм намуд сарви ман,
«Аз паи мева боғбон об диҳад ниҳолро».

Алии Оҳӣ

АЗ ПАИ ШАБИ ТОРИК ОФТОБ ҲАСТ.

мук. Аз паи ҳар гирья охир хандаест.

Машав малул ба ҳар банд, фатҳи бобе ҳаст,
Ки **«аз паи шаби торик офтобе хаст».**

Пайрав Сулаймонӣ

ишора:

Намонад чаҳон бар яке сон шикеб,
Фарозест пеш аз паси ҳар нишеб.
Паси тирагӣ равшанӣ гирад об,
Барояд паси тирашаб офтоб.

Асадии Тӯсӣ

назир:

Зуд ба умед расад ноумед,
Чун зи шаби тира ба рӯзи сапед.

Имоди Кирмонӣ

АЗ ПАИ (ДАР ПАСИ) ҲАР ГИРЬЯ ОХИР ХАНДАЕСТ.

Рӯзи сахт рӯзи бехӣ, гирья хурсандӣ ва ғам шодӣ дорад. мук. Аз паи ҳар шабе бувад рӯзе.

«Аз паи ҳар гирья охир хандаест»,
Марди охирбин муборак бандаест.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

1. Ва дигар, ки гуфтӣ зи кори сипох,
Зи гардидани чархи хуршеду мох,
Ба яксон нагардад сипехри баланд,
Гаҳе шод дорад, гаҳе мустаманд.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нагашт,
Доимо яксон намонад ҳоли даврон, ғам нахӯр!

Ҳофизи Шерозӣ

АЗ ПАИ ҲАР НЯШЕ НЕШЕ (ҲАСТ).

мук. Аз паи ҳар гирья охир хандаест.

Зеи лабам бӯса диҳад пас дашном,
Ки **«бувад аз паи ҳар нӯше неш»**.

Фурсати Шерозӣ

АЗ ПАИ ҲАР ШАБЕ БУВАД РӮЗЕ.

иит. Аз паи ҳар гирья охир хандаест.

Мактаби, сабр кун ба ҳар сӯзе,
«Аз паи ҳар шабе бувад рӯзе».

Мактабии Шерозӣ

АЗ ПАИ ХАР ШОДӢ БУВАД ҒАМ.

Акси «Аз пан хар гирья охир хандаест».
и ш о р а:

Ҳамеша то ба гетӣ шодие аз пай бувад ғамро,
Чунон чун к-аз пан ҳар сур дорад даҳр мотамро.

Абулқасими Фаррухӣ

н а з и р:

Ба ҳичрон Сайфи Фарғонӣ машав навмед аз васлаш,
Ки доим дар акиб бошад баҳоре мар зимистонро.

Сайфи Фарғонӣ

а к с а ш:

Тарки бадӣ некиҳодӣ бувад,
В-охири ғам аввали шодӣ бувад.

Имоди Кирмонӣ

АЗ ПАИ ХАР ЯК ШОМ СУБҲЕ ҲАСТ.

нис. Аз пан хар гирья охир хандаест.
и ш о р а:

1. Бад-он дилел, ки ҳар шомро бувад, субҳе,
Ғамат мукаддиман шодмонӣ аст, эй дӯст!

Имоди Кирмонӣ

2. Дар водии нокомию дар тирашаби ҳачр,
Хуш бош ба уммед, ки субҳ аз пан шом аст.

Ғуломи Ҳамадонӣ

3. То ки хуршеди чаҳонафрӯз хаст,
Аз пан ҳар шоми торе рӯз хаст.

Ричои Исфаҳонӣ

АЗ ПАСИ ДЕВОР БАСЕ ГӮШҲОСТ.

нис. Девор муш дорад, муш гӯш дорад.

1. Дор дар ин ташт забонро нигох,
То сарат аз ташт нагӯяд, ки оҳ!
Лаб макушой, арчи дар ӯ нӯшхост,
К-«аз паси девор басе гӯшхост».

Низомии Ганчавӣ

2. Наккош гуфт: Чодаре дорам бисозам, ки сафедӣ дар вай мисоли ситора дар оби тобон бошад ва сиёҳӣ бар вай монанди мӯи зан-

гиён бар баногўши туркон дурахшон. Чун ту он аломат мушоҳида кунй, вуд беруи хиром! Бо якдигар ин мавзоеа мегуфтанд ва гуломе аз они наккош дар паси девор истода мешунид. «Лаб накушой ағарат нўшхост, к-«аз паси девор басе гўшхост».

Аз «Анвори Суҳайлй»

АЗ ПАСИ ЗУЛМАТ БАСЕ ХУРШЕДХОСТ.

иит. Аз паи ҳар гирья охир хандаест.

Баъди навмедй басе уммедхост,
«Аз паси зулмат басе хуршедхост».

Аз «Амсолу ҳикам»

АЗ ПАСИ МУРДА БАД НАБОЯД ГУФТ.

Эҳтироми мурдаро нигоҳ бояд дошт. Мук. Мурда бадномиро намедонад.

1. Ман зи бодаш сипарфиганда чу меғ,
Ў кашида чу барқ бар ман теғ.
Чун худо дафъ кардаш аз сари ман,
Рафт ғавғои меҳнат аз дари ман.
Гар бадй кард, чун ба некй хуфт?!
«Аз паси мурда бад набояд гуфт».

Низомии Ганҷавй

2. Гуфтаанд он чунон, ки бояд гуфт,
К-«аз паси мурда бад нашояд гуфт».

Хусрави Деҳлавй

3. Баъди ин аз Қўқанд номи боз як одами дигарро гирифтанд. Вай ба ҳамаамон маъқул нашуд. Дам хуту дам ҳамал, чома дарбеҳу шикам тарбеҳ — як ҳарина буд. Аз гуноҳам гузаред, ки маломати мурдарафтаро мекунам. **«Аз паси мурда бад набояд гуфт»** мегўянд. Бигёед, ки номашро нагирам. Хуллас, ўро қабул накардем.

Раҳим Ҷалил

АЗ ПАСИ ХАР ШОМГАХЕ ЧОШТЕСТ.

иит. Аз паи ҳар гирья охир хандаест.

Эй фалак, охистатар, ин даср чанд?
В-эй замй, охистатар, ин чабр чанд?
«Аз паси ҳар шомгахе чоштест»,
Охири бардошт фурўдоштест.

Низомии Ганҷавй

АЗ ПАҲЛУИ ШЕРОН БА ЗАНФОН РАСАД ОҲУ.

Аз зӯрон бечорагон ранҷу ғам мебинанд.

Ҳосид кунад андеша, ки ин соҳири сирф.
К-оҳуш фиристанд на дурроҷу на теҳу.
Оре, масал аст ин, ки ҳакимон бисуруданд,
«Аз паҳлуи шерон ба занфон расад оҳу».

Ҳабиби Космӣ

АЗ ПЕШИ ҚОЗӢ ДУ ХАСМ РОЗӢ НАЕЯД.

ниг. Ду хасм аз пеши қозӣ розӣ наравад.

АЗ ПОДШОҲ АГАРЧИ ДУР БОШӢ, ЭМИН МАБОШ!

мук. Аз сӯҳбати подшоҳ бипарҳез, чун пунбаи нарм з-оташи тез!
Подшоҳ ба офтоби рахшанда монад, ки аз як ҷой ба чумӣ ан актори чаҳон тобад ва партави анвори ӯ бар ҳар ҷо, ки расад, ба навъе дигар асар намояд, то рӯъби яъс ва рӯъби ҳарос дар адонӣ ва акосӣ бар ҳар диле ба шакле дигар истило гирад ва он чӣ гуфтаанд: **«Аз подшоҳ агарчи дур бошӣ, эмин мабош!»** ҳамин тавонад буд.

Аз «Марзбоннома»

и ш о р а:

Зи шоҳӣ ин чунин дурӣ гузинанд,
Чӣ бедардист в-он гаҳ орамидан?

Абдулқодири Бедил

АЗ ПУШАЙМОНӢ ЧӢ СУД. АКНУН, КИ КОР АЗ ДАСТ РАФТ.

ниг. Пушаймонӣ надорад суд.
Шер мутааҷҷиб шуд ва маломаткунон гуфт:
— Охир, таъзиби ҳайвоне билофонда чӣ натиҷа дошт ва таъҷил намудан дар муҳимме, ки фурсати мубоширати он фавт намешуд, чӣ фонда дод? Садоди раъй иктизои он мекард, ки худро забт кунӣ ва саботи азм бар он далолат дошт, ки инони тамкин аз даст нагузорӣ, то саранҷоми кор пушаймонӣ накашӣ. **«Аз пушаймонӣ чӣ суд акнун, ки кор аз даст рафт!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ПУШТИ (ПАСИ) ШОЛӢ КУРМАК ОБ МЕХӮРАД.

Агар касе аз паси касе манфиати моддӣ бинад ва ё дар катори дигарон ӯ ҳам фондае бинад, ин зарбулмасалро истеъмол мекунанд. Мук. Дар катори шолӣ курмак об мехӯрад.
Калоншавандаи занон (вакили занон) Холҷонбибӣ ҳам моро мешиносад, **якчанд бор ба ман чӣ қадар ғапҳо зада буд; ман ҳозир ба**

пеши Сангинчон меравам ва бо ӯ маслиҳат мекунам, агар бошад хуб, агар набошад ба пеши чиҳодел меравам, балки «аз пушти шолӣ курмак об хӯрдагӣ» барин ман ҳам каси нағз медидагиамро мебинам.

Баҳриддин Азизӣ

1. АЗ РОСТ НАБОЯД РАНҶИД.
2. АЗ РОСТ НАРАНҶАНД.

Сухани рост ҳарчанде талх бошад ҳам, онро наранҷида боид пазируфт. Инг. Сухани рост талх бошад.

и ш о р а:

1. Субҳидам мурғи саҳар бо гули навхоста гуфт:
Ноз кам кун, ки дар ин бог басе чун ту шукуфт.
Гул бихандид, ки аз рост наранҷам, вале
Ҳеч ошиқ сухани сахт ба маъшуқ нагуфт.

Хофизи Шерозӣ

2. Гар ин муроди ҳасуд аст, ҳақ ба ҷонибӣ ӯст,
Зи ҳарфи ҳақ нашавад ранҷа марди донишвар.

Ҳабиби Қоонӣ

АЗ РОСТӢ БИГЗАРӢ, НЕСТ РОҲ.

муқ. Ростӣ — растӣ.

Ба фарзанд посух чунон гуфт шоҳ,
Ки **«аз ростӣ бигзарӣ, нест роҳ»**.
Аз ин беш кардӣ, ки гуфтӣ ту кор,
Ки ёри ту бодо чаҳонкирдигор.

Абулқосими Фирдавсӣ

АЗ РОҲ ЕФТА ВАФО НАДОРАД.

муқ. Аз бод омада, ба бод шавад.

— Хамин духтари аз зери чанор ёфта овардаамро ба никоҳи ман дароред.

Падараш **«аз роҳ ёфта вафо надорад»** гӯён розӣ нашуд.

Аз «Расво шудан»

АЗ РӮБАҲ НАЁЯД ШЕРГИРӢ.

Одамони тарсончаку нотавон далерӣ карда наметавонанд.

Макун бо чашми сармастам далерӣ,
Ки **«аз рӯбаҳ наёяд шергирӣ»**.

Убайди Зоконӣ

АЗ РӮЗӢ БИКОҲУ БАР РӮШНОӢ АФЗО!

инг. Рӯзатро фурӯшу рӯшноӣ хар!

АЗ РӮИ КИНА КИНАВУ АЗ РӮИ МЕХР МЕХР.

Ба бадӣ бадӣ, ба нагзӣ нагзӣ.

Ба Толиб як масъалаи дигар нороҳат буд: Обидзода-ку Шарофоро чашми дидан надошту номаш ба хотираш расад, ба дами тер рӯ ба рӯ шудагӣ барин, ларза ба пайкараш меафтод, дар ин ҳолат **«аз рӯи кина кинаву аз рӯи меҳр меҳр»** гуфтагӣ барин Шарофов ҳам Обидзодаро бояд бад медид, аммо чаро Шарофов инро зоҳир намекунад?

Рачаб Амонов

АЗ РӮИ ХОӢ-ХОЮ АЗ ДАРУН ВОӢ-ВОӢ!

Ба касоне зоҳираи ороста, вале ботинан пуч гуфта мешавад. Мук. Аз берун накшу нигор асту дарун холи зор.

Ман ба ӯ гуфтам, ки маро мебахшед, рафик, ман сурати одамеро, ки **«аз рӯиш хоӣ-хою аз дарунаш воӣ-воӣ»** бошад, намегирам.

Раҳим Ҷалил

АЗ РӮ ШОНА, АЗ ТАГ ФОНА

Ба касоне ки дар ҳузур таърифу тавсиф, дар ғайб таънаю маломат мекунанд, гуфта мешавад.

Сафарҳон: Гуфтам-ку, барон рафтан! Гапро ин қадар мехоед? Даст монед, дигар токаташ намонд **«Аз рӯ шонаю аз таг фона»** — нагэ мефаҳмам. Шумо мард бошед, мо ҳам акнун бача нестем. Нэмусу зарда дорем мо ҳам!

Абдуҷалил Баҳорӣ

АЗ САВДОИ НАКД (НАКДОНАКД) БӮИ МУШК МЕОЯД.

Савдои накд дилпазир аст. Мук. Савдои аввал бӯи мушк дорад.

1. Бидеҳ бӯса ба ҳалвоию бистон чони ширириро,
Ки **«аз савдои накдонакд бӯи мушк меояд»**.

Абдулқодири Бедил

2. Ба васли насия чои додан салоҳи синарешон нест.
Ки **«аз савдои накдонакд бӯи мушк меояд»**.

Салим (Аз «Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон»)

АЗ САГ ТАРСӢ, ГАДОӢ НАКУН!

инг. Аз гунчишк тарсӣ, арзан накор!

АЗ САД ЧӮБА ОЯД ЯКЕ БАР НИШОН.

Сахъо кӯшиши зиёде ҳамеша натичабахш аст, одам аз давутози зиёд ба мақсадаш мерасад.

ш о р а:

Пан рафъи ракиб аз оҳи дил як дам наям холӣ,
Яке аз сад ҳазорон тир шояд бар нишон ояд.

Муҳаммади Фузулӣ

АЗ СУСТИИ ОДАМИЗОД ГУРГИ ОДАМХОР ПАЙДО МЕШАВАД.

Токатоварӣ ва бепарвоӣ ба чабри ситамгарон бонси ҷасорат гирифтани онҳо мешавад.

АЗ СУХАНГӮЙӢ ҚОЛ ПУРС, НА ҲОЛ,
АЗ ЗИРЕҲГАР ЗИРЕҲ ТАЛАБ, НА ҶУВОЛ.

Ислохи ҳар нуқсонро аз донандаи он бояд пурсид.

Мардро зеҳн зи ҳол бархезад,
Ҳол бояд, ки қол бархезад.
«Аз сухангӯй қол пурс, на ҳол,
Аз зирехгар зирех талаб, на ҷувол».

Абдураҳмони Сонӣ

АЗ СУХАН СУХАН МЕШИКОФАД.

яиг. Сухан аз сухан хезад.

Ва ман ҳикояте ҳондаам дар ахбори ҳулафо, ки ба рӯзгори Мӯътасим будааст ва лахте бад-он монад ки биёвардам. Аммо ҳавлтар аз-ин рафтааст, вочибтар дидам ба овардан, ки китоб, хосса таърих, бо чунин чизҳо хуш бошад, ки **«аз сухан сухан мешикофад»**, то хонандагонро нишот афзояд ва хондан зиёдат гардад.

Аз «Таърихи Байҳақӣ»

1. АЗ СӮЗАНИ КӮТОҲКАД КОРЕ ОЯД, КИ АЗ НАЙЗАИ БАЛАНД НАЕЯД.
2. АЗ СӮЗАНИ ХУРДКОМАТ КОРЕ ОЯД, КИ НАЙЗАИ ДАРОЗКАД ДАР ОН ОЧИЗ БИМОНАД.

Аз дасти одамони хурду назарногир баъзан чунон корҳои азим меояд, ки калонону зӯрон дар ичрои онҳо очиз мемонанд. яиг. Душман натавон ҳакиру бечора шумурд.

1. Фараз аз эроди ин афсона он аст, ки хеч душманро, агарчи бағоят ҳакир бошад, хор набояд дошт, зеро **«аз сӮзани хурдкомат коре ояд, ки найзаи дарозкад дар он очиз бимонад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Моро пеши меҳтари пашшаҳо бояд рафт ва бо ӯ маслиҳат дид ва машварат кард ки гуфтанд: «Машварат раҳбари савоб омад, дар ҳама кор машварат бояд, ки ҳар касе аклу тадбир дорад» ва гуфтаанд, ки **«аз сӯзани кӯтоҳқад коре ояд, ки аз найзаи баланд наёяд».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

АЗ СӮХТА ҶУЗ ДУД ЧИЗИ ДИГАР НАОЯД.

Аламдида танҳо изҳори алами худ мекунад.
и ш о р а:

Бегонаи ишкро ҳаром аст самоъ,
Зеро ки наёяд ба ҷуз аз сӯхта дуд.

Саъдии Шерозӣ

АЗ СӮҲБАТИ ПОДШАҲ БИПАРҲЕЗ. ЧУН ПУНБАИ НАРМ (ҲЕЗУМИ ХУШК) З-ОТАШИ ТЕЗ!

Шоҳон ниҳоят ҳудписанду ҳавобаланд ва бадгумону бераҳманд, аз онҳо ҳар гоҳ сар задани нохушӣ ва мусибат табиӣ аст. Мук. **Аз подшоҳ агарчи дур бошӣ, эмин мабош!**

1. Бигзор маоши подшоҳӣ,
Қ-оворагӣ оварад синоҳӣ.
«Аз сӯҳбати подшаҳ бипарҳез,
Чун пунбаи хушк з-оташи тез».
З-он оташ, агарчи пур зи нур аст,
Эмин бувад он касе, ки дур аст.
Парвона, ки нури шамъаш афрӯхт,
Чун базмиёнинии шамъ шуд, сӯхт.

Низомии Ганҷавӣ

2. Димна гуфт: Он чӣ фармудӣ аз рӯи некхоҳӣ буд ва ман медонам, ки султон мисли оташи сӯзон аст, ҳар кӣ ба вай наздиктар ҳатари ӯ бештар аст. **«Аз сӯҳбати подшаҳ бипарҳез, чун ҳезуми хушк з-оташи тез!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

и з о ҳ:

Бидон, к-аз ҳама чизҳо ошкор,
Сабуктар бигардад дили шаҳриёр.
Ки дар подшоҳон умед асту бим,
Якеро самумӯ дигарро насим.
Чу чарх аст кирдорашон гирдгард,
Яке шод аз ишон яке пур зи дард.

Гарат чанд густох дорад ба пеш,
Чунон тарс аз ӯ, к-аз бадандеши хеш.
Мабин нармии пушти шамшери тез,
Гузораш, нигар гохи хашму ситез.

Асадии Тӯсӣ

1. АЗ ТАВОЗӮЪ БУЗУРГВОР ШАВӢ
В-АЗ ТАКАББУР ЗАЛИЛУ ХОР ШАВӢ.
2. АЗ ТАВОЗӮЪ ГИРОМӢЯТ СОЗАНД,
В-АЗ ТАКАББУР БА ХОҚАТ АНДОЗАНД.

Мик-абӣ

Хоксорӣ, фурӯтанӣ бонси иззату хурмат ва баландмартабагӣ, такаббур бонси хорӣ ва зорӣ аст.

н а з и р:

1. Тавозӯъ мар туро дорад гиромӣ,
Зи кибр ояд бадӣ дар некномӣ.

Носири Хисрав

2. Тавозӯъ кунад хушманди гузин,
Нихад шохи пурмева сар бар замин.

Саъдии Шерозӣ

АЗ ТАРБИЯТ АСТ, К-ОБ ГАВҲАР ГАРДАД,
ХУН ДАР ТАХИ НОФ МУШКИ АЗФАР ГАРДАД.

Кудрати тарбият шиҳоят бузург аст, хама хислатҳои нек аз тарбият аст.

Акнун назари тарбият баргуморем, то ихтибоси авсофи сутуда ба мартабаи камол расад. Чи асари тарбият санги хороро ёкути фарахафзо ва лаъли обдори дилкушой месозад ва ба юмни таквият хуни сиёх мушки хушбӯи голиябор ва катраи борон гавхари яктои шохвор мешавад. **«Аз тарбият аст, к-об гавҳар гардад, хун дар таҳи ноф мушки азфар гардад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ТЕША КАЛОН ТАБАР АСТ.

мук. Даст болои даст бисьёр аст.

АЗ ТУФАНГИ ХОЛӢ ДУ КАС ТАРСАД.

инг. Аз камони шикаста ду тан тарсад.

АЗ ТУ ҲАРАКАТ, АЗ МАН (ХУДО) БАРАКАТ.

инг. Харакат аз ту баракат аз ман.

— Чашм нарасад, токатон тахти равон. Худо нурашро рехтааст, ангур хам сар болои сар,— гуфт ӯ.

— «Аз ту харакату аз ман барака» гуфтааст худо,— сар чунбонд Махмудхӯча,— парвариш даркор будааст. Меҳнати чисмонӣ тану чони одамро сихат мекунад. Бинобар ин хар рӯз худам кор мекунам.

Раҳим Ҷалил

н а з и р:

1. Нашояд бехӣ ёфт бе ранҷу бим,
Ки бе ранҷ кас н-орад аз санг сим.

Асадии Тӯсӣ

2. Агар коре куний, музде ситонӣ,
Чу бекорӣ, якин бе музд монӣ.

Носири Хисрав

3. Чун нишинӣ бар сари кӯи касе,
Окибат бинӣ ту хам рӯи касе.

Ҷалолиддини Румӣ

4. Ганҷ хохӣ, дар талаб ранче бибар,
Хирмане мебоядат, тухме бикор.

Саъдии Шерозӣ

5. Ток аз паси гӯра мединҳад мул,
Шох аз паси сабза мединҳад гул.
Коне, ки канӣ зи бахри гавҳар,
Сангат диҳад аввал, он тахе зар.
Чун боз занӣ зи найшакар банд,
Хас дар даҳан оянд аввал аз қанд.

Хусрави Деҳлавӣ

АЗ ФАЗЛАИ ХАЙВОН НОРИНҶ ТАВОН СОХТ, ВАЛЕ БӮ НАТАВОН КАРД.

Чизхои сохта сифатан аз чизҳои табиӣ фарқи куллӣ доранд, мук. Накши анбар бӯй намедиҳад.

Харчанд занад лофи карам марди дирамдӯст,
Дарьюзан эҳсон зи дари ӯ натавон кард.
Дарин масале хаст, ки **«аз фазлаи хайвон Норинҷ тавон сохт, вале бӯ натавон кард»**.

Абдураҳмони Ҷомӣ

АЗ ФАРЬЕДИ ХАР КАСЕ НАРАНҶАД.

инг. Абрро бонги саг эшёи некунёд.

АЗ ХАВАР ЁД НАЕРАНД КУҶО ХАСТ АЁН.

инг. Аёнро чй ҳоҷат ба баён?

Чанд гӯянд зи «Шаҳнома» суханҳои дурӯр,
Чанд хонанд хунархои фалону баҳмон?
Сирати шоҳ аён асту дигар ҷумла хабар,
«Аз хабар ёд наёранд, куҷо ҳаст аён».

Абулқосими Унсурй.

АЗ ХАТАР ХЕЗАД ХАТИР.

Агар худро ба хатар андозй, аз хатар ҳазар накунй, ба бузургию обрӯи халои мерасй. Мук. Накарда хатар дар замона басе, гиромй нашуд ё ки номй касе.

и ш о р а:

1. Аз хатар кардан бузургию хатир ҷӯям ҳаме,
Ин масал нашнидай, к-андар хатар бошад хатир.

Муҳаммади Мушэй

2. Димна гуфт: Рост, чунин аст, лекин ҳар кй аз хатар бипарҳезад, хатир нагардад.

Аз хатар хезад хатир, зеро ки суди дах чиҳил,
Барнабандад гар битарсад аз хатар бозоргон.

Аз «Анвори Суҳайлй»

3. Хатар дар замона касе афганад,
Ки ӯ хештан дар хатар афганад.
Накарда хатар дар замона басе,
Гиромй нашуд ё ки номй касе.
Касе к-ӯ бувад дар чаҳон номҷӯй,
Накардаст ҳаргиз ба ором хӯй.

Адиби Пешоварй

назир:

1. Зи душман кай хазар ҷӯяд хунарҷӯй,
Зи дарьё кай бипарҳезад гуҳарҷӯй?

Фахриддини Гургонй

2. **Зи мушкилоти тариқат инон матоб, эй дил,**
Ки марди роҳ наяндешад аз нишебу фароз.

Ҳофизи Шерозй

АЗ ХЕШИ ДУР ХАМСОЯ БЕХ (-ТАР) АСТ.

мук. Хамсояи наздик бех аз бародари дур.

АЗ ХИРС МЎЁ.

1. Аз одами хасис чизи андак ҳам ба даст онд, ғанимат аст. 2. аз бисъёре каме гуфтанӣ бошанд, ин зарбулмасалро эрод менамоянд. Мук. Як мў аз хирс ғанимат аст.

1. Маро сардор пашмин ҷуббае дод,
На онро остаре буду на мўе.
Зи фарти қўҳнагӣ бигзашта аз он-к
Пазирад як сари сўзан руфўе.
Яке аз дўстонам гуфт: Бистон,
Магар нашнидай **«аз хирс мўе»**.

Ятмои Чандақӣ

2. Ҷаноби Хармагас, ба ақидаи ман ин қабил ашхос хупашон ҳалол ва молашон мубоҳ аст. Чӣ зарар дорад бигиред, бихўред, як об ҳам болош. Дамдамӣ, бале, ҳарчанд ҷасорат аст, вале маскле аст маъруф, ки мегўянд: **«Аз хирс мўе»**.

Алиакбари Деҳхудо

3. Аммо биёбон дар ҷавоби меҳнатҳои ҷонкоҳонаи одам ниҳоят кам — ба хукми **«аз хирс мўе»** самара бахшидааст.

Абдусалом Деҳотӣ

АЗ ХОНАИ СЎХТА ҲАР ЧӢ БАРОЯД, СУД АСТ.

мук. Ҳар чӣ аз зарар баргардад, нафъ аст.

АЗ ХОР БАРАНДЕШӢ ХУРМО НАТАВОН ХЎРД.

мук. Хор бо хурмост.

Сад неку бад натавон кард фаромўш,
«Аз хор барандешӣ, хурмо натавон хўрд».

Абўалиӣ Абулхайр

назир:

Чунин гуфт Хамдонгушаспи баланд,
Ки «эй назди пурмояғон арҷманд.
Зи ноомада бад, чӣ тарсӣ ҳаме,
Зи дайхими шоҳӣ чӣ пурсӣ ҳаме?
Бикун кору кардаи ба яздон супор,
Ба хурмо чӣ ёбӣ, чу тарсӣ зи хор?

Абулқосими Фирдавсӣ

АЗ ХУБОН ШАРОФАТ, АЗ БАДОН ҚАСОФАТ.

ниг. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо деғ шинӣ, сиёҳ шавӣ.

АЗ ХУМИ СИРКА СИРКА ПОЛОЯД.

мук. Аз кӯза ҳамон буруи таровад, ки дар ӯст.

Феълолуда гавҳар олояд,
«Аз хуми сирка сирка полояд».

Абулқосими Унсурӣ

назир:

Хирадманде, ки неъмат хӯрд, шукри он-ш бояд кард,
Азеро к-аз сабӯи сирка чуз сирка наёғорад.

Носири Хисрав

АЗ ХУРДОН ГУНОҲУ АЗ КАЛОНОН БАХШИДАН (АТО, АФВ КАРДАН).

ниг. Аз хурдон хато, аз бузургон ато.

— Шокир-ака,— гуфт Кулмурод бо як оҳанги узрхоҳона **«аз хурдон гуноҳ кардан ва аз калонон бахшидан»** гуфтаанд, агар аз мо беадабие гузашта бошад, бубахшед!

Садриддин Айнӣ

ишора:

Ва доностаам, ки ҳарчанд гуноҳ бузург бошад, сифати афв аз он бузургтар хоҳад буд. «Гар азим аст аз фурӯдастон гуноҳ, аз бузургон афв кардан аъзам аст».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

1. АЗ ХУРДОН ХАТО АЗ БУЗУРГОН АТО,
2. АЗ ХУРДОН ХАТОВУ АЗ БУЗУРГОН АТО АСТ.

Калонсолону бузургон бояд ба хатои хурдон гузашт кунанд.
мук. Аз бузургон афв будааст, аз фурӯдастон гуноҳ.

1. **«Зи хурдон хато в-аз бузургон атост»,**
Ки андешаи хурд аксар хатост.

Абдуллоҳи Ҳотифӣ

2. — Тақсирҷон, акнун ҳафа намешаветон-дия, **«аз хурдон хато, аз бузургон ато»** гуфтаанд. Баъд инҳо бачаҳои охиратзамон-дия, чӣ кор кунем, тақсир!

Абдусалом Деҳотӣ

ишора:

1. Хатои бандагон бошад ба ҳар ҳол,
Ки то пайдо шавад авфи бузургон.

Анвории Абеварди

2. Зи ман маъсият, аз ту бахшиш сазоист,
Зи банда хатову зи мавло атоист.

Ҳамиди Кашмирӣ

3. Сабуктар кун, адолатпеша шоҳо,
Ҷазои сахти ин гумраҳ ҷавонро,
Ки аз хурдон агар сар зад хатое,
Ба он бояд бузургонро атое.

Мирзо Турсунзода

назир:

Гар гуноҳе, кардаам, ал-эътизор, ал-эътизор,
Гар хатое рафт аз он, ал-ичтиноб, ал-ичтиноб.
Ман ҳаволат мекунам хашми туро бар лутфи ту,
Ҳуд кӣ ҷуз лутфат тавонад гуфт хашматро ҷавоб?
Дар ҷаҳон расми қадим аст аз бузургон марҳамат,
В-аз фурӯдастон хато в-аллоҳу аълам биссавоб.

Салмони Соваҷӣ

АЗ ХӮИ БАД БАД ШАВАД ОДАМӢ,
Н-АЗ РӮИ БАД БАД БУВАД ОДАМӢ.

Собири Тирмизӣ

Бадкунандаи одам на ҳусни нозебои ӯ, балки феълу хӯи бади ӯст.

АЗ ҶАРОҒЕ БИСЬЕР ЧАРОҒ ТАВОН АФРӮХТ.

Аз фазлу дониши як каси фозил касони бисьёр бахравар мегарданд. Муқ. Афрӯхтани тавон зи яке шамъ сад чароғ.

Пас аз ҳар бобе сухане чанд ки ба кор оянд, бигӯем, то туро маълум шавад, ки аз ҳар навъе турфа гуфтем, чун ба гӯши дил шунавӣ, тӯро худ аз ин ҷо истихроҷҳо уфтад, ки **«аз чароғе бисьёр чароғ тавон афрӯхт»**.

Аз «Кобуснома»

назир:

Акл донад ба акл боз шитофт,
Дидаро чуз ба дида натвон ёфт,
Ки яке шамъ зинда кард ба бог,
Ба яке бӯса сад ҳазор чароғ.

Абулмаҳди Сонӣ

АЗ ЧАШМ ДУР, АЗ ДИЛ ДУР.

мук. Аз дил биравад, ҳар он чӣ аз дида бирафт.

АЗ ЧУМЧУҚ ТАРСӢ, АРЗАН НАКОР (МАКОР)!

иниг. Аз гунчишк тарсӣ, арзан макор!

— Ҷӯи калонро бо чӣ мекобед? Бо даст? Бо даст ин кор дар як сол ҳам тамом намешавад.

— Район экскаватор медиҳад.

— Дар сандалӣ шишта нақша кашидан осон. Аммо **«гапи хона ба бозор рост намеояд».**

— **«Аз чумчуқ тарсӣ, арзан накор!»** — ҳамчунон бо зарбулмасал ҷавоб дод Нуралӣ.

Сотим Улугзода

АЗ ЧУНИН ХИРМАН ИНЧУНИН ХӮША.

мук. Гӯшти нағз — шӯрбои нағз, шири нағз — чурғоти нағз.

Одам аз ҷаҳли туст дар гӯша,
«Аз чунин хирман инчунин хӯша».

Авҳадии Марағӣ

АЗ ШИКАСТАИ ХУД МУМИЕЙ ДАРЕҒ НАМЕБОЯД ДОШТ.

Аз «Марзбоннома»

Барои дармони ҳоли табоҳи худ, ҳеҷ чиз дареғ дошта намешавад.

АЗ ШИР СӮХТА, ДӮҒРО ПУФ КАРДА МЕХӮРАД.

мук. Моргазида аз ресмони ало метарсад.

АЗ ШИША ГАР ГУЛОБ РАВАД, БӮ НАМЕРАВАД.

мук. Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй.

Рафтӣ зи чашму нақши ту аз дил намеравад,
«Аз шиша гар гулоб равад, бӯ намеравад».

Аз «Гулистони маҳаррат»

АЗ ШУМИИ ШУМ СӮЗАД ШАҲРИ РУМ.

иниг. Ба касофати як шум сӯзад шаҳри Рум.

АЗ ШӮРАЗАМИН СУМАН НАРӮЯД.

Аз бад нек намерӯяд, бад ҳамеша бад аст. Мук. Аз ҳанзал шакар натавон сохт.

Замини дили нопокаш мусмир кабул нашавад, чунон ки дар масалҳо гӯянд: **«К-аз шӯразамин суман нарӯяд».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

ишора:

1. Замини шӯра сунбул барнаёрад,
Дар он тухми амал зоеъ магардон!

Саъдии Шерозӣ

2. Гул андар гили шӯра ҳаргиз макор,
Ки аз шӯрагил гул наёяд ба бор.
Надонӣ ки чун парвароӣ паланг,
Бидаррад саратро ба шамшери чанг.

Соҳиб

АЗ ЯК ГУЛ БАҲОР НАМЕШАВАД.

инг. Бо як гул баҳор намешавад.

АЗ ЯК ДАСТ САДО БАРНАЕЯД (БАРНАМЕХЕЗАД).

1. Барои бомуваффақият ба анҷом расидани ҳар коре иттифоқу иттиҳод лозим аст. 2. кас дар танҳоӣ ба ягон неки корҳо очиз аст, инг. Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт, муқ. Садо аз ду даст мехезад.

1. Хуш бувад илм бо амал пайваст,
Ки **«садо барнахезад аз як даст»**.

Камолиддини Бинои

2. Агарчи даст болои даст бисёр аст, аммо чун дасти пеш завол надорад, дасти саъй аз остини бахли ҷахд бароварда мӯҷиби он ки **«аз як даст садо барнаёяд (садо намеояд)»**, хост, ки дар ин кор ҳамдасте пайдо кунад, ба хидмати яке аз дӯстон изҳор намуд.

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

3. Хомӯшӣ ниятӣ вожунан пургӯён аст,
Нест мумкин, ки **«зи як даст садо бархезад»**.

Соиби Табрезӣ

4. Ду-се соли пеш раиси нав интихобшуда — Рачабалӣ Давлатов ва чонишини вай Пахол Ҳалимов ба кори пурчӯш сар карданд. Лекин чунон ки дар урфият мегӯянд: **«Аз як даст садо барнамеояд»**, раис ҳар қадар чашми кордон бошад ҳам, бе мадади омма кори намоёне карда наметавонист.

Абдусалом Деҳотӣ

ишора:

1. Ҳеҷ бонги каф задан н-ояд бадар,
Аз яке дасти ту бе дасте дигар.

Ҷалолиддини Румӣ

2. Гуфтанд: «Дар ин сарочаи паст,
Боло наравад садо зи як даст,
То дасти дигар насозияш ёр
Набвад ба садодиҳӣ сазовор!..»

Абдурахмони Ҷомӣ

3. Зуҳураш дар оғӯш рабти ҳам аст,
Асар як қалам дар дуӣ мудғам аст.
Вагарна чу даф з-ин ҳама бешу кам
Нахезад навое ба як даст ҳам.

Абдулқодири Бедил

4. Ё раб, бигир чашму дилеро, ки додай,
К-ин моям мусибату он поям балост.
Бо ман агар аз ин ду яке буд нек буд,
Ин нукта равшан аст, ки як даст бесадост.

Абулқосими Ҳолат

АЗ ЯКЕ ЧЎБ ҲАМЕ МИНБАРУ ДОР ОЯД.

мук. Панч ангушт баробар неет.

Созгорӣ кун бо даҳри чафопеша,
Ки баду неки замона ба қатор ояд.
Гар бад омадат гаҳе, акнун нек ояд,
Ки **«аз як чӯб ҳаме минбару дор ояд»**.

Носири Хисрав

и ш о р а:

1. Ба чӯб монад ҳар ду хилофу тоати ӯ,
Аз ин: валиро минбар, адӯро дор.

Абулқосими Унсурӣ

2. Зи як падар ду писари неку бад ачаб набвад,
Ки аз дарахте пайдо шудааст минбару дор.

Абдунафои Аскофӣ (Аз «Тазаккури Байҳақӣ»)

АЗ ЯК ПАРАСТУ БАҲОР (ТОБИСТОН) НАМЕШАВАД.

ниг. Бо як **гул баҳор** намешавад.

АЗ ГИЗО ХЎРДАН ТУ БОШӢ ЖАНДАПИЛ,
В-АР ХЎРӢ КАМТАР, ШАВӢ ЧУН ЧАБРАИЛ.

Кам хӯрдани хӯрок бисёр саломатӣ аст. Ниг. Кам-кам хӯру ҳар рӯз хӯр.

АЗ ГОРИ БАД БЎИ БАД.

Аз ҳаси бад—сухани бад. инг. Ҳарфи бад бар забони бад бошад.
— Шавҳари ту — Султонбек ҳалок шудагист...
— **«Аз гори бад — бўи бад».**

Мирсаид Миршакар

АЗ КАЗО ҲАЛВО ШАВАД РАНҶИ ДАҲОН.

мук. Чун казо ояд, табиб аблаҳ гардад.

Чун қазо ояд шавад танг ин ҷаҳон,
«Аз қазо ҳалво шавад ранҷи даҳон».

Ҷалолиддини Румӣ

АЗ ҚАФАС МУРҒ БА ҲАР ҶО, КИ РАВАД, БЎСТОН АСТ.

Соиб

Қадри озодӣ пас аз азобу маҳбусӣ беҳтар донистa мешавад.

АЗ ЎҲДАИ АҲД АГАР БЕРУН ОЯД МАРД,
АЗ ҲАР ЧӢ ГУМОН БАРӢ, ФУЗУН ОЯД МАРД.

Дар кавли худ устувор будан, ваъдаи худро ичро намудан беҳтарини хислатҳост.

1. Мангар ту бад-он ки зўфунун ояд мард,
Дар аҳду вафо нигар, ки чун ояд мард.
**«Аз ўҳдаи ахд агар бурун ояд мард,
Аз ҳар чӣ гумон барӣ, фузун ояд мард».**

Абулмаъуди Саноӣ

2. Биёмадам то туро биёғоҳонам ва бурҳони аҳди хеш, ҳарчи лоеҳтар бинамоям ва он чӣ аз рўи дин ва мурувватu шарти ҳифозу ҳимояту футувват бар ман воҷиб аст, ба адо расонам. **«Аз ўҳдаи ахд агар бурун ояд мард, аз ҳар чӣ гумон барӣ, фузун ояд мард».**

Аз «Калила ва Димна»

3. Аз караму тинату лутфи хислат ва насаби кариму ҳасаби шарафи подшоҳ он лоиқтар, ки аз ўҳдаи ваъда берун ояд ва ҳусни аҳд кор бандад ва вафо ба адо расонад, ки бузургон гуфтаанд: **«Аз ўҳдаи ахд агар бурун ояд мард, аз ҳар чӣ гумон барӣ, фузун ояд мард».**

Аз «Синдбоднома»

АЗ ХАВО ОМАДА, БОЗ БА ХАВО МЕРАВАД.

инг. Аз бод омада ба бод меравад.
нашр:

Ман баъд аз хондани хат ба дахлези меҳмонхона рафта аз хўрчини чойро оварда ба пеши Арбоб мондам ва ба Зарафшон фурў рафтанамро накл карда, ба самоворчй, додани як қисми чойро ба вай часпондам.

— Зарар надорад,— гуфт Арбоб, аз хаво омада будаанд, боз ба хаво рафтаанд.

Садриддин Айнй

АЗ ҲАЛВО ГУФТАН ДАҲОН ШИРИН НАМЕШАВАД.

нинг. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Ҳоло чй кайфе бурдам, коре бо он надорам ва **«аз ҳалво гуфтан низ ки даҳон ширин намешавад».**

Сайидмуҳаммадалии Ҷамолзода

ишора:

Тавон гуфтан суҳан, Қассоб, чанд аз лаълп нўшинаш,
Кучо ширин даҳон аз ҳарфи «ҳалво» метавон кардан?

Қассоби Кошонй

АЗ ҲАМДАМИ БЕВАФО ЧУДОЙ ХУШТАР АСТ.

Подшоҳ фармуд, ки бадтарин гуноҳе фош кардани асрор аст ва аз ту гуноҳ дар вучуд омада ва баъд аз он ки сирри бародарамро, ки аз чумлаи мулозимон туро ба маҳрамияти он ихтисос дод ва нигоҳ надоштй, маро бар ту чй эътимод хоҳад буд? **«Аз ҳамдами бевафо чудой хуштар аст».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

АЗ ҲАМПУШТИИ ДУШМАНОН АНДЕШ, НА АЗ БИСЬЕРИИ ИШОН!

Зўрии душманон на ба бисьёр будани миқдори онҳо, балки дар иттифоқу муттаҳид будани онҳо мебошад.

Ва аз бисьёрии миқдорашон набояд андешид, ки далеронй коромуда гуфтаанд, ки **«аз ҳампуштии душманон андеш, на аз бисьёрии ишон».** Ту собиткадам бошу дилқавй ва ният тавнят бар адлу раҳмат мунтавй дор!

Аз «Марзбоннома»

1. АЗ ҲАНЗАЛ НАШОЯД КАРД ШАККАР,
2. АЗ ҲАНЗАЛ ШАККАР НАТВОН СОХТ.

Аз бад нек сохтан номумкин аст. Мук. Аз шўразамин суман нарўяд.

Ба посух гуфт Виси моҳпайкар,
Ки **«аз ҳанзал нашояд кард шаккар».**
Харири мехрубонӣ н-ояд аз санг,
Набиди арғувонӣ н-ояд аз банг.
Нагардад мум ҳаргиз ҳеч оҳан,
Нагардад дӯст ҳаргиз ҳеч душман.

Фахриддини Гургонӣ

1. АЗ ҲАР ДАСТ БИДИҲӢ, АЗ ҲАМОН ДАСТ ХОҲӢ ГИРИФТ.
2. АЗ ҲАР ДАСТ БИДИҲӢ, ПАС МЕГИРӢ.

мук. Аз мукофоти амал ғофил машав, ғандум аз ғандум бирӯяд, чав зи чав.

ш ш о р а:

Накӯӣ кун, ки расад накӯиҳат, дар масал аст ин
Аз ҳамон даст, ки бидҳӣ, зи ҳамон даст ситонӣ.

Тақии Дониш

АЗ ҲАР ДЕГЕ НАВОЛАЕ ХУШ БОШАД.

Ҳар касу ҳар фикру андеша, ҳар касу ҳар феълу хӯе, ниг. Ҳар гулеро бӯе.

Ҳар касе, ки аз умр бархурдорӣ талабад, бояд ки бад-ин турраҳот назар накунад, то аз неъмати ҳамгинон ва сӯҳбати ишон маҳзуз ва муталаззиз гардад. Мардум аз ӯ малул нашаванд ва якин шиносад, ки **«аз ҳар деге наволае хуш бошад».**

Убайди Зоконӣ

АЗ ҲАР КАЛЛА ЯК САДО.

Ҳар кас як фикре дорад.

1. — Зиндонбон бо шогирдони худ баромада рафт, бандиён ҳам мазаи «Хуррият»-ро чашида, ба тақдир тан доданд ва **«аз ҳар калла як садо».**

— Ман нагуфта будам, ки аз дасти ин чадидҳоят якпула кор намеояд?!

Садриддин Айнӣ

2. Ин масъаларо ҳамчун бузкашӣ ҳар кас ба ҳар тараф мекашид. **«Аз ҳар калла як садо»** мебаромад.

Ҳаким Карим

АЗ ҲАР КӢ БАД ОЯД, ТАМАЪИ НЕК МАДОР,
ХОСИЯТИ КОФУР МАЧӮЕД ЗИ ФИЛФИЛ.

Ҳар касе, ки бад кард, аз ӯ умеди неки карданро мадор!

АЗ ҲАР ФАРДЕ КОРЕ ОЯД ВА ҲАР МАРДЕ АМАЛЕРО ШОЯД.

Ҳар кас кобили ичрои коре мебошад, ҳар кас барои ичрои коре офарида шудааст.

Дар чомаҳонаи гайб либоси амале хос бар болои волои ҳар кас дӯхтаанд ва аз ҳазонаи мавҳибати илоҳӣ хилъати муҳимме махсус фароҳўри қомати ҳар шахс тартиб дода, **«аз ҳар фарде коре ояд ва ҳар марде амалеро шояд».**

Магасро баҳри товусӣ назоданд,
Малахро фарри анқой надоданд.
Зи сирка орзӯи май нашояд,
Насими гул зи хори хушк н-ояд.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ҲАРЧИНГЎЙ ХОМЎШӢ БЕҲ!

Аз суханҳои бемаънӣ ва ҳарза гуфтан хомўшӣ беҳтар аст.

Сияҳкорӣ макун чун хоман хеш,
Бигӯ аз чашми пурхун номаи хеш.
Забонро гўшмоли хомўшӣ дех,
Ки хаст **«аз ҳарчингўй хомўшӣ беҳ!»**

Аз «Баҳори дониш»

АЗ ҲАР ЧӢ БИГЗАРАД (БИГУЗАРӢ), СУХАНИ ДЎСТ ХУШТАР АСТ.

Дўстон ба ҳамдигар хоҳ дурушту хоҳ талх гўянд, ҳама хуб аст.

1. Шабе ба ў гуфтам: Е шайх, ҳикояте бар сабили тамсил баён кун! Шайх тааммуле кард ва гуфт: **«Аз ҳар чӣ бигзарад, сухани дўст хуштар аст».**

Аз «Чеҳел-ат-тамсил»

2. **«Аз ҳар чӣ бигзарӣ, сухани дўст хуштар аст»,**
Аз ёр поз хуштару аз ман ниёзхо.

Адиби Пешоварӣ

АЗ ҲАР ЧОИ ЗАРАР БАРГАРДӢ, МАНФИАТ АСТ.

инг. Ҳар чӣ аз зарар баргардад, манфиат аст.

— Хочӣ, ман медонам ту аз пан пули молат хеле овора шуда, аз ходутирифт мондай. Зарари ин кор ба ту аз пули мебель чӣдтар гардид. Аммо росташро ба ту гуфта дихам, падарони мо гуфтаанд, ки **«аз ҳар чои зарар баргардӣ, манфиат аст».**

Ҳасан Ирфон

АЗ ҲАР ЧО КИ МЕБУРӢ, ХУИ БАРМЕОЯД.

Дар бораи он амре ки аз ичрояш фиску фасод ва харобӣ мехезад, гуфта мешавад.

н а з и р:

Ҳам аз хубе навъе дар ӯ дарҷ кард,
Ки ночор фарьёд хезад зи дард.

Саъдии Шерозӣ

АЗ ҲАР ЧО САНГ ОЯД, БА ПОИ ЛАНГ ОЯД.

инг. Камбағаларо аз болои ушгур саг мегазад.

АЗ ҲЕҶ ВАЙРОНА ДУД БАРНАМЕОЯД.

Дар он чое, ки одам нест, зиндагию ободӣ нест. Аксаш: **«Ҳар чо дудест, дамест».**

Чу хоҳӣ ки бар ганҷ ёбӣ калид,
Набояд инон аз риёзат кашид.
Масал зад дар ин он ки фарзона буд.
Ки **«бари-ояд аз ҳеҷ вайрона дуд».**

Низомии Ганҷавӣ

АЗ ҲУНАРИ ҲЕШ ҚУШО СИНАРО,
МОЯ МАКУН НИСБАТИ ДЕРИНАРО!

мук. Гирди номи падар чӣ мегардӣ? Падари хеш шав, агар мардӣ!

1. Аз падари мурда малоф, эй чавон,
Гар на сагӣ, чун хушӣ аз устухон?
**«Аз ҳунари хеш кушо синаро,
Моя макун нисбати деринаро!».**

Хусрави Деҳлавӣ

2. Шер гуфт: Тарбияти хирадмандон чӣ гуна бояд кард ва аз инон ба чӣ васила бар тавон хӯрд?

Димна гуфт: Асл дар ин кор он аст, ки подшоҳ назар ба ҳасаб кунад, на насаб ва агар чамъе беҳунарон хидмати обову ачдодро васила созанд, бар он илтифот накунад, ки одамиро насаб ба ҳунар дуруст бояд на ба падар. **«Аз ҳунари хеш кушо синаро, моя макун нисбати деринаро!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АЗ ҲУНАР ҲАР ЧӢ БЕШ — ДУШМАН БЕШ.

Марди ҳунарманд дар ҳунар харчи мохиртар бошад, душманаш низ зиёд хоҳад буд.

Нағз гуфт он ҳакими дурандеш:
«Аз ҳунар ҳар чӣ беш — душман беш».

Хусравии Деҳлавӣ

АЗ ҲУҶУМИ ПАШША ЧӢ, ХАЛАЛ ОЯД БА ПОИ ФИЛ?

мук. Чӣ халал ба пои пилон аз халачӯби говроиӣ?

АЗ ЧАВОНОН ҶУРМ КАРДАН, АЗ БУЗУРГОН БАХШИДАН.

инг. Аз бузургон афв, аз кӯчакон хато аст.

АЗ ЧАНГ ОШТӢ БЕҲТАР АСТ.

мук. Сулҳ беҳ аз ҷанг аст.

Ту ин қадар ҳам надонистаӣ, ки **«аз чанг оштӣ беҳтар аст»**. Ба элчӣ хилъат дод, гуфт: Фардо пагоҳ савор мешавем, маликаро мебарам. Элчӣ шодмон шуд.

Аз «Баҳр-ут-таворих»

АЗ ҶОНИ НАБАРОМАДА УМЕД.

1. Ҳолӣ ки вазъият ба табоҳӣ нарасидааст, умеди беҳшавии он ҳаст, 2. аз ислоҳпазирии мусибате набояд даст кашид.

Лекин, аз афташ, фашистон **«аз ҷони набаромада умед»** гуфтагӣ барин, ҳолӣ ҳам аз ёрии капиталистони Америка ва Англия дил наканда будаанд.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

АЙБ БОШАД БА ХОНА АНДАР МАРД,
МАРДРО КОРУ ШУҒЛ БОЯД КАРД.

Саноӣ

мук. Аз ту ҳаракат, аз худо баракат.

АЙБЕ, КИ БА ЯК ДУРӮҒ БИНШАСТ БА ДИЛ,
БО ГУФТАНИ САД РОСТ НАХЕЗАД АЗ ҶОЙ.

мук. Дурӯғзанро, ар чӣ гувоҳӣ рост диҳад, напазиранд.

Аз кишти дурӯғ дона ҳосил нашавад,
Дар зарфи дурӯғ баҳри худ мушк маёсой!
«Айбе, ки ба як дурӯғ биншаст ба дил,
Бо гуфтани сад рост нахезад аз ҷой».

Аҳмади Аҳғар

АЙБИ ХЕШ АЗ ЗАБОНИ МАРДУМОН ТАВОН ДОНИСТ.

Подшоҳ бояд ки ғарра нашавад, бад-он ки ҳар кӣ ба вай мерасад, бар вай сано меғӯяд, то гумон кунад, ки ҳама аз вай хушнуданд ё он хушомад аз дил меғӯяд, балки ин муомилаи онҳо аз бим бувад.

Пас боид ки мўътамадонро фармояд, ки тачассус кунанд ва аҳволи вай аз халқ пурсанд, ки **«айби хеш аз забони мардумон битавон донист»**.

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

назир:

Касе ба мадҳу сanoи бародарони азиз
Зи айби хеш набояд, ки бехабар бошад,
Зи душманон шунав, эй дўст, то чӣ мегўянд,
Ки айб дар назари дўстон ҳунар бошад.

Ибни Ямин

АЙБИ ХУД АБЛАҲ НАБИНАД ДАР ҶАҲОН,
БОШАД АНДАР ҶУСТАНИ АЙБИ КАСОН.

Аттор

— Ба шумо айбмонию эродгирӣ бошад бас. Аммо айби худатонро афсўс ки намебинед: Бе чиз нагуфтаанд, ки **«айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон, бошад андар ҷустани айби касон»**.

Раҳим Ҷалил

назир:

Дидани по хуштар аст аз болу пар товусро,
Айби худро дар назар беш аз ҳунар дорем мо.

Соиби Табрезӣ

АЙБИ ХУДРО ДОНИСТАН БЕҲТАР АЗ ҒАЙБ ДОНИСТАН АСТ.

Айби худро донистан беҳтарин сифати одамӣ аст. Мук. Ту агар айби худ ҳамедонӣ, най аз омма, бал чаҳонбонӣ.

ишора:

Агар дар хештан як дам бигардӣ,
Чу сад дил дон, ки дар олам бигардӣ,
Туро як зарра дар худ айб дидан,
Беҳ аз сад пири ғайб-ул-ғайб дидан.

Фаридаддини Аттор

назир:

1. Дида зи айби дигарон кун фароз,
Сурати худ бину дар ў айб соз!

Низомии Ганҷавӣ

2. Қабоҳатфаҳм бошу даъвиҷ илми Фалотун кун,
Беҳ аст аз айбдоиӣ, гар ту худро айбкун бошӣ.

Калими Кошонӣ

АЙБИ ХУД НОДИДАН АЗ ҲАР АЙБ БОШАД ЗИШТТАР.

То тавонӣ айбҳои хеш овар дар назар,
То тавонӣ баст дар ислоҳи нуқси худ камар.
Гар набинӣ айби худро, кай муназзаҳ з-он шавӣ?
«Айби худ нодидан аз ҳар айб бошад зиштттар!»

Аҳмади Ахгар

АЙБИ ХУД ФОШ НАМУДАН ҲУНАР АСТ.

Дар мақоме, ки сухан аз ҳунару айб кунанд,
«Айби худ фош намудан ҳунар аст».

Сооби Табрезӣ

АЙБРО (АЙБА) КӢ КУНАД? — МАНБ.

нег. Дег ба дег гӯяд рӯят сиёҳ.

— **«Айба кӣ кунад? — Манб!»** — гуфт Зебӣ.— Худи Самандар мард шуда чӣ кор кардааст, каниӣ ба ман ҳамона гуфта тед? Худаш чӣ ҳунар нишон дод, ки зиқои моро айб мекунад?

Ҷалол Икромӣ

АЛАВ АФТАД ДАР ҶАНГАЛ, ҲАМ ХУШК БИСӮЗАД ҲАМ ТАР.

нег. Оташ чу барафрӯхт, бисӯзад тару хушк.

АЛАЙК БА АНДОЗАИ САЛОМ МЕБОШАД.

Миннатдорӣ мувофиқи ҳиммату марҳамат мешавад. Муқ. Дуо мувофиқи ато.

Тӯтии дурбин чун дид, ки ӯ сухан аз шағафи ботин намегӯяд ва ин мочаро аз сидқи битона намекунад, огоз кард, ки эй кадбону, ҷазо дарҳӯри амал бошад. **«Алайк ба андозаи салом бувад».**

Аз «Тӯтинома»

АЛАМРАСИДА БА ҲАР КАС ДУЧОР ГАРДАД, НОЛАД.

муқ. Ҳар кӣ бисьёр бошадаш гусса, қисса бисьёр бошадаш ночор.

— **«Аламрасида ба ҳар кас дучор гардад, нолад»** мегӯянд...

— Ман ҳам аламрасида ҳастам, ба шумо камтар ҳасрат кардан мехоҳам,

Ҷалол Икромӣ

АЛАФ БА ДАҲОНИ БУЗ ШИРИН АСТ (МЕОЯД).

Ҳар кас ба худ хос як кайфияте дорад. Мук. Оби даҳани ҳар кас ба даҳонаш маза дорад.

Гуфтанд: Магар Лайлӣ ин ҷо гум шудааст?

Гуфт:

— Ман ҳама ҷоро мегардам, билохира дар ҷое пайдояш хоҳам кард.

— Оре, шавҳарам, ҳарфи туро тасдиқ мекунам. **«Алаф ба даҳони бузе ширин меояд»**. Пас аз ин қарор Ҳумо ниғори туст, на занат. Пас ту ҳам ба ақлори худат ошиқи Ҳумо ҳастӣ?

Алимуҳаммади Афғонӣ

ш ш о р а:

Ҳар кӣ пиндорад, барон ӯ ба чарх
Офтобу моҳ бо парвин бувад.
Ҳар кӣ ҳарфи хешро донад саҳеҳ,
Дар даҳони буз алаф ширин бувад.

Аҳмади Аҳғар

АЛИҲӮҶА РАФТУ ҲӮҶААЛӢ ОМАД.

Агар каси бад бо каси бади дигар ивази шавад, ин зарбулмасалро эрод менамоянд. Мук. Чумъаву Одина якест.

— **«Алиҳӯҷа рафту Ҳӯҷаалӣ омад»**. Чои як эолимро ҷаллоди дигар гирифт,— гуфт Ҳайдар Усмонов.— Моро чӣ аз ин суд, ки «гов омаду хар рафт?» ҳамин буд магар орзую умеди мо?

Раҳим Ҷалил

АМАЛҲО БА ВАҚТ МАВҚУФ АСТ.

Ичрои неки ҳар як амал ба вақту шароити мусоид вобаста аст. Ниг. Ҳар кор вақту соат дорад.

Ин масал дар замона маъруф аст,
Ки **«амалҳо ба вақт мавқуф аст»**.

Абулмаҷди Саноӣ

1. АМОНАТРО НАШОЯД ХИЁНАТ КАРД,
2. АМОНАТРО ХОК ҲАМ ХИЁНАТ НАМЕКУНАД.

Ба амонати касе хиёнат набояд кард. мук. Дар амонат хиёнат шарт нест. Ниг. ба ҳикояи ин мақол.

Ту ҳастӣ з-он маҳдумам амонат,
«Нашояд кард амонатро хиёнат».

Шоҳини Шерозӣ (аз «Амсолу ҳикам»)

ишора:

Гуфт: Ман марде таррорам, ту ин зар ба ман додй. Гуфт: — Агар ту таррорй, чаро зари ман набурдй? Гуфт: — Агар ба саноати хеш бурдаме, агар ҳазор динор будй аз ту як чав наандешидаме ва на боз додаме, валекин ту ба зинҳор ба ман додй. Зинҳордор набояд ки зинҳоркор бошад, ки амонаt бурдан чавонмардй нест.

Аз «Кобуснома»

АМРИ ШАҲ МАРГИ МУФОҶОТ АСТ.

Ичрои фармони шоҳ ҳатмй аст, вагарна кушта шудан якин аст.

Ман худам шармандa дар назди шумо аз ин амал,
Лек аз ичрои ҳукми шаҳ чй гуна сар кашам?
«Амри шаҳ марги муфоҷот аст» дар зарбулмасал.

Абдусалом Деҳотй

АМР МУҚАДДАМ БАР ОДОБ АСТ.

Ичро намудани кор ё фармоиш аз риояи одоб ва такаллуф заруртар аст, амрро ҳатман бояд ичро намуд.

— Махдумчон туро чеғ мезанад, зудтар рав!

Аммо ман нарафтам. Ман ба пеши як одами калонсодаи шаҳрй, ки ҳама ўро ҳурмат мекунанд ва хидматгоронаш ҳам либоси озодаи шаҳрй доранд, бо либоси даридаи чиркини сахрой чй гуна рафта метавонам?!

Баъд аз ду дақиқа акаам аз меҳмонхона баромад, маро чеғ зад:

— Шарм накун, биё **«амр муқаддам бар одоб аст»**,— гуфт.

Садриддин Айнй

АМ ЧУДО — КИСА ЧУДО.

Дар савдо ва муомила алоқаи дўстию хешовандй ба назар гирифта намешавад, дар хешй ҳам пул бояд ҳисобу китоб дошта бошад. Мук. Ҳисоб ҳисоб аст, коко-бародар.

Ба дил ой гаҳ бародарон бошед,
Ки зару сими ёр барпошед.
Ҳеч н-ояд тағайюре пайдо,
То бувад **«Ам чудову киса чудо»**.

Абулмаҷди Саноӣ

АНВОРИ ОФТОБ ЧУ ПАЙДО ШАВАД ЗИ ШАРК, ПАЙДО БУВАД, КИ ЧАНД БУВАД РАВНАҚИ СУҲО.

мук. Чароғ пеши офтоб партаве надорад.

1. АНГУР АЗ АНГУР ГИРАД РАНГ,
   ХАМСОЯ ЗИ ХАМСОЯ ПАНД.
2. АНГУР АНГУРРО ДИДА РАНГ МЕГИРАД,
3. АНГУР ГИРАД ЗИ АНГУР РАНГ,
4. АНГУР ЗИ АНГУР БАРАД РАНГУ БИҲ АЗ БИҲ,
5. АНГУР ЗИ АНГУР ҲАМЕБАРАД РАНГ.

1. Табиати инсонӣ хӯпазир аст, 2. одам ба хубу бад пайравӣ мекунад. Мук. Табъи одамизод дузд аст ва Олу чу ба олу нигарад, ранг барорад.

1. Ёре будӣ сахт ба оину ба санг,
   Ҳамсояи ту баҳоначӯею дилтанг.
   Ин хӯ ту аз ӯ гирифтай, эй сарҳанг,
   «Ангур зи ангур ҳаме гирад ранг».

Абулҳасани Фаррухӣ

2. Номи хираду фахми накӯ мо зи ту бурдем,
   «Ангур зи ангур барад рангу биҳ аз биҳ».

Мақучеҳрии Домғонӣ

3. Макун бо бадомӯз харгиз диранг,
   Ки **«ангур гирад зи ангур ранг».**

Низомии Ганҷавӣ

4. Шавӣ аз бадӣ пур, зи некӣ тихӣ,
   В-аз он набвадат заррае огаҳӣ.
   Чи хуш гуфт дехқони софӣ зи ранг,
   Ки **«ангур гирад зи ангур ранг».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

ишора:

Маро аз фатҳи ишон фатҳ шуд азм,
Чу ангуре, ки гирад ранг аз ангур.

Анвари Абевардӣ

АНГУРА (АНГУРРО) ХӮРУ БОҒАША (БОҒАШРО) НАПУРС!

Чун аз чизе конеъ гаштӣ, мақсадат ба даст омад, дар бораи сабабу манбаи он напурс! Мук. Харбузаро бихӯр, туро ба полиз чӣ кор?

1. Ба бӯса себи закан, гуфтамаш, зи гулшани кист?
   Камол гуфт, ки **«ангур хӯр, напурс аз боғ!»**

Камоли Хуҷандӣ

2. Эй ёфта марҳами худ, аз дағ мапурс,
Наззораи товус куи, аз зағ мапурс!
Гуфтори накӯ шунав, ба фоил мангар,
Ангур хӯр, эй соддадил, аз боғ мапурс!

Абдураҳмони Ҷомӣ

3. — Маълумоти мнёна? ...чӣ тавр эуд ба даст даровардед?
— Коратон чӣ? **«Ангура хӯр, боғаша напурс»** гуфтаанд,— чавоб дод бо табассум.

Абдусалом Деҳотӣ

и з и р:

Шакар чӣ дар сифат афтод ширин,
Шакар хӯр, чӣ пурсӣ аз кучост ин?

Фаридаддини Аттор

АНГУРИ ШИРИН (ХУБ) НАСИБИ ШАҒОЛ МЕШАВАД.

Чизи хубу зани хушрӯй насиби одамони баду зишт мешавад.

Ту бояд як шавҳаре дошта бошӣ мисли худат чавон: бо ном ва расм, чиздор. Ту мехоҳӣ чӣ кунӣ ин пирамардро? Вокеан рост гуфтанд қадимиҳо: **«Ангури ширин насиби шағол мешавад».**

Аз «Намунаи фолклори Эрон»

АНГУШТ-АНГУШТ МАБАР, ТО ХИК-ХИҚ НАРЕЗӢ.

Подоши мардумро фирефта молу пули онро аз худ кардан ҳатман боиси як бар чанд барбод рафтани молу пули фиребанда мегардад. Ниг. ба ҳикояи ин мақол.

Ғулом гуфт: Эй хоча, алҳол афсӯсу надомат нафъ надиҳад. «Илочи вақта пеш аз вуқӯъ бояд». Катра-катра аз моли ҳароҷ чамъ кардӣ ва хик-хик ба дарьё андохтӣ ва ин масал аз он рӯз монда, ки **«ангушт-ангушт мабар, то хик-хик нарезӣ»** ва аз ин тамсил ибрат бояд гирифт.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

1. АНГУШТ БА ДАРИ КАСЕ МАЗАН, ТО ДАРИ ТУ БА МУШТ НАКӮБАНД.
2. АНГУШТ МАҚУН РАНҶА БА ДАР КӮФТАНИ ҚАС, ТО КАС НАҚУНАД РАНҶА БА ДАР КӮФТАНАТ МУШТ.

Касеро наранҷон, ки ранҷ мебинӣ, бадӣ макун, ки бад оянд ба сарат, подоши амали зишт зиштӣ аст. Мук. Накӯбӣ дареро, накӯбанд даратро.

Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сарангушт,
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ зор,
То боз, ки ӯро бикушад он, ки туро кушт.
«Ангушт макун ранча ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранча ба дар кӯфтанат мушт».

Носири Хисрав

АНГУШТЕ, КИ ЗАХМ НАДОРАД, ЧАРО ЛАТТА БОЯД БАСТ?

ниг. Шалвор надорӣ, банди шалвор чӣ мебандӣ?

АНГУШТ НАМАК АСТ, ХИРВОР ҲАМ НАМАК АСТ.

ниг. Мушт намунаи хирвор аст. Ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Дарвеш ангуште аз он хирвори намак бардошта, ба даҳон ниҳоду гуфт:

— Ба шоҳ бигӯед, агар манзур аз намак аст, ангушт намак аст ва хирвор ҳам намак аст.

Вақте суханӣ дарвешро ба арзи шоҳ расониданд, гуфт: Оре, ҳақиқат ҳамин аст, ки дарвеш гуфтааст: **«Ангушт намак аст ва хирвор ҳам намак аст»** ва духтарро ба ақди дарвеш даровард.

Аз «Достонҳои ансол» **I**

АНГУШТҲО БАРОБАР НЕСТ.

ниг. Панҷ ангушт баробар нест.

Зи баланду пасти ҷаҳон ҳар чӣ ҳаст, даркор аст,
Зи ҳикмат аст, ки **«ангуштҳо баробар нест»**.

Калимӣ Кошонӣ

АНДАК-АНДАК БА ҲАМ ШАВАД БИСЬЁР,
ДОНА-ДОНАСТ ҒАЛЛА ДАР АНБОР.

ниг. Қатра-қатра ҷамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад. Ниг. Ба ҳикояи ин зарбулмасал.

1. Андак-андак хеле шаваду қатра-қатра селе гардад, яъне онон, ки дасти қудрат надоранд, санги хурд нигаҳ медоранд, то ба вақти фурсат димор аз димоғи золим бароранд.

Ал қатру алал қатри изо тафақат наҳран,
Ван наҳру алан наҳри изо ичтамаат, баҳран,
«Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр,
Дона-донаст ғалла дар анбор».

Саъдии Шерозӣ

2. Бузургон гуфтаанд, ки ҳар кӣ бузургӣ хоҳад бояд ҳар чӣ дорад, анбор кунад, то бад-он азиз бошад. Набиний, ки акнун ҳама бу-

зургон анбордорй мекунанд, шоире гўяд: **«Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр, дона-донаст ғалла дар анбор».**

Убайди Зоконй

3. — Аз граммҳои монда дар ҳар чо,
Ки ту ночизу хурд мебинй,
Тоннаҳо мешаванд, агар чшй,
Гуфти Саъдй биёварй бар чо:
«Андак-андак ба ҳам шавад бисьёр,
Дона-донаст ғалла дар анбор».

Абдусалом Деҳотй

ш о р а:

Бибояд андакат гар нест бисьёр,
Бибояд донае гар нест харвор.
Чу андак бошадат, бисьёр гардад,
Чу як дона бувад, хирвор гардад.

Фаридаддини Аттор

1. АНДАК-АНДАК ХЕЛЕ ШАВАД ВА КАТРА-КАТРА — СЕЛЕ.

Саъдй

2. АНДАК-АНДАК ЧАМЪ ГАРДАД, В-ОН ГАҲЕ ДАРЬЁ ШАВАД.

ниг. Катра-катра чамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад.

1. Шайхи айёр гуфт: Бидон ва огоҳ бош, ки ман мардеям, ки санъати ман гадоист ва айёрй ва маро Аббоси Дўс мегўянд ва ба ин кор одат кардаам. Агар моли олам ба ман диҳанд, аз одати худ даст бармедорам. Ва талаб мекунам дар ҳар чо ки бошад ва мегирам аз ҳар чй бошад ва мехоҳам аз ҳар кй бошад, ки гуфтаанд: **«Андак-андак чамъ гардад, в-он гаҳе дарьё шавад».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

АНДАК ДАЛЕЛИ БИСЬЁР АСТ.

мук. Мушт намунаи хирвор аст.

1. Зи бисьёр андаке ўро намудаст,
«Далелест андаке ўро зи бисьёр».

Абулҳасани Фаррухй

2. Дар чунин соле муҳаннасе дур аз дўстон, ки сухан дар васфи ў тарки адаб аст, хосса дар ҳазрати бузургон ва бо тариқи эҳмол аз ў даргузаштан ҳам нашояд, ки тоифае бар ачзи гўянда ҳамл кунад

бар ин ду байт иктисор кунам, ки **«андак даланли бисьёре бошад»** ва «муште намунаи харворе».

Саъдии Шерозй

ишора:

Зи мўъчизоти ту як нукта ёд хоҳам кард,
Киёс гирад доним ба андак аз бисьёр.

Масъуди Саъди Салмон

АНДАКЕ ЧАМОЛ БЕҲ АЗ БИСЬЁРЕ МОЛ.

Сеюм хубрўй, ки даруни сохибдилон ба мучоласати ў майл кунад, ки бузургон гуфтаанд: **«Андаке чамол беҳ аз бисьёре мол»** ва гўянд «рўи зебо марҳами дилҳои хаста аст ва калиди дарҳои баста», лочарам, сўҳбати ўро ҳама кас ганимат шуморанд ва хидматаш миннат донанд.

Саъдии Шерозй

АНДАК ШУМАР АР ДЎСТ ТУРО ҲАСТ ҲАЗОР,
В-АР ДУШМАНИ ТУ ЯКЕСТ БИСЬЁР ШУМОР!

Юсуфй (Аз «Амсолу ҳикам»)

инг. Ҳазор дўст андаке бошаду як душман бисьёр бувад.
назир:

1. Маялфанч душман, ки душман яке
Фузун асту дўст ар ҳазор андаке.

Абўабдуллоҳи Рўдакй

2. Дўст гарчи дусад — ду ёр бувад,
Душман арчи яке — ҳазор бувад.

Абулмаъди Саной

АНДАЛЕБ АЗ ҲУНАРИ ҲУД ДАР ҲАБСИ ҚАФАС ГИРИФТОР,
ТОВУС АЗ ҲУСНУ ЧАМОЛ БОЛУ ПАР ҚАНДАВУ ШАРМСОР.

мук. Агар тўтй забон мебаст дар ком, па худро дар қафас дидй, на дар дом.

Шатраба гуфт: Шояд ки ҳунари ман сабаби кароҳияти вай шуда бошад, ки аспи теэтакро ҳунарварй мўчиби ано гардад ва дарахти мевадор ба сабаби самар сару шох шикаста шавад. **«Андалеб аз ҳунари ҳуд дар ҳабси қафас гирифтор аст, товус аз ҳусну чамол болу пар кандаву шармсор».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

АНДАЛЕБЕ, КИ БА ҲАР ҒУНЧА ДИЛАШ МЕРЕЗАД,
БЕҲТАР ОН АСТ, КИ ДАР САҲНИ ГУЛИСТОН НАБУВАД.

Соиби Табрезӣ

АНДАР ПАСИ ҲАР ХАНДА ДУСАД ГИРЬЯ МУҲАЙЁСТ.

Акси «Аз пан ҳар гирья охир хандаест».

«Андар паси ҳар ханда дусад гирья муҳайёст»,
Дар каҳкаҳаи кабк дусад чангали боз аст.

Аз «Амсолу ҳикам»

и ш о р а:

Бар ту бодо, ки хира кам хандй,
Вар бихандад касе, ту напсандй.
Хеч доий ғараз аз инҳо чист,
Хар кй хандид беш, беш гирист.

Абулмаъди Сонай

АНДАР ҶАҲОН СУДИ БЕРАНҶ НЕСТ.

мук. Меҳнату роҳат.

Таносоню коҳилй дур куи,
Бикӯшу зи ранчи танат сур кун,
Кк **«андар чаҳон суди беранҷ нест»,**
Касеро, ки коҳил бувад, ганч нест.

Абулқосими Фирдавсӣ

1. АНДЕША БЕҲ АЗ ПУШАЙМОНЙ,
2. АНДЕША КАРДАН КИ ЧЙ ГӮЯМ, БЕҲ АЗ ПУШАЙМОНЙ ХӮРДАН, КИ ЧАРО ГУФТАМ.

мук. Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор.

Таксиру такоуде, ки дар мувозабати хидмати боргоҳи худовандй меравад, бино ба он аст, ки тоифае аз ҳукамои Ҳиндустон дар фазоили Бузурҷмеҳр суҳан мегуфтанд. Ба охир, чуз ин айбаш надонистанд, ки дар суҳан гуфтан батеъ аст, яъне, даранги бисьёр мекунад ва мустамеъро басе мунтазир бояд будан то тақрир кунад. Бузурҷмеҳр бишуниду гуфт: **«Андеша кардан, ки чй гӯям, беҳ аз пушаймонй хӯрдан, ки чаро гуфтам».**

Саъдии Шерозӣ

АНДӮҲ АЗ ДАРҲОИ БУЗУРГ БЕШТАР ДАРОЯД.

мук. Шутур калон, ягираш ҳам калон.

АНДӮХИ ДИЛИ СӮХТАГОН СӮХТА ДОНАД.

Сахтии азобро азобдида медонад, то азоб набинй, дарди азобдидаро намедонй.

Сӯзи дили Яъкуби ситамдида зи ман пурс,
«Андӯхи дили сӯхтагон сӯхта донад».

Саъдии Шерозй

назир:

Зи ман пурсед меҳнатҳои савдои сари зулфаш,
Ки андӯхи шаби торикро бемор медонад.

Муҳаммади Фузулй

АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОЙ КИТОБ АСТ,
ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОЙ КИТОБ АСТ.

Абдурахмони Ҷомй

мук. Бехтарин ёри вафодор китоб аст, китоб, ёри безахмату озор китоб аст, китоб.

назир:

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар гамкадаи замона ғамхоре нест.
Хар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳой
Сад роҳат хасту харгиз озоре нест.

Абдурахмони Ҷомй

АНКОРО БА ДОМ НАТАВОН ГИРИФТ.

Одами доно фирефтаи макр намегардад.

ишора:

Анко шикори кас нашавад, дом бозчин,
К-ин ҷо ҳамеша бод ба даст аст домро.

Хофизи Шерозй

назир:

Ба шавки донаи холат ба дом афтод мурғи дил,
Кӣ мегӯял, ки натвон сайд кардан мурғи доноро?

Андалеби Кошонй

АНҶИРФУРӮШРО ЧӢ БЕХТАР,
К-АНҶИР ФУРӮШАД, ЭЙ БАРОДАР!

мук. Хар касеро бахри коре сохтанд, майли опро дар дилаш андохтанд.

Пас ҳар шахс бояд, ки бад-он санъат ки сонеи азалӣ ҳаволаи ӯ карда иштиғол намояд ва чунон созад, ки он муҳимро бар сабили тадриҷ ба мартабаи камол расонад. **«Анчирфурӯшро чӣ бехтар, к-анчир фурӯшад, эй бародар».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АРБОБРО БИНУ ДЕХРО ТОЗ!

1. Дили калонро ба даст овару баъд ба ичрои мақсади худ шурӯъ кун, 2. бо забардаст созиш куну ситам ба зердастон кун! Мук. Бо кадхудо бисоз, дехро битоз!

— Ба он дех рафта дар назди арбобу калонони он чо васика кардан лозим, гуфт ноиб.— **«Арбобро бину дехро тоз»** гуфтаанд, кore ки дар деҳот бе хабардории арбоб ва калоншавандагон карда шавад, натичаи хуб намедихад.

Садриддин Айнӣ

АРЗОН БЕ ИЛЛАТ НЕСТ, ГАРОН (КИММАТ) БЕ ХИКМАТ.

Моли киматро бихар, ки дар он суде хаст. мук. Арзон харӣ, анбон харӣ.

Харидор нархи сабзиро фаҳмида «кимат» гуфт.

Самандар ба вай чавобе нагардонда мехост бо Алӣ ба чак-чаки худ давом кунад. Вале Алӣ ба харидор гуфт:

— **«Арзон бе иллат нест, гарон бе хикмат!»** Ин сабзӣ камтар кимат бошад ҳам, сабзии нагз...

Ҷалол Икромӣ

АРЗОН БИФУРӮШАНД, ОН КӢ АРЗОН БИХАРАД.

Он чизе, ки бе заҳмат ба даст меояд, ба осонӣ аз даст меравад. мук. Ҳар кӣ ӯ арзон харад, арзон дихад.

Бифрӯхт маро ёр ба як даста тара,
Бошад ки маро вохарад он ёри сара.
Некӯмасале задаст сохибшачара
«Арзон бифурӯшад, он кӣ арзон бихарад».

Ҷалолиддини Румӣ

АРЗОН ХАРӢ, АНБОН ХАРӢ.

мук. Арзон бе иллат нест, гарон бе хикмат.

1. Ҳар чӣ **арзон харӣ**, лочарам, **анбон харӣ**,
Эй ки надорӣ хирад, кимати чонро бидон!

Султон Валад

2. Ёре, ки хор ояд ба каф некӯ набошад сураташ,
Нашиндай, эй дил, магар **«арзон харӣ, анбон харӣ»**.

Камоли Ҳуҷандӣ

АРЗОНЬЕФТА ХОР БОШАД.

ишора:

Ҳар кӣ ӯро майли хотир сӯи арзонӣ бувад,
Ӯ ба ранчу хорӣ арзониву арзонӣ бувад.
Ман ба чашми ёр аз он хорам, ки арзон ёфтаст,
Чун бубинӣ хории ҳар чиз зи арзонӣ бувад.

Катрони Табрезӣ

АРМУГОНИ МЎР ПОИ МАЛАХ АСТ.

Ҳадиси ҳар кас мувофиқи имконияти ӯст. Мук. Барги сабз аст тӯҳфаи дарвеш...

ишора:

1. Ҳаме шарм дорам, ки пои малахро
Сӯи боргоҳи Сулаймон фиристам.

Анварии Абеварӣ

2. Дачла бувад қатрае аз чашми кӯр,
Пои малах пар бувад аз дасти мӯр.

Низомии Ганҷавӣ

3. Айбам макуну мебидор маъзур,
Пои малахест тӯҳфаи мӯр.

Фақир (Аз «Гулистони насаррат»)

АРОБАИ РАВҒАН КАРДАНАШУДА ҲАРАКАТ НАМЕКУНАД.

Кӯҳна шудааст. То пора надиҳӣ, корат барор намегирад.
— Бояд ба нонб ҳам ягон чиз дода бошӣ?
— Албатта,— гуфт Мӯҳсин.
— «Аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад» — гуфтаанд, бо дусад танга гулӯи нонбро ҳам равған кардам.

Садриддин Айнӣ

1. АРЗИ МУЛК КАСЕ ДАР КАНОР ГИРАД ТАНГ,
КИ БЎСА БАР ДАМИ ШАМШЕРИ ОБДОР ДИХАД.
2. АРЗИ МУЛК НАСОЗАД МАГАР БА ДОМОДЕ,
КИ АВВАЛ АЗ ГУҲАРИ ТЕҒ ДОД КОБИНАШ.

Марди далеру бебок сазовори бехтарин касу чизи мамлакат аст. Мук. Ҳар кӣ об аз дами шамшер хӯрад, нӯшаш бод!

1. Рӯёзате бидеҳ ин чархи тундаро, ки ба таб
Инҷоӣ ҳукм ба дасти ту шаҳриёр диҳад.
«Аруси мулк касе дар канор гирад танг,
Ки бӯса бар дами шамшери обдор диҳад».
Зи сад далер яке бошад он кӣ тавфиқаш
Хусоми қотеъи боғун комгор диҳад.

Зокириддини Форёбӣ

2. Ва чун ҳиммати он чавон бар хусуси салтанат максур буд, дар андак замоне арсаи мамлакатро фаро гирифт ва ба зарби теғи оламгир аксари мамолики сфокро мусаххар гардонид ва аз ин ҷо гуфтаанд: **«Арӯси мулк насозад магар ба домоде, ки аввал аз гуҳари тег дод кобинаш»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

3. Яъқуб гуфт: Эй падар, он арӯс, ки ман мехоҳам, дастпаймони ӯ муҳайё кардаам. Гуфт: Он кадом аст? Яъқуб шамшер аз наём баркашиду гуфт:

— Ман арӯси мамолики шарқу ғарбро хостгорӣ кардаам ва дастпаймони ӯ ин шамшери обдор ва ин теғи чавшангузор аст: **«Арӯси мулк касе дар канор гирад танг, ки бӯса бар дами шамшери обдор занад».**

Аз «Латоиф-ут-тавоиф»

ишора:

Арӯси мамлакаташ дар ҳибола з-ои омад,
Ки дод бар лаби тегу сари синон бӯса.

Ибни Ямин

назир:

Синоҳу дилу ганҷам афзунтар аст,
Ҷаҳон зери шамшери тез андар аст.

Абулқосими Фирдавсӣ

АРӮС, КИ БА МО РАСИД, ШАБ КӮТОҲ ШУД.

мук. Навбат ки ба мо расид, «бале»-ро «бало» навишт.

АРӮС ЧӢ ГУНА АСТ? — ДОДАРАРӮС НАМУНА АСТ.

Додар дар хуси намунаи хоҳар аст. Мук. Додарарӯс — намунаи арӯс.

Агар он писарбача ҳамшираи қадраси ҳанӯз ба шавҳар набаромада дошта бошад, ӯро маъшуқаи ғоибонаи худ карор медод. Мувофиқи мақоли машхур, ки мегӯянд: **«Арӯс чӣ гуна аст? — додарарӯс намуна аст»,** он писарбачаро намунаи ҳамшираш фарз карда,

дар хаёли худ ба ӯ мӯҳон сиёҳмушкин мебаст ва либосҳои хуби зинона пӯшонда, дар тасаввури худ ӯро ошиқона парастиш мекард.

Садриддин Айнӣ

АСАЛ ГӮЙӢ, ДАҲОН ШИРИН НАГАРДАД.

иборат. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Аммо агарчи мутаназзимонро чиҳати бадрақам иштиҳо ва орзу нафъе медиҳад очил, аммо муфлисону бенавоёнро зараре мерасонад, чи орзу зиёда мегардонад ва дастрас чун набошад, маҳрум ва маҳчуб мешавад. **«Асал гӯй, даҳон ширин нагардад».**

Абӯисҳоқи Шерозӣ

АСАЛ ТАЛХ БОШАД ТУРУШРӮЙРО.

иборат. Деви «хушрӯй беҳ аз хури гиреҳпешонӣ.

Занаш гуфт бозикунон шӯйро:
«Асал талх бошад турушрӯйро».

Аз «Амсолу ҳикам»

АСБ БОРИ ФИЛ НАКАШАД, МАЪЗУР БОШАД.

Ба тариқи маъзурат баромадан аз ҷиҳати ичрои коре набаромадани худ гуфта мешавад. Мук. Дарозгӯш бори фил барнадорад.

Коре ки фарохури ҳолу ҳавсалаи мо аст гузориш ва саранҷом медиҳам ва агар ихтиёри ин маънӣ накунанд маро муоф доранд, **агар «асб бори фил накашад, маъзур бошад».**

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

АСБ ГАРЧӢ ЧОР ПОЙ ДОШТА БОШАД ҲАМ, ГОҲО ПЕШПО МЕХӮРАД.

иборат. Асби наҷз ҳам гоҳо пешпо мехӯрад.

АСБЕРО КИ ДАР ЧИХИЛСОЛАГӢ САВАҒОН ГИРАНД, МАЙДОНӢ КИЕМАТРО ШОЯД.

Тарбият дар калонсолӣ бетаъсир аст. иборат. То ниҳол тар аст, боя рост кард. Мук. Ҳар чӣ дар пирӣ бинӣ, дар ғӯр ба кор ояд.

назир:

1. Чӯби тарро чунон ки хоҳӣ печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.

Саъдии Шерозӣ

2. Дар чавонӣ саъӣ кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

АСБИ ДАВАНДА БЕ ХАРИДОР НАМЕМОНАД.

Бозори моли нағз касод намешавад.
— Савдои пасм парда гўед?
— Ҳа, бале, курбони аҳли фаҳм шавам.
— **«Асби даванда бе харидор намондааст»**, таго.

Аз «Хорпуштак»

АСБИ ЛОҒАРМИЕН БА КОР ОЯД РЎЗИ МАЙДОН, НА ГОВИ ПАРВОРӢ.

Саъдӣ

мук. На ҳар кас, ки ӯ меҳтар, ӯ беҳтар аст.

Манту гуфт: Ман дучандон бори қима дар дил дорам, ки роҳи нафас задан надорам ва аз ин муориза бӯи арбадаи азим мешунавам ва гуфтаанд: **«Асби лоғармиён ба кор ояд рӯзи майдон, на гови парворӣ».**

Абдӯлқосими Шеровӣ

назир:

Ери лоғар на сабук бошаду фарбӣ, на гарон,
Сабукӣ бех зи гаронӣ, зи ҳама рӯю шумор.

Абулҳасани Форсӣ

1. АСБИ НАҒЗ ҲАМ ГОҲО ПЕШПО МЕХЎРАД.
2. АСБИ ХУШРАВ НИЗ ГОҲЕ СИКАНДАР МЕХЎРАД,
3. АСБИ ХУШРАВУ ТЕЗГАРД ГОҲЕ СИКАНДАР МЕХЎРАД.

Одами кордону доно ҳам гоҳо хато мекунад, аз ҳар кас хатое сар заданаш мумкин аст.

Ман дар ҳукм ба катли Эрондухт бенхтиёр будам ва гуфтаанд: **«Асби хушраву тезгарди гоҳе сикандар мехўрад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АСБИ НАЧИБРО ЯК ТОЗИЕНА БАС АСТ.

Барои ичрои амале одами хубро танбеҳ басанда аст. Нис. Ба оқил ишорат бас аст.

Аз баҳри ошиқон ғазале ошиқона бас,
Бахри ҳариқи хирмани чон як забона бас.
Таъдиби рӯзгор кифоят кунад туро,
«Асби начибро ҳама як тозиёна бас».

Аҳмади Аҳгар

ишора:

Чу дониш надорӣ ту дар порсой,
Ба сони лагоме бувӣ бедаҳона.
Бас аст ин ки гуфтам-т, к-афзун нахоҳад
Чу тозӣ бувад асб як тозиёна.

Носири Хисрав

АСБИ ПЕШКАШРО БА ДАНДОНАШ НИГОҲ НАМЕКУНАНД

Ба чизи ҳадяшуда ва муфт айбу эрод намегиранд: мук. Он чӣ омад аз ғайб, бе айб аст.

Ба ҳар ҳол ранги ӯ андаке сурх шуд ва барои он ки шармии худро пӯшида нигоҳ дорад ё бар он ғолиб гардад, бо сарфарозии сохтагӣ гуфт: аммо хуб **«асби пешкаширо ба дандон нигоҳ намекунанд».**

Алимуҳаммади Афғонӣ

ишора:

Дилам зи тири нигоҳат фитода нахчир аст,
Ки ҳар кучош, ки хоҳӣ кашон-кашон бикашӣ.
Чу уфтод ба дастат, магӯ, ки хунин аст,
Макун нигоҳ ба дандони асби пешкашӣ.

Аҳмади Аҳгар

АСБИ РОҲ ОН АСТ, К-Ӯ НА ФАРБЕҲУ НА ЛОҒАР АСТ.

Дар ҳама кор миёнагиро интихоб намудан лозим.

Роҳраво, фокаву неъмат кунад манъ аз сулук,
«Асби роҳ он аст, к-ӯ на фарбеҳу на лоғар аст».

Алишери Навоӣ

назир:

Миёна гузин дар ҳама коркард,
Ба пайвастагӣ ҳам ба нангу набард.

Абулқосими Фирдавсӣ

АСБИ ТОЗӢ АГАР ЗАИФ БУВАД, ҲАМЧУНОН АЗ ТАВИЛАИ ХАР БЕҲ!

Саъдӣ

Акси **«На ҳар кас, ки ӯ меҳтар, ӯ беҳтар аст»,**
назир:

Накӯкор бо чеҳраи зишту тор,
Фаровон беҳ аз некӯи зишткор.

Асадии Тӯсӣ

АСБИ ТОЗӢ ДУ ТАК РАВАД БА ШИТОБ,
ШУТУР ОҲИСТА МЕРАВАД ШАБУ РӮЗ.

Саъдӣ

мук. Оҳиста бирав, пайваст бирав!

АСБОБИ ХОНА БА СОҲИБХОНА МЕРАВАД.

ниг. Мол ба соҳибаш монанд набошад, ҳаром аст.

АСБ РОНРО МЕШИНОСАД.

мук. Сустро асб нек бишиносад.

АСБРО ПОИ Ӯ ДУШМАН АСТ.

мук. Душмани товус омад пари ӯ.

1. АСБУ АСТАР БО ҲАМ МЕҶАНГАНД, МӮРЧА ЗЕРИ ПО МЕРАВАД.

2. АСБУ АСТАР ҲАР ГОҲ ҶАНГ КУНАНД,
ҲАР ДАР МИЕНА КУШТА ШАВАД.

мук. Забардаст чун сар барорад ба ҷанг, сари зердастон дарояд ба санг.

АСБУ ХАРРО ЯК ҶО БАНДАНД, АГАР ҲАМБӮ НАШАВАНД, ҲАМХӮ ШАВАНД.

ниг. Ангур аз ангур гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя панд.
и ш о р а:

Асби тавсан з-асби сокинраг?
Гашт ҳамхӯ агар нашуд ҳамранг.

Абулмаҷди Санӣ

АСБУ ҶОМАРО НЕКӮ ДОР, ТО АСПУ ҶОМА ТУРО НЕКӮ ДОРАНД.

Ҷомаро хуб эҳтиёт кун ва асбро нек бипарвар, ки онҳо дар вақти лозимӣ туро ба кор оянд.

Ҳакимон гуфтаанд, ки ҷаҳон ба мардумон бало аст ва мардум ба ҳайвон ва некӯтарин ҳайвон аз ҳайвонот асб аст, ки доштани ӯ ҳам аз кадхудоист ва ҳам аз мурувват ва дар масал аст, ки **«асбу ҷомаро некӯ дор, то асбу ҷома туро некӯ доранд»**.

Аз «Кобуснома»

АСБ ФАРБЕҲ ЧУ ШУД (ШАВАД), САРКАШ МЕШАВАД.

Зердастон хуб парасторӣ карда шаванд, саркаш мегарданд.

Чисмро дармадех ба чоху ясор,
Саги девона бардарад, хуш дор!
Чисм фарбех макун ба лукмаи х(в)аш аст.
«Асб фарбех чу шуд, шавад саркаш».

Абулмачди Сано

АСЛИ БАД НЕКУ НАГАРДАД З-ОН КИ БУНЬЕДАШ БАД АСТ.

мук. Окибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамй бузург шавад.
«Асли бад некӯ нагардад з-он ки буньёдаш бад аст».
Тарбият поаклро чун гирдакон бар гунбад аст.

Саъдии Шерозй

АСЛИ МАРДУМЙ ДАР КАМОЗОРЙ АСТ.

Мук. Маёзор мӯре, ки донакаш аст, ки чон дораду чоии ширин х(в)аш аст.

Ту чахд куи, ки ӯро наёзорй, хонаи камозорй дар кӯи мардумист ва **асли мардумй гуфтаанд, ки дар камозорй аст.**

Аз «Қобуснома»

АСОИ ПИР БА ЧОИ ПИР

1. Чои каси набударо наздики ӯ мегирад, 2. фарзандон чонишини падару модарон мебошанд. Мук. Ба чои пир асои пир.

1. — Бӯрй Батоши дузд, Шароббои Каршигй! — мегуфт амир, — инхо намояндаи ду гурӯх — дуздон ва боёнанд, ки ба онхо эътимод ва такья кардан мумкин аст. Ин як фоли нек аст, ки маро ба устуворй ёфтани салтанати дубораам умедвор мекунад; хайфо ки ёбандаи ин фикр аз миён рафтааст (яъне Мирзои урганчй мурдааст). Хуб, **зарар надорад, «асои пир ба чои пир»** гуфтаанд, вай мурда бошад, писарашро дар Душанбе ва Хисор хоким таъин мекунем.

Садриддин Айнй

2. — Колхозташкилкунй омадам, Гуларӯс. Котиби хавзаи фирка Усмон Баротовро чустучӯ кардаму наёфтам. Дар шахр будааст пагоҳ меомадааст. **«Асои пир ба чои пир»** гуфта ба назди котиби комсомол омадам.

Рахим Чалил

АТЛАС КӮҲНА ШАВАД, (АММО) ПОТОБА НАМЕШАВАД.

Одами хубу арчманд харчанд шикаст бихӯрад ва ё потавон шавад хам, хору фурӯмоя намегардад. Мук. Дебо кӯҳна шуд, аммо пойтоба нашуд.

ишора:

Тозагул будему дар он хона хор,
Мўътабар аз аслу нун беэътибор.
Хуш задаст ин достон деҳқони Чай,
«Гар бирезад май нарезад бўи май».
Моми доно духтро ин дод панд,
К-атласи кўҳна на потоба кунанд.

Муҳаммадтақии Баҳор

АТО ФАРОХЎРИ ИСТЕҲҚОҚ БОЯД ВА ЧАЗО МУНОСИБИ АМАЛ ШОЯД.

Сайёдон бисьёранд ва дарьё пурмоҳист. Агар шоҳ ба ҳар моҳӣ ҳазор динор иноят фармояд, на зари хазона бад-он вафо кунад ва на хирочи мамлакат ба он барояд. Ва пайдост, ки баҳои моҳӣ чанд тавонад буд ва сайёдро чӣ миқдор инъом тавон дод. **«Ато фарохўри истеҳқоқ бояд ва чазо муносиби амал шояд».** «Хар он хавзе, ки сад ман об гирад, дусад ман резняш, нуксон пазирад».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

АФВ БЕҲ АСТ АЗ ИНТИҚОМ.

ниг. Лаззати афв з-интиқом беҳ аст.

Барорам ба гардун, дарорам ба хок,
Кунам хоки ин қавми нопок пок.
Валекин, шаҳ он беҳ ки бар чурми ом
Нагирад, ки **«афв аст беҳ з-интиқом».**
Гузаштам зи чурму хатои шумо,
Кунун омадам бар атои шумо.

Ҳамиди Кашмирӣ

АФВ КАРДАНИ ЗОЛИМОН ЧАВР АСТ БА МАЗЛУМОН.

Сағдӣ

ниг. Тараҳҳум бар паланги тездандон, ситамгорӣ бувад бар гўсфандон.

АФРЎХТАН ТАВОН ЗИ ЯКЕ ШАМЪ САД ЧАРОҒ.

ниг. Аз чароге бисьёр чароғ тавон афрўхт.

Аз хўи ў баранд гулу настаран насим,
В-аз рўи ў баранд маҳу муштарӣ фароғ.
Омўхтан тавон зи яке хеш сад адаб,
В-«афрўхтан тавон зи яке шамъ сад чароғ».

Катрони Табрезӣ

АФСУРДАДИЛ АФСУРДА КУНАД АНЧУМАНЕРО.

Як хиратабъ табъи ахли анчуманро хира мекунад, одами ғамгин ҳамаро ғамгин мекунад.

Дар мачлиси худ рох мадех ҳамчу манеро,
«Афсурдадил афсурда кунад анчуманеро».

Тоҳир (Аз «Гулистони масаррат»)

ишора:

Ҳамдамии мурда диҳад мурдагй,
Сўҳбати афсурдадил афсурдагй.

Абдурахмони Ҷомй

назир:

1. Гар ҳазорон толибанду як малул,
Аз расолат боз мемонад расул.

Ҷалолиддини Румй

2. Сўҳбати афсурдаро нодидан аз дидан бех аст,
Шиква аз доман набошад шамъи мотамгаштаро.

Сойби Табрезй

АФТАНДАВУ ХЕЗАНДА БУВАД ДАВЛАТИ АЙЁМ.

Давлат барои одам ояндаю раванда аст, давлат дар дасти одам бар як ҳол намеистад. Мук. Давлати афтону хезон бехтар бошад.

Чун рост равад давлати айём напояд,
«Афтандаву хезанда бувад давлати айём».
Бояд ки бувад мард гаҳе шод, гаҳе зор,
Некй ба балй даршаваду ком ба ноком.
Зуд аз паи ором падид оядат ошўб,
Зуд аз паи ошўб падид оядат ором.

Катрони Табрезй

ишора:

Давлати тез растхез бувад,
Давлат он бех, ки хуфту хез бувад.

Хоҷуи Кирмонй

назир:

Тездавлатро басе шодй набояд кард аз он-к
Хар кй боло зуд гирад, зуд мирад чун шарор.

Абулмаҷди Самой

АФТАТ ХУНУК БОШАД, АЗ ОНИА ГИЛА НАКУН!

1. Дар асл худат бад бошй ва ё худат бад кардай, аз дигарон гила макун. 2. агар касе хатои туро нишон диҳад, ба ислоҳи ой бикўш! Ниг. Онна чун накши ту бинмуд рост, худ шикан, онна шикастан хатост. Муқ. Гунаҳ з-онна набвад ту ки зиштй ё накўрўй.

«Афтат хунук бошад, аз онна гила накун!» — маколест дар ҳакки касоне ки айбу хатои худро эътироф накарда, аз танқид хафа мешаванд, афташонро турш мекунанд.

Аз «Хорпуштак»

АФЪИГАЗИДА МЕРАМАД АЗ ШАКЛИ РЕСМОН.

ниг. Моргазида аз ресмони ало метарсад.

1. Сунбул асири зулфи туро доми ваҳшат аст,
«Афъигазида мерамад аз шакли ресмон».

Салим (Аз «Амсолу ҳикам»)

2. Зи шиква софдил надиҳад рухсати забон,
Занчираи ҳаёст ба мавчи гухар фигон.
Сунбул асири зулфи туро доми ваҳшат аст,
«Афъигазида мерамад аз шакли ресмон».

Абдулқодири Бедил

АФЪЙ КУШТАНУ БАЧА НИГОҲ ДОШТАН КОРИ ХИРАДМАНДОН НЕСТ.

Саъдй

Душманиро бояд бо тамоми наслаш маҳв кард, муқ. Оташ нишондану ахгар гузоштан кори хирадмандон нест.

назир:

Кушй афъию баччааш парварй,
Ба девонагй монад ин доварй.

Абулқосими Фирдавсй

АШКИ ДИДА — РАДДИ БАЛО.

Гирья дар нохушй ва мусибат касро андаке сабук мекунад.

Шумо бошед, инженер-электрики мўҳтарам, ба маколи **«ашки дида — радди бало»** такья карда, фиреб хўрлед.

Аз «Тоҷикистони Советй»

АКЛ ДАР САЛЛА НЕСТ, ДАР КАЛЛА АСТ.

муқ. Сарбузургй ба дастор нест.

АҚЛ АГАР КӮР БУВАД, ДИДАИ БИНО ЧӢ СУД (ФОИДА)?

Ин маколро ба касе ки чизеро дидаю дониста хатое содир мекунад, мегӯянд.

1. — Хай, хай, наход пахлу ба пахлу истода ба ин гуна кори айб ҳам роҳ диҳанд-а? Дар байни ҳар ду идора ҳамааш шуда 150 метр роҳ будааст, плакатҳоро оварда супоранд ягон чояшон кам мешудааст-мӣ?

— Бале, ҳақ ба чониби ту. Ана барои ҳамин ҳам **«ақл агар кӯр бувад, дидан бино чӣ суд?»** — мегӯянд-дия.

Аз «Хорпуштак»

2. — Хе, нусхаи шумо барин тадқиқотчиро гирам! — **гуфт** вай ба Архивбек Қаднмй думаъиидор карда,— рост мегуфтаанд, ки **«ақл агар кӯр бошад, аз дидан бино чӣ фонда?»**

Абдусалом Деҳотй

АҚЛИ НОДОН (ПОДАБОН, ҒУЛОМ) ПАС АЗ ПЕШИН (ШОМ) МЕДАРОЯД (КОР МЕКУНАД).

Одами нодон моҳияти ҳодисаеро баъди ба вуқӯъ омадани ӯй мефаҳмад, баъди кор аз кор гузаштан чӣ будани масъаларо дарк мекунад. Мук. Рустамро ақл аз пас меояд.

1. Гӯянд, ки **«нодонро ақл аз ақиб ояд»**,
Ой гах, ки фурӯ монад мискин ба хатарбар.

Муҳаммадтақии Бақор

2. Ин кор аз дасти вай меояд ва ниро ман акнун фаҳмида истодаам,— **«ақли нодон пас аз пешин кор мекардааст!»**

Ҷалол Икромй

3. **«Ақли подабон баъд аз шом медарояд»** мегӯянд, гапи ҳаққу рост будааст! Охир ман бо ин кампир дар як **болишт** сар монаму панҷ фарзанд калон кунаму наход ки бетамизии вайро ҳанӯз нафаҳмам!

Комилҷон Носиров

АҚЛИ ОДАМИЗОД АЗ ПАСИ САРАШ МЕОЯД.

Ақл ба гузаштани содҳо, дар чашидани гармию сардии зиндагонӣ, дар иштибоҳҳо комил мегардад.

Назир:

Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,
Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.

Саиби Табрезй

АКЛИ РУСТОЙ АЗ ПАС МЕОЯД.

мук. Акли нодон пас аз пешин медарояд.

АКЛ, КИ НЕСТ, ЧОН ДАР АЗОБ АСТ.

инг. Чони нодон дар азоб аст.

АКЛУ ДАВЛАТ КАРИНИ ЯКДИГАР АСТ,
ХАР КИРО АКЛ НЕСТ ДАВЛАТ НЕСТ.

Саъдӣ

Корҳоро аз рӯи акл иҷро тамудан шарт аст, аклона зиндагӣ ба сар бурдан бонси як бар ду шудани давлат мегардад. Мук. Бо худододагон ситеза макун, ба худододагон худо додаст.

Масалан: бубинед, вокиан шоир чӣ хуб гуфтааст, ки **«аклу давлат карини якдигар аст»**. Масалан: вақте ки бузургон фикр мекунанд, ки мардум факиранд ва иститоати вони гандуз зӯрдан надоранд ва ранят ҳама умрашро бояд ба зироати гандум сарф кунад ва худаш ҳамеша гурусна бошад, бубинед, чӣ мекунанд?

Алишери Деҳлеви

АКЛ ЧИЗИ ДИГАРУ МАДРАСА ЧИЗИ ДИГАР АСТ.

1. На танҳо дар мадраса дониш ҳосил мешавад, инчунин аз рӯи акли худ бисъёр чизҳоро омӯхта, донишманд шудан мумкин аст, 2. барои доно шудан дар мадраса ҳондан шарт нест, хатми мадраса барои ҳама даҷаи донишмандӣ намешавад.

Ва чӣ басо ашхоси бесавод умумӣ, ки ба мактаб нарафта масъалаомӯзи сад мударрисе шудаанд ва ба исбот расонидаанд, ки **«акл чизи дигар ва мадраса чизи дигар аст»**.

Саъдиуллоҳмадалии Ҷамолзода

АКЛ КУВВАТ ГИРАД АЗ АКЛИ ДИГАР.

Такомули акл дар одамон бо хирадмандон, дар омӯхтан аз онҳо мебошад. Мук. Аклҳоро аклҳо ёрӣ диҳанд.

«Акл кувват гирад аз акли дигар»,
Пешагар комил шавад аз пешагар.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

1. Бо хирадманд соз доду ситад,
Ки каминтар шавад ҷирад зи хирад.

Абулмаъоли Сонӣ

2. Акл бо акли дигар дуто шавад,
Нур афзун гашта раҳ пайдо шавад.

Чалолиддини Румӣ

3. Об аз об мешавад афзун,
Акл гардад эи акл ҳам мавзун.

Султон Валад

4. Чу ояд мушкиле пеши хирадманд,
К-аз он мушкил фитад бар кори ӯ банд.
Кунад акли дигар бо акли худ ёр,
Ки то дар ҳалли он гардад мададгор.

Абдураҳмони Ҷомӣ

АКЛХОРО АКЛХО ЁРӢ ДИҲАНД.

ниг. Акл қувват гирад аз акли дигар.

Машварат идроку хушьёрӣ диҳад,
«Аклхоро аклҳо ёрӣ диҳад».

Чалолиддини Румӣ

АҲВОЛИ ДИЛИ СӮХТА ДИЛСӮХТА ДОНАД.

Миҷмар

мук. Ба дард касе расад, ки дарде дорад.

АҲД НОБАСТАН АЗ ОН БЕҲ, КИ БИБАНДИЮ НАПОЙӢ.

1. Ман надонистам аз аввал, ки ту бе меҳру вафой,
«Аҳд нобастан аз он бех, ки бибандию напой».

Саъдии Шерозӣ

2. Аҳд бастӣ, ки дигар бор ба наздики ман ой,
Ман надонистам, аз аввал ки ту бе меҳру вафой,
«Аҳд нобастан аз он бех, ки бибандию напой».

Андалеби Кошонӣ

назир:

Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.

Аз «Ахлоқи ҳикмат»

АҲЛИ АДАБРО АДИБ ДОНАД МИҚДОР.

ниг. Қадри зар заргар шиносад, қадри чавҳар чавҳарӣ.

Кадри гуҳар чуз гуҳарфурӯш надонад,
«Аҳли адабро адиб донад миқдор»

Абулқосами Фаррухӣ

назир:

Гуҳар гарчи афтад ба каф бесипос,
Гиромӣ бувад назди гавҳаршинос.

Асадии Тӯсӣ

АҲМАДАК КОРЕ НАДОШТ, ДАРАФШЕ БА ХОЯИ ХУД ЗАД.

Ба касе гуфта мешавад, ки ӯ булҳавасона кореро пеш гирифта, аз он натичаи казой ба даст надароварда бошад.

Чунон мебинам, ки охир расво шавй ва кача гул кунад ва бахия бар рӯи кор афтад ва мардум гӯянд: **«Аҳмадак коре надошт, дарафше бар хояи худ зад».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

АҲМАДАК (БИСЬЁР) ХУШРӮ БУД, ОБИЛА ҲАМ БАРОВАРД.

Агар каси зиштрӯ ва зиштхӯ бо сабабе зиштрӯтар ва зиштхӯтар гардад ва ё ба болои айбу нокисии худ боз айби дигар пайдо кунад, ин зарбулмасалро мегӯянд.

ишора:

Н-афтода шикаста будам бол,
Чун фитодам, чӣ гуна бошад ҳол?
Аҳмадакро, ки рух намуна бувад,
Обила бардамад чӣ гуна бувад?

Низомии Ганҷавӣ

АҲМАК(-е) ГУФТ, АҲМАК(-е) (НОДОН) БОВАР КАРД.

инг. Аблаҳ гуфту девона бовар кард.

АҲМАКРО СИТОИШ ХУШ ОЯД.

Фиреби душман махӯр ва гурури маддоҳ махар, ки ин доми зарқ ниҳода аст ва он доми тамаъ кушода, **«аҳмакро ситоиш хуш ояд»** чун лоша, ки дар каъбаш дамӣ, фарбеҳ намояд.

Ало, то нашнавӣ мадҳи сухангӯй,
Ки андакмоя нафъе аз ту дорад,
Ки гар рӯзе муродаш барнаёрӣ,
Дусад чандон ужбат баршуморад.

Саъдии Шерозӣ

АҶАВ-АҶАБ, КИ ТУРО ЁДИ ДӮСТОН ОМАД.

Ба дӯсте, ки дер боз дар мулоқоти дӯсти худ нашудааст, ба таври шӯхӣ гуфта мешавад.

Айнулҳаёт овози Фирӯзшоҳро бишнохт, тез аз даст биландохт ва сар дар пеши ниҳоду гуфт: Эй шоҳзода, нек омадӣ, ки дар фироқат сӯхтам. Дер омадӣ ва моро дер пурсидӣ!

Сабо ба таҳнияти гул ба бӯстон омад,
Ба мадҳи гул ба саловат ба гулситон омад.
Зи ғунча гул чу бурун кард рӯй, булбул гуфт:
«Аҷаб-аҷаб, ки туро ёли дӯстон омад».

Аз «Доробнома» II

АҶАЛА КОРИ ШАЙТОН АСТ.

ниг. Шитобзадагӣ кори шайтон аст.

Туҷҷор пеши худ мегуфтанд: Мо чӣ мардуми аҳмақу камсабре будем, чаро қадре сабр накардем ва бо Ҳочӣ насохтем, ки имрӯз домодаш бо ин ҳама фарру ҷалол меомад, назди ӯ шарманда ва сарафганда набошем? Рост гуфтаанд, ки **«аҷала кори шайтон аст»**.

Аз «Достонҳои ашгол» II

АҶАЛИ БУЗ РАСАД, ХУДАШРО БА КАЛТАКИ ЧӮПОН МЕМОЛАД.

Агар касе дидаву дониста худро ба фалокат ва ё ҳалокат андозад, ин зарбулмасалро эрод менамоянд.Ниг. Аҷали саг, ки расад ба мехроби масҷид мешошад.

— Дӯл ва чархи навро дид ё не? Дар соян ин сабабҳои табиӣ, дучанд знёд шудани ҳосили меҳнати моро ба вай фаҳмондӣ?

— Оре,— гуфтам.

— Бешубҳа, **«аҷали буз расад, худашро ба калтаки чӯпон мемолад»**.

Ҳасан Ирфон

АҶАЛИ МОРБОЗ ДАР НЕШИ МОР.

мук. Аз моргир мор барорад ҳаме димор.
назир:

Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳончӯбӣ моргир,
Аз моргир мор барорад ҳаме димор.

Абдабдулғоҳи Рӯдакӣ

1. АҶАЛИ САГ КИ РАСАД, БА МЕХРОБИ МАСҶИД МЕШОШАД.

2. АҶАЛИ САГ КИ РАСАД, НОНИ ҶӮПОН МЕХӮРАД. (ХӮРАД).
3. АҶАЛИ САГ ОЯД, БА САҲНИ МАСҶИД МЕБАРОЯД.
4. АҶАЛИ САГ ЧУН БИРАСАД, БА МАСҶИД ХАРОБӢ КУНАД.

инг. Ачали буз расад, худашро ба калтаки чӯпон мемолад.

1. ...Гофил, к-аш аз ин кӯч шудан молад шох,
«Сагро чу аҷал расад, хӯрад нони шубон».

Ягмои Чандақӣ

2. — Шунидӣ? — Мухтасар пурсид вай.
— Шунидам.
— Лаънатиҳо, **«аҷали саг ояд, ба саҳни масҷид мебарояд»** гуфтаанд.
— Ин номардӣ ва ахдшиканӣ аст.

Самад Ғанӣ

ишора:

Ин масал омад, ки сагро чун расад ҳангоми марг,
Мезанад ав дар пан молики худ девонавор.

Хоҷуи Кирмонӣ

назир:

1. Чу рӯбоҳ аз ҷони худ гашт сер,
Кунадш орзӯ чангу пайкори шер.

Аёқӣ

2. Расид ин сухан чун ба соҳибкирон,
Зи лаъл ничунин гашт гавҳарфишон,
Ки нусрат карин шуд ба иқболи мо,
Бувад ин хабар нек бар фоли мо.
Аҷал сайдро чун дарояд ба сар,
Кушояд сӯи доми сайёд пар.

Фирдавсии Сонӣ

АҶАЛРАСИДА (АҶАЛГАШТА) МЕМУРАД, НА БЕМОРИ САХТ.

То аҷал нарасад, ҳеч кас наметмирад. Мук. Бе аҷал кас намирад.

назир:

Марде ҳама шаб бар сари бемор гирист,
Чун субҳ шуд ӯ бимурд, бемор бизист.
Эй басо, аспи тезрав, ки бимурд,
Хараки ланг чон ба манзил бурд.

Саъдии Шерозӣ

Б

БА АЙБИ АҲЛИ ҲУНАР КЎШАД ОН КӢ БЕҲУНАР АФТОД.

Беҳунар аз ҳасуд ба чустани айби ҳунарманд мешавад. Муқ. Гарат сад ҳунар бошаду айб як, садат айб гиранд ҳасуду даға.

Ба таъни риндият ар шайх рад кунад, чӣ аҷаб, а-он к
«Ба айби аҳли ҳунар кӯшад он кӣ беҳунар афтод».

Алишери Навоӣ

БА АНДОЗА БЕҲ, ҲАР КӢ Ў МАЙ ҲЎРАД,
КИ ЧУН ҲЎРДӢ АФЗУН, БИКОҲАД ХИРАД.

Асадии Тусӣ

инг. Агар шароб надонӣ хўрд, заҳр аст в-агар бидонӣ хўрдан — подзаҳр.

БА АСПИ ДАВАНД ҲОҶАТИ ҚАМЧИН ЗАДАН НЕСТ.

Одами оқил мўҳтоҷи талқин нест, одами оқил ҳар кори лозимро бе ишондоди касе мекунад.

Зи зулф бар дили ман вахшати дигар мафазо,
Ки **«нест ҳоҷати қамчин задан ба аспи даванд»**

Шамсиддини Шоҳин

БА АСПИ НАҒЗ (ҲУБ) ЯК ҚАМЧИН, БА АСПИ БАД САД ҚАМЧИН.

инг. Ба доно ишорат, ба нодон калтак.

1. Аммо **«ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин»** гуфтағӣ барин ин ғарданшаҳҳои акрав боз ноинҳои нимхомӯ бебарқаш пул карда истодаанд.

Аз «Хорпуштак»

2. Аммо чӣ шуду чӣ монд, ки дар ҳаққи ранси мағрур касе чорае надид. Шояд рохбарони рахмдил гуфтаанд, ки **«ба аспи хуб як қамчин»** басандааст, барои ў ҳамин танкид ҳам газои кофист.

Фазлиддин Муҳаммадиев

БА БОД ОМАДА ҲАМ БА БОДЕ ШАВАД.

Инг. Аз бод омада, ба бод шавад.

Каси хона ҳам хоназоде шавад,
«Ба бод омада ҳам ба боде шавад»,

Бо оби зар ин нукта бонд навишт,
«Шутурбон дуруд он чй харбанда кишт».

Низомии Ганчавй

Ба бод оташи тез бартар шавад,
Паланг аз задан кинавартар шавад.

Саъдй

БА БОЛИ ДИГАРОН ПАРВОЗ НАТВОН КАРД.

Бо ҳимоя ва умеди ёрдами касе корро пеш бурдан мумкин нест. Мук. Рах натавон рафт ба пои касон.

ш ӯ р а:

Ибром дар шикастани ман ин кадар чаро?
Охир на ман ба боли ту парвоз мекунам.

Соиби Табрезй

БА БОЛИШТЕ, КИ САР ГУЗОШТАН ҶОИЗ НЕСТ, САР НАГУЗОР.

1. Коре ки покарданист, набояд кард, 2. кадами худро дониста мон!

Ман гами туро мехӯрам! Инро фаҳм, охир! **«Ба болише, ки сар гузоштан ҷоиз нест, сар нагузор!»**

С. Улугзода ва В. Виткович («Ибни Сино»)

БА ВАҚТ БУВАД БАСТА ҲАМА КОРУ ҲАМА ЧИЗ,
БЕ ВАҚТ БУВАД КОР БА САР БУРДАН ДУШВОР.

Фаррухй

нит. Амалҳо ба вақт мавқуф аст.

БА ГАПИ НАГЗ МОР АЗ ХОНААШ МЕБАРОЯД.

Ниг. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

— Кошкй ақаллан ҳамин тавр мекарданд. **«Ба гапи нагз мор аз хонааш мебарояд»** мегӯянд.

— Инту гӯянд, мурдам-мй қабул накунам? — ба ҳасрат гуфт ширазан оби дидагонашро бо нӯги остини курта пок карда.

Раҳим Ҷалил

БА ГАРОНОН БЕҲ АЗ ГАРОНӢ НЕСТ.

Сазои бадкорон бадй аст.

Хайф бурдан аз кордони нест,
«Ба гаронон беҳ аз гаронӣ нест».

Саъдии Шерозй

1. БА ГЕТӢ БЕҲ АЗ РОСТӢ ПЕША НЕСТ,
ЗИ КАЖЖӢ БАТАР ҲЕҶ АНДЕША НЕСТ.

Фирдавсӣ

2. БА ГЕТӢ КИМИЁ ҶУЗ РОСТӢ НЕСТ,
КИ ИЗЗИ РОСТИРО КОСТӢ НЕСТ.

Беҳтарини хубиҳо ростӣ аст, ҳеҷ кас аз ростӣ осебе надидааст. Мук. Ростӣ — растӣ.

Касе к-аз ростӣ чӯяд фузунӣ,
Кунад пирӯзаӣ ӯро раҳнамунӣ.
«Ба гетӣ кимиё чуз ростӣ нест,
Ки иззи ростиро костӣ нест».

Фахриддини Гургонӣ

БА ГИЛ ХУРШЕД (ОФТОБ) НАТАВОН АНДУД (НУҲУФТАН).

иег. Офтобро ба гил пинҳон натавон кард.

1. Чу гул з-ни кор битвонӣ шукуфтан,
«Ба гил хуршед натвонӣ нуҳуфтан».
Кӣ хоҳад буд чун Гул дар ҷаҳон ёр,
Зиҳӣ давлат, зиҳӣ бахту зиҳӣ кор.

Фаридаддини Аттор

2. Бо дӯст ба гармоба-дарам хилват буд,
В-он рӯи чу гул бо гили ҳаммом андуд.
Гуфто: Дигар ин рӯй касе дорад дӯст?
Гуфтам: **«Ба гил офтоб натвон андуд».**

Саъдии Шерозӣ

3. Нисори кунгури ӯ нақли гардун,
Фидои пояи ӯ ганҷи Қорун.
Ба ҷуз наввоб дигар ҳеҷ мавҷуд
«Ба гил хуршед натвонист андуд».

Абӯтолиби Калим

ишора:

1. Миёни халқ мебояд, ки ошиқ роз накшояд,
Вале ҳаргиз намешояд ба гил хуршед пӯшидан.

Хумоиддини Табрезӣ

2. Гули ҷамоли ту чун бар фарози сарв шукуфт,
Бар ӯ чу сунбули эулфат ҳазор дил ошуфт.
Фурӯғи рӯи туро хона кай ҳичоб шавад,
Ба гил чӣ гуна тавон нури офтоб нуҳуфт?

Ибни Ямин

Бо оби зар ин нукта бояд навишт,
«Шутурбон дуруд он чӣ харбанда кишт».

Низомии Ганҷавӣ

Ба бод оташи тез бартар шавад,
Паланг аз задан кинавартар шавад.

Саъдӣ

БА БОЛИ ДИГАРОН ПАРВОЗ НАТВОН КАРД.

Бо ҳимоя ва умеди ёрдами касе корро пеш бурдан мумкин нест. Мук. Рах натавон рафт ба пои касон.

и ш о р а:

Ибром дар шикастани ман ин кадар чаро?
Охир на ман ба боли ту парвоз мекунам.

Соиби Табрезӣ

БА БОЛИШТЕ, КИ САР ГУЗОШТАН ЧОИЗ НЕСТ, САР НАГУЗОР.

1. Коре ки нокарданист, набояд кард. 2. қадами худро дониста мон!

Ман гами туро мехӯрам! Инро фахм, охир! **«Ба болиште, ки сар гузоштан чоиз нест, сар нагузор!»**

С. Улугзода ва В. Виткович («Шоҳи Сино»)

БА ВАҚТ БУВАД БАСТА ҲАМА КОРУ ҲАМА ЧИЗ,
БЕ ВАҚТ БУВАД КОР БА САР БУРДАН ДУШВОР.

Фирдавсӣ

нег. Амалҳо ба вақт мавқуф аст.

БА ГАПИ НАҒЗ МОР АЗ ХОНААШ МЕБАРОЯД.

Нег. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

— Кошкӣ ақаллан ҳамин тавр мекарданд. **«Ба гапи нағз мор аз хонааш мебарояд»** мегӯянд.

— Инту гӯянд, мурдам-мӣ кабул накунам? — ба хасрат гуфт пиразан оби дидагонашро бо пӯсти остини курта пок карда.

Раҳим Ҷалил

БА ҒАРОНОН БЕХ АЗ ҒАРОНӢ НЕСТ.

Сазои бадкорон бадӣ аст.

Хайф бурдан зи кордонӣ нест,
«Ба ғаронон бех аз ғаронӣ нест».

Саъдии Шерозӣ

1. БА ГЕТЙ БЕҲ АЗ РОСТЙ ПЕША НЕСТ,
ЗИ КАЖЖЙ БАТАР ҲЕЧ АНДЕША НЕСТ.

Фирдавсй

2. БА ГЕТЙ КИМИЕ ЧУЗ РОСТЙ НЕСТ,
КИ ИЗЗИ РОСТИРО КОСТЙ НЕСТ.

Бехтарини хубиҳо ростй аст, ҳеч кас аз ростй осебе надидааст. Мук. Ростй — растй.

Касе к-аз ростй чўяд фузунй,
Кунад пирўзй ўро раҳнамунй.
«Ба гетй кимиё чуз ростй нест,
Ки иззи ростиро костй нест».

Фахриддини Гургонй

БА ГИЛ ХУРШЕД (ОФТОБ) НАТАВОН АНДУД (НУҲУФТАН).

ниг. Офтобро ба гил пинҳон натавон кард.

1. Чу гул э-ии кор битвонй шукуфтан,
«Ба гил хуршед натвонй нуҳуфтан».
Кй хоҳад буд чун Гул дар чаҳон ёр,
Зиҳй давлат, зиҳй бахту зиҳй кор.

Фаридаддини Аттор

2. Бо дўст ба гармоба-дарам хилват буд,
В-он рўи чу гул бо гили ҳаммом андуд.
Гуфто: Дигар ин рўй касе дорад дўст?
Гуфтам: **«Ба гил офтоб натвон андуд».**

Саъдии Шерозй

3. Нисори кунгури ў нақли гардун,
Фидои пояи ў ганчи Қорун.
Ба чуз наввоб дигар ҳеч мавчуд
«Ба гил хуршед натвонист андуд».

Абўтолиби Калим

и ш о р а:

1. Мнёни халқ мебояд, ки ошиқ роз накшояд,
Вале ҳаргиз намешояд ба гил хуршед пўшидан.

Ҳумомиддини Табрезй

2. Гули чамоли ту чун бар фарози сарв шукуфт,
Бар ў чу сунбули зулфат ҳазор дил ошуфт.
Фурўғи рўи туро хоца кай ҳичоб шавад,
Ба гил чй гуна тавон нури офтоб нуҳуфт?

Ибни Ямин

БА ГУФТАИ МУЛЛО АМАЛ КУНУ БА КОРАШ ТАҚЛИД МАКУН!

нис. Гуфтан муллоро куну кардаашро накун!

— Ачаб! — гуфт инспектор ва хомўш монд. Вақте ки мо дасту рўйҳоро шуста дар либосҳои наву озода ба назди омадагон нишастем, «насиҳат» шуниидем; инспектор мегуфт, ки ин кори шумо хуб не, муаллим набояд танлучу пойлуч ба даруни лою гил даромада кор кунад, муаллим бояд корро ташкил кунад, муаллим бояд омўзаду худаш накунад!

— Бароҳ чӣ? — густохӣ карда ман пурсидам.

— О, нашунидед магар зарбулмасали халқ мегўяд, ки **«ба гуфтаи мулло амал кун, ба кораш тақлид накун!»**. Ин гапро халқ медонад ва ба кори шумо тақлид намекунад.

Ч. Икромӣ ва А. Одинцов

БА ГУФТАНИ «ОТАШ» ЗАБОН НАСЎЗАД.

Аз гуфтани ҳақиқат ҳеч кас зиён намебинад. Мук. Ҳар кас оташ гўяд, даҳонаш насўзад.

Додаӣ вақта дастурияму гар надиҳӣ
«Набисўзад даҳан аз гуфтани сўзон оташ».

Асъадиддини Умиӣ (Аз «Ахлоқи ҳиндӣ»)

и ш о р а:

Якеро гуфтам ин ҷони ҷаҳон аст,
Ҷаҳон бистад кунун дар банди ҷон аст.
На ҳар кас, к-оташе гўяд забонаш,
Бисўзонад тафи оташ даҳонаш.

Низомии Ганҷавӣ

БА ГУФТАН РОСТ И-ОЯД, КОРРО КИРДОР МЕБОЯД.

мук. Дусад гуфта чун ним кирдор нест.

Чӣ суд аз ин ки мегўям фидоят бод ҷони ман,
«Ба гуфтан рост и-ояд, корро кирдор мебояд».

Аҳлии Шероӣ

БА ГУШНА ОТАШДОН ДУР АСТ.

мук. Гушнаро нон ба танўр дер мешавад.

БА ДАВИДАН АНКО ШИКОРИ КАС НАШАВАД.

1. Барои ба даст даровардани максаде ба ғайр аз орзую ҳавас, кўшишу ғайрат, талош ва тадбир низ лозим аст, 2. аз ҷилду ҷаҳд

нобуда мавчуд намегардад. Мук. Ба даст ёзидан мева аз дарахт фуруд наёяд.

Ё он ки хавсалаи танг дорй, ки донаи икбол дар он намегунчад, ё паллаи мизонат хурд аст, ки накли нчлол намесанчад, ё он ки дошгстай, ки **«ба давидан анқо шикори кас нашавад»** ва ба даст ёзидан мева аз дарахт фурў наёяд.

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

БА ДАРДИ БАД — ДАВОИ БАД.

ним. Дарди бадро давои бад.

Вақте ки ба рўи ў оби хунук пошида ба хуш оварданд, хамаи хамсояхо баръало диданд, ки даҳони кампир яктар-афа рафта кач шуда монда буд. Занхо ханда карданашонро ҳам намедошгстанд. Хама хайрон буданд, ки чаро кампир ба ни ҳол афтод ва бошси ни гаши ў чист? Инро факат як нафар медонист, ки ҳоло баҳузур ба чогаҳаш даромада мехобид...

— «Ба дарди бад — давои бад»—мегуфт вай худ ба худ ва оҳиста механдид.

Ч. Икромй ва Ҳ. Назаров

БА ДАРД КАСЕ РАСАД, КИ ДАРДЕ ДОРАД.

Азоби дардро дардкашида медонад. Мук. Аҳволи дили сўхта дилсўхта донад.

Ман донам, ки дар дили Марзбоншоҳ аз фироқи фарзанд чист. Дарди дили падарон аз мехри фарзандон ҳам падарон донанд: **«Ба дард касе расад, ки дарде дорад»**. Зинҳор, ўро маёзор ва зинда пеши ман овар!

Аз «Самаки Аёр»

БА ДАР МЕГЎЯМ, ДЕВОР БИШУНАВ!

мук. Духтарам, ба ту мегўям, келинам ту бишнав!

Надорам ихтиёри гирья имшаб,
«Ба дар мегўям, эй девор, бишнав!»

Муҳаммадқулии Салим

БА ДАРЬЁ-ДАР МАНОФЕЪ БЕШУМОР АСТ;
В-АГАР ХОХЙ, САЛОМАТ БАР КАНОР АСТ.

Саъдй

мук. Аз сўҳбати подшоҳ бипарҳез, чун пунбаи парм э-оташи тез!

Хеч фарде сўҳбати султон ихтиёр накунад, ки ба саломат аз он вартан хушкор беруи омд.

Сӯҳбати шоҳро зи рӯи киёс
Ҳамчу дарьёи бекарона шинос!
Ба чунин баҳри пур зи хавфу хатар
Ҳар кӣ наздиктар парешонтар.

Ва дар ҳамин боб гуфтаанд: **«Ба дарьё-дар манофеъ бешумор аст, в-агар хоҳӣ, саломат бар канор аст».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА ДАСТ ЕЗИДАН МЕВА АЗ ДАРАХТ ФУРУД НАЕЯД.

мук. Ба давидан анҷо шиқори кас намешавад.

Ё он ки ҳавсалаи танг дорӣ, ки донаи иқбол дар он намегунҷад, ё паллаи мизонат хурд аст, ки нақли нчлол намесанҷад, ё ин ки донистай, ки «ба давидан анҷо шиқори кас намешавад» ва **«ба даст ёзидан мева аз дарахт фурӯд намеояд».**

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

1. БА ДАСТИ КАСОН МОР БОЯД ГИРИФТ,
2. БА ДАСТИ КАСОН МОР ГИРИФТАН НЕКӮ ОЯД.

Кори душвор ва хатарноқро бароҳ ту каси дигар кунад, бехтар аст. Мук. Мор ба дасти дигар бояд гирифт.

1. На кас кори каҳро кушояд шигифт,
«Ба дасти касон мор бояд гирифт».
Ба ту наггарад бояду наггарӣ,
Чу ранҷаш бубинӣ, бараш худ х(в)арӣ.

Абулқосими Унсурӣ

2. Ва ба вақти ситаду дод бемакос мабош, валекин макос дарҳӯри охиринӣ кун ва кори хеш чумла ба дасти касон боз бинҳил, чӣ гуфтаанд, ки **«ба дасти касон мор гирифтан некӯ ояд»,**

Аз «Қобуснома»

ш ш о р а:

Чун ёр ба бӯса доданам бор гирифт,
Зулфаш бигирифтам, аз ман озор гирифт,
Чун ёрии ман ёр ҳаме хор гирифт,
З-он хост ба дасти ман ҳаме мор гирифт.

Абулфараҷи Рунӣ

БА ДАСТ ОҲАКИ ТАФТА КАРДАН ХАМИР
БЕҲ АЗ ДАСТ БАР СИНА ПЕШИ АМИР.

Саъдӣ

Инро ки гуфтам гўё Мир шўълаи оташе гардид ва дар нишастанў хостан шуд. Ва гуфтан гирифт, ки лаънат бар мардаке, ки ба ин навъ мардум ошной мекунад ва мусоҳиб бошад. Ба ин эъроз бархост ва ба ҳарам даромад.

Фақир ба баъзе мардум, ки он чо ҳозир буданд, гуфтам:

— Ёрон, ҳеч мебинед, ки моро чй балое пеш омада? **«Ба даст оҳаки тафта кардан ҳамир, беҳ аз даст бар сина пеши амир».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

БА ДАХЛУ ХАРЧИ ХУД ХАР ДАМ НАЗАР КУН,
ЧУ ДАХЛАТ НЕСТ, ХАРЧ ОҲИСТАТАР КУН!

мук. Чу дахлат нест, харч оҳистатар кун!

Ва ин масалро фонда он аст, ки харчи одамй бояд, ки фарохўри дахл бошад ва сармоя, ки дорад, аз суди он мунтафеъ гардад ва бар вачхе, ки нуксон ба раъс-ул-мол нарасад, онро муҳофизат намояд. **«Ба дахлу харчи худ хар дам назар кун, чу дахлат нест, харч оҳистатар кун!»**

Аз «Анвори Суҳайлй»

БА ДАШТ ОҲУИ НОГИРИФТА МАБАХШ!

инг. Оҳун ногирифтаро намебахшанд.

БА ДАҲОНИ ПЎШИДА ПАШША НАМЕДАРОЯД.

Аз хар чй гуфта ноосуда будан, хомўш нишаста осуда будан бехтар аст. Мук. Беҳ аз хомўшй ҳеч пирояе нест.

Лекин пас аз ин дўсту душманро дон, ба хар кас бовар накун, ба хар кас лакидан магир! **«Ба даҳони пўшида пашша намедарояд»** мегўянд, рост аст.

Ҷалол Икромй

БАД БАД АСТ АГАРЧИ НЕКДОН БОШАД.

инг. Car car ast агарчи посбон бошад.

«Бад бад аст арчи некдон бошад»,
Car car ast арчи посбон бошад.

Абдураҳмони Сомй

БАДБИН ҲАМА ЧО ДАРХЎРИ НАФРИН БОШАД.

Ононро, ки нисбат ба касони дигар бадгумонй, балҳоҳй мекунанд ва бо чашми бад менигаранд, ҳамеша дар зери нафрин мебошанд. Мук. Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад!

Зан пурсид, ки, эй ситамкори ғаддор, ту дидай, ки ман кори хилофи раъюи хўдо кардам?

— Гуфт. Оре, ман дидаам.

Ҳамин ки ин калима бар забон ронд, бозе, ки дар даст дошт касди рӯи ӯ карда, миниқор дар чашмаш заду барканд.

Зан гуфт: Харонна сазои чашме, ки нодидаро дида пиндорад, ин аст... «Барканда бех он чашм, ки бадбин бошад, **бадбин хама чо дархӯри нафрин бошад**».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БАД БУВАД ДОДАНУ (БАДТАР БУВАД) БОЗ ХОСТАН.

Аввал чизатро ба кас мадех, агар додӣ, дигар гашта гирифтанӣ онро умед макун! Мук. Зишт бувад додану во хостан.

назир:

Ба хар кӣ хар чӣ диҳӣ, номи он мабар, Совб,
Ки чизи худ талабидан кам аз гадой нест.

Совби Табризӣ

БАД ГАШТӢ АЗ ОН, КИ БО БАДОН ОМЕЗӢ, БО ДЕГ БИМАНШИН, КИ СИЯҲ БАРХЕЗӢ.

иг. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

Эй дӯст, ба як сухан зи ман бигрезӣ,
Хӯи ту набуд ба хар хадисе тезӣ.
**«Бад гаштӣ аз он, ки бо бадон омезӣ,
Бо дег биманшин, ки сиях бархезӣ».**

Абулқосими Фирдавсӣ

БАДИ ДОНО ЗИ НЕКИ НОДОН БЕХ!

мук. Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон!

Гар баде суратат шавад, мустех
«Бади доно зи неки нодон бех!»

Абумаъуди Сонӣ

БА ДИДОРИ МАРДУМ ШУДАН АЙБ НЕСТ, ВАЛЕКИН НАЧАНДОН, КИ ГӮЯНД «БАС!»

Дар мулоқоти якдигар шудан ба меъёраш хуб аст.

Сохибдилеро гуфтанд: Бад-ин хубӣ, ки офтоб аст, нашунидаем, ки касе ӯро дӯст гирифтааст ва ишк оварда.

— Гуфт: Барои он ки хар рӯз метавон дид, магар дар зимистон, ки махбуб асту мазбуб. **«Ба дидори мардум шудан айб нест, валекин начандон, ки гӯянд «бас!».**

Саъдии Шерозӣ

БА ДИНОР ХАР ЧИЗУ ТИМОРИ САХТ
ТАВОН ЁФТ, ЧУЗ ЗИНДАГОНИЮ БАХТ.

Асадии Тӯсӣ

Ба пул ҳама чиз ба даст дароварда мешавад, ба ғайр аз бахту умр.

назир:

1. Эй басо куфл дар ин кохи дудар,
Ки калиндаш натавон ёфт зи зар.

Абдураҳмони Ҷомӣ

2. Басе бигаштаму дардо, ба ҳеч шаҳру диёр
Наёфтам, ки фурӯшанд бахт дар бозор.

Урфии Шерозӣ

БАДИРО НЕКӢИ НАБВАД МУКОФОТ.

Ҷавоби бади бади аст.

Намеандеши аз бемории ман,
Ту гӯё менабинӣ зории ман.
Магар аз ман намеёбӣ муроот,
«Бадиро некӯй набвад мукофот».

Фаридиддини Аттор

БАДИ ҲАМСОЯРО ҲАМСОЯ ДОНАД.

мук. Маҳак донад, ки зар чисту гадо донад, ки мумсик кист.

1. Сиришти тифли бадро доя донад,
«Бади ҳамсояро ҳамсоя донад».

Низомии Ганҷавӣ

2. Табассум карду гуфт: Нек гуфтӣ: **«Бади ҳамсояро ҳамсоя донад».**

Хирмани Сиёҳ (Аз «Гулистони насрат»)

БАД КАСЕ ДОН, КИ ДӮСТ КАМ ДОРАД,
Ӡ-Ӯ БАТАР ЧУН ГИРИФТ, БИГЗОРАД.

Саъдӣ

1. Гурба гуфт: Диздор аз ман дарет мадор ва дӯстию бародарӣ зоеъ макун. Ки ҳар кӣ дӯстеро ба чаҳли бисьёр дар домани муҳаббат кашид ва бе ҷиҳате берун гузорад, аз самароти муволоти маҳрӯм монад ва дигар дӯстон аз вай наянд шаванд. **«Бад касе дон, ки дӯст кам дорад, ӡ-ӯ батар чун гирифт, бигзорад».**

Аз «Калила ва Димна»

2. Гурба гуфт: Дурӣ макун ва дидор аз ман дареғ мадор ва хаққи дӯстию хурмати ошноӣ зоеъ магардон, **ки хар кӣ ба чаҳди** бисьёр дӯсте ба даст оварад ва бе мӯчибе ба осонӣ аз доираи мухаббат по берун гузорад, аз натичи ёрӣ маҳрум монад ва дигар дӯстон аз вай ноумед шуда, тарки маводдат гиранд. **«Бад касе дон, ки дӯст кам дорад, бадтар он, к-ӯ гирифту бигзорад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

3. Ва эй малик, бидон, ки пайравии шаръ накӯхислатӣ аст. Хар кас ба ни хислат бошад, ту ӯро дӯст бидор, харчанд аз ӯ коре пайд шавад, ки туро нохуш ояд. Зеро ки дӯст монанди зан нест, ки талокаш диҳӣ ва дигар бор ба ӯ бозгашт куний, балки дил шиширо монад, чун бишканад, пайванд нагирад. Чунон ки шоир гуфта: **«Бад касе дон, ки дӯст кам дорад, э-ӯ бадтар чун гирифт, бигзорад».**

Аз «Хазору як шаб»

БАДКИРДОР БАДАНДЕШ МЕБОШАД.

мук. Кофар ҳамаро ба кеши худ пиндорад.

Аҳмад бинни Холид маро гуфт: Агар хеч мумкин нест, нахустин манзил, ки бар панч фарсанги шахр аст, таваккуф кун, то косиде чанд муқаррар кунам, ки дар хидмати ту бошанд, ки роҳ ноаён аст. Ман аз ни сухан мутаваҳҳиш шудам ва бо худ гуфтам, ки маро ба тамаллуқ магрур кард, то беруи оям ва хар чӣ дорам беруи оварам бо худ, то он гоҳ бифармояд, ки тамомат аз ман бистонанд ва маро дигар бор бар дасти муваккилон бознҳад ва махбус гардонад. Бар муомилае, ки ман бо ӯ кардаам, кнёе мекардам. Чи гуфтанд: **«Бадкирдор баданде мебошад».**

Аз «Дастур-ул-вузаро»

ишора:

Бадгумон бошад ҳамеша зиштхор,
Номан худ хонад андар хаққи ёр.

Чалолиддини Румӣ

БАД МАКУН, КИ БАД АФТӢ,
ЧАҲ МАКАН, КИ Х(В)АД АФТӢ.

Бадкардаро хатман бадӣ дар пеш аст. мук. Аз мукофоти амал гофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, чав зи чав.

1. Хаким гуфт: Эй шахрёр, хар кӣ ба сӯи касоь чоҳ канад, ночор худ дар он чо афтад ва ни сухан масал гашт, ки **«бад макун, ки бад афтӣ, чаҳ макан, ки х(в)ад афтӣ».**

Аз «Искандарнома» I

2. Зани парсо аз вай пурсид, ки ту маро дидӣ, ки ман ин кор кардам?

Гуфт: Оре, дидам. Дарҳол бозе, ки дар даст дошт, бар рӯи ў ҳаст ва чашмдоғи барканд.

Зан гуфт: Сазои чашме, ки нодидаро дида дорад, ин аст... **«Бад макун, ки бад афтӣ, чаҳ макан, ки ҳ(в)ад афтӣ».**

Аз «Калила ва Димна»

3. Ва ин масал бад-он **задам, ки аз** мукофот баранде**ш ва** аз макоми баланде**ш** бигзарӣ, мабодо ки шаомати он дар ту расад. **«Бад макун, ки бад афтӣ, чаҳ макан, ки ҳ(в)ад афтӣ».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БАД МАКУНУ БАД МАЯНДЕШ, ТО ТУРО НАЕЯД ПЕШ.

ишора:

1. Бад ояд бар ишон зи гуфтори бад,
Бад ояд ба пеши бад аз кори бад.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Макун бад бо касеву бад маяндеш!
Кучо чун бад кунӣ, бад ояд пеш.

Фахриддини Гургонӣ

3. Чу бад кардам, бадам афтод аз хеш,
Касе, к-ӯ бад кунад, бад ояди пеш.

Фаридаддини Аттор

4. Бишнав аз Ибни Ямин панде баговат судманд,
Бо саломат умр агар дорӣ ба сар бурдан ҳавас.
Бад магӯю бад макун бо ҳеч кас дар ҳеч ҳол,
То на бад гӯяд касат, не бошадат бинме зи кас.

Ибни Ямин

БАДМАСТРО БА ҲАМЗАН СОҚӢ ҲАВОЛА КУНӢ

Дармону ислоҳи бадию нокисеро ба дармонпазиру ислоҳкунандааш боид ҳавола намуд.

Акнун метарсам, ки пардаи номуси ман дарида шавад. Ин ғанимат аст, ки шумо шунидаед, ки ба ман чиҳо мегӯянд. Яке аз шогирдон гуфт, ки шояд мо, касеро ба мисли мавлоно ранс шогирдею мулозиме бошад, аз Чалабӣ, балки аз Абӯалӣ ва Афлотун чӣ бок? **«Бадмастро ба ҳамзан соқӣ ҳавола кун!».**

Аз «Бадоиъ ул-вақоиъ»

1. БАД МЕКУНИЮ НЕК ТАМАЪ МЕДОРӢ,
ҲАМ БАД БОШАД САЗОИ БАДКИРДОРӢ

Румӣ

2. БАД МЕКУНИЮ НЕК ТАМАЪ МЕДОРӢ,
ЧУЗ БАД НАБУВАД САЗОИ БАДКИРДОРӢ,
(НЕКӢ НАБУВАД ЧАЗОИ БАДКИРДОРӢ).

мук. Аз мукофоти амал гофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, чав зи чав.

Сиёҳгӯш аз ин сурат тачрибае дигар бардошт ва донист, ки озоранда чуз озор набинад ва инсонандан хор гули мурод начинад. **«Бад мекунию нек тамаъ медорӣ, чуз бад набувад сазои бадкирдорӣ».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА ДОНО ИШОРАТ, БА НОДОН КАЛТАК.

Доно ба як ишорат ба моҳияти масъала сарфаҳм меравад, нодон пас аз танбеҳ ҳам намефаҳмад, инг. Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин. Мук. Доно ба ишорати абрӯ кор кунад, нодон ба захми чавгон.

1. Эй Бобохол, тоза ҳам одами ҳафтафаҳм будӣ-дия! **«Ба доно ишорат, ба нодон калтак».**

Аз «Шарқи Сурх»

2. Набошад **«ба доно ишорату ба нодон калтак»** чунон ядбатро медиҳам, ки бале мегӯй!

Раҳим Ҷалил

БА ДОНО ЯК ИШОРАТ (ИМО) БАС АСТ.

инг. Ба оқил як ишорат бас аст.

1. Намесозам ба худ сад роҳ чора,
«Бувад бас назди доно як ишора»

Собири Ҳамадонӣ

2.— Саросема нашав,— ӯ Шодиевро боздошт.
— Ту ҳама тарафи ин корро нағзакак ҳаёл карда баромадӣ?
— Оё аз қамшавии даромади мои гап заданӣ нестед?
— **«Ба доно — як ишорат»** гуфтаанд, фаҳмидӣ?

Раҳим Ҷалил

БАДР БЕНУҚСОНУ ЗАР БЕАЙБУ ГУЛ БЕХОР НЕСТ.

Чизи нағз ҳам айбу нуқсон дорад.

Гар дилам дар ишки ту девона шуд, айбаш макун,
«Бадр бенуксону зар беайбу гул бехор нест».

Саъдии Шерозй

БАДТАР АЗ ХУЛКИ БАД БАЛОЕ НЕСТ,
ХОҶА, ИН ДАРДРО ДАВОЕ НЕСТ.

Бинои

БА ДУ КАДБОНУ ХОНА НОРЎФТА МЕМОНАД.

1. Агар ичрои як кор ба якчанд кас супорида шавад, аз он натичаи матлуб ба даст намеояд. 2. кори якчанд кас дастзада, хатман, хому хатала мешавад. мук. Хона ба ду кадбону норўфта монад.

Ва чун шуғле фармой, ду танро мафармой, то халал аз он шуғлу фармони ту дур бошад, ки гуфтаанд, ки «як дег ду тан пазанд, чўш наёбад». Ба як шуғл ду касро мафирист аз пан он ки **«ба ду кадбону хона норўфта монад»**. Чунон ки қоил гуфтааст: «Ба яке шуғл ду касро мафирист аз пан он-ки **ба ду кадбону норўфта монад хона»**.

Аз «Қобуснома»

ш о р а:

Хок ёбй зи пой то зону
Хонаеро, ки дуст кадбону.
Ни масал хонарост худ гуфта,
Ба ду кадбонуяст норуфта.

Абдулмаҷди Саной

БАДУ НЕКЙ БА ҶОИ ДУШМАНУ ДЎСТ
ХАР ЯКЕ ДАР МАҲАЛЛИ ХУД НЕКЎСТ.

Ба ҳар кас ба вақташ, дар мавриди муносиб некию бадй кардан дуруст аст.

Гарчи эҳсон накўст аз каму беш
Зулм бошад ба ғайри мавзеъи хеш.
«Баду некй ба ҷои душману дўст
Ҳар яке дар маҳалли худ накўст».

Мактабии Шерозй

1. БА ДУОИ ГУРБА (-И СИЕҲ) БОРОН НАМЕБОРАД.
2. БА ДУОИ КЎРМУШ БОРОН НАМЕБОРАД.

мук. Агар дуои тифлон мустаҷоб будй, як муаллим дар ҳама олам зинда намондй.

— Ҳа, ҳа, ҳа!— хандид колхозчй.— **«Ба дуои кўрмуш борон намеборад».**

Аз «Хорпуштак»

БА ДУШМАН ҲАР ОН КАС, КИ БИНМУД ПУШТ,
ШАВАД З-ОН СИПАС РӮЗГОРАШ ДУРУШТ.

Фирдавсӣ

Дар ҷанг аз душман тарсида гурехтан аз бадтаршӣ пашҳо мебошад.

БАДХОҲИ КАСОН ҲЕҶ БА МАҚСАД (МАТЛАБ) НАРАСАД.

«Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад»,
Як бад накунад то ба худаш сад нарасад,
Ман неки ту хоҳаму ту хоҳӣ бади ман,
Ту нек набиниву ба ман бад нарасад.

Умари Хайём

БАДХЎЙ ДАР ДАСТИ ХЎИ БАДИ ХУД ГИРИФТОР АСТ.

назир:

Бадхўй дар дасти душмане гирифтор аст, ки ҳар чо равад, аз ҷанги ӯкубати ӯ халосӣ наёбад.

Агар зи дасти бало бар фалак равад бадхўй,
Зи дасти хўи бади хеш дар бало бошад.

Саъдии Шерозӣ

1. БАДӢ БА БАДХОҲ РАСАД.
2. БАДӢ ЯК РӮЗ ПЕШ ОЯД БАДОНРО.

Бадкирдорро аз ҷазо халосӣ нест.

Набояд кард моро ин ҳама бад,
Ки бадро бад ҷазо ояд зи Мӯъбад.
Чӣ хуб аст ин масал мар бихрадонро
«Бадӣ як рӯз пеш ояд бадонро».

Фахриддини Гургонӣ

БА ДӮСТӢ ДӮСТЕ МЕКАНАД ПӮСТЕ.

Ба он касе, ки дар зери шиқоби дӯстӣ ба дӯсти худ бадӣ мекунад ва ё хусумат ва кинаи худро гирифтанӣ мешавад, чун сарзанишҳ гуфта мешавад. Мук. Бовар макун ба дӯстат, каҳ чо кунад ба пӯстат. Нис. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Донишманде, ки мултафити ин қазия буд, гуфт: **«Ба дӯстӣ дӯсте меканад пӯсте»** ва максудаш табиби фавқ-уз-зикр буд, ки пас аз тақозоҳо ва истиҷъоҳо тааҳҳуд кард, ки ҷавони паҳлавонро ҳамчун фарзанди худ муолиҷа кунад ва охируламр чӣ гуна пӯст аз сари ӯ канд ва ин зарбулмасал шуд.

Аз «Достонҳои амсол»

ишора:

Дам дихад, гўяд туро: Эй чону дўст,
То чу кассобе кашад аз дўст пўст.
Сар ниҳад бар пои ту кассобвор,
Дам дихад, то хун-т резад зор-зор.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

Он касоне, ки оҳанинмуштанд,
Душманонро ба дўстӣ куштанд.

Аз «Достонҳои амсол» II

БА ЗАР ХАРУ БАҲРА БАР!

мук. Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол.

БА ЗАР ҲАР ОН ЧӢ БАРОЯД, БА ЗӮР НАТВОН КАРД.

Дар чое, ки бо сарфи пул кор анчом меёбад, ба кор бурдани зӯр фоида надорад. Мук. Ҷаве зар беҳтар аз ҳафтод ман зӯр.

Шикастарангии ман ишкро ба раҳм оварад,
«Ба зар ҳар он чӣ барояд, ба зӯр натвон кард».

Соиби Табрезӣ

БА (БО) ИШТИҲОИ МАРДУМ НАМЕТАВОН НОН ХӮРД.

1. Ҳар кас бояд суду зиёни худро худ донад, 2. ҳар кас ҳисоби кори худро худ бояд кунад. Мук. Раҳ натавон рафт ба пои касон.

ишора:

Ба пои худат рафт боят ба гӯр,
Чу бар иштиҳои касон нон хӯрӣ.

Шоҳин Сабзаворӣ

БА ИШҚ ИНСОН ТАВОНАД БУД ИНСОН,
ВАГАРНА СУРАТИ БЕМАЪНӢ АСТ ОН.

Сарфии Кашмирӣ

мук. Ба тоҷи ишқ сари одамӣ азиз бувад, агар на ишқ бувад, одамӣ чӣ чиз бувад?

БАЙҲИ АВВАЛУ ХАЛОСИ ОХИР.

1. Чанги тарафайн дар аввал барои ҳалли масъалае беҳтар аст, ва он сулҳе, ки масъала ноҳал монда, дар оянда боиси рӯй додани нохушие мешавад. 2. дар савдо гуфтушунйиди лозимиро дар аввали

он бояд кард, то ки пас аз харида шудани мол чанчоле рӯй надиҳад. Мук. Аввали бахо — мушки бахо.

Савдо зуд пухт. Хол аз хариду косиб аз фурӯш розӣ шуданд. Даст дода «барака ёбед» карданд. Баъд ба зарбулмасали **«байъи аввалу халоси охир»** амал намуда, кавлу байъ карданд, Хол ба мӯзан фармудааш бунак дод.

Раҳим Ҷалил

БА КАПК СИТЕЗА КАРДА, КӮРПАРО СӮХТАН НОРАВОСТ.

нит. Бахри кайке гилем натвон сӯхт.

Не, набояд ин тавр кунанд. Чунки ҳоло вазъияту шароит дигар аст. Ҳоло як даре баста бошад, сад дари дигар кушодааст! Аз садаман аввалини маъюс шудан кори мард нест, рафиқон! **Чи тавре ки** халқ мегӯяд: **«Ба кайк ситеза карда кӯрпаро сӯхтан норавост!»** Ба ҳама тамасхур ва носазогӯиҳо ба кор, ба навиштан, бо асари хуб ҷавоб гардондан лозим аст.

Ҷалол Икромӣ

назир:

Хачв мапиндор гуфт лаббайке,
Ҷома мафган бар оташ аз кайке.

Абулмаъҷди Санойӣ

БА КАСБ КӮШ, КИ КОСИБ БУВАД ҲАБИБУЛЛОҲ.

Таҳсили рӯзӣ бидуни касбу кор номумкин аст.

Рӯбоҳ гуфт: Ин сухан, ки мегӯй, аз мартабаи таваккал аст ва ҳар кас бад-ин поя нарасад. Суннати ҳазрати илоҳӣ ҷалла зикраҳу бар он ҷорӣ шуда, ки дар олами асбоб, ҳар касро ба василае рӯзӣ расонад ва мусаббиб-ул-асбоб ҷиҳати ҳар марлука сабаби ризқ ба навъе дигар ба зухур орад. **«Ба касб кӯш, ки косиб бувад ҳабибуллоҳ».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА КАСОФАТИ ЯК ШУМ СӮЗАД ШАҲРИ РУМ.

1. Амали носазои як бадкирдор бонси бадномии дигарон мешавад, 2. аз амали бади касе дигарон низ эмин мебинанд. Мук. Аз шумии шум сӯзад шаҳри Рум.

назир:

Ба як нотарошида дар мачлисе
Бирончад дили хушмандон басе.
Агар биркае пур кунанд аз гулоб,
Сите дар вай афтад, шавад мавчалоб.

Саъдии Шерозӣ

БА КОРДОН — КОР ОСОН.

Кордон корро ба осонӣ анҷом медиҳад, ҳар мушкилие, ки пеш ояд, дарҳол ҳал менамояд. Мук. Коргар корро мешиносад.

Аз ин ҷост, ки Холов фикр мекунаду ниҳоят боз ба роҳи ба даст овардани пули бедардиниён қадам мегузорад. **«Ба кордон — кор осон»** гуфтагӣ барин, масъала зуд ҳал мешавад.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

БА КОРҲОИ ГАРОН МАРДИ КОРДИДА ФИРИСТ!

Ичрои корҳои мушкил ва муҳимро бояд ба одамони кордидаву ботачриба супурд.

«Ба корҳои гарон марди кордида фирист»,
Ки шери шарза дарорад ба зери хамми каманд.

Саъдии Шерозӣ

ш о р а:

Нӯшервон, ки тантанаи сити адли ӯ
То ҳашр бар забони афозил равон бувад,
Харгиз раво надошт, ки бадаслу сифларо
Дар аҳли ӯ синону қалам дар баҳон бувад.

Анварии Абеварӣ

БА КОХ АНДАРУН МИЗБОН ПОДШОСТ.

1. Ҳар кас дар хонаи худ хоҷа аст, 2. ихтиёри молу чизи хона ба дасти соҳибхона аст.

Бад-ӯ гуфт: Аз он рохрав ки-т ҳавост,
«Ба кох андарун мизбон подшост».

Абулқосими Фирдавсӣ

БА КӮРПААТ НИГОҲ КАРДА, ПОЙ ДАРОЗ КУН!

1. Дар ичрои ҳар коре аз доираи қонуну қоида ва одоби муқаррарӣ набояд хориҷ шуд, 2. имконияти худ ва шароитро ба ҳисоб гирифта, ба коре шурӯъ намо! Мук. Пой аз гилеми хеш берун манеҳ!

— Ман гуфтаӣ, ки **«ба кӯрпа нигоҳ карда пой дароз кун!»**.

Абдуллаҷон Баҳорӣ

н а з и р:

1. Ҳар кӣ по аз ҳадди худ берун ниҳад,
Сар диҳад барбоду тан бар сар ниҳад.

Фаридаддини Аттор

2. Хар кй бехуда гардан афрозад,
Хештанро ба гардан андозад.

Саъдии Шерозй

3. Хар кй ба шаб гирди гилеми фароз,
Карда ба андозаи он по дароз.
В-он ки зи андоза бурун бурд пой,
Сардии айём намудаш сазой.

Хусравй Деҳлавй

БА КЎҲ ОН ЧЙ ГЎЙЙ, ЧУЗ ОН НАШНАВЙ.

Хар неку баде, ки мекунй, боз ба худат бармегардад, мук. Сухан хар чй гўй, ҳамон бишнавй.

Чаҳон кўху феъли ту омад нидо,
Чазои ту бар феъл бошад садо.
Аз ин кўҳ, к-аз феъли ту пурнидост,
Садо чуз ба вакти нидо барнахост.
«Ба кўҳ он чй гўй, чуз он нашнавй»,
Ба хок он чй корй, чуз он надравй.

Абдураҳмони Ҷомй

назир:

Ба кўҳ касе, ки роз гўяд,
Кўҳ он чй шунид, боз гўяд.

Низомии Ганҷавй

БАЛОЕ БАДТАР АЗ ДАРДИ ҲАСАД НЕСТ,
БА МУРДАН ГАР БУВАД НАЗДИК, БАД НЕСТ.

Носири Хусрав

мук. Хасад дарди бедармон аст.

ВАЛОИ ОДАМЙ ОМАД ЗАБОНАШ,
КИ ДАР ВАЙ БАСТА ШУД СУДУ ЗИЁНАШ.

Носири Хусрав

Хар неку баде, ки ба сари инсон меояд, вобаста ба гуфтаҳои ну ку бади ў аст.

назир:

Хар балое, ки мерасад ба касон,
Бештар аз мамарри гуфтор аст.

Абдураҳмони Ҷомй

БАЛОИ САФАР БЕҲ КИ ДАР ХОНА ҶАНГ.

Саъдӣ

мук. Ранҷи гурбат бех, ки андар хона ҷанг.

назир:

Чӣ хайре барояд аз он хонадон,
Ки бонги хурӯс ояд аз мокиён!

Аз «Ахсану ҳикоя»

БА МАЙДОНЕ, КИ ЛОИҚИ ҶАВЛОНИ ТУ НЕСТ, ҚАДАМ МАНЕҲ!

Агар аз ӯҳдаи ичрои коре барнаёй, бо он даст мазан!

Рӯзе зоҳид ӯро гуфт: Душвор коре гирифтай ва азим ранҷе бар дили худ ҳиҳодай. Забони ту бар ин луғат ҷорӣ намегардад ва табъи ту ба ин сухан муносибате надорад. Тарки ин кор гир ва «ба майдоне ки лоиқи ҷавлони ту нест, қадам манеҳ!»

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА МАНЗИЛ РАСИД ОН КӢ ПӮЯНДА БУД,
БЕҲӢ ЕФТ ОН КАС, КИ ҶӮЯНДА БУД.

Фирдавсӣ

мук. Ҷӯянда-ёбанда.

БА МАРГ БОЯДАШ ГИРИФТ, ТО БА ТАБ РОЗӢ ШАВАД.

1. Хоҳишро аз меъёраш андаке зиёдтар бояд кард, то ба меъёраш розӣ шавад, 2. нархи молро камтар зиёд бояд гуфт, то ки харанда он нархро камтар паст карда бихарад.

Ошиқ аз хичрон ба бим овар, ки то гардад сабур,
Дар масал бошад **«ба маргаш гир, то розӣ ба таб»**

Тақии Доништ

БА МАРДӢ ҲАР КӢ ҲИММАТ БАРГУМОРАД,
БА ҲИММАТ КӮҲРО АЗ ҶО БАРОРАД.

Тақии Доништ

Ҳар кӣ мардона ҳиммат ро пеш гирад, корҳои бузургро ба сомон хоҳад расонд. Муқ. Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад.

БА МАРДУМ ДАРОМЕЗ, АГАР МАРДУМӢ,
КИ БО ОДАМӢ ҲӮГИР АСТ ОДАМӢ.

Низомӣ

Муқ. Тафти одамро одам мебардорад.

БА МОЛАТ МАНОЗ, БА ЯК ШАБ БАНД АСТ,
БА ХУСНАТ МАНОЗ, БА ЯК ТАБ БАНД АСТ.

инг. Ба хуснат маноз, ки ба як таб банд аст, ба молат маноз, ки ба як шаб банд аст.

БА НАЗДИ ТАБИБ МАРАВ, БА НАЗДИ КОРАФТОДА РАВ!

инг. Пеши табиб марав, пеши корафтода рав!

Танқид роҳи кӯчро дуруст менамояд, одамро ба инсоф меоварад, ба ҳар ҷароҳат даво мешавад. Бинобар ҳамин ба зарбулмасали **«ба назди табиб марав, ба назди корафтода рав»** амал карда, рост ба пеши «Хорпуштак»-и корафтода биёёду «Танқиднома»-и ӯро шунавед!

Самад Ғанӣ

БА НАЗЗОРА-БАР ҶАНГ ОСОН БУВАД.

инг. Ҷанг бар назора осон аст.

1. Зи пайкор баддил ҳаросон бувад,
«Ба наззора-бар ҷанг осон бувад».

Асадии Тӯсӣ

2. Магар нашнидӣ аз ҳетишиносон,
Ки **«бошад бар назора ҷанг осон».**

Фахриддини Ғуросонӣ

БА НАРМӢ БАРОЯД ЗИ СӮРОХ МОР.

Фирдавсӣ

инг. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

Лукмони Ҳаким гӯяд, ки агар девмардум ё бадкирдакор аз тариқи ҳашм ва тундӣ ва дуруштӣ пандаки ту ояд, бо оҳистагию нармӣ пеши ӯ боз шав, то фитна наҳезад ва оташи ҳашм фурӯ нишинад ва бастагиҳо бикушояд ва шикастагиҳо дуруст гардад.

Ту бо девмардум хирад пеша кун,
Ба нармию оҳистагӣ рои сухан!
Дуруштиву тундӣ наёяд ба кор,
«Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор».

Аз «Хираднома»

1. БА НАРМӢ ЧУ ГАРДАН НИҲАД РӮЗГОР,
ДУРУШТИЮ ГАРМӢ НАЕЯД БА КОР.

Абӯшакури Балхӣ

2. БА НАРМӢ ЧУ КОРЕ ТАВОН БУРД ПЕШ,
ДУРУШТӢ МАҶУЕД АЗ АНДОЗА БЕШ!

Асадии Тӯсӣ

Коре, ки ба мулоимати ичро мегардад, дар он дуруштиро тундӣ ба кор бурдан на аз рӯи акл аст.

БАНДАГОН ГУНОҲ КУНАНДУ ХУДОВАНДОН ДАРГУЗАРАД.

мук. Аз хурдон хато, аз бузургон ато.

Ғозӣ чун ин бишунид, замин бӯса дод, ки мумкин нагашт, ки бархостӣ ва бигирист ва бисьёр дуо кард. Пас гуфт: Бар банда бихостанд то чунин хатое бирафт ва **«бандагон гуноҳ кунанду худовандон даргузарад».**

Аз «Таърихи Табарӣ»

БА НЕКНОМӢ МУРДАН БЕҲ АЗ БА БАДНОМӢ ЗИСТАН,

нег. Ба номи некӯ мурдан беҳ, ки ба номи бад зистан.

БА НЕКӢ НЕКӢ.

Ба некӣ бо некӣ чавоб бояд дод, некиро чавоб некӣ аст.

Чунон гулғула сар шуд, ки ором карданаш душвор буд. Ӯзбеку казок, киргизу туркман, точику тотор ҳама ба забони худ дуруст мегӯянд! Мо ба мадад рафтан мехоҳем! Ба Россия барои мададгорӣ! **«Ба некӣ некӣ!»** — гӯён фарьёд мезаданд ва агар худи фармондеҳ даст намебардошт, ин ҳаёҳуро ҳеч кас ором карда наметавонист.

Раҳим Ҷалил

ш ш о р а:

Чу Хурмуз дид, ҳолӣ пешаш овард,
Ба ҳурмат дар чавори хешаш овард.
Фузун аз ҳалли ӯ кардаш муроот,
Накӯиро накӯӣ, дон, мукофот.

Фаридаддини Аттор

БАНӢ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД,
КИ ДАР ОФАРИНИШ ЗИ ЯК ГАВҲАРАНД.
ЧУ УЗВЕ БА ДАРД ОВАРАД РӮЗГОР,
ДИГАР УЗВҲОРО НАМОНАД КАРОР.

Саъдӣ

1. Гуфтам: Ман мусулмон, шумо арманӣ, чӣ гуна мешавад, шумо дастгирӣ аз мусулмон бикунед?

Гуфт: Магар шумо Саъдиро нахондаед, ки дар китобаш мегўяд:

«Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавхаранд,
Чу узве бо дард оварад рўзгор,
Дигар узвхоро намонад қарор...»

Аз «Гулистон»-и Саъдӣ Шерозӣ

2. Мо одамҳои советӣ ба ҳамаи мардуми меҳнаткаши дунёи осоишту фарогат меҳоҳем. Ва сари ягон халқ ягон фалокату мусибат биёяд, ғам мехўрем, то аз дастамон омадан, бо вай мадад мекунем. Охир:

«Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавхаранд,
Чу узве ба дард оварад рўзгор,
Дигар узвхоро намонад қарор».

Раҳим Ҷалил

ишора:

Узви якдигаранд одамиён,
З-он ки аз як наҳоду як гуҳаранд.

Абўабдуллоҳи Рӯдакӣ

маънӣ:

1. Пайваста аст силсилаи мавҷҳо ба ҳам,
Худро шикаста, ҳар кӣ, дили мо шикаставст.

Соиби Табрезӣ

2. Масал бошад ба олам кишвари ман,
Ҳама аъзост бо ҳам ёвари ман,
Агар узве зи аъзо нокис ояд,
Бароп кори дунёй пашояд.

Сиддиқиддин Аҳмад

БА НОГУФТА-БАР ЧУН КАСЕ ҒАМ ХЎРАД,
АЗ ОН БЕХ, КИ БАР ГУФТА КАЙФАР БАРАД.

Асадии Тўсӣ

мук. Бас ки бар ногуфта шодон будаам, бас ки бар гуфта пушаймон будаам.

БА НОКОРДИДА МАФАРМОЙ КОРӢ

мук. Нокардакорро набаред ба корӣ

Нахохӣ, ки зоеъ кунӣ рӯзгор,
«Ба нокардида мафармоӣ кор!»

Саъдии Шерозӣ

БА НОМИ НЕКӮ МУРДАН БЕҲ, КИ БА НОМИ БАД ЗИСТАН.

Мурдан барои касе, ки бар асари корҳои нек номи нек аз худ ба ёдгорӣ мегузорад, беҳтар аз зиндагии он касе аст, ки ба бадномӣ умр ба сар мебарад. Мук. Ба некномӣ мурдан беҳ, ки ба бадномӣ зистан.

Ба кӯшидан таксир макун, агар дар ту тарсию сустӣ пайдо ояд, агар ҳазор ҷон дорӣ, яке набарӣ ва камтарин касе бар ту ҷиҳа гирад ва ту он гоҳ кушта гардӣ ва ба бадномӣ номат барояд ва чун ба муборизӣ дар миёни мардон маъруф шавӣ, чун ту таҳаюн кунӣ, аз ҳеҷ барӣ ва дар миёни ҳамсарони хеш на шармзада бошӣ ва чун пому ном набошад камозорӣ дар миёни ҳаммолони беш ҳосил шавад ва марг аз чунон зиндагонӣ беҳтар бошад. **«Ба номи некӯ мурдан беҳ, ки ба номи бад зистан».**

Аз «Қобуснома»

1. БА ОСМОН САНГ НААНДОЗ, КИ БА САРИ ХУДАТ МЕЗАНАД,
2. БА ОСМОН ТУФ КУНӢ, БА РӮИ ХУДАТ МЕАФТАД.

Агар ба хешовандони худ ҷангу ҷидол кунӣ, беобрӯгию носхушии он ба худи ту бармегардад.

ишора:

1. Макун бар фақри Хусрав сангборӣ,
Ба Фарҳодаш макаш дар сангсорӣ.
Касе, к-андозад ӯ бар осмон санг,
Ба озори сари худ дорад оҳанг.

Низомии Ганҷавӣ

2. Эй бурида он лабу ҳалқу даҳон,
Кӣ кунад туф сӯи моҳ ё осмон?
Туф ба рӯяш бозгардад бешаке,
Туф сӯи гардун наёбад маслаке.

Ҷалолиддини Румӣ

БА ОСОНӢ НАЕБӢ ШОДКОМӢ,
БА БЕРАНҶӢ НАЕБӢ НЕКНОМӢ.

Фахриддини Гургонӣ

БА ОҚИЛ ЯК ИШОРАТ БАС АСТ.

инг. Оқилонро ишора бас аст.

Хин, ки хурӯс бонг зад вакти сабӯҳ «ё фатӣ»,
Шарҳ намекунам, ки **«бас окилро ишорате»**.
Фаҳм кунӣ ту худ, ки ту зираку поххотирӣ,
Бода бияру дил бибар, зуд бикун тичорате.

Чалолиддини Румӣ

БА ОҲАНИ ПӮЛОД ОҲАНҲОИ ДИГАР ШИКОФАНД.

мук. Оҳан ба оҳан тавон кард нарм.

Гавпой рӯй ба дастури сайюм овард, ки муқтазои раъйи ту дар имзои андешаҳои нишон чист? Ҷавоб дод, ки он чӣ нишон андохтанд, дар хотири ту ҷой гирифт, ки офаринишш ҳаман офаридагон чунон аст, ки ҳар он чӣ бишунавад ва табиати ӯро мувофиқ ва мулоим ояд зуд ба кабули он мустарсал шавад. Сеюман, ки сухан назми некӯ ва иборате муҳаззаб ва лафзи мустаъзаб дорад. Сабки он сухан дар қолаби орзуи ӯ нишинад ва гуфтаанд чунон ки **«ба оҳани пӯлод оҳанҳои дигар шикофанд»**.

Аз «Марзбоннома»

БА ПЕШИ ТАБИБ НАРАВ, ПЕШИ КОРАФТОДА РАВ!

инг. Пеши табиб марав, пеши корафтода рав!

Худи Мирзоев бе падару модар калон шуда, сахтиҳои ҳаёти ятимонаро аз сар гузаронидааст. Дар урфият мегӯянд, ки **«ба пеши табиб нарав, пеши корафтода рав»**. Хочиназаров дар ин бобат ҳам табиб асту ҳам корафтода...

Фазлиддин Муҳаммадиев

БА ПУЛДОР КАБОБУ БА БЕПУЛ ДУДИ КАБОБ.

Касе, ки пул дорад, барои ӯ ҳама неъмати зиндагӣ муҳайё аст ва касе ки пул надорад, ӯ аз ҳама чиз маҳрум аст. мук. Пулдор хӯрад кабоб, бепул дуди кабоб.

н а з и р:

Ки ҳар кас, ки дорад фузунӣ, хӯрад,
Касе, к-ӯ надорад, ҳаме пажмурад.

Абулқосими Фирдавсӣ

БА РАЪЙЕ ЛАШКАРЕРО БИШКАНӢ ПУШТ,
БА ШАМШЕРЕ ЯКЕ ТО ДАҲ ТАВОН КУШТ.

инг. Ба шамшере яке то сад тавон кушт, ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт.

1. Калиди фатҳро дандон падид аст,
Ки куфли оҳанин заррин калид аст.

Зи сад шамшерзан раъйи қавӣ бех,
Зи сад қолаб кулохи хисравӣ бех.
«Ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт,
Ба шамшере яке то дах тавон кушт».

Низомии Ганҷавӣ

2. Гуфт: Ман аз пирони раъйзан метарсам ва аз филлони тезпои хавф надорам, ки оқилон гуфтаанд: **«Ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт, ба шамшере яке то дах тавон кушт».**

Аз «Гавҳари ғаввас»

БАР АХВОЛИ ОН КАС БИБОЯД ГИРИСТ,
КИ ДАХЛАШ БУВАД НУЗДАХУ ХАРҶ БИСТ.

Аҳволи касе, ки харҷаш мувофиқи даҳлаш нест, таассуфовар аст. Мук. Бар он кадхудо зор бояд гирист, ки даҳлаш бувад нуздаху харҷ бист.

1. БАРАХНА БОК НАДОРАД ЗИ РОХЗАН,
2. БАРАХНА ФОРИҒ АСТ АЗ ДУЗДУ ТАРРОР.

мук. Осуда касе, ки хар надорад, аз кӯҳу чаваш хабар надорад.

Ҷуз чор мах на бешу на кам, к-ам худойгон
Фармон диҳад, ки рахт кашам чониби ватан,
Гар ғӯядам малик, ки бувад роҳзан ба рох,
Ғӯям: **«Бараҳна бок надорад зи роҳзан».**

Хабиби Коинӣ

БАРБАСТА ДИГАР БОШАДУ БАРРАСТА ДИГАР.

нит. Аз фаълан ҳайвон норинҷ тавон сохт, вале бӯ натавон кард.

1. Мегуфт, ба дандони бутам пкди дурар,
Ман ҳамчу туам латифу покизагухар.
Ҳандон-ҳандон ба ноз гуфташ: Хомӯш!
«Барбаста дигар бошаду барраста дигар».

Ҷалолиддини Румӣ

2. Гулдаста ба рухсори ту чун кард назар?
Гуфто, ки наям аз ту ба хубй камтар.
Рухсори ту гуфт: арчи чунон аст, валек
«Барбаста дигар бошаду барраста дигар».

Ибни Ямин

3. Мегуфт духул дӯш ба ҳангоми саҳар,
Қ-овозаи ман ҷаҳон кунад зеру забар.

Чавгон бизадаш бар даҳану гуфт: Хамӯш!
«Барбаста дигар бошаду барраста дигар».

Ҳочуи Кирмонӣ

4. Бо риши бузург гуфт дастори сар,
Дар зинату тамкин зи туам ман бартар.
Баркард зи чайби фикр сар ришу чӣ гуфт?
«Барбаста дигар бошаду барраста дигар».

Кӯрӣ Яздӣ

БАР БАҲИМА ЧИ СУНБУЛ, ЧИ СУНБУЛА.

мук. Хар чӣ донад лаззати канду набот?

Шоҳо, ба сони Ибни Ямин аз суханварон
Дурри мадойиҳат накашад кас ба мурсала.
Аммо фалак намекунадаш фарк аз шабак,
Оре, **«бар баҳима чи сунбул, чи сунбула»**.

Ибни Ямин

БАР БОД РАВАД, ХАР ОН ЧӢ АЗ БОД ОЯД.

ниг. Аз бод омада ба бод шавад.

БАРГИ САБЗ АСТ ТӮҲФАИ ДАРВЕШ
ЧӢ КУНАД БЕНАВО НАДОРАД БЕШ (ХАМИН ДОРАД)?

мук. Армугони мӯр пои малах аст.

1. Овардаанд, ки дарвеши дилреши оқибатандеш ба чиҳати тахсили улум пеши шайхе рафт ва он дарвеш шохи райҳон пеши шайхи олам ниҳод ва дасташ бӯсида гуфт: **«Барги сабз аст тӯҳфаи дарвеш»**. Он шайх чавоби саломи ӯро надод.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

2. Баъд аз он вазир гуломро ишора кард ва гулом хончаро пеш оварда ба ҳозӣ гуфт: **«Барги сабзест тӯҳфаи дарвеш, чӣ кунад бенаво надорад беш?»**.

Аз «Куллиёти ҳафт достони Наҳмии Шероӣ ва Ҳокӣ»

3. **«Барги сабз аст тӯҳфаи дарвеш»,**
Чӣ кунад бенаво хамин дорад?

Аз «Амсолу ҳикам»

1. БАР ГУЗАШТА АФСӮС (ТИМОР) НАХӮРАНД,
2. БАР ГУЗАШТА ХАСРАТ ОВАРДАН ХАТОСТ.

Ходисае набояд рӯй бидиҳад, рӯй ки бидод, бар вай надомату афсӯс хӯрдан суде надорад.

Гуфт: Ах, ман фавт кардам фурсатро
Чун нагаштам ҳамрахи он рахнамо.
Ногаҳон рафт ӯ, валекин чунк рафт,
Мебинбистам шудан дар пай ба тафт.
«Бар гузашта ҳасрат овардан хатост»,
Боз и-овд рафта, ёдм он хабост.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

Ба рӯзи рафта монад ёри рафта,
Чаро дорӣ ба дил тимори рафта?

Фахриддини Гургонӣ

БАР ГУМОН ЗАХР НАМЕНӮШАНД.

Бидуни таҳқиқу тафтиш ба кори хатарнок набояд даст зад. Мук. Захр ба гумон хӯрдан аз доной набошад.
ишора:

1. Чаро бар гумон захр боид чашид?
Думи мори хира набояд газид.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Захр хӯрдан бар гумон на кори доноён бувад,
Кини ту чустан бувад чун захр хӯрдан бар гумон.

Катрони Табрезӣ

БАР ГӮЯНДА БЕШ АЗ ГУФТОР НЕСТ, ЧУН ШУНАВАНДА ХАРИДОР НЕСТ, ҶОИ ОЗОР НЕСТ.

Аз гӯянда гуфтан аст, боқӣ ихтиёри шунаванда аст, ки хоҳ бипазирад ва хоҳ не. Мук. Гӯяндаро чӣ гам, ки насиҳат қабул нест, гар нома рад кунанд, гуноҳи расул нест.

Пас он чӣ аз мӯчиби табъи хеш ёфтам, дар ҳар бобе сухане чанд чамъ кардам ва он чӣ шоиста ва мухтасартар буд, андар ин нома навиштам. Агар аз ту кор бастан хезад, худ писанд омад ва илло он чӣ шарти падарӣ буд, карда бошам, ки гуфтаанд: **«Бар гӯянда беш аз гуфтор нест, чун шунаванда харидор нест, чои озор нест».**

Аз «Қобуснома»

БАР ДАРИ ХОНА ХАР САГЕ ШЕР АСТ

1. Хар кас дар шахру диёри худ хукми равою мавқеи устувор дорад ва далер аст, 2. ба пуштибонии касе метавон изҳори далерӣ кард. Инг. Ба кох андаруи мизбон подшост.

Гарчи бар бехпрад ҳаво чир аст,
«Бар дари хона ҳар саге шер аст».

Абулмаъҷди Саной

БАР ДАСТАИ ГУЛ НИЗ БИБАНДАНД ГИЁРО.

Ва дар маҳалли исботи абвоб, ҳар ҷо, ки эроди ҳикояте ва нишон масале муносиб хоҳад буд, бинобар он мулоҳиза, ки **«бар дастаи гул низ бибанданд гиёро»**, ба иқдоми ҷасорат бар сабили тасарруф иқдом хоҳад рафт.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БАР ДЕҲИ ВАЙРОН ХИРОҶУ УШР НЕСТ (НАБОШАД).

ниг. Аз деҳи вайрон наситонанд хироҷ.

Ошиқонро ҳар нафас сӯзиданист,
«Бар деҳи вайрон хирочу ушр нест».

Ҷалолиддини Румӣ

БАРЗАГОВ ГУЛ НАБӮЯД ВА ОШНОИИ БУЛБУЛ НАҶӮЯД.

Нодон ба фазлу доиши бе эътино аст, барои ҳамин ӯро бо фозилу доишманд кори нест. Мук. Зоғ чун фориғ зи бӯи гул бувад, нафраташ аз сӯҳбати булбул бувад.

— Агар маро нурсӣ, ман аз шеър ҳам безору аз шоир ҳам, намехонам ва намеандешам.

— Оре, Хоҷа **«барзагов гул набӯяд ва ошноии булбул нағӯяд»** — ҷавоб меднҳад ба вай Рӯдакӣ.

Сотим Ӯлуғзода

БАРЗАГОВ МУРАД ҲАМ, АЛОИИ ҶАШМАШ НАМЕРАВАД.

ниг. Гов бимирад ҳам, алоии чашмаш намеравад.

— Хайр, нашавад чӣ? — **«Барзагов мурад ҳам алоии чашмаш намеравад»** гуфтагӣ барин, ҳоло ҳам шумоён ҳукумати пештараатонро аз хотир набаровардаед.

Баҳриддин Азизӣ

БАРКАНДА БЕХ ОН РИШ, КИ ДАР ДАСТИ ЗАНОН АСТ.

Чун сарзаниш ба мардоне, ки ихтиёри худро битамом ба дасти занҳояшон дода, бозичаи онҳо шудаанд, гуфта мешавад. Ниг. Ба ҳикояи ин маҳал.

Зол дар рӯю мӯи вай нигарист ва бо худ гуфт: Хеч бех аз он нест, ки дар маҳосини ин шахс чанд мӯи сиёҳ аст, барканам, то ришаш ӯ тамом сафед намояд ва он зани чавонро бад-ӯ рағбат намонад. **Ва чун аз он рағбате набинад ва нафрате ва малоле фаҳм кунад.**

Оташи муҳаббати вай низ латифоъ ёфта, дил аз ӯ бардорад ва кулӣ бо ман бипардозад.

Пас он қадар, ки тавонист, мӯи сиёҳ аз ришш ӯ барканд. **«Барканда беҳ он риш, ки дар дасти занон аст».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БАРКАНДА БЕҲ ОН ЧАШМ, КИ БАДБИН БОШАД!

ниг. Бадбин ҳама чо дарҳӯри нафрин бошад.

1. БАР КАСЕ МАПИСАНД ОН ЧӢ АЗ ХЕШТАН ОЯД НОПИСАНД.
2. БАР КАС МАПИСАНД ОН ЧӢ ТУРО НЕСТ ПИСАНД.

ниг. Кордро ба худат зан, дард накунад ба каси дигар зан!

1. Хосу омӣ оламиёнро ва дуру наздики одамиёнро чун нафси азизи худ донисга, ҳар чӣ дар боби хеш написандед, дар ҳаққи ишон раво надоред. **«Бар касе маписанд он чӣ аз хештан ояд нописанда».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Худ бияндеш, ки агар ту тоқати дурии маҳбуби худ надорӣ, маро кучо тобн он аст, ки ба муфорақати ту зиндагӣ кунам ва ба хаёли висол ва висоли хаёлот ба сар барам. Пас, **«бар кас маписанд он чӣ аз хешат ояд нописанд».**

Аз «Шабистони ишрат»

ишора:

Бар касе маписанд, к-аз ту он расад,
К-ат наёяд хештанро он писанд.

Носири Хисрав

БАР КАС НЕСТ АЗ ОМӮХТАН ОР.

Омӯхтани касбу хунар дар хама синну сол ору нанг намебошад. Мук. Хар кӣ з-омӯхтан надорад нанг, дур барорад зи обу лаъл аз санг.

Биёмӯз, он чӣ нашиоӣ ту, зинҳор,
Ки **«бар кас нест аз омӯхтан ор».**

Носири Хисрав

БАР ЛАБИ ЧАЙҲУН КАС ТАШНА НАБОШАД.

Вакте ки неъматхо фаровон ва дастрас аст, хеч кас аз он бенасиб намемонад. Мук. Лабташна низ нагузарад аз чӯйбор асб. Аксаш: **бар он ташна бибояд зор бигрист, ки бар каф обу бояд ташнааш зист.**

ишора:

На ҳеҷ мард бувад бенаво ба даргаҳи ӯ,
На ҳеҷ халқ бувад ташна бар лаби Чайҳун.

Катрони Табрезй

БАР МОЛУ ҶАМОЛИ ХЕШ МАҒРУР МАШАВ,
К-ОНРО БА ШАБЕ БАРАНД В-ИНРО БА ТАБЕ.

иног. Ба хуснат наноз, ки ба як таб банд аст, ба молат маноз, ки ба як шаб банд аст.

БАР МУРДА ҚАЛАМ НЕСТ.

1. Мурдаро гунаҳгор намекунанд, 2. мурда аз маломату масъулият фориғ аст. Мук. Бар хуфта қалам нест.

Аммо мардум то хуфта бошад, на дар ҳукми зиндагон бувад ва на дар ҳукми мурдагон, чунон ки **«бар мурда қалам нест»**, бар хуфта низ қалам нест.

Аз «Қобуснома»

БАРНАЕЯД ЗИ КУШТАГОН ОВОЗ.

иног. Аз мурда ҳадис наёяд.

Гар касе васфи ӯ зи ман пурсад,
Бедил аз бенишон чӣ гӯяд боз?
Ошиқон куштагони маъшуқанд,
«Барнаёяд зи куштагон овоз».

Саъдии Шерозй

БАР НАКӮКОРӢ ҲАРГИЗ НАКУНАД ҲАЛҚ ЗИЁН.

Ҳеҷ кас аз некӯкории худ зиён надидааст.

Дили мардум ба накӯкор тавон бурд зи роҳ,
«Бар накӯкорӣ ҳаргиз накунад халқ зиён».

Абулҳасани Фаррухӣ

БАР НОГАЗОЯНДА Н-ОЯД ГАЗАНД.

Бад накунӣ, бад намебинӣ.

Чӣ хуш достоне зад он ҳушманд,
Ки **«бар ногазоянда н-ояд газанд».**

Низомии Ганҷавӣ

БАР НОДИР ҲУКМ НАТВОН КАРД.

мук. Бо як гул баҳор намешавад.

Саъдӣ

Ё шояд дар зиндагии рӯзгори мо ин масъала як пешомади нодир асту чунон ки баъзеҳо гуфтаанд: **«Бар нодир ҳукм наметавон кард».**

Алиниҳаммади Афғонӣ

БАРН-ОЯД АЗ ХОНАИ БОЗ ЧУҒД.

мук. Окибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад.

Ба мӯбад чунин гуфт деҳқони суғд,
Ки **«бари-ояд аз хонаи боз чуғд».**

Абулқосими Фирдавсӣ

БАРН-ОЯД АЗ ХЕЧ ВАЙРОНА ДУД.

ниг. Аз хеч вайрона дуд барнамеояд.

БАРОДАР, КИ ДАР БАНДИ ХЕШ АСТ, НА БАРОДАРУ НА ХЕШ АСТ.

Аз бародари худпараст на бародарӣ меояду на дӯстӣ.

Бузургеро пурсидам аз сирати ихвони сафо. Гуфт: Он кӣ муроди хотири ёрон бар масолеҳи хеш мукаддам дорад ва ҳукамо гуфтаанд: **«Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародару на хеш аст».**

Саъдии Шерозӣ

БАРОДАР ОН БУВАД, К-Ӯ РӮЗИ САХТӢ
ТУРО ЕРӢ КУНАД, ДАР ТАНГБАХТӢ.

мук. Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст, дар парешонхолию дармондагӣ.

БАРОДАРОН ЧАНГ КУНАНД, АБЛАҲ (ДУШМАН)-ОН БОВАР КУНАНД.

1. Чанги бародарон тезгузар аст, дар андак муддате боз бо якдигар меҳрубон мешаванд, 2. набояд фирефтаи зоҳир шуд. Ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Ва вақте ӯ мерасиду мехост онҳоро аз якдигар чудо кунад, дар ҳини миёнчигарӣ кардану кашмакаш ҳар чӣ дар чайбу бағал дошт, мавриди дастбурди онро воқеъ мешуд ва чун хеле аз мардум дили раҳм ва ё ба қавли мардуми ин замон аблаҳону нодонон фиреби «чанги заргарӣ» ё «чанги бозорӣ»-и он ду бародарро хӯрда буданд, гуфтаанд: **«Бародарон чанг кунанд, аблаҳон бовар кунанд».**

Аз «Достонҳои амсол» II

ишора:

Он бародарҳо, ки аз як модаранд,
Хештан курбони якдигар кунанд.

Бо хам ар карданд чанги заргарй,
Аблахон ин чангро бовар кунанд.

Ахмади Ахгар

БАРОДАРРО ВА ЧУРМ (ЧО)-и БАРОДАР НАМЕГИРАНД.

мук. Бузро ба пои худаш меовезанд, гўсфандро ба пои худаш. н ш о р а:

Бародар ба чурми бародар магир,
Ки бас фарк бошад зи хун то ба шир.
Мазан дар кас аз бахри кас нешро,
Ба пои худ овез хар мешро!

Низомии Ганчавй

БАРОИ БАХТ БАХТЧУНБОН ДАРКОР.

мук. Ба такдир такдирчунбон лозим.

Элак бахона, дидор ғанимат, майлаш, ин корро худам пеш мегирам. Бедарак нагуфтаанд, ки **«барои бахт бахтчунбон даркор»**.

Чалол Икромй

БАРОИ БЕМОРЕ, КИ ТИМОРАШ ДОРАНД, ТАБИБ (ПИЗИШК) НОХОНДА ОЯД.

ниг. Агар бемор дуруст шуданй бошад, табиб ба дари хона меояд.

н а з и р:

Масал заианд, ки ояд табиб нохонда,
Чу тандурустй тимор дорад аз бемор.

Абўханифаи Аскофй

БАРОИ ИД БУВАД ГЎСФАНДИ КУРБОНЙ.

Агар ба касе аз рўи ғараз рафтор карда шавад, ин афоризм эрод карда мешавад. Мук. Харро, ки ба арўсй мебаранд, барои хушй нест, барои обкашист.

Фидои чони ту гар ман фидо шавам, чй шавад?
«Барои ид бувад гўсфанди курбонй».

Саъдии Шерозй

БАРОИ КАСЕ БИМИР, КИ БАРОИ ТУ ТАБ КУНАД.

Барои касе чон фидо кун, ки ў хам чон фидо кунад. Мук. Дилеро чў, ки чўёни ту бошад.

ишора:

Хар кӣ таб кард аз бароят, аз барои ӯ бимир,
Варна бе ҳосил макун худро фидои дигаре.

Собири Ҳамадонӣ

назир:

1. Ғами он касе хӯрдан они бувад,
Ки ӯ бар ғамат низ ғамгин бувад.

Асадии Тӯсӣ

2. Хар кӣ ӯ андӯҳи тимори ту нагзинад,
Ту ба хира чӣ хӯрӣ андӯҳу тимораш?

Носири Хисрав

БАРОИ КӮР ТОРИКУ РАВШАН ЯКСОН АСТ.

мук. Кӯр ба чароғ эҳтиёҷ надорад.

БАРОИ НИҲОДАН ЧИ САНГУ (ХИШТУ) ЧИ ЗАР.

ниг. Зи бахри ниҳодан чи сангу чи зар. Ниг. ба ҳикояи ни зарбулмасал

1. Зар аз бахри хӯрдан бувад, эй падар,
«Зи бахри ниҳодан чи сангу чи зар?!»

Саъдии Шерозӣ

2. Чун ин дижро гирифтӣ, аз пояи нардбон фурӯд ою ганчи маро ба чанг оварда, оиро дар бенавоён бубахшу ба шодию хушӣ бигзарон, зеро **«барои ниҳодан чи хишту чи зар»**.

Аз «Гулистон»

ишора:

Зи бахри ниҳодан, агар оқилӣ,
Чи ёқуту лаълу чи сангу сафол.

Ибни Ямин

назир:

Бихӯр хар чӣ дорӣ, фузунӣ бидех,
Ту ранҷидай, бахри душман манех!
Хар он гаҳ ки рӯзи ту андар гузашт,
Ниҳода хаме бод гардад ба дашт.

БАРОИ ХАРИ ЛАНГ КОРВОН БОР НАЯФГАНАД.

Ба зарбулмасали зер нигаред.

БАРОИ ЯК БЕНАМОЗ ДАРИ МАСҶИДРО НАМЕБАНДАНД.

Ба хотири як бадкор дигаронро аз чизеву неъмате махрум намекунанд. Мук. Баҳри кайке гилем натвон сӯхт.

БАР ОН КАДХУДО ЗОР БОЯД ГИРИСТ,
КИ ДАХЛАШ БУВАД НУЗДАХУ ХАРҶ БИСТ.

ниг. Бар ҳаволи он кас бибояд гирист, ки дахлаш бувад нуздаху харҷ бист.

БАР ОН КАС БУВАД ЗИНДАГОНӢ ХАРОМ,
КИ ЎРО НАМОНАД ПАС АЗ МАРГ НОМ.

Хусрави Деҳлавӣ

мук. Номи баланд бех аз боми баланд.

БАР ОН КӮШ, К-АТ СОЛ ТО БЕШТАР,
БАРӢ ПОЙГОҲИ ҲУНАР ПЕШТАР.

Асадии Тӯсӣ

Те умр дорӣ бикӯш, ки хунарро бештар равнақу такомул диҳӣ,

БАР ОН ТАШНА БИБОЯД ЗОР БИГРИСТ,
КИ БАР КАФ ОБУ БОЯД ТАШНААШ БИСТ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

Акси: Бар лаби Чайҳун кас ташна набошад.

БА РОСТӢ ЗАВОЛ НЕСТ.

ниг. Ростӣ завол надорад.

Воқеаро батафсил гӯям чӣ мешуда бошад? Мабодо «узри бадтар аз гуноҳ» намешавад? Ба ҳар ҳол **«ба ростӣ завол нест»** гуфтаанд.

Ҳоҷӣ Содиқ

БА РОҲАТЕ НАРАСИД ОН КӢ ЗАҲМАТЕ НАКАШИД.

мук. Меҳнату роҳат.

1. Макун зи ғусса шикоят, ки дар тариқи адаб
«Ба роҳате нарасид он кӣ заҳмате накашид».

Ҳофизи Шерозӣ

2. Агар дар мабодии он ранҷе боядкашид ва мазаллате таҳаммул бояд кард, чандон асаре наҳоҳад дошт, ки «ҳеҷ ганҷе бе ранҷ натавон ёфт ва ҳеҷ гуле бе озори хор натавон чид», «Макун зи ғусса шикоят, ки дар тариқи адаб **ба роҳате нарасид он кӣ заҳмате накашид».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА РОҲЕ РАВ, КИ БАР ПОИ ТУ БОШАД,
БА ҶОЕ ШАВ, КИ МАЪВОИ ТУ БОШАД.

Ба шоҳе даст зан, эй марди оқил,
К-аз он ҷо бар тавонад ёфтан дил.
«Ба роҳе рав, ки бар пои ту бошад,
Ба ҷое шав, ки маъвои ту бошад»

Фахриддини Гургонӣ

БА РОҲИ ДИДА РАВ, ҲАРЧАНД ДУР АСТ,
ЗАНИ МАРДУМ МАГИР ҲАРЧАНД ҲУР АСТ.

Раҳи санҷидашударо бипаймо ва одами озмударо ба худ рафиқ бигир!

Ҳотам гуфт: Чунон ҳоҳам кард. Валекин ҳеҷ кас бе ачал намурдааст, ҳатар ва бехатар чӣ фонда дорад?

Пир гуфт: Эй чавон, пашунидай, ки корафтодагон гуфтаанд: **«Ба роҳи дида рав, ҳарчанд дур аст, зани мардум магир, харчанд ҳур аст».** Агар ба гуфтан ман амал накунӣ офату хатари бисъёре хоҳӣ дид.

Аз «Саргузашти Ҳотам»

назир:

Маликро гуфт: Ин роҳест бе рох,
Намебояд, ки берохӣ кунад шох.
Марав роҳе, ки дигар кас нарафтаст,
Хумо нагузашту ҳам каргас нарафтаст.

Салмони Соваҷӣ

БАРРАИ ДУМОДАРӢ ФАРБЕҲТАР ОЯД.

Дар парастории ду кас будан судмандтар аст.

Зи ду маъшуқ корат бехтар ояд,
«Бара думодарӣ фарбехтар оянд».

Фаридаддини Аттор

БАР РАСУЛОН ПАЁМ (БАЛОҒ) БОШАДУ БАС.

мук. Бар гўянда беш аз гуфтор нест, чун шунаванда харидор нест, чои озор нест.

назир:

Хар чӣ гуфтем агар нагирӣ ёд,
Рўзи мо бигзарад, шабат хуш бод!

Анвадии Марвӣ

БАРРАСТА ДИГАР БОШАДУ БАРБАСТА ДИГАР.

нит. Барбаста дигар бошаду барраста дигар.

БАР РАСУЛ СИТАМ НАБОШАД.

Расул харчанд хабари нохуш оварда бошад ҳам мустаҳики ҷазо нест.

— Ин чӣ тундист, ки мекунӣ?

— Расул аст ва **«бар расул ситам набошад»** ва ба расул он чӣ бошад бигӯяд ва пайғом бишнавад. Акнун ту низ харчи хоҳӣ ҷавоб бидеҳ то бозгӯяд.

Аз «Сиҳаки Аёр»

БАР РӮИ МУҲИТ ПУЛ ТАВОН БАСТ,
НАТВОН ЛАБИ ХАЛҚРО ЗАБОН БАСТ.

мук. Дарвозаи шаҳр метавон баст, натвон даҳони мардумон баст.

Он лаб, ки калид шуд забонаш,
Чун баста шавад калиддонаш.
«Бар рӯи муҳит пул тавон баст
Натвон лаби халқро забон баст».

Хусрави Деҳлавӣ

БАР САРИ БОЗОРИ ТЕЗ КӮР БУВАД МУШТАРӢ.

Вақте чизи хуб аз бад фарқ карда намешавад, талабгорони он зиёд мегардад.

Ҳачри ту монанди васл хаст раво, бахри он-к
«Бар сари бозори тез кӯр бувад муштарӣ».

Абдулвоҳиди Сапой

назир:

Чу колоро бувад ҷӯянда бисьёр,
Фузун гардад бад-он майли харидор.

Абдураҳмони Ҷомӣ

БАР САРИ КӮИ ОШИҚӢ ШОҲУ ГАДО ЯКЕ БУВАД.

Ишқ барои ҳама як хел аст, ишқ шоҳу гадоро намешиносад.

«Бар сари кӯи ошиқӣ шоҳу гадо яке бувад»,
Подшаҳӣ кунад касе, к-ӯст гадои чун туе.

Салмони Совоҷӣ

ишора:

Мани гадой наям марди раҳи ӯ, лекин,
Ҳавои ишқ ба султонию гадой нест.

Носири Хусрав

БАР САРИ ФАРЗАНДИ (АВЛОДИ) ОДАМ ҲАР ЧӢ ОЯД, БИГЗАРАД.

Ғаму ғусса, азобу машаққат гузаро аст, набояд аз он рӯҳафтода гашт. Мук. Ҳар чӣ ояд бар сари фарзанди одам, бигзарад.

1. Гӯш кун панд, эй писар, аз бахри дунъё ғам махӯр,
«Бар сари авлоди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад».

Саъдии Шерозӣ

2. Шаш моҳ аст, ки ба дасти ин дев гирифтор будам ва кори худ ба кирдигор гузошта сабру таваккал пеш гирифта будам ва бо худ мегуфтам: **«Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

3. — Корӣ-Ишхамба баъд аз ду моҳи воқеаи Мирзо Абдулло кам-кам ҳолати девонагиро гузаронид. Акнун дар кӯча ба ҳар кас ки вомехӯрд, баъд аз ҳикояи дарду аламҳои худ ва дашноми Мирзо Абдулло ва калонаш мегуфт:

— Ҳар чӣ буд гузашт, чист ки нагузарад? **«Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад».**

Садриддин Айнӣ

БАР ҲУФТА ҚАЛАМ НЕСТ.

1. Хуфтаро гунаҳгор намекунанд. 2. гуноҳи дар хоб содиршуда гуноҳ ҳисоб намешавад. Мук. Бар мурда қалам нест.

1. Агар бовар кунӣ в-ар на, чунин буд,
Ба хоб-андар сурушам ҳамишшин буд.
Агар кирдори ту бар ман ситам нест,
Ту худ донӣ, ки **«бар хуфта қалам нест».**

Фахриддини Гургонӣ

2. Аммо мардум то хуфта бувад на дар ҳукми зиндагон бувад ва дар ҳукми мурдагон, чунон ки бар мурда қалам нест, **«ба хуфта ҳам қалам нест»,** чунонки ман гуфтам дар ду байте:

Гар ту ба чафо пушти маро додӣ ҳам,
Ман меҳри ту дар дилам нагардонам кам.
Аз ту набурам аз он, ки эй шӯхрасанам,
Ту хуфтаю **«ба хуфта-бар нест қалам».**

Аз «Кобуснома»

ишора:

Калам бар хуфта наравад, он санам хуфт,
Аҷоиб бин, ки бар хуфта калам рафт.

Фаридаддини Аттор

БАРЪАКС НИҲАНД НОМИ ЗАНГӢ КОФУР.

Агар ҳақиқати ҳол бар хилофи ояҳъият бошад ва чизеро дигаргун гирвагар созад, ин зарбулмасал эрод мегардад.

1. Пас хартоҳ сӯфӣ аз таклиду инод бигузарад ва ба шаръи шарифи расул амал кунад ва ба сидқу сафо сулук намояд, сӯфии ҳақиқӣ хоҳад шуд ва ҳар гоҳ матлабу маслаки ӯ таклиду рнё ва кайду шайд ва зарқу салусӣ бошад, ҳаргоҳ ӯро сӯфӣ хонанд ва ё ӯ худро сӯфӣ номад, филвокеъ ӯ ба шахсе монад, ки гунаҳгор бошад ва худро тоҳир ном гузорад. Пас бигуфтӣ тоҳири палид мутаҳҳар намешавад ва ба итлоқи он исм бар ӯ ҳаргиз покиза наҳоҳад буд, зеро гуфтаанд: **«Баръакс ниҳанд номи зангӣ кофур»**. Пас чун чоҳилу аблаҳу нодон ин гуна исмоъи масали сӯфию тоҳирро шунавад, гумон кунад дорои он исм марди хубу покизакирдору хушрафтор аст.

Шайх Баҳоӣ

2. Ва пурсид, ки бо ин ҳама ҳусни диловез, ки дар пеши коматат шоҳидони Чину Чигил аз ҳайрат чун сару пой дар гиланд, чӣ номе Зӯҳра дар ин маком гӯши худро ба пардаи дигар тоб дода?

Гуфт, ки ин ғариби нобихрадро ба ҳукми он ки **«баръакс ниҳанд номи зангӣ кофур»** хирадманд мехонанд.

Аз «Баҳори дониш»

3. Он зулмати мах, к-омад аз хиттаи нур,
Зинҳор ба номи ӯ нагардӣ магрур.
Чун саг начас асту тоҳираш мехонанд,
«Баръакс ниҳанд номи зангӣ кофур».

Ягмои Чандақӣ

4. Он чашмсафеде, ки бувад чашмаш кӯр,
Дар кишвари мо гашт ба бинш машхур.
Бехуда кунанд номи коко алмос,
«Баръакс ниҳанд номи зангӣ кофур».

Муҳаммадтақии Баҳор

ишора:

1. Бар он кофӣ набошад эътимоде,
Басе бошад синҳро ном кофур.

Абулфараҷи Рунӣ

2. Лофи мардй занад хасуд, валек
Номи зангй басе бувад кофур.

Анвории Абеварди

3. Мар асперо лакаб карданд шох,
Аск, чун кофур номи он сиёх.

Чалолиддини Руми

БА САБР АЗ КОРХО БЕРУН РАВАД БАНД.

мук. Сабр куй, аз гўра халво мепазад.

Нишоти орзумандон зи сабр аст,
Гули боги тараб хандон зи сабр аст.
«Ба сабр аз корхо берун равад банд»,
Шавад най шаккару шаккар шавад қанд.

Хилоли Чигатой

БА САБР АЗ ГЎРА ХАЛВО МЕТАВОН СОХТ.

нег. Сабр куй, аз гўра халво мепазад.

Чаро тарзи дигар харфе бипардохт?
«Ба сабр аз гўра халво метавон сохт».

Файзулло Ансорй

БА САБР-АНДАР САДАФ БОРОН ШАВАД ДУР.

мук. Сабр куй, аз гўра халво мепазад.

«Ба сабр-андар садаф борон шавад дур»,
Ба сабр аз лаълу гавхар кон шавад пур.

Аз «Баҳори дониш»

БА САГ ОБ РЕЗЙ, НАЧИСТАР ШАВАД.

нег. Начистар шавад, чун начис тар шавад.

Зи дониш дилаш кам мунаввар шавад,
«Ба саг об резй, начистар шавад».

Абдураҳмони Чомй

БА САФАРИ ЯКРЎЗА ТЎША (ОЗУҚА)-И ДАХРЎЗА.

Дар сафар аз рўи эхтиёт эзёд гирифтани озука аз фонда холй вест.

Модар: Биё, духтарам, ёрй дихам. Дар ин чо хаман мо сохибхонаем. (Мизро тоза карда, аз сумкааш кандалот мегираду рўи дастархон мегузорад). **«Ба сафари якрўза — тўшаи дахрўза»** мегўянд.

Мирсаид Миршакар

БА САНГЗАН САНГШИКАН БОШ!

Сазон бадкарда бадй аст.

— Даст расондан хам наменомам! — мегуфт Махсум табассум карда. Чапгалат зада, гурехта меравам.

— Не, бародар! — гуфт Намоз,— **«ба сангзан сангшикан бош!».**

Ч. Икромй, Х. Назаров

БАСЕ БОШАД СИЯХРО НОМ КОФУР,

нит. Баръакс ниханд номи зашй кофур.

БАСЕ ОСМОН ЗЕРУ БОЛО ШАВАД,
КИ ТО ДОНАЕ НАХЛИ ХУРМО ШАВАД.

Муддати зиёде ва кўшишу пурчўшу хурўш лозим аст, ки то касе самарабахш гардад. Мук. То гўсола гов шавад, дили сохибаш об шавад.

БАСЕ РАФТ САР ДАР САРИ ДУШМАНЙ,
НАБОЯД КУШОДАН ДАРИ ДУШМАНЙ.

Хотифй

БА СЕРЙ МУРДАН БЕХ, КИ БА ГУРУСНАГЙ ЧОН СУПУРДАН.

Сеъдй

Азоби гуруснагй бадтар аз азоби мурдан аст. Мук. Дар об мурдан бехтар, ки дар нитизори обе.

БА СИРКОТАЛАБЙ ХАМ ЛАБУ ЛУНЧ ДАРКОР.

Чизи ночизро хам талабяда тавонистан лозим.

Ман чанд маротиба магазинхоро кофтам, шугаштро ёфта натавонистам.

— Аз магазин гирифтам,— гуфт Хочаев магрурона.

— Аммо шумо ёфта наметавонед. **«Ба сиркоталабй хам лабу лунч даркор».**

Бадриддин Азизй

БА (БО, БАР) СИЯХДИЛ ЧЙ СУД ГУФТАНИ (ХОНДАНИ) ВАЪЗ, НАРАВАД МЕХИ ОХАНИН (ОХАНЙ) БАР САНГ.

Сеъдй

Ба одами бадтинат панд гуфтан фондае надорад. Мук. Панди падар монеъ нашуд расвои модарзодро. Нит. ба хикоян ин зарбулмасал.

1. Гурба гуфт: Пас ин хама далелу назир, ки овардам, хама

абас буд. Пас ҳамон ҳарфи Шайх муносиб аст, ки гуфта: **«Ба сияҳдил чӣ суд хондани ваъз, наравад мехи оханин дар санг».**

Шайх Баҳоӣ

2. Дид, ки зан пардаи кӯчаваро бардошта ба мардум нигоҳ мекарду суруд мехонд. Ба худ гуфт: **«Ба сияҳдил чӣ суд хондани ваъз, наравад мехи оханин бар санг».** Ва бузургон гуфтаанд, ки «кӯҳнаро банду каҳбаро панд фоида накунад». Ба худ гуфт, ки сабр бояд кард, то ба чое бирасам, он гоҳ фикре дар ин боб бикунам.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

3. Алмосшоҳ чун ин суханро шунид, монанди хирси тирхӯрда сарашро ба зер андохт. **«Бар сияҳдил чӣ суд хондани ваъз, наравад мехи оханин бар санг».** Амир дид чора намешавад, ишора кард то Алмосшоҳро сиёранд дар майдони шаҳр ва ба чӯбадор задаанду тирборон карданд.

Аз «Искандарнома» II

4. — Насиҳат мегӯед чигарам? Магар ба вай насиҳат таъсир мекунад? Беҳуда нагуфтаанд, ки **«ба сияҳдил чӣ суд гуфтани ваъз, наравад мехи оханӣ бар санг».**

Раҳим Ҷалил

назир:

Тирадил аз сӯҳбати некон нагардад мустафиз,
Сояро набвад зи нури картан ховар шараф.

Хоҷуи Кирмонӣ

БАС КИ БАР НОГУФТА ШОДОН БУДААМ,
БАС КИ БАР ГУФТА ПУШАЙМОН БУДААМ.

Рӯдакӣ

Суханро чунон бояд гуфт, ки боиси пушаймонӣ нашавад, вагарна хомӯш будан беҳтар аст. Мук. Ба ногуфта — бар чун касе ғам хӯрад, аз он беҳ ки бар гуфта кайфар барад.

БАСО КОРЕ, КИ АЗ ЁРЕ БАРОЯД,
БИБОЯД ЁР ТО КОРЕ БАРОЯД.

Бо ёрии ёр корҳо ба сомон мерасад, мушкилиҳо осон мегардад.

Туро аз ёр нагзирад ба ҳар кор,
Худованд он кӣ бемисл асту бе ёр.
«Басо коре, ки аз ёре барояд,
Бибояд ёр то коре барояд».

Низомии Ганҷавӣ

БА СОЛУ МАҲ АР ГУРГ ГАРДАД БУЗУРГ,
НАЕЯД БУРУН ҲАРГИЗ АЗ ҲЎИ ГУРГ.

ниг. Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад.

БАСО МУРОД, КИ ДАР ЗИМНИ НОМУРОДИҲОСТ.

мук. Аз пан ҳар гирьи охир хандаест.

Ва он чӣ туро неш омада, чун дарнигарӣ, салоҳи ҳол дар он буда ва бузургон гуфтаанд: «Нӯши сафо бе неши ҷафо набошад ва гули роҳат бе хори меҳнат нарӯяд». **«Басо мурод, ки дар зимни номуродиҳост».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА СУХАН АБЛАҲ ГИРАНД, АММО РАҲО НАКУНАНД (НАМЕГУЗОРАНД).

Аблаҳ аз сухани аблаҳонаи худ гирифтор мегардад. Мук. Инкор пас аз иқрор маъмӯл набошад. Ниг. ба ҳикояи ин эзрбулмасал.

Аъробӣ гуфт: Ё амир, ман накуштам ва мазоҳ кардаму лоф задам, маро бубахш! Гуфт: Эй шақӣ, ту иқрор кардӣ, ҳоло инкор мекунӣ. **«Ба сухан аблаҳ мегиранд, аммо раҳо намекунанд».** Он чӣ дар тинату замири ту буд, берун таровид ва ба забони худ иқрор кардӣ, ҳоло инкор мекунӣ

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

БА СУХАН КОР КАРДА НАМЕШАВАД.

Барои анҷоми ҳар коре на сухан, балки амал лозим аст.

Ҳар касеро, чунон ки ҳаст, бидон,
Пас бад-он қадр дӯстӣ мекун!
Бовафо бошу фасли васл макун.
Баҳри ёрони нав зи ёри куҳун.
Дар амал кӯшу тарки қавл бигир!
«Кор карда намешавад ба сухун».

Ибни Ямин

назир:

1. З-ин чунин турраҳот даст бидор,
Кор кун, бигзар аз раҳи гуфтор!

Абдулвоҳиди Сиҳоӣ

2. Саъдиё, гарчи сухандону масолеҳ гӯй,
Ба амал кор барояд, ба сухандонӣ нест.
То ба хирман бирасад кишти умеде, ки турост,
Чорае кор ба ҷуз дидан боронӣ нест.

Саъдии Шерозӣ

3. Кор кардан то ба гуфтан фарқ дорад, эй рафик,
Ташнагӣ зоил намегардад ба гуфтугӯи об.

Гуломмуҳаммади Тарэӣ

БА ТАК ДОНӢ (РОНӢ), КИ БУЗ ФАРБЕҲ НАГАРДАД.

нис. Буз ба бич-бич фарбеҳ намешавад.

Нахуст орому в-он гаҳ ком ҷустан,
Нашояд ганҷи беором ҷустан.
Ба сабре метавон коме харидан,
Ба оромӣ дилороме харидан.
Забон он гаҳ суҳан, чашм он гаҳе нур,
Нахуст ангуру он гаҳ оби ангур.
Ба гармӣ кори оқил беҳ нагардад,
«Ба так донӣ, ки буз фарбеҳ нагардад».

Низомии Ганҷавӣ

БА ТАКЕ БА ТӮС НАТВОН ШУД.

мук. Нардбон поя-поя.

Як хона бутопанд, ба ҷон андар х(в)ар,
Аз ту ҳама меҳтару ту э-ишон кеҳтар.
Чунин ту битоз хамгинон бармагзар,
«Натвон ба таке ба Тӯс шуд», чунки падар.

Абулқосани Фаррухӣ

БА ТАМАННОИ ГӮШТ МУРДАН БЕҲ, КИ ТАКОЗОИ ЗИШТИ КАССОБОН.

Саъдӣ

Ба даст даровардани он чизе, ки бояси кохидани нафси инсон мегардад, аз буданаш пабудани он беҳтар аст. Мук. Дар об мурдан беҳ, ки аз гук зишхор хостан.

БА ТАҚДИР ТАҚДИРҶУНБОН ЛОЗИМ.

Барои пешрафти ҳар коре ё кушоиши бахт василаву мусаббаб лозим аст. Мук. Барои бахт бахтҷунбон даркор.

— Ту аз ӯҳдааш мебарой, Мирзо, туро нагз медонем. Аз пагоҳ сар карда, ба мактаб биё, ман ба ту консультация медиҳам. Ба дигар муаллимон ҳам гуфта мемонам, лозим шавад, ёрмандӣ мекунанд... Бехуда нест, ки гуфтаанд: **«Ба тақдир тақдирҷунбон лозим».**

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

БА ТОҶИ ИШК САРИ ОДАМӢ АЗИЗ БУВАД,
АГАР НА ИШК БУВАД, ОДАМӢ ЧӢ ЧИЗ БУВАД?

Аҳмади Шерозӣ

мук. Ба ишк инсон тавонад буд инсон, вагарна сурати бемаъній аст он.

БА ТУНДӢ САБУК ДАСТ БУРДАН БА ТЕҒ,
БА ДАНДОН ГАЗӢ (ВАРӢ) ПУШТИ ДАСТИ ДАРЕҒ.

Окибати шитобкорона, навандешида, таҳқиқ накарда чанг огоз кардан ё касеро куштан пушаймонй аст.

1. Маликро ҳам дар он шаб огаҳй доданд, ки дар мулки ту чунин мункире ҳодис шудааст, чй фармой? Малик гуфто:

— Ман ӯро аз фузалои аср медонам ва игонаи рӯзгор бошад, ки муоширдон дар ҳаққи вай ҳавзе кардаанд. Ин суҳан дар самъи кабули ман наёмад магар онгоҳ, ки мункир гардад, ки ҳукмаш гуфтаанд: **«Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ, ба дандон барад пушти дасти дареғ»**.

Саъдии Шерозй

2. Пӯшида нест, ки одамӣ аз сахву ғафлат ва ҷурму зиллат холӣ натавон буд. Агар дар мукобилаи ҳар ҷурме, укубате ба зуҳур расад ва ҷазои ҳар гуноҳе сиёсате вучуд гирад, мазаррати куллй, ки дар муҳиммоти мулкию молӣ сироят тавонад кард, аз он нуксон надид оянд. **«Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ, ба дандон барад пушти дасти дареғ»**.

Аз «Анвори Суҳайлй»

3. Аз рӯи эъроз гуфт: Эй калтабони шумхабар ва синҳзабони кабеҳманзар, ки чй ҳикояте муваҳҳиш ва ин чй хабари нохуш буд, ки овардй ва мачлиси моро фасурда кардй?

Шайбаки Узбакро чй мачоли он, ки бар сари подшоҳони мо ояд ва шамшер кашаду касди куштани вай кунад?

Факир ва чамъе ки бо вай тариқи густохй доштем, гуфтем: «Ба **тундӣ сабук даст бурдан ба теғ, ба дандон газй пушти даст аз дареғ»**.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

БА УМЕДИ «ИНШООЛЛОҲ» КОР БУД НАМЕШАВАД.

мук. Ба умеди худо нашаву буттаро дор!

БА УМЕДИ ОШИ ҲАМСОЯ ТУРБ НАТАРОШ!

Ба умеди касе нашуда, ҳар кас ғамп худро худ боид бихӯрад. Мук. Ҳар кас ба умеди ҳамсоя бинишинад, оқибат бе шом мехобад.

Пионер ҳама масъалаҳоро боид худаш мустақилона ҳал кунад. Мӯҳтоҷи каси дигар нашавад. Бехуда нест, ки **«ба умеди оши ҳамсоя турб натарош»** гуфтаанд.

Абдумалик Баҳрой

ишора:

Гохо мешавад, ки мо ба умеди оши ҳамсоя турб тарошида ноумед ҳам мешавем. Саховат ҳам ҳадду канор дорад, охир.

Раҳим Ҷалил

БА УМЕДИ ХУДО НАШАВУ БУТТАРО ДОР!

Барои ба даст даровардани мақсадат ба умеди ёрию марҳамати ҳеҷ кас нашуда, худат кӯшишу ғайрат кун! Муқ. Рӯзӣ ба пои худ аз дари кас дарун наёяд.

1. — Эҳхе, агар ҳар машинан ба барф мондагӣ ва ба лой тӯтидагиро кофтуков карда гарданд, дигар корҳоро кӣ мекунад... не, **«ба умеди худо нашав, буттаро дор!»** гуфтаанд. Беҳтар, ки бо ягон роҳ аз ҳоламон хабар диҳем.

Ҷалол Икромӣ

2. Оқибат **«ба умеди худо нашаву буттаро дор»** гуфтагӣ барин мо худамон ба вай арӯс ёфтем.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

БА УШТУР САВОР ШАВӢ, РОҲИ ДУРРО АНДЕША КУН!

Агар анҷоми кори муҳимро ба ӯҳдан худ гирифта бошӣ, тарзу тариқи ичрои неки онро низ комилан дар назар бигир!

«Ба уштур савор шавӣ, роҳи дурро андеша кун» мегӯянд. Кори калонро, ки пеш гирифтаем, дурандеша кардан лозим аст.

Раҳим Ҷалил

БА УШТУР (ШУТУР) ЯНТОҚ ЛОЗИМ БОШАД, ГАРДАНАШРО ДАРОЗ МЕКУНАД.

маъ. Шутур навола хоҳад, гарданашро дароз мекунад.

маънӣ:

Ва бидон, ки аз мӯъҷизоти ваҳоеъ ҷуз ба ранҷ ва мусобарати зулму мукобарат бо гардиши айём берун натавон омад:

Чун паланге шикор хоҳад кард,
Ҳомати хештан низор кунад.
Пеши дано забони шиддати дай
Киссаи роҳати бахор кунад.

Аз «Марзбоннома»

БА ФАРДО МАНЕҲ (МАМОН) КОРИ ИМРӮЗРО!

маъ. Кори имрӯзро ба фардо магузор!

1. **«Ба фардо мамон кори имрӯзаро»,**
Бари тахт маншин бадомӯзро.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Аз ин пеш аҳли хирад гуфтаанд,
Зи алмос панди гуҳар суфтаанд.
«Ба фардо манеҳ кори имрӯзаро»,
Ба шаввол мафкан махи рӯзаро.
Басе бошад аз пай чу фардо расад,
Ачал чоман марг дар бар ниҳад.

Фирдавсии Сонӣ

БА ФАРЗАНД БОҚИСТ СОМИ ПАДАР,
БА ФАРЗАНД БОҚИСТ НОМИ ПАДАР.

Аз «Синдбоднома»

Номи зишту неки падар ба рӯи фарзандони вай мемонад.

БА ХАР ДАСТАШ НАМЕРАСАД, ПОЛОНАШРО МЕЗАНАД.

инг. Зӯраш ба хар намерасад, полонашро мезанад.

ишора:

1. Чун ба ёрон хашм кунӣ, чони падар,
Бар ман мапареш хашми ёрони дигар.
Доно, ки манам забунтару очизтар,
Пой бизанӣ, чу барнаёӣ бо хар.

Абулҳасани Фаррухӣ

2. Харфи куруҳро зарирон маъдананд,
Хар набинанду ба полон барзананд.

Ҷалолиддини Румӣ

БА ХАРЕ, КИ БОР НАДОРӢ, ЧӢ КОР ДОРӢ?

Ба он чизе, ки эҳтиёч надорӣ ва барои ту зарурате надорад, кордор мабош!

ишора:

— Акои Давлат, чаро шумо хам нарафтед?

— **«Ба харе, ки бор надорам, чӣ кор дорам»,**— чавоб дода, баъд илова намуда буд,— агар ман равам, ин чо бе посбон мемонаду шумо бе хӯроки шом.

Раҷаб Амонов

БА ХОНА МОНДАНИ БИБӢ АЗ БЕЧОДАРӢ АСТ.

инг. Мастурии бибӣ аз бечодарист.

1. БАХТ БАРГАРДАД АГАР, ПОЛУДА ДАНДОН БИШКАНАД.
2. БАХТ, КИ БАРГАРДАД, АСБИ ТОЗӢ ХАР ГАРДАД.
3. БАХТ ЧУН БАРГАШТ (ВОРУН ШАВАД), ПОЛУДА ДАНДОН БИШКАНАД.

Бахтбаргашта ба ҳар коре даст бизанад, бар зарари ӯ меанчомад, одами бадбахтгашта ҳамеша ба мусибат гирифтор аст. Мук. Чу тира шавад мардро рӯзгор, ҳама он кунад, ки-ш наояд ба кор. Аксаш: омадаро бо мӯ метавон кашид.

Сари худ ба даст гирифта, аз он бешаи пурхавфу андеша равона шудам, ки мабодо балои дигар бар сари ман ояд, ки **«бахт чун баргардад, полуда дандон бишканад».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

назир:

1. Бахте дорам, ки канд Силон гардад,
Полуда маро шикасти дандон гардад.

Абӯисҳоқи Шерозӣ

2. Бахти бад бо касе, ки ёр бувад,
Саг газадаш, ар шутурсавор бувад.

Аз «Амсолу ҳикам»

БАХТРО ДАР БОЗОР НА(МЕ)ФУРӮШАНД.

Барои ба даст даровардани хушбахтӣ талош ва мубориза бояд кард. Мук. Ба динор ҳар чизу тимори сахт тавон ёфт, чуз зиндагонию бахт.

ишора:

Ҷаҳон бигаштаму дардо, ба ҳеҷ шаҳру диёр
Наёфтам, ки фурӯшанд бахт дар бозор.

Урфии Шерозӣ

аксаш:

Зи муфлисӣ чу набошад ба даст як динор,
Чӣ суд гар бифурӯшанд бахт дар бозор?

Саъди Қаршӣ (Аз «Гулистони ҳикоят»)

БАХТ ЧУН ОЛӢ БУВАД, БИНАМОЯД АЗ ОҒОЗИ КОР,
РӮЗИ РАВШАН РАВШАНӢ ПАЙДО КУНАД ВАҚТИ САҲАР.

Мушфиқӣ

мук. Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост,

БАХШИШ АЗ БУЗУРГТАР АСТУ ГУНОХ АЗ КӮЧАКТАР.

ниг. Аз хурдон хато аз бузургон ато.

БАХШИШИ НЕКӮ ОН, КИ ТУРО ДАРВЕШ НАГАРДОНАД.

Аз «Марзбоннома»

мук. Аввал хеш, баъд дарвеш.

БАХШИШ КУНАД КУНД ДАНДОНИ ТЕЗ.

Ба бахшиш газанди душманро аз худ дур метавон кард.

Адӯро ба чои хасак зар бирез,
Ки **«бахшиш кунад кунд дандони тез»**.

Саъдии Шерозй

БА ХУРДАГӢ МАНГАР ДОНАИ СИПАНДОНРО.

мук. Филфил мабин, ки рез аст, бишкан, бубин, чӣ тез аст.

Нигах кун, ки бакоро чигуна мекушад,
«Ба хурдагӣ мангар донаи сипандонро».

Носири Хисрав

1. БА ХӮРДАН НАХАНГУ БА КОР БУЗИ ЛАНГ.
2. БА ХӮРДАН ТАЙЁРУ БА КОР КАРДАН БЕМОР.
3. БА ХӮРДАН ЧУ НАХАНГ, БА КОР КАРДАН ЧУН БУЗИ ЛАНГ.

Ба коргурезу танбалон чун сарзаниш масхара гуфта мешавад.

1. Зебӣ ба гапи Дилбар хандида гуфт:

— Дар бораи ин коргурезон гапат хам дуруст аст. Сифати онхо хамин: **«Ба хӯрдан чу наханг, ба кор кардан чун бузи ланг»**.

Ҷалол Икромӣ

2. Аммо дар байни онхо одамони лабкашоле хам хастанд, ки **«ба хӯрдан тайёру ба кор кардан бемор»**.

Мирсаид Миршакар

3. Мирбобо (бо нӯги асо ӯро нихта карда): Боз аския сар шудмӣ мегӯям, Сатторбой? Охир шумо **«ба хӯрдан наханги ба кор бузи ланг»** не-ку, чӣ метарсед?

Абдумалик Баҳорӣ

БА ХУРДӢ ЧӢ БИНӢ БА ДАНДОНИ МОР,
БА ЗАХРАШ НИГАХ КУН БА ХАНГОМИ КОР!

ниг. Филфил мабин, ки рез аст, бишкан, бубин, чӣ тез аст.

БАЧА АЗИЗ АСТ, АДАБАШ АЗ ВАЙ АЗИЗТАР.

Меҳру муҳаббат нисбат ба бачаи худ набояд монеи таълиму тарбияти ӯ бошад, дар ҳама ҳол муаддиб будани вай муҳимтар аст.

— Хамсояҷон, ин хел накунед,— маслиҳатомезона гуфтам ба ӯ. **«Бача азиз аст, адабаш аз вай азизтар»** гуфтаанд. Бачаро аз ҳад зиёд дӯстдорӣ карда, ба ҳар хел рафтори нолоиқ одат кунондан лозим не.

Аз «Занони Тоҷикистон»

БА ЧАВГОНИ ХИММАТ ТАВОН БУРД ГӮЙ.

мук. Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад.

Кафшгар хидмати шоҳзодаро ба навъе пеш гирифт, ки рӯз ба рӯз курбати ӯ дар ҳазрати малик зиёда мешуд то ба куллӣ мӯътамидунилайҳ гашт ва ба воситаи мулозимат гӯи шараф аз акрон даррабуд. **«Ба чавгони химмат тавон бурд гӯй»**.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БАЧА ДАР КАМАР (ШИКАМ, САФАР) НОМАШ МУЗАФФАР.

1. Пеш аз вуқӯъи амале дар бораи он чизе набояд гуфт, 2. то коре ба натиҷаи нек нарасад, дар дил орзу ва хаёлҳои ширин набояд парварид. Мук. Ба ба дор аст, на ба бор аст, номаш Абӯалиёр аст.

1. — **«Бача дар камар, номаш Музаффар»** гуфтагӣ барин, ту аз ҳозир дар ғами номмоӣ нашав. Аввал чашми келинат сиҳат саломат равшан шавад, баъд номи бача худ аз худ ёфт мешавад...— ҷавоб дод бобо Чавак.

Абдусалом Деҳотӣ

2. Занаки шаттоҳ. Каӣ соз шудагеш? Каӣ барг? Барг дар Балҷувон: **«Бача дар шиками модару номаш Музаффар»**.

Сотим Улуғзода

БАЧАИ МОР МОР АСТ.

инг. Морбача ҳам мор аст.

Бобою бобокалоноаш хӯҷа буданд. Падараш колхозчӣ шуда кор мекунад. Худаш ҳам баъд аз тамом кардани мактаби миёна ба колхоз аъзо шуда меҳнат мекунад,— гуфт Азимҷон гӯё худро муҳофизакунон.

— Холо ту бача. Каӣ медонӣ, ки аз дунъё чӣ мегузарад. **«Бачаи мор мор аст» фаҳмидӣ?**

Аз «Занони Тоҷикистон»

ишора:

Бад-ӯ гуфт: Эй зи саг буда нажодат,
Ба Бобул дев буда устодат.
Бурида бод банд аз чони Махрӯ,
Кашафта бод хонумони Вирӯ,
Ки чуз бадкеш аз он модар назояд.
Ба чуз чоду аз он гавҳар наояд!
Набошад морро бачча ба чуз мор,
Наёбад шохи бад чуз тухми бад бор.

Фахриддини Гургонӣ

назир:

Хар кӣ бачаи мори бадро рӯз-рӯзон хӯр дихад,
Зуд бар чони азизи хеш аждархо кунад.

Носири Хисрав

БАЧАИ ХУДРО МЕЗАНАД, КИ ЧАШМИ ХАМСОЯ БИТАРСАД.

мук. Духтарам ба ту мегӯям, келинам ту бишнав!

БАЧАИ ЭРКА — БАЛОИ ЧОН.

ниг. Эрка — балои чон.

БАЧА, КИ ДОМАН ШИНОХТ, БАР ЗАМИН НАНИШИНАД.

Бача ҳамин ки ба чизе одат кард, дигар тарки одат барояш мушкил хоҳад буд. ниг. Эрка балои чон.

назир:

Дил чу завки бехударо ёфт, хасми тан шавад,
Бар замин сокин нагардад, тифл чун доман шиноҳт.

Соиби Табрезӣ

БАЧА НОЗОДАН БЕҲ АЗ ШАШМОҲА АФГАНДАН ЧАНИН.

Аз кори нотамом кардан, аз сухани зишт гуфтан накардани он кору нагуфтани он сухан бехтар аст. Мук. **Шеър ногуфтан бех аз шеъре, ки бошад нодуруст.**

1. Хосидо, ту шонрию низ ман ҳам шоирам,
Туро шеър занф асту маро шеър самин.
Шеъри ту шеър аст, лекин ботинаш пур айбдор,
Кирм бисьёр бувад дар ботини дурри самин.
Шеър ногуфтан беҳ аз шеъре, ки бошад нодуруст,
«Бача нозодан беҳ аз шашмоҳа афгандан чанин».

Манучеҳрии Домғонӣ

2. Нотавонӣ хезад аз нотандурустӣ дар чахон,
Хаст, оре, тандурустӣ бо тавоной қарин.
Эй зани нодон, мапарвар баччаи нотандуруст,
«Бача нозодан бех аз шашмоҳа афгандан чанин».

Асфари Сабзаворӣ
(Аз «Модар туро ситоиш мекунад»)

БАЧАРО КОР ФАРМОВУ АЗ ПАСАШ (АҚИБАШ) ДАВ (РАВ)!

мук. Тифлро ба коре бифиристу худ аз паи ӯ бирав!

«Бачаро кор фармою аз ақибаш дав» гуфтаанд. Вақте ки Очаой бегоҳирӯзӣ хати Гулрӯро гирифта аз дари кӯчаи Рустамамак беруи мебаромад, дар назди дарвозахонаи Нӯъмонҳочӣ бобояш Сафарбой, ки аз намози аср гашта меомад, вохӯрд...

Раҳим Ҷалил

БАЧА ТО НАГИРЬЯД, МОДАР ШИР НАДИҲАД.

ниг. То бача гирья накунад, модараш шир намедиҳад.

Баъд Карима ба чӯпондухтар рӯ меоварад: Духтарам, аз домани отаат маҳкам дор, пулаш бисьёр, ба куртаи атлас харида додан хам мерасад, **«бача то нагирьяд, модар шир надиҳад»**,— гуфтаанд.

Мутеулло Наҷмиддинов

БАЧА ЧӢ ГУНА? — ОЧА НАМУНА.

1. Хама хислатҳои неку бади модар ба фарзанд мегузарад, 2. бача ба калонон тақлид мекунад.

— Дидӣ, писари ман чӣ хел доно... Пурсанд, ки **«бачааш чӣ гуна?** — Гӯед, ки **очааш намуна»**.

Самад Ганӣ

1. БАЧЧАИ БАТ АГАРЧИ БОШАД ХУРД,
ОБИ ДАРЬЁШ КАЙ ТАВОНАД БУРД.
2. БАЧЧАИ БАТ АГАРЧИ ДИНА БУВАД,
ОБИ ДАРЬЁШ ТО БА СИНА БУВАД.

Саноӣ

1. Фарзанд намунаи падару модар аст, 2. бача феълу хӯи падару модарро мегирад. Мук. Мургобибачаро шино набояд омӯхт.

1. — Фардо туро пеши хидмати падар мебарам, то муҳассалоти хеш арз диҳӣ ва маҳфузоти хеш намой ва истеҳқоки худ бар муносиби давлату маротиби мамлакат равшан гардонӣ ва мукаррар куний. **«Баччаи бат агарчи дина бувад, оби дарьёш то ба сина бувад».**

Аз «Синдбоднома»

2. Мояи корҳо чавоиҳ дон,
Моя дорам, аз он чӣ ғам бошад?
**«Баччаи бат, агарчи бошад хурд,
Оби дарьёш то кадам бошад».**

Чамолиддини Исфаҳонӣ

назир:

Ҷодуй кардани ҷодубача осон бошад,
Набувад батбачаро ошноии дарьё душвор.

Анвариии Абеварди

БАЧЧАИ САНҶОБ ЗОЯД АЗ САНҶОБ.

мук. Аз гандум ҷав, аз ҷав гандум нарӯяд.

Тухм агар ҷав бувад, ҷав орад бор,
«Баччаи санҷоб зояд аз санҷоб».

Носири Хисрав

БА ЧАШМИ КӮР ШАБУ РӮЗ ЯКСОН АСТ.

мук. Кӯр ба чароғ эҳтиёҷ надорад.

ишора:

Ба ту дода зан, аз ту чун ситонанд,
Магар ишон, ки арзи ту надонанд,
Кеҳу меҳ рост бошад назди ишон,
Чу рӯзу шаб ба чашми кӯр яксон.

Фахриддини Гургонӣ

**БА ШАМШЕРЕ ЯКЕ ТО САД ТАВОН КУШТ,
БА РАЪЙЕ ЛАШКАРЕРО БИШКАНӢ ПУШТ.**

Он чиро ки бо раъю тадбир метавон анҷом дод, бо зӯри шамшер муяссар намегардад. Мук. Ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт, ба шамшере яке то дах тавонӣ кушт.

I. Ба ғайр аз ман ва бародарам касе бо ишон баробар намешавад. Ишон ба сипоҳи калиле бо чаҳорсад ҳазор сипоҳи ту даъво карданд, ки пои кам наёварданд, се рӯз ё чаҳор рӯзи дигар Искандар мерасад. Мегӯянд дувоздах ҳазор гурди гарданкаш монанди ни се нафар чавон, ки имрӯз дидӣ, ҳамроҳ дорад ва вазире дорад Арасту ном, мегӯянд аршади шогирдони Афлотун аст, ки ба тачриба оламро мусаххар карда. Арасту ба танҳоӣ аз тадбирот мукобил ба сипоҳи Искандар аст, чунон ки гуфтаанд:

**«Ба шамшёре яке то сад тавон кушт,
Ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт».**

Аз «Искандарнома» II

2. Малик гуфт: Агар ҷангро кароҳият медорӣ, пас чӣ меандешӣ? Гуфт: Дар ин кор тааммуле бояд кард ва фарозу нишеби он ба қадами тафаккур бибояд паймуд, ки подшохро ба раъйи сонб ва тадбири дуруст он ғаразҳо ҳосил гардад, ки ба хазоину дафоини бисьёр ва хадаму ҳашами бешумор муяссар нашавад. **«Ба шамшере яке то сад тавон кушт, ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ш о р а:

Гуфтаанд, ки ба тадбире мулкҳо тавон кушод ва фавҷҳо тавон шикаст, ки ба шамшерҳон лашкарҳо муяссар нашавад.

Аз «Тузукоти Темурӣ»

БА ШАҲРИ ХЕШ ҲАР КАС ШАҲРИЁР АСТ.

мук. Ба кох дидаруи мизбон подшост.

Валекин чу бинӣ сарҷӯмӣ кор,
«Ба шахри худ аст одамӣ шахриёр».
Фурӯ мондани шаҳри худ бо хасон
Беҳ аз шаҳриёрӣ ба шаҳри касон.

Низомии Ганҷавӣ

ш о р а:

Ғами ғарибию ғурбат чу барнаметобам,
Ба шаҳри худ раваму шаҳриёри худ бошам.

Ҳофизи Шерозӣ

БА ШАҲРИ ЯКЧАШМА РАВӢ, ЯКЧАШМА ШАВ (БОШ)!

Дар диёру чон бегона риоя намудани расму оини он чо **шарт** аст. Мук. Рафтам шаҳри кӯрхо, дидам ҳама кӯр. Гуфтам: Ман ҳам кӯр.

н а з и р:

Чун ба дари хонаи занги шавӣ,
Рӯи чу гулнорат чун кор куни!

Носири Хисрав

БА ШЕРИ СИПЕҲР ПАНҶА НАБОШАД.

мук. Бо панҷаи офтоб нохун набувад.

БА ШИРИНЗАБОНИЮ ЛУТФУ ХУШӢ
ТАВОНӢ, КИ ПИЛЕ БА МӮЕ КАШӢ.

Саъдӣ

мук. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

1. Аммо малик назр фармояд, ки чун дилу гўши ў бихўрад, бокиро бар дадон садака кунад: Шер назру ваъда карда, ба савганд муаккад сохт ва рўбоҳ ба даъвати муставфй умед дарбаста, рўй ба сарчашма ниҳод ва аз дур, ки харро бидид, расми таҳнйяте ба чой оварда, мулоимате огоз кард ва мулотафат роҳи мухотабат ба ў кушода гардонид. **«Ба ширинзабонию лутфу хушй, тавонй ки пиле ба мўе кашй».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

2. Ин чавоб мўи сари Муллоабдуллоро рост карду лекин вай фақат шунавам-нашунавам «астағфирулло» гўён, **«ба ширинзабонию лутфу хушй, тавонй, ки пиле ба мўе кашй»** риоя намуда гуфт...

Раҳим Ҷалил

БА ШОХИ БАЛАНДРАФТА ХАМ ТАБАР МЕОЯД.

Калонмансаб ҳам ба амали ношоистаи худ кайфар мебинад.

— **«Ба шохи баландрафта ҳам табар меояд»** гуфтаанд! — гуфт кампир аз хонаи дигар, Муҳаббат, бисъёр ҳам сахтгир нашав!

Аз «Барои адабиёти социалистй»

БАЪД АЗ ИД ХИНО.

ниг. Баъд аз тўй наҳора.

Аз ҳоло корро чунон ташкил намоянд, ки баъд аз тўй наҳорао **«баъд аз ид хино»** нашавад...

Аз «Хорпуштак»

БАЪД АЗ МУРДАНИ СЯҲРОБ НЯШДОРУ.

мук. Муште, ки баъд аз ҷанг ба ёд меояд, ба сари худ бояд зад.

БАЪД АЗ СИЕҲЙ РАНГЕ НЕСТ.

ниг. Болои сиёҳй ранге нест.

Саъдиё, номат ба риндй дар ҷаҳон афсона шуд,
Аз чй метарсй, дигар **«баъд аз сиёҳй ранг нест»**.

Саъдии Шерозй

Аммо дўсте маро ҳалли мушкили худ илтимос кард ва гуфт: **«баъд аз сиёҳй ранге нест»**, мўи сиёҳи одамй чй гуна сапед мешавад?

Аз «Тўтинома»

БАЪД АЗ ТОБУ ТЕЗ — КАПЛА КУНУ РЕЗ!

мук. Муште, ки баъд аз ҷанг ба ёд меояд, ба сари худ бояд зад.

1. Ба Ворух, ки расидам, ягон одами дилпур мешудагиро ба ревком мефиристонам, ки нарезондаву начаконда зудтар ин хабарро барад. Набошад, **«баъд аз тобу тез — қайла куну рез»** чароҳат калону дард бедармон мешавад.

Раҳим Ҷалил

2. — Э, исбот чӣ даркор? Бе он хам хама медонад! «Машинаи кӣ ифлос? Машинаи Додоев!» мегӯянд! Акнун чӣ дод мезанӣ? **«Баъд аз тобу тез — қайла куну рез».**

Толис Пӯлодов

БАЪД АЗ ТӮЙ НАКОРА.

Баъд аз рӯй додани вокеае илоҷ чустан ва дагдага намудан фонда надорад.

Вале баъд аз маълум ва равшан гардидани нуқсонҳо ва хатоҳо ба майдон бо шамшери чӯбин баромадан ба мисли **«баъд аз тӯй накора»** задан аст.

Шарифҷон Хусейнзода

БА ЯК ГУЛ БАҲОР НАМЕШАВАД.

нис. Бо як гул баҳор намешавад.

ишора:

1. Ҳеч замоне садо надошта як даст,
Як гул агар бишкуфад, баҳор нагардад.

Сайидғаломризои Рӯҳонӣ

2. Гарчи як гул шукуфт аз ин гулзор,
Кай зи як гул шавад падид баҳор?

Муҳаммадтақии Баҳор

БАЪДИ НАВМЕДӢ БАСЕ УММЕДХОСТ, АЗ ПАСИ ЗУЛМАТ БАСЕ ХУРШЕДХОСТ.

мук. Аз паси ҳар гирья охир хандаест.

1. Эй, басо коро, ки аввал саъб гашт,
Баъд аз он бикшода шуд, сахтӣ гузашт.
«Баъди навмедӣ басе уммедхост,
Аз пан зулмат басе хуршедхост».

Ҷалолиддини Румӣ

2. Мо боварӣ доштем, ки окибат адолат бар ин хама зулму тааддӣ ва ваҳшоният гитлерчиён ғалаба хоҳад кард. Ва дар хакикат ҳам ҳамин тавр шуд. Адолат ғалаба кард. **«Баъди навмедӣ басе уммедхост, аз паси зулмат басе хуршедхост».**

Муқаддас Искандар

БА ЯК ДАСТ ДАСТАК НАТАВОН ЗАД,
БО ЯК САНГ ОС НАТАВОН КАРД.

инг. Аз як даст садо намебарояд.

Саъваро дӯсте буд, ки ӯро Мурғи дарознӯл гӯянд, бар ӯ рафт ва киссаи пургуссаи худ боз намуд ва гуфт: Пил бар мани таъаддӣ кардааст, ҳилае бикун ва тадбире бисоз ва интиқоми мани аз ӯ бихоҳ, ки дӯстон аз барои ин рӯз боянд...

Дарознӯл гуфт: Муҳиммӣ пил муҳиммест қавӣ ва корест бузург. Ин кор танҳо рост наёяд, **«ба як даст дастак натавон зад»** ва **«бо як санг ос натавон кард...»** Маро дӯсте хаст Занбӯр ном, бағоят доно ва оқил, бо ӯ ҳам машварат бикунем.

Аз «Тӯтинома»

БА ЯК ДАСТ ДУ ХИНДУВОНА БАРДОШТА НАМЕШАВАД.

инг. Бо як даст ду тарбуз бардошта намешавад.

Як мард чӣ гуна меравад зери ду бор,
«Бо даст ду хиндувона натвон бардошт».

Собири Хамадонӣ

ишора:

Кори доно яке бувад пайваст,
Бурд натвон ду хиндувона ба даст.

Муҳаммадтақии Бақор

БА ЯК ДИЛ ДУ ДИЛБАР НАШОЯД ГИРИФТ.

инг. Бо як даст ду тарбуз бардошта намешавад.

Бирав, бо нигоре, ки дорӣ, бисоз,
Ба зорӣ бисӯзу ба хорӣ бисоз!
Магӯ, к-аз ту дил барнашояд гирифт,
«Ба як дил ду дилбар нашояд гирифт»

Хоҷуи Кирмонӣ

БА ЯК МАРД (ЯИГИТ, ЧАВОН) ЧИЛ ҲУНАР КАМ АСТ.

Мард ҳарчи бештар ҳунар омӯзад, хуб аст, ҳар як ҳунар вақте ҳатмаи ба кор меояд.

І. Харчанд ӯ чун наългар ном бароварда бошад ҳам, ба мақоли **«ба як мард чил ҳунар кам аст»** амал намуда, ҳам мисгару ҳам оҳангар, ҳам дегрезу ҳам кандакорӣ бомаҳорате шуда буд.

Раҳим Ҷалил

2. Ман ҳайрон шуда пурсидам, ки ҳаммактаби собиқам чаро ва кай ба ин касби нав гузаштааст. Лекин ҳамӯз ман лаб накушода худаш бидиррос зада рафт:

— Ҳайрон нашавед, **«ба як йигит чил хунар кам»** мегӯянд. Ин ҳам як кор-дия.

Абдусалом Деҳотӣ

БА ЯК НОТАРОШИДА ДАР МАҶЛИСЕ БИРАНҶАД ДИЛИ ХУШМАНДОН БАСЕ.

Саъдӣ

Ҳузури як одами бемаърифат дар маҷлисе мӯҷиби ранҷишу нороҳатии ҳамаи аҳли маҷлис мегардад.

Дигаре гуфт: Гучохи ҳочиби пардаи дар аст, ки остон истодл. Дигаре гуфт: Рупохи чодари шаб аст, ки хобаш бурда. Дигаре гуфт: Посбони волон машъал ва фонусро магар чароғ мурда буд. Баъзе гуфтанд: Чӣ донед агар ин амал пӯстин накарда бошад, ки теге чун алмос бо ӯст. **«Ба як нотарошида дар маҷлисе биранҷад дили хушмандон басе».**

Кории Яздӣ

БА ЯК ТАДБИРИ НЕКӮ ОН ТАВОН КАРД, КИ НАТВОН БО СИПОҲИ БЕКАРОН КАРД.

мук. Ба шамшере яке то сад тавон кушт, ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт.

Аз он ҷо гуфтаанд, ки раъю тадбир аз шуҷоат беҳтар аст. Зеро ки марди мубориз ҳарчанд далеру тавоно бувад дар масоф бо дах тан баробарӣ кунад, гонташ то бист. Ва агар касе муболиға кунад, то сад тану ҳазор инҳоят кор аст, аммо марди доно ба як фикри соиб мулкеро парешон созад ва бошад, ки ба тадбире лашкари гаронпро бишиканад ва вилояти ободонро барҳам созад.

«Ба як тадбири некӯ он тавон кард,
Ки натвон бо сипохи бекарон кард».

Ба фикре шояд иқлиме кушудан.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БА ЯКТАҚ БА ТӮС НАРАВАНД.

мук. Нардбон поя-поя.

Ва чун касе бад-ин авсофи писандида мутаҳаллӣ буд ва аз бӯстан имтиҳон бад-ин насак, ки тақрир афтод, муҳлис беруи омад ва аҳлияти дарачот аз ҳаман вучӯҳ муҳаққақ гашт, дар тарбият тартиб ҳам инҳоқ бояд дошт ва ба оҳистагӣ дар маротиби **таршех** ва

мадоричи такриб бармекашид, то дар чашмҳо дарояд ва ҳурмати ӯ ба муддат дар дилҳо ҷой гирад ва **«ба якгак ба Тӯс наравад»**, ки бигсалад то инон мачоли вокеат ёбанд.

Аз «Калила ва Димна»

БА ЯК ТОҶВАР ТАХТ БОШАД БАЛАНД,
ЧУ АФЗУН ШАВАД, МУЛК ЁБАД ГАЗАНД.

нит. Ба ду кадбону хона норӯфта мемонад.

«Ба як тоҷвар тахт бошад баланд,
Чу афзун шавад, мулк ёбад газанд».
Яке тоҷвар беҳтар аз сад бувад,
Ки борон чу бисьёр шуд, бад бувад.

Низомии Ганҷавӣ

БА ҒАЙРИ ТАРБИЯТ ҲАРГИЗ КАСЕ НАШУД КОМИЛ.

мук. Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд, ҳеч охан ханҷари тезе нашуд.

«Ба ғайри тарбият ҳаргиз касе нашуд комил»,
Ки ин сухан набувад пеши ҳеч шахс касиф.

Васлии Самарқандӣ

БА КАДРИ ДОНИШИ ХУД ХАР КАСЕ КУНАД ИДРОК.

Ҳар кас аз рӯи донишаш чизеро мефаҳмад.

Туро, чунон ки туй, ҳар назар кучо бинад?
«Ба қадри дониши худ ҳар касе кунад идрок»

Хофизи Шерозӣ

БО (БА) ҲАЛВО ГУФТАН ДАҲОН ШИРИН НАМЕШАВАД.

Бо суханони хуб гуфтан коре хуб намешавад, бо орзуҳои ширин кор ичро намегардад. Мук. Ширин намешавад даҳон бо ҳалво гуфтан.

1. З-изҳори дард дард мудово намешава̀д,
«Ширин даҳан ба гуфтани ҳалво намешавад».

Мирзодаи Ишқӣ

2. Агар ту ба маслиҳати ман дарой, ман корро тамоман дигар хел мекунам ва туро дар бағали Санчинчон меандозам.

— Ох, Сабочон, **«ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад»**, ки-ий ман ба гуфтан ту дароям, ту чӣ кор мекуий?

Баҳриддин Аҳмад

назир:

Хоча, ки лавзина ба гӯш оядаш,
Кай ба даҳан лаззати нӯш оядаш?

Хусрави Деҳлавӣ

БА ҲАЛВОПАЗӢ САД КАС ОТАШ КУНАД,
БА ҲАЛВО ДАҲОНРО ЯКЕ Х(В)АШ КУНАД.

1. Барои ба даст даровардани мақсаде одамони бисьёре кӯшиш мекунанд, аммо он на ба ҳаман онҳо муяссар мегардад. 2. на ҳар коркун сазовори музд аст.

Яке ҳотиф аз гӯша овоз дод,
Ки рӯзе ба ҳар кас хате боздод.
Сикандар, ки чуст, оби ҳайвон надид,
Начуста, ба Хизр оби ҳайвон расид,
Сикандар ба торикӣ орад шитоб,
Раҳи равшанӣ Хизр ёбад бар об.
«Ба ҳалвопазӣ сад кас оташ кунад,
Ба ҳалво даҳонро яке х(в)аш кунад».

Низомии Ганҷавӣ

БА ҲАР БОДЕ МАҶУНБ АЗ ҶОЙ ЧУН БЕД,
БАТАМКИН БОШ ҲАМЧУН МОҲУ ХУРШЕД!

Носири Хисрав

мук. Мард бояд ки дар кашокаши даҳр санги эрини осиё бошад.

БА ҲАР ИЛМЕ, КИ ДОРӢ, ЭЪТИРОФЕ КУН БА НОДОНӢ,
КИ ДОНО ЧУН ШАВАД МАҒРУР, МЕХОНАНД НОДОНАШ.

Фузулӣ

БА ҲАР КАС БАЧАИ ХУДАШ ХУШРӮЙ МЕНАМОЯД.

ишт. Агарчанд фарзанд чун девзишт бувад, назди модар чу хури бихишт.

— «Диля дадаю оча хонаи меҳри бача» гуфтаанд, ҳамшира. Инҳоро дар он ҷо он қадар ёд карда будам, ки мондан гир. **«Ба ҳар кас бачаи худаш хушрӯй менамояд».** Фақат ба одам не, ба ҳаман махлуқҳо ҳам ҳамон тавр, ҳамшира.

Раҳим Ҷалил

1. БА ҲАР КОРЕ АНҶОМРО БИН НАХУСТ,
ПАС ОН ГАҲ КУН ДАР ОҒОЗ ҶУСТ!

Хусрави Деҳлавӣ

2. БА ҲАР КОРЕ, КИ ХОҲӢ КАРД МАДХАЛ, НИГАҲ КУН ОХИРИ КОРАШ БА АВВАЛ!

Носири Хисрав

Пеш аз он ки ба коре шурӯъ намой, нахуст натичан неку бади онро ба назар гир! Мук. Ҳар кӣ окибати корҳо андеша накунад, ба ранҷ — андар афтад.

БА ҲАР КОРЕ, КИ ҲАСТ, КӮРИ БИНО БЕҲТАР АЗ БИНОИ КӮР.

Одаме, к-ӯро набошад таҷрибат,
Бар чунон одам шараф дорад сутур.
Мехӯрад мискин намак бар чои қанд,
Таъми ширинро намедонад зи шӯр.
Мухтасар гӯям **«ба ҳар коре, ки ҳаст,
Кӯри бино беҳтар аз бинои кӯр».**

Хабиби Кохӣ

БА ҲАР КОРЕ, КИ ҲИММАТ БАСТА ГАРДАД, АГАР ҲОРЕ БУВАД, ГУЛДАСТА ГАРДАД.

1. Хеҷ кори мушкиле нест, ки ба саъю кӯшиш осон нагардад. 2. ҳалли ҳар мушкил вобаста ба ҳиммати худи одам аст. Мук. Ба чавгони ҳиммат тавон бурд гӯй.

1. Амир ҳандон шуданд ва гуфтанд, ки дар Қирвони Мағриб шаҳре дидаам, ки подшоҳе дар вай чоҳе канда ва умки онро ба сатҳи Муҳит расонида ва аз он обе мунфаҷир гашта, ки як маноравор баланд мерезад ва чахор шаҳр аз он маъмур аст; аз кучо ин чоҳ мисли он нахоҳад шуд... **«Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

2. Домани ҳиммат ба мнён барзадам ва даст аз остини саъй баровардам. **«Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад».**

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

3. Умед ҳаст, ки онҳо дар ин кор низ ғайрату ҳиммат нишон медиҳанд ва камбудиҳоро бартараф менамоянд. Бехуда нагуфтаанд: **«Ба ҳар коре ки ҳиммат баста гардад, агар хоре бувад, гулдаста гардад».**

Аз «Тоҷикистони Совет»

Ҳиммат ҳар чо беш кунад кореро,
Душворй нест ҳеч душвориро.

Абдуқодири Бедил

БА ҲАР КУЧО, КИ РАВЙ, ОСМОН ЯК (ҲАМИН) РАНГ АСТ.

мук. Хурўс дар ҳама чо баробар чеғ мезанад.

1. Марав ба Ҳинду бирав бо худои хеш бисоз,
«Ба ҳар кучо, ки равй, осмон ҳамин ранг аст»,

Аз «Амсолу ҳикам»

2. Хорпуштак **«ба ҳар кучо, ки равй, осмон як ранг аст»** гўён фикру андешаи зиёде накарда, ба як дўкончаи катакмонанд даромад...

Самад Ганй

ишора:

Дар тамоми он муддат ҳарчо рафтам чуз чаври осиёбону чафои санги сангини осиёб чизе надидам. Ҳама чо осмон ба як ранг буд ва мардум ба ду ранг.

Саидмуҳаммадалии Ҷамолзода

БА ҲАР ПЕША ОН КАС, КИ ДОНО БУВАД,
БА ҶАМЪИ ҲАМА КАЙ ГАВОНО БУВАД?

Абдураҳмони Чомй

мук. Холаи ҳамакора — ҳама кораш нимкора.

БА ҲАР ХОЛ ДУШМАНИ ДОНО АЗ ДЎСТИ НОДОН БЕҲТАР АСТ!

кир. Душмани доно аз дўсти нодон бехтар аст.

Магасонро аз ниҳеби он санг осебе нарасид, аммо сари боғбон ба хок яксон шуд. Ва аз ин чо бузургон гуфтаанд, ки **«ба ҳар хол душмани доно аз дўсти нодон бехтар аст»**.

Аз «Калила ва Димна»

БА ҲИКМАТ БОДА РОҲАТБАХР БОШАД,
БА ПУРРЙ ОБИ ҲАЙВОН ЗАҲР БОШАД.

мук. Агар шароб надонй хўрд заҳр аст, в-агар бидонй хўрдан подзаҳр.

Шароб арчи часадро нўшдоруст,
На охир асли сардарду хумор ўст!
Ба сарфа ҳар чй баргиранд чагз аст,
Хўриш бе сарфа чонро пойлагз аст.

«Ба ҳикмат бода роҳатбахр бошад,
Ба пуррӣ обӣ ҳайвон заҳр бошад».

Хусрави Деҳлавӣ

БАҲОР КУҶО БУДӢ? — ТАГИ ТУТИ БЕДОНА.

Ин зарбулмасалро ба касе мегӯянд, ки ӯ қадри неъматеро надониста онро исроф карда, ба касе дасти эҳтиёҷ дароз кунад ва ё дар мавриди муносиб аз ичрои коре дар ғафлат монда, аз он ба натичаи бад расида бошад.

1. «Чӣ кунам, афв хоста тавба намоям? — базӯр фикрашро ба як ҷо гун карда хулоса бароварданӣ мешуд раис.— Не, **«баҳор куҷо будӣ? — таги тути бедона»** гӯён, метавонанд таъна зананд.

Аз «Шарқи сирх»

2. **«Баҳор куҷо будӣ? — таги тути бедона»** гуфтагӣ барин Кобилҷон аз соз омадани тирамоҳ хотирҷамъ шуд, ба зимистон тайёрӣ ҳам надид. Аз ин ҷост, ки ҳавои сарди ногаҳонӣ ӯро дар ғафлат ёфт.

Аз «Хорпуштак»

БАҲРИ КАЙКЕ ГИЛЕМ НАТВОН СӮХТ.

Ба хотири рафъу дафъи зарари ҷузъӣ набояд аз баҳри касе ва ё чизи хуб даргузашт. Мук. Ба кайк ситеза карда, кӯрпаро сӯхтан норавост.

1. Тозагии сарву гул зи борон аст,
Зиндагии ҷону дил зи ёрон аст.
Дӯстро кас ба як бадӣ нафрӯхт,
«Баҳри кайке гилем натвон сӯхт».

Абулмаҷди Саноӣ

2. Баҳри ҳаффоши ноқису маълум
Оламеро зи худ кунад маҳрум,
«Баҳри кайке гилем натвон сӯхт»,
Баҳри як хас ду чашм натвон дӯхт.

Султон Валад

3. Баҳри як бенамоз дар ислом
Дарп масҷид набаста ҳеҷ имом.
Дар ҷаҳон соҳибони ақли салим
Баҳри кайке насӯхтанд гилем».

Муҳаммадтақии Баҳор

ишора:

Гуфт: бо ин шаклу ин ғандадаҳон,
Дур биншин, лек аз он сӯтар марон,
То илочи он даҳони ту кунем,
Ту маризу мо табиби пурфанем.
Кай ту з-аҳли номаву рукъа будӣ,
Кай ҷалису ёри ҳамбукъа будӣ?
Баҳри кайке навгилеме сӯхтан,
Нест лоиқ аз ту дида дӯхтан.
Бо ҳама, биншин, ду-се дастон бигӯ,
То бубинам сурати ақлат накӯ.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

Харчанд ки дар хонаи ту хона кунад мӯш,
Хона насупорӣ ту ҳаме хира бад-ишон.
Гарчи набувад меваи хуш бе пашшаву кирм,
Деҳқон надиҳад боғ ба пашша, на ба кирмон.

Носири Хисрав

БАҲС МАКУН БО АРБОБ,
АРБОБ ЗАНАД БА ҲАР БОБ.

мук. Бо оли Алӣ ҳар кӣ дарафтод, барафтод.

Чанги машин оҳиста-оҳиста фурӯ нишаст ва гӯё Ашӯра ба худ омад: — Не-е,— мад кашид ӯ,— ман бехуда мекунам, бо ранс баҳс карда, бадном шуда мегардам... «**Баҳс макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб**» гуфтаанд.

Аз «Садои Шарқ»

1. БА ҲУСНАТ МАНОЗ, БА ЯК ТАБ БАНД АСТ,
БА МОЛАТ МАНОЗ, БА ЯК ШАБ БАНД АСТ,
2. БА ҲУСН НОЗӢ — ТАБЕ, БА МОЛ НОЗӢ — ШАБЕ.

Хусну мол барои одам зудгузар ва нопойдор аст, ба онҳо фирефтаву ғарра машав, ки ба як тасодуфи замон ҳаман он аз дасти ту мераванд.

ишора:

1. Бар молу ҷамоли хештан ғарра машав,
К-онро ба шабе баранду ниро ба табе.
Бас хуни касон, ки чархи бебок бирехт,
Бас гул, ки баромад аз гилу пок бирехт.

Бар ҳусну ҷавонӣ, эй писар, ғарра машав,
Бас ғунчаи ношукуфта бар хок бирехт.

Умари Хайём

назир:

Машав мағрури ҳуси, эй шоҳи хубон,
Ки дар пай ҳар баландирост пастӣ.

Ибрати Нойинӣ

БА ҶАМЪ ОЯДУ БА ҶАМЪ БИШАВАД.

мук. Сафари дарьёро суд то каъб бувад ва зиён то гардан.

Дар сафари дарьё суд то каъб бувад ва зиён то гардан ва бояд ки ба тамаи андак сармоя бисьёр ба бод надиҳӣ ва агар бар хушкӣ вокеае афтад, ки мол бишавад, магар чон бимонад. Дар дарьё ҳар дуро бим бувад, молро иваз буваду чонро набошад ва низ кори дарьё ба кори подшоҳ мисл кардаанд, ки **«ба ҷамъ оянд, ба ҷамъ бишавад».**

Аз «Кобуснома»

БА ҶАНГИ ЗАНУ ШӮ ОСТОНАИ ДАРИ ХОНА МЕХАНДАД.

1. Алами ҷанги зану шӯ тезгузар аст, зану шӯ ҳарчанд бо ҳамдигар сахт бичанганд ҳам, боз оштӣ мешаванд, 2. натиҷаи ба байни ҷанги зану шӯ даромадан шармандагӣ аст. Мук. Зану шавҳар ҷанг кунанд, аблаҳон бовар кунанд.

— Сангинчон, аз ман хафа шудӣ? Охир, «сухани рост талх мешавад».

— Чӣ хафа мешавам? **«Ба ҷанги зану шӯ остонаи дари хона механдад»** мегӯянд. Ту хурсанд бошӣ, ман хурсанд.

Раҳим Ҷалил

БА ҶОГАҲИ ХУД НИГОҲ КАРДА, ПОЙ ДАРОЗ КУН!

ниг. Ба кӯрпаат нигоҳ карда, пой дароз кун!

— Хайр, ҳамаашро монед, ки ҳашт хона, зали калон, айвони равон чӣ лозим? Барои чӣ дуошьёнагӣ? Кӣ ин номаъкулиро кардааст? **«Ба ҷогаҳатон нигоҳ карда, пой дароз кунед»** намешавад?

Ҳоҷӣ Содиқ

БА ҶОЕ, КИ БОШАНД ШЕРОН ДАЛЕР,
ДИЛОВАРТАР АЗ НАР БУВАД МОДАШЕР.

Носири Хисрав

Далер будани мардон бонси далертар шудани занон мешавад.

БА ЧОЕ НАБОЯД ДАРУН ОМАДАН,
КИ НАТВОН АЗ ОН ЧО БУРУН ОМАДАН.

Хотифӣ

Хатоеро, ки ислоҳаш ғайри мумкин аст, набояд кард.

БА ЧОИ ПИР АСОИ ПИР.

ниг. Асои пир ба чои пир.

1. Илоҷе нест. Мегӯям писарро,
Ки гирад аспу шамшери падарро.
Дар ин чо пир агар тадбир чӯяд,
«Ба чои пир асои пир» гӯяд.

Мирзо Турсунзода

2. — Ҳудӣ акои Олим чаро наомаданд? — пурсид Зебӣ.

— Пагоҳӣ ба райком рафта буданд, то ҳол наомадаанд,— чавоб дод Адолат, ки мӯйҳои чингилаи ҳудро майда бофта, бо либосҳои нави оҳарӣ омада буд ва ҳоло се-чор китобро ба сари сина зер карда дар пахлуи модараш менигарист.

— **«Ба чои пир асои пир»**-дия Зебуннисо,— хушнудона шӯҳиомез гуфт модари Адолат.

Фотеҳ Ниёзӣ

БА ЧУЗ АЗ КИШТА НАДРАВӢ.

мук. Аз мукофоти амал ғофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, чав зи чав.

1. Деҳқони солхӯрда чи хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, **«ба чуз аз кишта надравӣ»**.

Хофизи Шерозӣ

2. Малик фармуд ӯро ба бадтарин укубат бикуштанд. Пас аз он ба сӯзонданаш фармон дод ва ӯро дар бадтарин ҳолатҳо ба сӯи сакар равон карданд ва дар ин маънӣ шоир некӯ гуфтааст: «Деҳкони солхӯрда чи хуш гуфт бо писар, к-эй нури чашми ман, **«ба чуз аз кишта надравӣ»**.

Аз «Хазору як шаб»

3. Гуфт: Он кӣ рафту бо писари хеш ҳам нагуфт,
Эй нури чашми ман, **«ба чуз аз кишта надравӣ»**.

Собири Хамадонӣ

БА ЧУЗ БАД НАБОШАД МУКОФОТИ БАД.

ниг. Аз мукофоти амал ғофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, **чав зи чав.**

БА ҶУРМИ ИСО МӮСОРО НАМЕГИРАНД.

мук. Бузро ба пои худаш меовезанд, гӯсфандро ба пои худаш.

БА ҶӮЁ, КИ ЯК БОР БИГЗАШТ ОБ,
НАСОЗАД ХИРАДМАНД АЗ ӯ ҶОИ ХОБ.

Окил аз ҳаводиси гузашта дарси ибрат гирифта, худро ба хатар намеандозад.

Замона чунон шуд, ки буд аз нахуст,
Ба оби вафо рӯи Хисрав бишуст.
«Ба ҷӯе, ки як бор бигзашт об,
Насозад хирадманд аз ӯ чои хоб».

Абулқосими Фирдавсӣ

БЕАДАБ БО ҲАЗОР КАС ТАНҲОСТ.

Ҳама аз шахси беадаб безоранд, ва аз ӯ чудой мечӯянд.

Дониш, чун дареғам ояд аз он-к
Бебаҳой, валекин аз ту баҳост.
Бе ту аз хоста мабодам ганч,
Ҳамчунин зарвор бо ту равост,
Боадабро адаб сипоҳ бас аст,
«Беадаб бо ҳазор кас танҳост».

Шаҳиди Балхӣ

назир:

1. Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ бар ҳама офоқ зад.

Ҷалолиддини Румӣ

2. Чунин гуфт гӯяндае пеш аз ин,
Ки растӣ зи табъаш гулу ёсмин,
Яке осмон бувад пур ахтарон.
Замираш ва ё абри пургавҳарон.
Ки нодон на бар хештан кард бад,
Ба якбора оташ дар офоқ зад.

Адиби Пешоварӣ

БЕ АЗОН КАС БА МАСҶИД НАМЕРАВАД.

мук. Нохонда ба хонаи худо натавон рафт.

БЕ АЙБ ХУДОСТ (ПАРВАРДИГОР).

Ҳама камбудие доранд, одам бенуқсон намешавад, мук. Моҳ хам доғ дорад.

1. Эй писар, андўҳгин мабош ва ғам махўр, ки **«беайб худост»** ва одамӣ аз айб холӣ нест.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

2. Осори бинои халқ бар дўши фаност,
Ин ҷо ғайр аз качӣ намеояд рост.
Ҳар неку баде, ки фитратат напсандад,
Шарме куну айб пўш, **«беайб худост»**.

Абдулқодири Бедил

3. — Сабр куну гўш дех, ки ман чӣ мегўям, эй зан,— гуфт Мулло,— **«Беайб парвардигор»** мегўянд, ки ҳақ асту рост. Аммо ҳеч бандаи вай аз хато холӣ нест.

Раҳим Ҷалил

назир:

1. Бе оҳу касе нест андар ҷаҳон,
Чи дар ошкору чи андар ниҳон.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Зи гетӣ бе оҳу наёбӣ касе,
Агарчанд дорад ҳунарҳо басе.

Асадии Тӯсӣ

3. Ҳама ҳаммоли **айби** хештанем,
Таъна бар айби дигарон чӣ занем?

Саъдии Шерозӣ

БЕ АҶАЛ ҚАС НАМИРАД.

мук. Аҷалрасида мемирад, на бемори сахт.

1. Сӯҳроб омад, сари роҳ гирифту гуфт: ...бо вуҷуди он ки дирӯз аз ман забунӣ кашидӣ, имрӯз боз омадӣ. Рустам гуфт: Эй гурд, яқин дон, ки **«бе аҷал кас намирад»**.

Аз «Баҳр-ут-таворих»

2. Бичӯшем мардона андар набард,
Барорем аз хоки бадхоҳ гард.
Чу андар ҷаҳон **«бе аҷал кас намурд»**,
Зи рӯзи аҷал аз аҷал чон набурд.

Ҳамиди Кашмирӣ

БЕ БАНД НАГИРАД ОДАМӢ ПАНД.

мук. Аз банд гирад бадандеш панд.

Афтодаму маслиҳат чунин буд,
«Бе банд нагирад одамӣ панд».

Саъдии Шерозӣ

БЕ БОД ДАРАХТ НАМЕЧУНБАД.

нис. То шамол набошад, шохи дарахт намечунбад.

БЕВАФОЙ ҲАР КУЧО РАХТ АФГАНАД,
ОҚИБАТ ОН ЧОЙРО ВАЙРОН КУНАД.

Ва фоидаи ин масал он аст, ки ҳар кӣ сари риштаи вафо аз даст бигузорад, бандаи уқубат бар пои дил ниҳода бошад ва тавқи бало дар гардани ҷон афганад. «**Бевафой ҳар кучо рахт афганад, оқибат он чойро вайрон кунад**».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БЕГОНА АГАР ВАФО КУНАД, ХЕШИ МАН АСТ.

Хешӣ меъёри дӯстӣ набуда, балки вафодорӣ мебошад, ки он ҳатто бегонаро ҳамчун хеш наздик мекунад.

Мук. Дӯстони вафодор беҳтар аз хешанд.

«Бегона агар вафо кунад, хеши ман аст».
Гар хеш ҷафо кунад, бадандеши ман аст,
Гар заҳр мувофиқат кунад, тарьёқ аст,
Вар нӯш мухолифат кунад, неши ман аст.

Умари Хайём

назир:

Фахриддину Ашраф аз хешӣ ба ёрӣ омаданд,
Зеро чӣ беҳ бошад, ки гардад ёр хешу хеш ёр.

Сӯзании Самарқандӣ

БЕГОРӢ БЕҲ КИ БЕКОРӢ.

Аз бекор нишастан корӣ муфту ройгон кардан беҳтар аст.

нашора:

Маниши бекор аз он ки бегорӣ
Беҳ з-он ки кунӣ ба хира бекорӣ.

Носири Хисрав

1. БЕГУНАҲ АЗ ДАРРАИ УМАР НАТАРСАД,
2. БЕГУНОҲ АЗ ЧӮБ НАТАРСАД,
3. БЕГУНОҲОН ДАЛЕР МЕБОШАНД.

мук. Онро ки ҳисоб пок аст, аз муҳосаба чӣ бок аст?

Шерро бад-ин дамдама оташи ғазаб барафрӯхт ва ба наздики Фариса пайғом дод, ки агар ин гунаҳро узре дорӣ, боз намонӣ! Фариса чун бегуноҳ буд ва гуфтаанд: «Хар киро даст кӯтоҳ бувад, забонаш дароз аст». **«Бегуноҳон далер мебошанд».** Ҷавоби дурушт боз фиристод.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БЕДАВЛАТ (БЕЧОРА) АГАР КИШТ КУНАД, ОБ НАЕБАД, БАДАВЛАТРО КИШТАВУ НОКИШТА БАРОБАР.

1. Бегӣ! Ба шумо дурӯғ, ба худо рост, вақте ки ман аз Дарвоз омадам, ғайр аз як кафши чӯбин, як чорук, як кӯлвор ва як чӯбдаст чизе надоштам, аввал аз марҳамати худо, дуюм ба сояи давлати ҷаноби олӣ соҳиби ҳавлӣ, зану фарзанд шудам, як не чор зан дорам, мулку асбоб ҳам мувофиқи дилу ниятам ҷамъ шуд ва ҳол он ки ман каланд назадаам, дуздӣ накардаам, моли мардумро нахӯрдаам, худо маро ба давлат муносибат диду дод. **«Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад, бадавлатро киштаву нокишта баробар»** гуфтаанд.

Сабғиддин Аҳмӣ

2. Деҳқони камбағал гоҳо ба миробӣ пора дода, гоҳо бо ҷанчол, каллакафонӣ куртадарронӣ карда, каме об мегирифт.

Агар аз ин тадбирҳо худдорӣ кунад, кишташ беоб монда, сӯхта мерафт. Ба зарбулмасали халқ гӯш кунед, ки ин мазмунро чи хуб ифода кардааст: **«Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад, бадавлатро киштаву нокишта баробар».**

Абдусалом Деҳотӣ

3. «Об дар кӯзаю мо ташналабон мегардем» — гуфта шудааст андӯҳгинона. «Ташна ба лаби чашма расидему гузаштем» — надомату ҳасрат ба гӯш мерасид. «Ташна дар хоб об мебинад», **«Бечора кишт кунад об наёбад»** — гуфта шудааст дар зарбулмасалҳои замони гузашта, ки гӯиндагонаш бешубҳа шӯрбахтона ба об зор буданд.

Раҳим Ҷалил

БЕДАВЛАТ АГАР МАСҶИДИ ОДИНА БИСОЗАД, Ё ТОК ФУРӮ ОЯД (РЕЗАД), ҚИБЛА КАҶ ОЯД.

Кори одами камбағал аз сабаби набудани ҳамеша нокис аст.

Ва дар рӯзе, ки ирода доштам ба азми истиқбол равона шавам, пеш аз тулӯи офтоб марди рустоиро бар дари хона дидам гирьён ва нафринкунон. Сабаб пурсидам. Гуфт: Кошкӣ, ҳаргиз қисмати бародаронат намешуд, ки ба деҳи мо оянд. Гуфтам:

— Магар чӣ воқеъ шуда?

Гуфт: Ҷамъияте аз дуздон ба таман моли ишон ба деҳи мо рехтанд ва ҳучум оварда, амволи ишонро бо аксар хонаҳои деҳконон ғорат карданд.

Гуфтам: Субҳоналлоҳ, **«бедавлат агар масҷиди одина бисозад, ё ток фурӯ ояду ё қибла кач ояд».**

Аз «Шоҳ Озодбахт ва чаҳор дарвеш»

БЕ ДАРДИ САРЕ НИШАСТА БУДАМ,
ПУЛ ДОДАМУ ДАРДИ САР ХАРИДАМ.

Ин зарбулмасалро ба касе, ки бо кордории ҳуд ба сари ҳуд заҳмату ташвише фароҳам оварда бошад, мегӯянд.

1. Лаънат ба он бузаки мичморук... **«Бе дарди сареро нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам».** Биллоҳи азим, ки ин дафъа ёфт шавад, садқаи сар гӯён кушта мехӯраму ҷонама халос мекунам.

Сотим Улуғзода

2. — Ин ҳел шаккокҳо афсӯс, ки ҳозир ҳам ҳастанд. Ҳанӯз гапнадаронро ҳудаммедонамӣ мекунанд. Агар монед, ангишт тамом, ба омадаатон раҳмат гуфта, Шӯробро партофта мераванд,— писханд намуд Назаров.— Аз Шӯроби нав, ки гап кушодед,— «боз кадом Шӯроби нав?» — гӯён рангаш меканад. Яктоашро маҳ кардем, ки дуюмашро таҳ мекунад. **«Бе дарди сареро нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам»** гуфта, маколхоӣ ҳам мекунад.

Раҳим Ҷалил

БЕДАРД ЧӢ ДОНАД АЗОБИ ДАРД?

Он касе, ки дарду азобу машаққат надидааст, азобу машаққати дигаронро эҳсос намекунад. Мук. Рӯсурхон чӣ донанд ранги зард?

Ба духтур рафта справка пурсӣ, ба ту дуппа-дуруст мегӯяд. **«Бедард чӣ донад азоби дард»** мегӯянд.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

БЕДРО АГАР БИПАРВАРАНД ЧУ ӮД,
БАРНАЕЯД НАСИМИ ӮД АЗ БЕД.

Ибни Ямин

мук. Оқибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамӣ бузург шавад.

Вазир ҷавоб дод:

— Эй малик, онро, ки ҷавҳари аслӣ надорад, тарбият намудан на лоиқ аст, чи ҳар санге ҷавҳар нагардад ва ҳар хуне мушки азфар нашавад. Ва агар нокас ҳазор сол тарбият ёбад, аз ӯ таваққуи некӯй натавон дошт. **«Бедро агар бипарвараранд чу ӯд, барнаёяд насими ӯд аз бед»,**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БЕЗАБОНӢ ЗИ ЖОЖХОЙ БЕХ!

Хомӯшӣ бехтар аз бехудагӯӣ аст.

Хирарӯй зи тирарой бех,
«Безабонӣ зи жожхой бех!»

Абулмаъуди Сонӣ

БЕЗАБОНӢ НИШОНАИ МАРГ АСТ.

Хомӯшӣ, изҳор накардани фикру орзуи худ бо марг баробар аст.

«Безабонӣ нишонаи марг аст»,
Каламам нест, балки ҷони ман аст.

Пайрав Сулаймонӣ

БЕЗАБОНӢ ХАМА ЗАБОНДОНИСТ.

мук. Бех аз хомӯшӣ хеҷ пирон нест!

Дар раҳи ӯ суханфурӯшӣ нест,
Дар раҳаш бехтар аз хамӯшӣ нест.
Дар раҳаш ранҷ нест, осоиш,
«Безабонӣ хама забондонист».

Абулмаъуди Сонӣ

1. БЕМОР БОШӢ БЕХ, КИ БЕКОР БОШӢ,
2. БЕМОРӢ БЕХ, КИ БЕКОРӢ.

мук. Аз бекор худо безор.

Он марди фозил, ки аз ин мукаддима огоҳ буд, аз ҳоли ман воқиф гардида, гуфт: Чаро даст аз ин кор боздоштӣ ва худро бекор гузоштӣ, ки бузургон гуфтаанд: **«Бемор бошӣ бех, ки бекор бошӣ**, дарахти коҳилӣ куфр оварад бор».

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

1. БЕМОР БУДАН ОСОНТАР АСТ АЗ БЕМОР ДИДАН,
2. БЕМОРДОРӢ БАДТАР АЗ БЕМОРӢ АСТ.
3. БЕМОРПАРАСТӢ БАДТАР АЗ БЕМОРӢ.

инг. Зи беморӣ бадтар бемордорист.

1. Гар бардорам бе ту сар аз беморӣ,
Дар по оям чу абхар аз беморӣ.
Беморпарасти чашми бемори туам,
«Беморпарастӣ батар аз беморӣ».

Камолиддини Исфаҳонӣ

2. Гуфт: Эй бародар, маъзур дор, ки нотавонию бемории зан ва парешонии фарзандон, ки ба воситаи марази ӯ доранд, маро мутафаккир мегардонад. Бӯзина гуфт:

— Донистам, ки дилнигарониҳои ту чиҳати бемории зан аст. Алҳақ рост гуфтаанд, ки **«бемор будан осонтар аст аз бемор дидан».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БЕМОРЕ, КИ ТИМОР ДОРАД, ТАБИБА НОХОНДА ОЯД.

ниг. Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд.

ишора:

Масал заданд, ки оят пизишк нохонда,
Чу тандурустии тимор дорад аз бемор.

Абӯҳанифаи Аскофӣ

БЕМОЯ ФАТИР АСТ.

Ҳеч коре бе пул, бе сармоя пеш намеравад.

Ҳар кӣ бе сармоя мехоҳад шавад ворид ба касб,
«Ҳаст бемоя фатир» — ӯ кори бечо мекунад.
Суд бе сармоя натвон бурд, ин бошад масал:
«Мекунад шамшер чангу пул савдо мекунад».

Аҳмади Аҳгар

БЕ ОРД МЕШАВАД БА СӢИ ХОНА З-ОСИЕ,
ОН К-Ӯ НАБУРДА ГАНДУМУ ЧАВ БА ОСИЕ.

Носири Хисрав

1. То ба касе чизе надиҳӣ, чизе наситонӣ, то сармояе ба кор наандозӣ, суде намебардорӣ.

БЕ ПИР МАРАВ, ТУ ДАР АМОНӢ (ХАРОБОТ),
ХАРЧАНД СИКАНДАРИ ЗАМОНӢ.

Ту ҳарчанд зӯру тавоно ва доно бошӣ ҳам, бо тадбиру маслиҳати пирони пуртачриба, чахондида, солхӯрда, сарду гарми дунёро дида, талху ширини рӯзгорро чашида кор бикун, бе роҳбар ба коре иқдом макун! Мук. Пир нест, тадбир нест. Ниг. Ба ҳикояи ин мақол.

1. Саркардан ишон гуфт, ки бузургон гуфтаанд: **«Бе пир марав ту дар амонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ».** Дар беруни шаҳр марди кӯҳансол ҳаст, ки пеш аз ин айёру роҳзан будааст. Чунон ки дар асри худ соҳӣ шуда ва тачрибаҳо ҳосил карда ва ҳоло тавба намуда ва тавофи хонаи худо ба ҷой оварда аз баҳри ибодат ба гӯшае нишаста. Бибояд ба иттифоқ пеши ӯ равем...

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

2. Рӯзи дигар ишон он чӣ аз падари худ шунида буданд ба хидмати соҳибкирон арз карданд. Арасту гуфт: Ин накл аз шумо нест, аз пири кӯҳансол аст. Искандар гуфт:

— Рост бигӯед, ки ин таҷриба аз кист? Ишон он чӣ буд, баён карданд. Искандар Маликмухторро талабида бисьёр муҳаббат кард. Маликмухтор гуфт: Эй соҳибкирон, **«бе пир марав ту дар харобот, ҳарчанд Сикандари замонӣ».** Пас Искандар бо ёрон ба ҳамон тариқ дохили зулумот шуданд.

Аз «Искандарнома» II

3. — Шодӣ ҳатто ба корҳои муҳим, ба корҳои ҳукуматӣ ва аз тарафи фирқа супоридашуда ҳама мову шумо барин мӯйсафедонро ҷег зада маслиҳат мекунад...

— **Бе пир марав, ту дар амонӣ,**— гуфт Бобосафар ба Шодӣ хитоб карда,— **ҳарчанд Сикандари замонӣ!**

Ҷалол Икромӣ

БЕ ПОВУ САРЕ, КИ ТАРКИ САР ГУФТ,
ДИГАР ЧӢ ҒАМАШ ЗИ БЕКУЛОҲИСТ.

Ибрат

Касе, ки аз чизҳои муҳим сарфи назар кардааст, барои ӯ чизҳои ғайримуҳим ҳеҷ аҳамияте надоранд.

назир:

1. Чун рафт дину дониш, чӣ ғам зи некномӣ,
Чун тарки сар бигуфтам, кай тарсам аз амома?

Носири Бухорой

2. Пурсанд ҳоли чону дили Котибӣ аз ӯ,
Чун хона пок сӯхт, чӣ пурсанд рахтро?

Котибии Туршезӣ

БЕ РАНҶ ГАНҶ НАХОҲӢ БУРД.

ниг. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

Аз он боист чандон ранҷ бурдан,
Ки **«бе ранҷе нахоҳӣ ганҷ бурдан».**

Фаридаддини Аттор

БЕРУН НАРАФТАНИ АРӮС АЗ БЕҶОДАРИСТ.

ниг. Мастурии бибӣ аз бечодарист.

БЕРӮЙ АР БА РӮИ КАСЕ ОРӢ,
БЕШАК БА РӮЯТ ОЯД БЕРӮЙ.

Носири Хисрав

БЕСАВОД КӮР АСТ.

назир:

1. Дили бенлм чашми бенур аст,
Марди нодон зи мардумй дур аст.

Авҳадии Марағй

2. Бе виқор он ки сози ҳилмаш нест,
Бе саодат касе, ки илмаш нест.

Абдулқодири Бедил

БЕ ТАЛХЙ НАБОШАД АЙШ ШИРИН.

Касе, ки ба ранҷу талхиҳо таҳаммул накунад, шаҳди комьёбй начашад.

Дар ин дайри куҳан расмест дерин,
Ки **«бе талхй набошад айш ширин»**.

Абдураҳмони Ҷомй

БЕТАМИЗИҲОИ МАРДУМ АЗ СУХАН ПАЙДО ШАВАД, ПИСТАИ БЕМАҒЗ АГАР ЛАБ ВО КУНАД, РАСВО ШАВАД.

Бедил

Одами нодону бетамизро суханаш расво мекунад.

Мук. То мард сухан нагуфта бошад, айбу хунараш нохуфта бошад.

БЕ ТАҲАММУЛИ РАНҶЕ БА ГАНҶЕ НАТАВОН РАСИД.

мук. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

Паланг табассуме карду гуфт:

— Бузургию тақарруби ман ба ҳазрати подшоҳ аламест, ки ба чидду чаҳд барафрохтаам, писандида набошад онро ба коҳилию батолат сарнагун сохтан ва биное, ки ба саъйи чамил иртифоъ ёфта, некӯ набувад аз хештандорию таносой ба ҳок баробар кардан. **«Бе таҳаммули ранҷе ба ганҷе натавон расид»** ва ба шавкати хори дилозор аз тамошои гулзор таматтӯъ натвон ёфт.

Аз «Анвори Суҳайлй»

БЕХИ ДАВЛАТ — ТАНИ СИҲАТ.

Беҳтарин ва муҳимтарин давлат тандурустй аст. Мук. Зи чумла неъмати дуньё чу тандурустй нест.

ишора:

Ҳеч давлат чу тандурустй нест,
Ҳеч меҳнат чу заъфу сустй нест.

Ҳилолии Чағатой

БЕ ХИЗР МАРАВ ТУ ДАР ХАРОБОТ,
ХАРЧАНД СИКАНДАРИ ЗАМОНӢ.

Хофиз

ниг. Бе пир марав, ту дар амонӣ, харчанд Сикандари замонӣ.

БЕ ХОРИ ҲАСАД НЕСТ ГУЛИ ФАЗЛУ ҲУНАР.

мук. Аз ҳунар ҳар чӣ беш — душман беш.

Ва он чӣ ҳоло мегӯям на барои он аст, ки бар раъйи малик дар ин ҳодиса хатое собит мекунам ё айбе ба ҷонибӣ тадбиру тааммулаш мансуб мегардонам, аммо ҳасади чоҳилон дар ҳаққи арбоби ҳунар кифоят, одате мустамир ва расме маълуф аст ва баста гардондани роҳи ҳасад аз аҳли фазлу арбоби хирад маҳол менамояд. **«Бе хори ҳасад нест гули фазлу ҳунар».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БЕЧОРА АГАР КИШТ КУНАД, ОБ НАМЕЕБАД.

ниг. Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад, бадавлат киштаву нокишта баробар.

«Ташна дар хоб об мебинад», **«бечора кишт кунад, об намеёбад»** — гуфта шудааст дар зарбулмасалҳои гузашта, ки гӯяндагонаш бешубҳа шӯрбахтони ба об зор буданд.

Раҳим Ҷалил

БЕЧОРАРО САГ АЗ БОЛОИ УШТУР МЕГАЗАД.

ниг. Камбағалро аз болои уштур саг мегазад.

1. Ба пеши аҳолиқ мебарам туро! — гуфт ҷаррос зада баззоз.— Ту мусулмонҳоро заҳр дода куштан мехоҳӣ, ту одами ҷадидҳо будагистӣ!

— Ягон мусулмон аз заҳри ман намурдааст, лекин балохӯрии ту садҳо хонумонҳоро хароб кардагӣ! — гуфт Махсум ва дигар ба доду фарьёду ҳақорат доданҳои баззоз аҳамият надода, бо мушоияти одамони аҳолиқ ба роҳ даромада рафтан гирифт.

Одамони бисьёре, ки гирди онҳоро гирифта буданд, аксарият ба Махсум хайрхоҳона нигоҳ мекарданд: **«Бечораро саг аз болои шутур мегазад!».**

Ч. Икромӣ, Ҳ. Назаров

2. **«Бечораро саг аз болои уштур мегазад»** мегуфтанд, рост будааст, занак. Агар ин тавр набошад, чаро баъзеҳо ким-чӣ хел номаъкулиҳоро мекунанду ҳеҷ гап намешавад. Мани бечора гуноҳ накарда, ҳамин қадар гап мешунавам?

Аз «Маориф ва маданият»

БЕЧОРА ХАР ОРЗУИ ДУМ КАРД,
НОЁФТА ДУМ ДУ ГЎШ ГУМ КАРД.

Ин зарбулмасалро дар ҳаққи касе мегўянд, ки ў ба хотири ба даст даровардани чизи мавҳум аз мавҷуди худ маҳрум шавад.

Мук. Мискин харак орзуи дум кард, наёфта дум ду гўш гум кард.

Ниҳоят, як рўз лангон-лангон ва асозанон аз ҳавлиаш баромад. Маълум шуд, ки ҳамон шаби бистуҳафтум хобҳои ачоибу гароиб дида, хоболуд аз бом афтида, пои чапаш шикастааст. Табиб подуруст тахтачабандӣ карда, ои поншро ҳам кўтоҳ, ҳам качалактоб карда мондааст. Дар пешониш ба андозаи ним паллаи чормағз чукурчае ҳам пайдо шуда буд.

Акнун мардум каҳрамони ҳикояи мо Курбон-саррофро ба тарзи муфт, ба ду маънӣ «Курбони лайлатулқадр» меномиданд. **«Бечора хар орзуи дум кард, ноёфта дум, ду гўш гум кард».**

Абдусалом Деҳотӣ

БЕША БЕ ШЕР НЕСТУ ДАРЬЁ БЕ НАҲАНГ (БЕ МОҲӢ).

Душьё аз одамони хуб холӣ нест. Мук. Бори мусофир дар кўча наменонад.

— Ту дар ҳаққи ҳама муллоёни вайрон ва мурдор гап задӣ, чунон ки **«беша бе шеру дарьё бе моҳӣ намешавад»**, инчунин дар байни муллоён ҳам мардони худо ёфт мешаванд.

Садриддин Айнӣ

и ш о р а:

Ва Самак бар ин вилоят омадааст, ки агар на Самак бар ин вилоят омада будӣ, Конун моро аз банд беруи натавонистӣ овардан. Донистам, ки беша аз шер холӣ набудааст.

Аз «Самаки Аёр»

БЕ ШАМОЛ ШОХИ ДАРАХТ НАМЕЧУНБАД.

нег. То шамол набошад, шохи дарахт намечунбад.

Шояд дар ҳама чо ҳам ҳамин тавр бошад. Дар маҳаллаи мо тамоми навигариҳоро аввал занон мефаҳмиданд. Аксар хабарҳои ёфта омадаашон пурра набошад ҳам, қисман тасдиқ мегардад. Бе чиз намегўянд ки **«бе шамол шохи дарахт намечунбад»...**

Раҳим Чалил

БЕШТАР ТАЛАБАД ҲАР КӢ БЕШТАР ДОРАД.

Ҳар кӣ молу мулк бештар дорад, боз бештар шудани онро мехоҳад. Мук. Чашми танги дуньёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гўр.

Гами ту аз хама хоҳам фузуну ин масал аст,
Ки **«бештар талабад ҳар кӣ бештар дорад»**.

Дарвеши Деҳакӣ

БЕҒАРАЗ ПАНД ҲАМЧУ ҚАНД БУВАД,
БОҒАРАЗ ПАНД ПОЙБАНД БУВАД.

*Сано*ӣ

БЕҲ АЗ МАРДИ БЕДИЛ ЗАНИ ПУРҶИГАР,
БУВАД ШЕРИ МОДА БЕҲ АЗ ГОВИ НАР.

Абдуллоҳи Ҳотифӣ

1. Зани далеру нотарс бех аст аз марди тарсончак, 2. меъёри арзиш ва шахсияти ҳар кас вобаста ба чуръату далерии ӯст.

БЕҲ АЗ РОСТӢ ДАР ҶАҲОН ҲЕҶ (КОР) НЕСТ.

Мук. Ба гетӣ кимнӣ чуз ростӣ нест, ки ин ростиро костӣ нест.

1. Аз он пас маро чои пайкор нест,
«Беҳ аз ростӣ дар чахон кор нест».

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Шоҳ гуфт: Ин хама ту карда будӣ ва сохтаву дурӯғ бар он пеки порсо нисхода?

Гуфт: Бале, аз рашк кардам. Ачаб корест, **«беҳ аз ростӣ дар чахон хеҷ нест»**.

Аз «Искандарнома» I

БЕҲ АЗ ХОМӮШӢ ҲЕҶ ПИРОЯ НЕСТ.

1. Хомӯшӣ бехтар аст аз суханҳои бемаънӣ ва ёва, 2. аз хомӯшӣ касе зарар намебинад. Мук. Зи гуфтан пушаймон бисе дидаам, надидам пушаймон кас аз хомӯшӣ.

1. Зи дониш чу чони туро моя нест,
Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Ва бароҳимаи Ҳинд, ки барохини ҳикмат дар баён доранд, чунин гуфтаанд, ки сухани ногуфта бад-он мухаддараи носуфта монад, ки марғуби табъҳо ва махбуби дилҳо бошад ва хотибонро рағбат бад-ӯ содиқ ва сухани гуфта бад-он кадбонуи шӯйдида, ки ҳилаҳо бояд кард, то бозори тазвичи ӯ ба душвори тарвич пазирад ва хам дар латоифи каломоти ишон хондаам, ки хомӯшӣ ҳам пардаи авратӣ чахл аст ва ҳам шукӯҳи азамати доной. «Касеро, ки мағзаш бувад пуршитоб, фаровонсухан бошаду дерьёб. Зи дониш **чу чони туро моя нест, «беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест»**.

Аз «Марзбоннома»

3. Баъд аз он забон аст, ки дар паси парда аст ва забонро ду парда аст: яке аз устухон ва яке аз гӯшт. Ва ҳар балое, ки бар сари одамӣ меояд, аз ӯнӣ забон аст ва ҳар кӣ хомӯш аст, аз ӯнӣ забон дар амон аст. **«Зи дониш чу чони туро моя нест, беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

ишора:

1. Нест беҳ аз хомӯш бинишастан
Шевае ҳар кӣ ӯ бувад оқил.
Чоҳил ин маслиҳат агар донад,
Набувад чоҳилу бувад оқил.

Камолиддини Бинои

2. Забонро гӯшмоли хомӯшӣ дех,
Ки ҳаст аз ҳарчигӯй хомӯшӣ беҳ.

Аз «Баҳори дониш»

назир:

Хомӯш нишин, ки ҷамъ нишастан ба хомӯшӣ
Беҳтар зи гуфтане, ки пушаймонӣ оврад.

Абдураҳмони Ҷомӣ

БЕҲ АСТ АЗ ҚОМИ НЕКӮ НОМИ НЕКӮ.

Бо номи некӯ зистан ва номи некӯ аз худ боқӣ гузошган беҳтар аз умр ба сар бурдан бо айшу ишрат.

Маро дидӣ дар ин шоҳӣ фаровон,
Бар он они, ки ман рондам, ту мерон...
«Беҳ аст аз коми некӯ номи некӯ».
Ту ин кун, к-ат бувад фарҷоми некӯ.

Фахриддини Гургонӣ

БЕҲ АСТ АЗ РӮИ НЕКӮ ХӮИ НЕКӮ.

Макун тундӣ, ки аз ту бошад оҳу
«Беҳ аст аз рӯи некӯ хӯи некӯ».

Фахриддини Гургонӣ

БЕҲ(ТАР) ЗИ ТАҶРИБА ОМӮЗГОР НЕСТ.

мук. Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Эй мубтадӣ, гу тачриба аз устод гир,
Зеро, ки **«беҳ зи тачриба омӯзгор нест».**

Масъуди Саъди Салмон

БЕҲТАР ЗИ ҲАЗОР КАЪБА БОШАД ЯК ДИЛ.

мук. Дил ба даст овар, ки ҳаччи акбар аст.

Дар кӯи вафо ду каъба дорад манзил,
Як каъбаи сурат асту як каъбаи дил.
То битавонӣ иморати дилҳо кун,
«Беҳтар зи ҳазор каъба бошад як дил».

Аз «Амсолу ҳикам»

ишора:

Беҳтар аз сад каъба бошад пеши аҳли маърифат,
Ҳар кӣ дар роҳи муҳаббат як дилеро обод кард.

Ғуломмуҳаммади Тарзӣ

БЕҲТАРИН ЁРИ ВАФОДОР КИТОБ АСТ, КИТОБ,
ЕРИ БЕЗАҲМАТУ ОЗОР КИТОБ АСТ, КИТОБ.

Рӯҳӣ

мук. Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст, фурӯғи субҳи доноӣ китоб ст.

БЕҲТАРИН ЧИЗЕ, КИ БА ХУД ДИҲАНД, ПАНД АСТ.

Аз «Таърихи ғазнавиён»

БЕҲУНАР — МУРДАҶОНУ ЗИНДАБАДАН.

Ҳунар аз мард ҳамчу рӯҳ аз тан,
«Беҳунар — мурдаҷону зиндабадан».

Абулмаъоли Саноӣ

БЕҲУНАР ОН КӢ ДАР ОФОҚ КАСАШ НЕСТ ҲАСУД.

Акси «Бе хори ҳасад нест гули фазлу ҳунар».

Ваз ҳасад мебарад аз рон ту хуршед, равост,
«Беҳунар он кӣ дар офоқ касаш нест ҳасуд».

Ибни Ямин

ишора:

Киро бе ту гӯянд бад бештар,
Чу набвад гунах, дон, ки ҳасташ ҳунар.
Дарахте, ки дорад фузунтар ба рӯй,
Фузун афганад санг ҳар кас бар ӯй.

Асадии Тӯсӣ

назир:

Маро душману дӯст бар доман аст,
Бузург он кӣ ӯро басе душман аст.

Абулқосими Фирдавсӣ

БИГЗАРАД ОН СОЛИ КАҲТУ МОНАД ОН РӮИ СИЕҲ.

Абдураҳмони Мунфиқӣ

нис. Гузарад соли қаҳтӣ, монад рӯи сӯхтан хоҳарам.

БИГИР ДОМАНИ ҶАМЪИЯТЕЮ КОР БИСОЗ
КИ ХЕҶ КОР МУЯССАР НАШУД БА ТАНҲОӢ!

мук. Оре, ба иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт.

Ва аз ин маълум шуд, ки одамиён мӯҳтоҷ ба муовинати якдигаранд ва муовинат бе иҷтимоъ маҳол аст. Пас танҳо нишасган мачмӯъ аз қабили маҳолат бошад ва гӯё сирри «ал-ҷамоату раҳматун» ишорат бад-ин ҳол низ хаст. **«Бигир домани ҷамъиятею кор бисоз, ки хеҷ кор муяссар нашуд ба танҳой!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИКУН ШЕРӢ ОН ҶО, КИ ШЕРӢ САЗАД.

Далерию ҷонсипорӣ ба мавқеи худ бехтар аст.

«Бикун шерӣ он ҷо, ки шерӣ сазад»,
Ки аз шахрёрон далерӣ сазад.

Абулқосими Фирдавсӣ

БИКӮШ, АММО НА ДАР КОРЕ, КИ КӮШИШ БЕСАМАР БОШАД,
ЗИ ГОВИ НАР БА ҶИДДУ ҶАҲД НАТВОН ШИР ДӮШИДАН.

Ибрат

БИКӮШ ОТАШИ ХУРД ПЕШ АЗ ГАЗАНД,
КИ ГЕТИ БИСӮЗАД ЧУ ГАРДАД БАЛАНД.

Асадии Тӯсӣ

мук. Душман натавон хақиру бечора шумурд.

БИНГАР, КИ ЧӢ МЕГӮЯД,
МАНГАР, ҚИ КӢ МЕГӮЯД.

нис. Мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд.

БИНОИ КОР БО ТАДБИР БОЯД,
КИ БЕТАДБИР КОРЕ БАРНАЕЯД.

1. Пеш аз шкдом ба ҳар коре бояд пасу пеш, суду зиёни онро дар назар бояд гирифт, 2. ҳеч коре бе андешаю мулоҳизаи ҳартарафа накӯ намешавад.

Ва ман муддатест то укдаи мушкилоти худ ба сарангушти тадбири шумо кушодаам ва асоси муҳиммоти мулкию молӣ бар раъйи савобнамои шумо ниҳода, имрӯз низ он чӣ муқтазои раъйи соиб ва маслиҳати фикри собити шумо бошад, ба мавқуфи арз расонид, то ман низ атрофу ҷавониби онро мулоҳиза намуда, ҳар тадбире, ки рақами иттифоқ ёбад, онро асл-ул-боби амал созам. **«Бинои кор бо тадбир бояд, ки бетадбир коре барнаёяд».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИПАРҲЕЗ АЗ НОДОНЕ, КИ ХУДРО ДОНО ШУМУРАД!

назир:

Он кас, ки надонад ва надонад, ки надонад,
Дар чаҳли мураккаб абадуддаҳр бимонад.

Албакрӣ (Аз «Ҳафт иқлим»).

БИПУРС ОН ЧӢ НАДОНӢ, КИ ЗИЛЛИ ПУРСИДАН ДАЛЕЛИ РОҲИ ТУ БОШАД БА ИЗЗИ ДОНОЙ.

Саъдӣ

1. Надонистан худро пурсидан айб нест, 2. чизеро надонед, бипурседу бидонед!

БИРАВ, ЗИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР БАҲРА БИГИР,
КИ БАҲРИ ДАФЪИ ҲАВОДИС ТУРО БА КОР ОЯД.

Рӯдакӣ

мук. Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

Аввалан: он бар асари ишон шитофта, маълум кунам, ки оқибати кори ишон ба чӣ анҷомад ва он таҷрибаро захираи рӯзгори худ сохта, дар вақти эҳтиёҷ ба кор барам. **«Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИСЬЕР БАД БОШАД АЗ БАД БАДТАР (АСТ).

1. Аз бади рӯйдода мушавваш нашав, ки аз бад бадтар ҳам хаст, 2. ба ғами рӯйдода тангдил машав, ки ғамҳои дигар дар пеш бисьёр аст. Мук. Чун бадӣ пеш ояд, аз бадтар битарс!

1. Мард ингоҳ кард, худро бар пуштн шарҳ шере дид, нишасга. Ва худ гуфт: Агар дар ин саҳро пиёда гардам, шер қасди ман кунад ва маро бо ӯ имконн муқовамат набошад. Ҳамчунон меронд, то ба

дарахте расид. Чанг дар шохи дарахт зад ва бардавид ва шер аз ранчи ӯ халос ёфт ва гуфт: Ба хар ҳол мар бандаро шукр бех, ки **«бисьёр бад бошад аз бад бадтар»**.

Аз «Синдбоднома»

2. Чу рафтам адас буду нони чавин,
Ба ёд омадам он чӣ гуфтӣ падар:
Ба хар ҳол мар бандаро шукр бех,
Ки **«бисьёр бад бошад аз бад батар»**.

Абдисҳоқи Шерозӣ

3. Хар ранчу меҳнате, ки расад дар чаҳон туро,
Рав, шукр кун, мабодо ки аз бад бадтар шавад.
Ба хар ҳол мар бандаро шукр бех,
Ки **«бисьёр бад бошад аз бад бадтар»**.

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

ишора:

1. Ба хар бадат хурсанд бояд будан,
Ки аз бад батар низ шояд будан.

Асадии Тӯсӣ

2. Рӯзе агар ғаме расадат тангдил мабош,
Рав, шукр кун, мабодо ки аз бад бадтар шавад.

Хофизи Шерозӣ

назир:

Аз бад батар бувад масал аст ину хар замон,
Кори адӯ шукӯҳи ту аз бад батар кунад!

Рашиди Ватвот

БИСЬЕРГӮЙ БЕҲУДАГӮЙ БОШАД.

Аз бисьёргӯй лоилоч бемаънигӯй сар мезанад.

«Бисьёргӯй бехудагӯй бошад» ва бо ин ки дар сурати зоҳир имтиёзи миёни инсону баҳоим ба сухан тавон кард. Хукамо гӯяндаи сухани бадро ба маротиб аз ишон фурӯтар мешумуранд ва забонбастагонро аз бехудагӯён накӯтар медонанд.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИСЬЕР ГУФТАН БОРИ ХАР АСТ.

инг. Гапи бисьёр ба хар бор.

Гулбӯй гуфт: Эй Китоъ, **«бисьёр гуфтан бори хар аст»**, туро ин сухан хеч фоида намекунад.

Аз «Доробнома» II

БИСЬЁРДОН БИСЬЁРГӮЙ БОШАД.

Ман он рӯз мурдам, ки бизодам ва ҳаргоҳ ки аз ҳадисе ба ҳадиси дигар равам, бисьёр бигӯям, валекин гуфтаанд:

— **«Бисьёрдон бисьёргӯй бошад».**

Аз «Қобуснома»

БИСЬЁРДОНУ КАМГӮЙ БОШ!

Агар сухандон бошӣ, камтар аз он намой, ки донӣ, то ба вакти гуфтор пиёда намонӣ ва **«бисьёрдону камгӯй бош!»**

Аз «Қобуснома»

БИСЬЁР САФАР БОЯД, ТО ПУХТА ШАВАД ХОМЕ.

Дар сафар одам бисьёр чизҳоро мебинад, меомӯзад, сафар чашми одамро боз мекунад, ҷаҳонбинӣ, дониш ва мушоҳидоти ӯро ғанитар мекунад. Муқ. Сафар мураббии мард асту устоди ҳунар.

1. **«Бисьёр сафар бояд, то пухта шавад хоме»,**
Сӯфӣ нашавад софе, то дарнакашад ҷоме.

Саъдии Шерозӣ

2. Таваққӯъ дорам, ки минбаъд дафтари машаккати сафар бар ман нахонӣ, ки шӯълаи меҳнати мусофират мардро пухта созад ва ҳеҷ хомтабъи сояпарварда маркаби умед дар майдони мурод натозад. **«Бисьёр сафар бояд, то пухта шавад хоме».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИСЬЁР ФАРҚ БОШАД АЗ АНДЕША ТО ҲУСУЛ.

мук. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Як дам намеравад, ки ту дар хотирӣ, валек
«Бисьёр фарқ бошад аз андеша то ҳусул».

Саъдии Шерозӣ

БИТВОН ЗИ ҶИГАР БУРИД ПАЙВАНД,
ДИДАН НАТАВОН ХАРОШИ ФАРЗАНД.

Хусрави Деҳлавӣ

БИТВОН КУШТ ЗИНДАРО, ЛЕКИН КУШТАРО БОЗ ЗИНДА НАТАВОН КАРД.

ниг. Метавон кушт зиндаро, лекин куштаро зинда кай тавон кардан?

Дур нест таъҷилу шитобзадагӣ дар таваққуф дор ва оини ҳилму виқор пеш гир ва дар ин кор тааммули шофӣ фармой ва тадоруки он ба навъе андеш, ки лоиқи бузургии ту бошад ва чун имрӯз ино-

ин сиёсат боз кашида бошӣ ва фардо ҳақиқати кор равшан гардад ва кайфияти муҳим шиноҳта шавад, аз ду ҳол берун аст: агар мустаҳиккӣ куштан набуда, дар ҳаққи вай марҳамате кардай ва хуни ноҳақ бар ҷаридан амал сабт нанамудай ва агар фи-нафс-ул-амри воҷиб-ул-қатл бошад, ихтиёр бокист ва ба қатл овардани ӯ тааззуре надорад. **«Битвон кушт зиндаро, лекин куштаро боз зинда натавон кард».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БИХӮР ҲАР ЧӢ ДОРӢ, БА ФАРДО МАПОЙ!

мук. Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол.

Чунин аст кирдори гарданда даҳр,
Нигаҳ кун, к-аз ӯ чанд ёбӣ ту баҳр.
«Бихӯр ҳар чӣ дорӣ, ба фардо мапой»,
Ки фардо магар дигар ояд-ш рой.

Абулқосими Фирдавсӣ

назир

Эй нури чашми ман, сухане ҳаст гӯш кун,
То саодат пур аст, бинӯшону нӯш кун!

Хофизи Шерозӣ

БИҲИШТ БА САРЗАНИШ НАМЕАРЗАД.

Ҳангоме ки ба кори нек ва некии худ миннат гузошта мешавад, ба миннат наарзидани он бо ин зарбулмасал сарзанишҳо карда мешавад.

1. Ба миннат агар бахшадат бадманиш
Зару сим, мастону бар сар занаш,
Ки ҷаннат ба миннат чаҳаннам бувад.
«Биҳиште наарзад ба як сарзаниш».

Аҳмади Ахсор

2. Ин ҳарфҳоро ба ӯ бизанед, Акрам хонум, на ба ман. **«Биҳишт дигар ба сарзаниш намеарзад».** Зан бо ин нангу расвоии ҳақиқии русбиён зиндагӣ кунад бехтар аст, то бо ин марду ҳарфҳои дурушти ӯ.

Алимуҳаммади Афғонӣ

1. БИҲИШТ ДАР ПОИ МОДАРОН БОШАД.
2. БИҲИШТ ЗЕРИ КАФИ ПОИ МОДАРОН АСТ.

нит. Ҷаннат зери пои модарон аст.

Он миллате ба роҳи саодат нихад кадам,
К-ӯ худ ба фикри модару фардон модар аст.
Ман васфи модарон чӣ бигӯям, ки гуфтаанд,
Бағи **«биҳишт зери кафи пои модар аст»**.

Иброҳими Сафоӣ (Аз «Модар, туро ситоиш мекунам»)

ншора:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Хоки кафи пои модарон аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

БИҲИШТ ОН ҶОСТ, К-ОЗОРЕ НАБОШАД,
КАСЕРО БО КАСЕ КОРЕ НАБОШАД.

Он ҷо, ки осудагию осоиш фароҳам аст, чун биҳишт дилпазир аст.

1. **«Биҳишт он ҷост, к-озоре набошад,**
Касеро бо касе коре набошад».
Ризои дӯст меҷӯву чунон бош,
Ки ёреро ба дил боре набошад.

Мир Садрулислом (Аз «Ҳафт иқлим»)

2. Ба ҳар гӯша дар ин гулшан ҷаҳонест,
Ба ҳар барге нуҳуфта достонест.
«Биҳишт он ҷост, к-озоре набошад,
Касеро бо касе коре набошад».

Халилуллоҳи Халилӣ

3. Акнун аз деҳаи ҳамсоя ягон духтари нозанинро зан карда мегираму то мурдан аз ин ҷо намеравам. **«Биҳишт он ҷо, ки озораш набошад, касеро бо касе кораш набошад».**

Абдумалик Баҳорӣ

БО АСАЛ ГУФТАН ДАҲОН ШИРИН НАМЕШАВАД.

пиг. Ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

БО БАДОН БАД БОШ, БО НЕКОН НАКӮ,
ҶОИ ГУЛ ГУЛ БОШУ ҶОИ ХОР ХОР!

Бо ҳар касе мувофиқи рафтори ӯ рафтор бояд кард, некиро бо некӣ ҷавоб бояд доду бадиро бо бадӣ.

1. **«Бо бадон бад бошу бо некон накӯ,**
Ҷои гул гул бошу ҷои хор хор!»

Дев бо мардум наёмезад, матарс ,
Бал битарс аз мардумони девсор.
Хар кӣ дад ё мардуми бад парварад,
Дер-зуд аз чон барорандаш димор.
Бо бадон чандон ки некӯй куӣ,
Катли морафсо набошад чуз ба мор.

Саъдии Шерозӣ

2. — Азизахон, ин беодобӣ,— зани сеюм абрӯ барҳам кашид. **«Бо бадон бад бош, бо некон накӯ, чои гул гул бош, чои хор хор!»** гуфтаанд, гуфт Азиза.

Аминчон Шукӯҳӣ

ишора:

Бо нек ба некӣ бикӯш азеро
Бад чуз ки сазовори бад набошад.

Носири Хисрав

назир:

1. Ту гар пеши шамшер меҳр оварӣ,
Сарат гардад осуда аз доварӣ.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Гар сирка чакондат касе бар реш,
Барпош ту бар чароҳаташ пилпил.

Носири Хисрав

3. Ба чое ки бад кард бояд туро,
Чу некӣ куӣ ҳам, нашояд туро.

Соҳиб

БО БАДОН КАМ НИШИН, КИ ДАРМОНӢ,
ХӮПАЗИР АСТ НАФСИ ИНСОНӢ.

Саноӣ

мук. Бо моҳ шиниӣ моҳ шавӣ, бо деғ шиниӣ снёҳ шавӣ.

назир:

1. Маншин бо бадон, ки сӯҳбати бад
Гарчи покӣ, туро палид кунад.
Офтоб арчи равшан аст, ӯро
Пораи абр мопадид кунад.

Абулмаҷди Саноӣ

2. Бо бадон кам нишин, ки ҳамсари бад,
Гарчи покӣ, туро палид кунад.

Саъдии Шерозӣ

1. БО «БИСМИЛЛОҲ» ГУФТАН ОБ РАНГ НАМЕГИРАД,
2. БО «БИСМИЛЛОҲ» ШИКАМ СЕР НАМЕШАВАД.

мук. Ба умеди худо нашаву буттаро дор!

БО ВАЛИНЕЪМАТ АР БУРУН ОЙ,
ГАР СИПЕҲРӢ, КИ САРНАГУН ОЙ.

мук. Бо оли Алӣ ҳар кӣ дарафтод, барафтод.

Дар ин ҳикоят буданд, ки паҳлавон Муҳаммади Молонӣ пайдо шуд. Мирзо ба вай гуфтанд, ки паҳлавони оламро бо ту дагдаган гӯштӣ аст. Чӣ мегӯӣ?

Гуфт: Хошо, ки ба он ҷаноб ин густохиро ба хотир гузаронам ва ин ҷуръат тавонам. Ман шогирди каминаи падари инонам. Инон маҳдуму маҳдумзодан мананд. **«Бо валинеъмат ар бурун ой, гар сипехрӣ, ки сарнагун ой».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

БОВАР НАКУН БА ДӮСТАТ, КАҲ ҶО КУНАД БА ПӮСТАТ.

мук. Ба дӯстӣ дӯсте меканад пӯсте.

Сафол: аз худат пурс. Ту худатро ба ман дӯст нишон дода...
Равшан: канӣ, фаҳмам!
Сафол: **«Бовар накун ба дӯстат, каҳ ҷо кунад ба пӯстат»** гуфтаанд. Хуб гуфтаанд. Ту дурӯя ҳастӣ!

Файзулло Ансорӣ

БО ВАҚТ БУВАД БАСТА ҲАМА КОРУ ҲАМА ЧИЗ,
БЕ ВАҚТ БУВАД КОР БА САР БУРДАН ДУШВОР.

Фаррухӣ

мук. Ҳар кор вақту соат дорад.

назир:

Ин масал дар замона маъруф аст,
Ки амалҳо ба вақт мавқуф аст.

Абулмаъуди Саноӣ

1. БО ДАРАФШ МУШТ ЗАДАН АҲМАКӢ АСТ,
2. БО ДАРАФШ ПАНҶА ЗАДАН АҲМАКӢ БОШАД,
3. БО ДАРАФШ МУШТ ЗАДАН ТАРИКИ АКЛ НЕСТ.

мук. Аблаҳ он кас, к-ӯ ба хорӣ ҷанг бо хоро кунад.

1. Ва ҳарчанд азиз бошӣ, аз хештанишиносӣ гофил мабош ва сухан чуз бар муроди худованд магӯй ва бо вай лаҷоҷ макун, ки ҳар кӣ бо худованди хеш лаҷоҷ кунад, пеш аз ачал бимирад, ки **«бо дарафш мушт задан аҳмақӣ бувад».**

Аз «Кобуснома»

2. Чун Шоҳсалимро аз ҳисор кардани шаҳр хабар карданд, Шоҳсалим бо худ гуфт,ки Шоҳсарвар бо сесад ҳазор марди ҷаррор ҳарифи Маликдороб набуд, оқибат мамлакат бигузошту бирафт. **«Бо дарафш мушт задан тариқи ақл нест»,** ман худ ба ҳама ҳол чавоби Маликдороб натавонам гуфт. Пас бархост ва бар болои бурҷ омаду амон хост.

Аз «Доробнома» II

ишора:

1. Мушт ҳаргиз кай барояд бо дарафш,
Пунба бо оташ кучо ёрад чахид?

Масъуди Саъди Салмон

2. Машав дар тоб агар зулфам туро кушт,
Дарафш аст ин, чаро бар вай занӣ мушт?

Авҳадии Марогӣ

БО ДУРДКАШОН ҲАР КӢ ДАРАФТОД, БАРАФТОД.

мук. Бо оли Алӣ ҳар кӣ дарафтод, барафтод.

1. Бас таҷриба кардем дар ин дайри мукофот,
«Бо дурдкашон ҳар кӣ дарафтод, барафтод».

Ҳофизи Шерозӣ

2. Эй хоча, маёзор диламро, ки баруфтад,
Ҳар кас ки ба риндони харобот уфтад.
Диданд бузургону пас аз таҷриба гуфтанд:
«Бо дурдкашон ҳар кӣ дарафтод, барафтод».

Ибрати Нобинӣ

БО ДАҲОНИ САГ ОБИ ДАРЬЁ НОПОК НАМЕШАВАД.

ниг. Дарьё ба даҳони саг начис намешавад.

— **«Бо даҳони саг оби дарьё нопок намешавад».** Бо хиёнати як номард чунбиши моро боздоштан мумкин нест.

Ҳилолиён Аскар

БО ДЕГ БИМАНШИН, КИ СИЯҲ БАРХЕЗӢ.

ниг. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, **бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.**

БО ДИДА ЭЪТИБОР НАБОШАД ШУНУФТАРО.

мук. Шунидан кай бувад монанди дидан.

Тӯфон ба чашми ман нигар, аз ину он мапурс,
«Бо дида эътибор набошад шунуфтаро».

Хабиби Коший

БО ДИЛИ ПОК МАРО ҶОМАИ НОПОК РАВОСТ,
БАД МАР ОНРО, КИ ДИЛУ ДИДА ПАЛИД АСТУ ПАЛАШТ.

Рӯдакӣ

Пок будани ботин шарт аст.

БОДИМҶОН АРЗОН, ВАЛЕ ХАРҶАКО ДОРАД.

1. Вақте ки чизе аз арзиши худи он зиёдтар бошад, мегӯянд, 2. кор саҳл намояд ҳам, лекин харҷу ташвишҳо дорад, гуфтаӣ бошанд низ ин зарбулмасалро меоваранд.

Маълум шуд, ки ин молҳои зарурие, ки корхонаҳои шаҳри худамон бемалол истеҳсол карда метавонанд, дар натичаи холапасфардони роҳбарони артельҳои ҳунармандӣ ва муассисаҳои саноати маҳаллӣ истеҳсол намешудаанд. Онҳо «сари бегурбатамонро ба гурбат мононда мегардем-мӣ, **«бодимҷон арзону харҷако дорад»** гӯён дасташонро ба оби хунук намезадаанд.

Самад Ғанӣ

1. БОДИНҶОН БИМИ ОФАТ НАДОРАД,
2. БОДИНҶОНИ БАД ОФАТ НАДОРАД,
3. БОДИНҶОНИ БАДРО БАЛО НАМЕЗАНАД,
4. БОДИНҶОНИ БАДРО ОФАТ НЕСТ,
5. БОДИНҶОНТУХМАРО ОФАТ НАРАСАД.

1. Ба одами бад ҳеҷ балое намезанад, 2. одами бад дарзиҳ мебошад.

1. Пас карбос ба даст овард ва бар даҳони Дилором оганд. Оташин аз боло менигарид. Гуфт: Эй паҳлавон, аз **барои худоӣ** макун! Набояд, ки вайро нафас бигирад!

Самак бихандид **ва** гуфт: Матарс, ки ӯро ранче нарасад, ки **«бодинҷонтухмаро офат нарасад».**

Аз «Самаки Айёр»

2. Не, калбам хароб шуд. Имрӯз бехтар аст, не **«Бодинҷон бими офат надорад».**

Содиқ Худоят

3. Чунон дар заҳматам аз зиндагонӣ,
Ки мурдан пеши ман заҳмат надорад.

Валекин боз метарсам намирам,
Ки **«бодинчони бад офат надорад»**.

Садидмухаммади Шаҳриёр

1. БОДОВАРДАРО БОДАШ БАРАД.
2. ВОДОВАРДАРО БОД МЕБАРАД.

ниг. Аз бод омада ба бод шавад.

ишора:

1. Бидонад хар киро донанда ном аст,
Ки бодовардаро боде тамом аст.

Авҳадии Марогӣ

2. Он чӣ бод орад наарзад чуз ба бод,
То ба кай бар бод бояд дил ниҳод?

Абдулқодири Бедил

БОДОМУ МАҒЗАТ НАБОШАД, ГАПИ НАҒЗАТ БОШАД.

Ба касе, ки бо талхгӯию бадгӯии худ одамонро меранчонад, чун сарзаниш гуфта мешавад.

Зокир: Боз суханн талх. Охир, **«бодому мағзат набошад, гапи нағзат бошад»** мегӯянд. Дуруст аст, ки дирӯз дар кабинети раис гапамон андак гурехт. Барои он ин кадар сахтгирӣ чӣ даркор?

Аминҷон Шукӯҳӣ

1. БО ДУМИ ШЕР БОЗӢ КАРДАН КОРИ ДОНИШМАНД (ХИРАДМАНД) НЕ.
2. БО ДУМИ ШЕР БОЗӢ МАКУН!

мук. Аблаҳ он кас, к-ӯ ба хорӣ чанг бо хоро кунад.

Факкат хамин кадар мегӯям, ки панча ба шамшер задан, ё ки **«бо думи шер бозӣ кардан кори донишманд не!»**. Шумо бояд донед, ки Фахриддинов дирӯз баромадагӣ не, Фахриддинов хизмат кардагӣ, Фахриддиновро дар худи марказ ҳам медонанд. Вайро хурмат мекунанд, аз вай фикр мепурсанд... Имшаб дар пеши мардум ман ба шумо хеч чиз нагуфтам, лекин баланд рафтед, ки ин нағз не, ука!

Ҷалол Икромӣ

БО ДӮСТОН МУРУВВАТ, БО ДУШМАНОН МАДОРО.

Бо душман низ набояд бемаврид ситеза кард.

1. Осониш ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст.
«Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро».

Хофизи Шерозӣ

2. Ман бори дигар забони насиҳат кушодам ва аз рӯи ҳаводорӣ ва ҳакгузорӣ доди мавъизат бидодам ва гуфтам:

— Эй малик, аз ҷодаи савоб инҳироф маварз ва ба ҳавои дили худ бе тааммулу тадаббур дар муҳимме шурӯъ макун ва тавозӯъ пеш гир, ки душмани кавиҳолро ба талаттуфу тамаллуқ ром тавон кард ва сайди саркашро ба мадоро ва мулоямат дар дом тавон кард. «Осоиши ду гетй тафсири ин ду ҳарф аст, **бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

3. Мо ҳар касро аз синфи бегона гуфта, баровардан гирем, бо ни кор мешудааст-мй? **«Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро»** гуфтани додо-бобоамонро нашунидаед-мй?

Баҳриддин Азизй

ишора:

Дунъё на матъоест, ки арзад ба низоъе,
Бо хасм мадоро куну бо дӯст муросо.

Абдурахмони Ҷомй

БО ДӮСТОН НОНУ ПИЁЗ.

1. Бо дӯстон дар сари суфра хуш аст, 2. бо дӯстон зоҳиророй ва такаллуф нашояд.

Албатта ин базм бе шумо ширин намешавад. Яъне масалан, ки азизон **«бо дӯстон нону пиёз»** гуфтаанд. Ҳар дуи мо ду ба ду як кайф кунем гуфтам ва ҳам ба ман як ишорате ки аз «азизон» шуда буд, ба шумо маслиҳат карданро хуб донистам.

Баҳриддин Азизй

БОЗ АЗ ПАИ САЪВА КАЙ НАМОЯД ОҲАНГ,
ШОҲИН БА ШИКОРИ ПАШША НАКШОЯД ЧАНГ.

Бузургон бо касони шоистаи худ дармеафтанд. Мук. Накунад боз раъйи сайди малах.

Шер гуфт: Онро ҳамл бар заъф натавон кард ва бад-он фирефта натавон шуд, ки боди сахт агарчи гиёҳи заифро наяфканад, аммо дарахтони кавиро аз пой дароварад ва мехтарону бузургон то хасм-ро куфви худ наёбанд, изҳори куввату шавкат аз ишон ба зухур на-расад. **«Боз аз паи саъва кай намояд оханг, шоҳин ба шикори пашша накшояд чанг».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

БОЗИИ ШУТУР НОСОЗ БОШАД.

1. Шӯҳй бо калонҳо окибати бад дорад, 2. каси нозебро бозияш ҳам нозеб аст.

Зи хосидони шутурдил мадор мардй чашм,
Ки найшакар набирўяд зи бехи уштурғоз.
Адў-т кор ба бозй ҳаме барад ба зиён,
Шунидай ки **«бувад бозии шутур нэсоз»**.

Заҳириддини Форьёбй

БОЗН-ОЯД ТИР ҲАРГИЗ К-АЗ КАМОН БЕРУН РАВАД (ШАВАД).

ниг. Тире, ки аз камон баромад, барнамегардад.

1. Охир, эй ошик, зи чаври ёр оҳе бармакаш,
«Бозн-ояд тир ҳаргиз, к-аз камон берун шавад».

Хоҷа Рустами Ҳурьёнй
(Аз «Амсолу ҳикам»)

2. Гар чавонмардй, арўси дахрро дар бар макаш,
Хамчу най бечо миёнхолй зи ҳар сў сар макаш!
Дар раҳи мехру вафо доман зи хушку тар макаш,
Охир, эй ошик, зи чаври ёр оҳе бармакаш!
«Бозн-ояд тир, ҳаргиз, к-аз камон берун равад».

Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф

БОЗ ОНХО ЗАНУ ШЎ, МО ШУДЕМ КАЛИ МУРДАШЎ.

Ба чанги зану шў мудохила кардан боиси шармандагй мешавад. ниг. Ба чанги зану шў остонан дари хона механдад.

— Бехтар ки равему ба миёни зану шў надароем. Бехуда нагуфтаанд, ки **«боз онхо зану шў, мо шудем кали мурдашў»**.

Аз «Истеъдодҳои чавон»

БОЗОРИ ҲАМСОЯ ҲАМСОЯ АСТ.

Хамсоягони ахл ҳамеша ҳочати якдигарро мебароранд.

— Натарс, вай вақтҳои охир одами нағз шудагй. Дирўз аз назди дўконаш гузашта рафта истода будам, ки чеҳ зад ва ба чону ҳолам намонда, ба дўконаш даровардa меҳмондорй карда гуфт:

— Зиндагй бе норасогй намешавад. **«Бозори ҳамсоя ҳамсоя аст»** гуфтаанд, чизе ки лозим шавад, истихола накарда, омада гирифта бурдан гир! Аз вачҳи пулаш бошад натарс! «Ҳисоби дўстон дар дил»...

Аз «Шарқи Сурх»

БОЗРО БАЧА ҲАМЕ МОНАД БАД-Ў.

мук. Чунон бувад падаре, к-аш чунон бувад фарзанд.

ишора:

Чу з-ин ашкуфа оянд меваи чох,
Рахй гардад мар-ўро мехр бо мох!
Агар хам боз бошад баччаи боз,
Писар хамчун падар бошад сарафроз!

Фахриддини Гургонй

БОЗЙ, БОЗЙ, БО РИШИ БОБО ХАМ БОЗЙ?

Ин зарбулмасалро ба касе, ки бо бузургтару, бообрўтар, донотар аз худ даровезад, мегўянд.

Дй баччаи турк аз раҳи таннозй
Омад бари ман ба хандаву дамсозй.
Зад даст ба риши ман, ба ханда гуфтам:
«Бозй, бозй, бо риши бобо бозй?»

Хусрави Деҳлавй

БО ИЛМ АГАР АМАЛ НАКУНЙ, ШОХИ БЕБАРЙ.

мук. Илму амал.

Бори дарахти илм набошад магар амал,
«Бо илм агар амал накунй, шохи бебарй».

Саъдии Шерозй

БОЙ БО БОЙ МЕПАЗАДУ КОҲ ДАР ЛОЙ.

мук. Кунад хамчинс бо хамчинс парвоз, кабўтар бо кабўтар, боз бо боз.

— Ба хотир доред, ки **«бой бо бой мепазаду коҳ дар лой»** гуфтаанд. Ман ба ин аспи саманд ба тўи писари Усмонбойбачаи унчигй рафта будам. Зарринаъл дар бузкашии он тўй ном баровард. Ман дар он вакт бо Шукури Хирс, Авезхўчани, Абдурахмон элликбоши, Очилбой Хира, Мулломаъруфи оксаккол ва дигар боёну муллоёни он қишлоқ шинос шуда будам.

Тоҷй Усмон

БО КАДХУДО (РАИС) БИСОЗ, ДЕХРО БИТОЗ!

мук. Арбобро бину дехро тоз!

БО КАСЕ, КИ АЛЙ ГУФТ, УМАР НАМЕГЎЯД.

Бо касе, ки дўст шудед, душманй накунед!

пазир:

Бо касе ошно намегардам,
Чун шудам ошно, намегардам.

Аз «Амсолу ҳикам»

БОЛИ УҚОБ ШУД САБАБИ ОФАТИ УҚОБ.

мук. Душманӣн товус омад пари ӯ.

Чашми ман аст воситаи чашмзахми ман,
«Боли уқоб шуд сабаби офати уқоб».

Салмони Соваҷӣ

БОЛОИ ДАСТ ДАСТ БИСЬЁР АСТ.

иег. Даст болои даст бисьёр аст.

ишора:

Ба хун, эй бародар, маёлой даст,
Ки болои дасти ту ҳам даст ҳаст.

Носири Хисрав

БОЛОИ СИЕҲӢ РАНГЕ НЕСТ.

Агар ҳолу аҳвол, вазъият ниҳоят сахт шуда, ислоҳаш имконнопазир бошад ва ё амали бад ба дарачаи ифрот расида, одамон ниҳоят ба танг омада, бечораву маъюс монда бошанд, ин зарбулмасал эрод карда мешавад. Мук. Болотар аз сиёҳӣ ранги дигар набошад.

1. Хаёлат мекарам му гоҳ-гоҳе,
Мусибат аст агар муро нахоҳӣ.
Та ки кардӣ муро олуда дар хун,
«Набошад ранг болои сиёҳӣ».

Бобо Тоҳири Урьён

2. Чу мушки нофа дар нашъи гиёҳӣ,
Пас аз сурхӣ ҳамегирад сиёҳӣ.
Чаро он мушки беди ӯдкирдор
Шавад баъд аз сиёҳӣ сурхрухсор?
Сияхро сурх чун кард озарангӣ,
Чу **«болои сиёҳӣ нест ранге?»**

Низомии Ганҷавӣ

3. Саъдиё, ном ба рандӣ дар ҷаҳон афсона шуд,
Аз чӣ метарсӣ дигар? **«Баъд аз сиёҳӣ ранг нест».**

Саъдии Шерозӣ

4. Даст бардор аз ҷаҳон, гар зулфи ҷононат ба даст,
Рост гуфтанд, ин ки **«болои сиёҳӣ ранг нест».**

Тоҷии Доништ

5. — Хусайн, хомӯш! — гуфт Устобобом дар ҷавобаш. — **«Болои сиёҳӣ ранге нест».** Аз умри худ панҷоҳ солро бо камоли садоқат ба дари ин нокасон сарф карда, чӣ бурдем?

Хасан Ирфон

БОЛОИ ТОАТ АСТ ИНСОФ.

инг. Инсоф болои тоат аст.

Маро ризои туву дайр беҳ зи каъбаву зўҳд,
Ки гуфтаанд, ки «**болои тоат аст инсоф**».

Алишери Навой

БОЛОТАР АЗ СИЁҲӢ РАНГИ ДИГАР НАБОШАД.

инг. Болои сиёҳӣ ранге нест.

1. Ба сиёҳӣ басар ҷаҳон бинад,
Чиркиӣ бар сиёҳ нанишинад.
Гар на сайфури шаб сиёҳ шудӣ,
Кай савоворӣ мадҳи моҳ шудӣ?
Ҳафт ранг аст зери ҳафт авранг,
«Нест болотар аз сиёҳӣ ранг».

Низомии Ганҷавӣ

2. Мо тарки сар бигуфтем, то дарди сар набошад,
Ғайр аз хаёли ҷонон дар ҷону сар набошад.
Дар рўи ҳар сапеде холе-сиёҳ дидам,
«Болотар аз сиёҳӣ ранге дигар набошад».

Саъдии Шерозӣ

3. Дар роҳи ишқ куштану овехтан бувад,
«Ранге дигар набошад болотар аз сиёҳ».

Косими Анвор

4. Он чӣ мақдур буд, дар риояти адаб ва мулоҳизаи ҳурмати ишон кардем ва дидем, он чӣ дидем, акнун ҳеҷ монеӣ нест. «Болотар **аз сиёҳӣ ранги дигар набошад».**

Алқисса, чанги ишон муқаррар шуд ва ҷон чанг дар Боғи Шамол таъни ёфт.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

5. Онро ки доғи ишкам по то ба сар набошад,
Дар даҳр чуи ниҳолест, к-оиро самар набошад.
Аз дарди шоми ҳичрон дарде батар набошад,
«Болотар аз сиёҳӣ ранге дигар набошад».

Кассоби Кошонӣ

БО МОҲ ШИНӢ, МОҲ ШАВӢ,
БО ДЕГ ШИНӢ, СИЕҲ ШАВӢ.

1. Аз некон некӣ сироят кунаду аз бадон бадӣ, 2. феълу хўи ҳамнишини бетаъсир наменомад. Мук. Бад гаштӣ аз он, ки бо бадон омезӣ, бо дег бимонӣ, ки сияҳ бархезӣ.

1. Ман дар ин хусус пеш аз ҳама аз ранҷамон миннатдор, рафиқ Воҳидов, чунки дар паҳлуи ҳамин кас нишастаю хеста хеле чиз ёд гирифтам. Барои ҳамин ҳам оқилон беҳуда нагуфтаанд, ки **«бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ»**.

Фотеҳ Низомӣ

2. **«Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ!»** ту, ки ба хонаат бачаи по аз кучо, сар аз кучо роҳ додӣ, апа натичааш ҳамин; имрӯз духтарат лағчида афтода пояшро манб мекунад, пагоҳ боз худо накарда ягон ҳодисаи дигар...

Ҷалол Икромӣ

ш о р а:

Эй дӯст, ба як суҳан зи ман бугрезӣ,
Хӯи ту набуд ба ҳар ҳадисе тезӣ.
Бад гаштӣ аз он, ки бо бадон омезӣ,
Бо дег биманшин, ки сиях бархезӣ.

Абулҳасани Фаррухӣ

н а з и р:

1. Ба анбарфурӯшон агар бигзарӣ,
Шавад ҷоми ту ҳама анбарӣ.
Ва гар ту шавӣ назди ангиштгар,
Аз ӯ чуз сиёҳӣ наёбӣ дигар.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Бо бадон кам нишин, ки ҳамсари бад,
Гарчи покӣ, туро палид кунад.

Саъдии Шерозӣ

1. БО МУРДА КӢ ДОРАД ОШНОӢ?
2. БО МУРДА НАГИРАНД ОШНОӢ.

1. То инсон зинда аст, гирифтори азобу машаққатҳои зиндагӣ мебошад, 2. аз дасти мурда ҳеҷ коре барнамеояд, 3. касе, ки мурд меҳри ӯ ҳам аз дил берун меравад.

Ба лаб кори халосӣ ҳамчу мо кун,
Раҳоӣ боядат, худро раҳо кун!
Бимир аз хеш то ёбӣ раҳоӣ,
Ки **«бо мурда нагиранд ошноӣ»**.
Ҳар он гоҳе ки аз худ даст шустӣ,
Якин дон, к-аз ҳама доме бичастӣ.

Фаридаддини Аттор

БО НАРДБОН БА (БОМИ) ОСМОН НАТАВОН РАФТ (ШУДАН).

инг. Бо расан ба осмон натавон шуд.

1. Иқбол нониҳода ба кўшиш намедиҳанд,
«Бар боми осмон натавон шуд ба нардбон».

Саъдии Шерозй

2. То дар тариқи ақл чуэ ин нест, к-аз замин
«Бар боми осмон натавон шуд ба нардбон».

Миҷмари Исфаҳонй

ишора:

1. Агар бисьёр биндешй, хирад бошад аз ў очиз,
Кучо бар осмон тонад шуд он к-ў нардбон дорад?

*Абулмаҷди Сано*й

2. Гар ман ба хидмати ту расидам ачаб мадор,
Дар мулк теғи шоҳ ба захми забон расид,
Натвон гузорид ҳаққи санои малик ба шеър,
Натвон бар осмон зи раҳи нардбон расид.

Камоли Исфаҳонй

3. То фалак дар матбахи ў заъфаронсой кунад,
Чехраи хуршед аз он бошад ба ранги заъфарон.
Ваҳм бар касри ҷалолаш раҳ наёбад, ростй,
Оре, оре, б-осмон натвон шудан бо нардбон.

Тараби Шерозй

4. То намирй, нест чон кандан тамом,
Бе камоли нардбон н-ой ба бом.

Аз «Лубби лубоби Маснавй»

БОНГИ ДУҲУЛ ШУНИДАН АЗ ДУР ХУШ АСТ.

инг. Овози духул шунидан аз дур хуш аст.

Агар гўям бикаш доман зи кинам,
Чаҳй бар даст ҳамчун остинам.
Кй мегўяд ту гулрўй баҳорй,
Ки ту ҳамчун буни гул чумла хорй?
Кй гуфтат Гул, ки тира бод комаш,
Дехе вайроиу Обод аст номаш?
Ба наздикй самэъи сур хуштар,
Ки ҳам **«бонги духул аз дур хуштар».**

Фаридаддини Аттор

БО НЕКОН НЕК БОШУ БО БАДОН БАД!

мук. Бо бадон бад бош, бо некон накӯ, чои гул гул бош, чои хор хор!

— Лаънатй! — гуфт Сангинбой,— хуб кардед, ки куштед. **«Бо некон нек бошу бо бадон бад»** гуфтаанд азизон, ки ин гапи бисьёр маъкул ва дуруст.

Раҳим Чалил

БО НЕК НИШИНӢ, НЕК ШАВӢ, БО ДЕГ НИШИНӢ, СИЕҲ.

нит. Бо мох шинӣ, мох шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

БО ОЛИ АЛӢ ҲАР КӢ ДАРАФТОД, БАРАФТОД.

Хусумат, чангу чидол бо бузургон кардан окибати нек надорад. нит. Ба валинеъмат ар бурун ой, гар сипехрӣ, ки сарнагун ой.

— Маро дониш он аст, ки бо Марфиди шумо чанг кунам. Мирзо хандон шуданд ва гуфтанд:

— Маро Марфиде нест, Муфридест. Агар чанг мекунед, шумо медонед.— Ногох Муфрид пайдо шуд. Мирзо фармуд, ки чаноби Сайидзода Мирхалилро бо ту дониш чанг аст, чӣ мегӯй?

Гуфт: **«Бо оли Алӣ ҳар кӣ дарафтод, барафтод».** Маро чӣ ҳадди он ки ба сағони он остон чанг кунам?

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

назир:

1. Зулфайни диловезат бо Ибни Ямин гуфтанд,
Оиро ки барандозанд, бо мош дарандозанд.

Ибни Ямин

2. Бас тачриба кардем дар ин дайри мукофот,
Бо дурдкашон ҳар кӣ дарафтод, барафтод.

Хофизи Шерозӣ

БО ПАНЧАИ ОФТОБ НОХУН НАБУВАД.

Бо бузургон дарнамеафтанд. Мук. Бо шери сипехр панча набошад.

Чамъе сафеҳ чун хома тихичашку синхрӯ ва чун кома тирадилу тангварф, ки аз бас нодурустӣ ба сони гургу паланг пӯстинларӣ ва охугирифо сармоли хунару фахр пиндоранд, чуз шевали мехрубонӣ ва пӯстинпӯшию наязбинӣ ба вухур нарасад, зеро ки «ба шери сипехр панча набошад» ва **«Бо панчаи офтоб нохун набувад».**

Аз «Бахори дониш»

БОР АЗ ХАР БИЯФТАД, ХУДОВАНДИ ХАРРО БОР БАР ХАР БОЯД НИХОД.

Ба сари хар кас мусибате ояд, худаш ба дафъи он бояд бикўшад.

Парвиз берун рафт. Баногўш гуфт: Берун машав, ки маликро набояд берун шудан! Парвиз гуфт: Худовандро ба чанг хонанд, набояд ки пой бозкашад ва чун **«бор аз хар биафтад, худованди харро бор бар хар бояд ниход»**.

Аз «Таърихи Табарй»

БО РАСАН БА ОСМОН НАТАВОН ШУД.

Хар чиз василае бароп худ дорад, бо асбобу олати вожиб кори бузург анчом натавон дод. Мук. Бо нардбон ба осмон натавон шуд.

Чй он, ки гўяд ман бинмурам фазоили ту,
Чй он, ки гўяд дарьё тиҳй кунам ба дахан.
Ба хечгуна сухан дар махалли ту нарасад,
Харомна **«натавон шуд ба осмон ба расан»**.

Абдуқосими Унсурй

ишора:

Чй хамкорист, ки бо оҳ мекуни, эй дил,
Бар осмон натавон шуд ба ресмони хавас.

Нақии Кумрай

БО РАФИҚОН САФАР МАҚАР БОШАД, БЕ РАФИҚОН САФАР САҚАР БОШАД.

мук. Аввал хамроҳ, баъд роҳ.

Роҳи бе ёр зафт бошад, зафт,
Чуз ба об об кай тавонад рафт,
«Бо рафиқон сафар мақар бошад,
Бе рафиқон сафар сақар бошад».

Абулмаъди Самой

БОР БА(ДАР) БОРХОНА ГАРОНТАР (АЗИЗ) АСТ.

1. Хар чиз дар чояш ва дар мавридаш хуб аст, 2. хар кас барои наздиконаш азиз.

1. Гунаҳ бигрифтанаш бар ман баҳона-ст,
Аз ин бозоргармй қасд чон аст.
Надод аз хирмани хуснаш ба ман, з-он-к
«Гаронтар борхо дар борхона-ст».

Аҳмади Ахгар

2. Ғаму ғусса, асирию шаллоқ як тараф буду ёди ин ятимчаҳо як тараф. **«Бор дар борхона азиз».** ...як дам ғанаб кунам, ба хоб ҳамонҳо медароянду як нафас чашм пўшида истам, ба назарам ҳамонҳо медароянд.

Раҳим Ҷалил

БОР БАР ГОВУ НОЛА БАР ГАРДУН.

ниг. Ранҷ бар гову нола бар гардун.

БОРЕ БА ЧУНИН РАСАН ОВЕХТАНИСТ.

Дар боран ба ҳамдигар мувофиқу муносиб омадани ду кас ва ё ду чиз гуфта мешавад. Инсон агар орзуе карданӣ бошад, боял орзуи бузург кунад. Мук. Гўши хар дархўр аст бо сари хар.

Бояд ба ту омехт, чу омехтанист,
Хун бахри ту резем, агар рехтанист.
Гуфтанд зи мо пеш дар ин хуш масале:
«Боре ба чунин расан чу овехтанист».

Султон Валад

БОРЕ НАБУВАД ГАРОНТАР АЗ ОР.

Дар мазҳаби раҳрави сабуксор
«Боре набувад гаронтар аз ор».
Дар бори гарон маяфганедам,
В-ин пушти хамида машканедам.

Абдуллоҳи Хотифӣ

БОРИ АРАБ, ПЕШИ АРАБ.

ниг. Моли араб, пеши араб.

БОРИ КАЧ БА МАНЗИЛ НАМЕРАСАД.

Кори нодуруст ё он коре, ки дар он фиребу дурўғ, макру хила ва риё бо кор бурда шудааст, ба натичаи нек нахоҳад расид.

1. З-он зарра ба чуз шикаст бар дил нарасад,
В-осеб ба девонаву оқил нарасад.
Бо ин кажӣ кораш ҳамебинам рост,
Харф аст, ки **«бори кач ба манзил нарасад».**

Ятмои Чандиқӣ

2. Манзили максуд агар хоҳӣ ба роҳи рост рав,
Кай расад **«боре ба манзил чунки бошад бор кач».**

Бенши
(Аз «Зарбулмасалҳои форсӣ дар Афғонистон»).

3. Андеша кун аз кағравин дил, ки басе
Дидем, ки **«бори кач ба манзил нарасад».**

Собири Хамадонӣ

4. Чунон ки мегӯянд: **«Бори кач ба манзил намерасад»**, ҳаман талаю торочкунандагони молу мулки ҷамъиятӣ ҷазои сазовор гирифтанд.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

БОРИ МУСОФИР ДАР КӮЧА НАМЕМОНАД.

1. Барои ҳар касе дар сахтиҳо мададгору хайрхоҳе ёфт мешавад, 2. ҳаргиз касе ҳамвора дар сахтӣ ва нокомӣ наметонад. Мук. Беша бе шер нест дарьё бе наҳанг.

— Лекин борамон вазнин шуд.

— **«Бори мусофир дар кӯча наметонад»** гуфтаанд,— дилдорӣ дод пирамард.

Раҳим Ҷалил

БОР МОНАНДИ ТУХМИ ХЕШ БУВАД.

мук. Тухм чун нек бувад, нек падид ояд бар.

БО СУПОРИШ ЗИЁРАТИ МАККА НАТАВОН КАРД.

мук. Бӯса ба пайғом рост наёяд.

БО СУХАНИ НАРМ (НАҒЗ, ШИРИН) МОР АЗ ХОНА (СӮРОХ)-АШ МЕБАРОЯД.

1. Бо сухани нарму дилпазир ҳар касеро метавон ба роҳи худ даровард, 2. сухани нағз ҳамаро мутеъ мегардонад. Мук. Ба нармӣ барояд зи сӯрох мор.

1. Агар дар гӯштингирӣ ба Рустам зӯрат нарасад, бо як гапи сахт ӯро аз по андохта метавонӣ. Боз гуфтаанд, ки **«бо сухани нарм мор аз хонааш баромадааст»...**

— Ман медонам, дада, гапи нарм чон дорад!

Ҷалол Икромӣ

2. Ҷабборӣ дарҳол ба хотир овард, ки **«бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд»** ва бо зани фиребхӯрда муомилаи махсус ёфта, дили ӯро бардошта монд.

Фазлиддин Муҳаммадиев

назир:

1. Ба нармӣ гар сухан роне, ҳамерон,
Ки аз тезӣ ба ранҷ ояд дилу чон.

Хам аз нармӣ басе дил ром гардад,
Зи тундӣ пухтаҳо бас хом гардад.

Носири Хисрав

2. Ба ҳусни хулқ тавон кард сайди аҳли назар,
Ба дому дона нагиранд мурғи донодро.

Хофизи Шерозӣ

3. Ҳар кӣ гуфтори нарм пеш орад,
Хама дилҳо ба кайди хеш орад.

Мактабии Шерозӣ

4. Метавон кардан ба нармӣ роҳ дар дилҳои сахт,
Рахта аз ҳамворӣ худ гӯтта дар гавҳар задаст.

Соиби Табрезӣ

БО ТАВАККУЛ ЗОНУИ УШТУР БИБАНД.

мук. Ба умеди худо нашав, буттаро дор!

1. Гуфт: Оре, гар таваккул раҳбар аст,
Ин сабаб ҳам суннати пайғамбар аст.
Гуфт пайғамбар ба овози баланд:
— **«Бо таваккул зонуи уштур бибанд».**
Рамзи ал-косиб ҳабибулло шунав,
Аз таваккал дар сабаб коҳил машав!

Ҷалолиддини Румӣ

2. **«Бо таваккул зонуи уштур бибанд».** Малик гуфт: — Мулаххаси ин мақолот ҳамон аст, ки ман хоҳони мулоқоти туам ва орзумандии сӯҳбати ту дар замири хеш фаровон меёбам ва ба ин ҳама иштиёқ, ки аз чониби ман воқеъ аст, аз тарафи ту чуз мукаддимоти малол фаҳм намеравад.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

назир:

Сарфи бекорӣ магардон рӯзгори хешро,
Пардаи рӯи таваккал соз кори хешро.

Соиби Табрезӣ

БО ТИФЛИ БЕГОНА МАЗОҲ КАРДАН ПУШАЙМОНӢ ОВАРАД.

Бо кӯдаки ношинос баробар шудан, бо вай ҳазлу шӯхиҳои номуносиб кардан боиси пушаймонии хиҷолат мешавад.

Дар ҳузури амир Исмоил ба тарафи кӯдак талху тунд нигоҳ ме-

кард. Кӯдак барошуфту гуфт: Дар масалҳо гӯянд: «Дег мар дегро гӯяд куни ту сиёҳ аст», ё қозӣ, ин масали ману туст. Қозӣ гуфт:

— Эй кӯдаки хирасар, ин сазои ман аст, ки бузургон гуфтаанд: **«Бо тифли бегона мазоҳ кардан пушаймонӣ оварад».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

1. БОФАНДА — ҚАФАНГАДО,
2. БОФАНДА МУРД, ҚАФАН НАЁФТ.

Кӯҳна шудааст. Ҳунарманд аз маҳсули дастранҷи худ маҳрум аст. Муқ. Кулол дар мундӣ об мехӯрад.

Чунон ки дар зарбулмасали он замон гуфта мешуд: «Кулол дар мундӣ об мехӯрад»-у **«бофанда — кафангадо»**, хонаи ӯ ҳатто аз чизу чораҳое ҳам ки худи ӯ месохт, таъмин набуд.

Раҳим Ҷалил

БО ХУДОДОДАГОН СИТЕЗА МАКУН,
БА ХУДОДОДАГОН ХУДО ДОДАСТ.

Кӯҳна шудааст. Ба давлату сарвати касе ҳасад мабар, ки **ба** ӯ онро худо додааст, агар ту нодоро бошӣ, ба тақдират тан бидеҳ!

1. Чаҳонпаноҳо, мулкдорӣ ба иноятӣ эзидӣ вобастааст, **на ба** такозо ва ҷустуҷӯи банда. **«Бо худододагон ситеза макун, ба худододагон худо додаст».**

Аз «Таърихи Шоҳрухӣ»

2. Ба шумо маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ одами «нобуда» «буда»-ро, «нодор» «дорам»-ро дида наметавонад, вақте ки маъпал ва мӯҳтоҷ шуданд, гушна монданд, омада ятим меистанд, ошатро мехӯранд, намакатонро мехӯранд, ҳамин ки шикамашон сер шуд, дастарханатонро поймол мекунанд, намакдонатонро мешикананд, ҳамеша хун мехӯранд, ки чаро инҳо бой, мо кашшок, чаро инҳо фарбеҳ, мо лоғар, чаро инҳо дорам, мо нодор, намедонанд, ки азизон гуфтаанд: **«Бо худододагон ситеза макун, ба худододагон худо додаст»...**

Садриддин Айнӣ

ишора:

Лек чун додан худонрост,
Бо худододагон ситеза макун!

Хусрави Деҳлавӣ

назир:

Эй бародар, ҳасад мабар бар кас,
Ки худо дода неъмати ҳар кас,

Ҳар киро неъмат аст омода,
Ҳаст он неъмати худодода.

Камолиддини Бинай

БО (БА) ШАМШЕРИ ЧЎБИН ҶАНГ НАТАВОН КАРД.

мук. Дар танўри чўбин касе нон напазад.

ишора:

Агар зўру нерут бошад басе,
Сипоҳ ар надорй, зи душман пасй.
Нахуст аслиҳа бояд он гоҳ ҷанг,
Ба шамшери чўбин начангад касе.

Аҳмади Ахгар

БО ШЕРИ СИПЕХР ПАНҶА НАБОШАД.

инг. Бо панҷаи офтоб нохун набувад.

Ҷамъе сафеҳ чун хома таҳичашму сияхрў ва чун нома тирадилу тангзарф, ки азбас нодурустй ба сони гургу палаиг пўстиндарй ва охуғириро сармояи ҳунару фахр пиндоранд, ҷуз шеваи меҳрубоий ва пўстинпўшию мағзбинй ба зухур нарасад, зеро ки **«бо шери сипехр панҷа набошад»** ва «бо панҷаи офтоб нохун набувад».

Аз «Баҳори дониш»

1. БӮ ШИР АНДАРУН ШУДА, БӮ ҶОН БАДАР РАВАД.
2. БО ШИР ДАР БАДАН ШУДА, БО ҶОН БА ЗЕР ШАВАД.
3. БО ШИР ДАРОМАДА(-ГЙ), БО ҶОН МЕБАРОЯД.

Тарки он одату хислатҳое, ки дар кўдакй пайдо шудаанд, амри маҳол аст. Мук. Момо овардаро мурдашў мебарад.

1. Ишқат на сарсарист, ки аз сар бадар шавад,
Меҳрат на оразист, ки ҷон дигар шавад.
Ишқи ту дар дарунаму меҳри ту дар дилам
«Бо шир андарун шуду бо ҷон бадар шавад».

Саъдиди Насафй

2. Лизо бар ҳама собит ва муҳаққақ шуд, ки он чй одами обй гуфта, бе аслу маъхаз набуда ва таъсири шир дар барнову пир комилан ҳукмфармо ва нафиз аст ва ҳар хислату хўи неку бадеро дар инсону ҳайвон **«бо шир дар бадан шуда, бо ҷон бадар шавад»**. Ва асари шир то дами гўр аз тинату сиришти шахс зойил бартараф нагардад. Чунки шоир мегўяд:

Кўдак аз модар ар чудо гардад,
Асари шири ў нагардад дур.

Шамъ дар зоҳир ар шавад хомӯш,
Лек пиниҳон дар ӯст партави нур.

Аз «Достонҳои амсол»

н ш о р а:

1. Валек табъ бад-ин боз майл кард, бале,
Ба ҷон барояд хӯи фурӯшуда ба лабон.

Усмони Мухторӣ

2. Бо ҷон магар аз ҷасад барояд
Хӯе, ки фурӯ шудаст бо шир.

Саъдии Шерозӣ

3. Ишқам на рафтанист, ки бо ҷони одамӣ,
Омад бурун ҳар он чӣ, ки бо шир меравад.

Хусрави Деҳлавӣ

4. Кай барканам дил аз рухи ҷонон, ки меҳри ӯ
Бо шир дар дил омаду бо ҷон бадар шавад.

Хоҷуи Кирмонӣ

н а з и р:

Зи саъду наҳс ҳар шакле, ки сурат баст дар фитрат,
Маҳол аст он кӣ тағьир диҳад таъсири давронаш.

Муҳаммади Фузулӣ

БОШ СОБИТ ДАР ТАРИҚИ БУРДБОРӢ ХАМЧУ КӮҲ, ҲАР КӢ ТАМКИН БЕШ ДОРАД, БЕШТАР ДОРАД ШУКӮҲ.

Бо вуҷуди ҳилм бояд ки аз виқору сабот низ бахраманд бошад, илми бесабот аз айбе холӣ нест, чи агар касе бисьёр маънатро тааммул кунад ва бар изҳори бурдбориҳ ғояти муболиға ба тақдим расонад, чун оқибати он ба таҳаттук кашад ва оқибати хотимати он ба иффату сабуксорӣ анҷомад, маҷмӯи он таҳаммулҳо зоеъу бебаҳра ҳаҳад гашт. **«Бош собит дар тариқи бурдборӣ ҳамчу кӯҳ, ҳар кӣ тамкин беш дорад, бештар дорад шукӯҳ».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БОЯД МАТОИ НЕКӮ, ДӮКОН ЗИ ҲАР КӢ БОШАД (НЕ-ӮСТ).

1. Моли нағзро аз ҳар ҷое ки бошад, бояд харид. 2. панду насиҳати судмандро аз ҳар кӣ бошад, бояд қабул кард.

1. Ва чун «чӯянда ёбанда аст» ба ҷустуҷӯи амсол машғул гашам ва баъд аз саъйи бисьёр он қадар ки мумкин ва мақдур буд аз амсол ва киноя ва шабеҳ ба амсол аз ҳар ҷо ва ҳар кас, ки шунидам

ва пурсидам ба кайди тахрир даровардам. **«Бояд матои некӯ аз хар дӯкон, ки бошад».**

Аз «Маснавӣ-и-маънавӣ»

2. Чун **«накӯ бошад матоъ аз хар дӯкон бошад накӯст»**
Хоҳ аз Шерозу хоҳ аз Язду хоҳ аз Рай биёр!

Воҳиди Қазвинӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

БО (БА) ЯК ГУЛ БАҲОР НАМЕШАВАД.

1. Бо як кори хуб ҳама корҳо хуб намегардад, 2. бо як шахси нек ҳама нек намешаванд. Мук. Бар нодир ҳукм натвон кард.

1. Навой баъд аз чанд гоҳе дар Астаробод ҳукумат карда дид, ки аҳолии мамлакати Хуросон тамоман хонавайрон шуда истодаанд, давлат бошад, қадам ба қадам ба инқироз наздик мешавад, бо обод нигоҳ доштани як Астаробод ва бо сер кардани аҳолии он ҳо хеч коре пеш намеравад ва **«бо як гул баҳор намешавад».**

Садриддин Айнӣ

2. Худ аз ин масалҳо бувад бешумор,
Ки ҳаргиз **«ба як гул нагардад баҳор».**

Собири Ҳамадонӣ

ишора:

Хеч замоне садо надошта як даст,
Як гул агар бишкуфад, баҳор нагардад.

Саидгуломризои Рӯҳонӣ

БО (БА) ЯК ДАСТ ДУ ХАРБУЗА (ТАРБУЗ, ХИНДУВОНА) БАРДОШТА НАМЕШАВАД.

1. Якбора ду корро ичро кардан мумкин нест, 2. ишки ду ёр дар як дил гунчоиш надорад, як дил дорй, як ёр гир! Мук. Расми ошик нест бо як дил ду дилбар доштан.

Эй, хуни дӯстонт ба гардан макун баъа,
Кас набардоштааст ба дасте ду харбуза.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

назир:

1. Ду савдо дар яке сар барнатобад,
Яке дил бо ду дилбар барнатобад.

Носири Хисрав

2. На як кас тавонад, ки созад ду кор,
Ки оиро писанданд арбоби хуш.

Ду кас низ дар як амал зоеъанд,
Ки деги шарокат наёяд ба ҷӯш.

Аз «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»

3. Расми ошикон нест бо як дил ду дилбар доштан,
Ё зи чонон ё зи чон бояст дил бардоштан.

Хабиби Кооӣ

БОҒБОНРО ВАКТИ МЕВА ГӮШ (-ҲО) КАР МЕШАВАД.

ниг. Вақти мева гӯши боғбон кар мешавад.

БО ХАЛВО ГУФТАН ДАҲОН ШИРИН НАМЕШАВАД.

ниг. Ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

БО ҲАР ГУЛ ХОРЕСТ.

ниг. Ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд.

БУБИН, ТАФОВУТИ РАҲ АЗ КУҶОСТ ТО БА КУҶО!

Ҳофиз

Вакте ки фарки байни ду чизу ду кас бузург, қиёснопазир бошад, ин афоризмро мегӯянд.

1. Бидон, ки маро таманнои равиши ту дар сар афтода муддатест, ки дар қадами ту мебошам ва мехоҳам, ки он рафторро омӯхта, пои ифтихор бар тораки ҳамсарон ниҳам. Кабк кахкаха заду гуфт:

— Хайҳот, хайҳот! Оё ту куҷову мо куҷоем? Хиромидани ман амрест зотӣ ва рафтани ту сифатест чибиллӣ. Зотиёфтро ба ҳеч вачҳ зоил натавон сохт ва муктазои фитратро ба такаллуф тағйир натавон дод. Роҳи ман бар вазъе дигар аст ва равиши ту ба вазъе дигар. **«Бубин, тафовути рах аз кучост то ба кучо!»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Хазоин ин чаманистон баҳори Кашмир аст,
Аз ин сифат хабаре медиҳад гули раъно.
Санои гулшани Кашмир ҳамчу ин боғ аст,
«Бубин, тафовути рах аз кучост то ба кучо!»

Шаҳид

3. Як таърихчӣ дар арафаи революция Кӯргонтеппаро кишлоки калон номида, кайд мекунад, ки он дар соли 1913 андак бештар аз ҳазор нафар аҳолӣ доштааст.

Ҳоло Кӯргонтеппа яке аз шахрҳои навзоди саноатии Точикистон ба шумор меравад ва хафтод хазор аҳолӣ дорад! Ба кавли Хофиз: **«Бубин, тафовути рах аз кучост то ба кучо!»**

Абдусалом Деҳотӣ

БУБИН, ТО ЧӢ ЗОЯД, ШАБ ОБИСТАН АСТ.

ниг. Шаб обистан аст.

Фиреби ҷаҳон қиссаи равшан аст,
«Бубин, то чӣ зояд, шаб обистан аст!»

Хочуи Кирмонӣ

БУВАД БАР ЧАШМИ СЕРОН ГУРСНА МАСТ

мук. Ишками серро чӣ парвои ишками гурусна?

Маро гӯй, туро сабр аст чора,
Чӣ осон аст кӯшиш бар назора?
Ту маъзурӣ, ки ту ҳамчун саворӣ,
Зи ранҷи раҳрав огоҳӣ надорӣ.
Ту Қорунӣ, зи сабри ман тиҳидаст,
«Бувад бар чашми серон гурсна маст».

Фахриддини Гургонӣ

БУВАД БЕҲ ЯКЕ МАРДИ ОМӮЗГОР
ЗИ САД МАРДИ ШАМШЕРЗАН РӮЗИ КОР.

Як марди доништманду ҳунарманду кордон гоҳе кореро, ки сад марди чангӣ дар анҷоми он очиз аст, ба анҷом мерасонад. Мук. Ба шамшере яке то сад тавон кушт, ба раъйе лашкареро бишканӣ пушт.

Вазир гуфт: Эй моҳрӯй, ночор ишонро бикушам.

Пас малика вазирро бинишонд ва бо ӯ ба бозӣ бинишаст ва мулотифату дӯстӣ ошкор кард ва бар рӯи ӯ биҳандид. Вазирро ақл паридан гирифт ва маликаро мақсуд аз мулотифат он буд, ки ба Хотам даст ёбад ва айши ӯро ба мотам табдил кунад ва ич кирдорҳо намекард, магар ба пайравии гуфтаи шонр: **«Бувад беҳ яке марди омӯзгор, зи сад марди шамшерзан рӯзи кор».**

Аз «Ҳазору як шаб»

БУВАД РОҲАТ БА РАНҶУ НӮШ БО ЗАҲР.

мук. Ганҷ бе ранҷ надидааст касе.

Саборо ҳонд пеш, он гоҳ Маҳбуб
Муҳаббат нонамуда дод мактуб.
Бад-ӯ гуфто Мухибро гӯ, ки дар даҳр
«Бувад роҳат ба ранҷу нӯш бо заҳр».

Котибии Гургонӣ

БУВАД ҚАТРАИ ОБ ТӮФОНИ МӮР.

мук. Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст.

БУВАД ХАМПЕША БО ХАМПЕША ДУШМАН.

мук. Гадо душмани гадост.

БУВАД ХАР ГАНЧРО НОЧОР МОРЕ.

мук. Ганчу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд.

Зулайхо буд ганчи хубӣ, оре,
«Бувад хар ганчро ночор море».

Абдураҳмони Ҷомӣ

БУВАД ҲАР КОР БЕ УСТОД ДУШВОР,
НАХУСТ УСТОД БОЯД, В-ОН ГАХЕ КОР.

Низомӣ

мук. Хеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд, хеҷ оҳан ханчари тезе нашуд.

Валекин ин нуктаро фаромӯш набояд кард, ки дар рафти худомӯзӣ барои ҳалли лаҳчаҳои номафҳум устод (рохбар) низ лозим меояд. Дар ин хусус Низомии Ганчавӣ бисьёр некӯ гуфтааст: **«Бувад хар кор бе устод душвор, нахуст устод бояд в-он гахе кор!»**

Тӯраҳӯл Зеҳнӣ

БУВАД ҲУРМАТИ ҲАР КАС АЗ ХЕШТАН.

Чӣ некӯ задаст ин масал барҳаман:
«Бувад хурмати хар кас аз хештан».

Саъдии Шерозӣ

БУЗ АГАР ХИРМАН МЕКӮФТ, ХОҶАТИ БАРЗАГОВ НАБУД.

1. Хар кас мувофики кобилнати худ кореро ичро мекунад. 2. аз ӯхдаи ичрои хар коре хар кас намебарояд. 3. танҳо кордон аз ӯхдаи ичрои кори мушкил мебарояд.

1.— Дигарон ҳам номи хизматгорӣ доранд ва нону намаки шуморо мехӯранд, ба оиҳо ҳам кор фармоед, гуфта густохӣ кардам. Ҷаноби мир: — Алимардон дар дуньё дута нест. **«Буз агар хирман мекӯфт, хочати барзагов набуд»** — гуфта аз ӯхдабарони ман хурсанд буданашонро маълум карданд.

Садриддин Айнӣ

2. — Ӯ,— гуфт Самандар, **«буз агар хирман мекӯфт, хочати барзагов набуд».** Аз дасти ин занҳо чӣ меояд?

— Нодуруст мегӯй,— гуфт Муҳаббат аз чояш хеста,— ту занҳоро бо буз баробар накун, ки худатро ба гӯсолаи каллакалон монанд накунанд.

Ҷалол Икромӣ

3. — Ох, бачама,— гуфт модаркалон,— ин корро кӣ мекунад? Келинам аз фабрика бевақт меояд, ман бошам, аз саҳар то шом бо ҳамин набераҳоям овора....

— Зафар чӣ?

— Зафар? **«Буз агар хирман меҳӯфт, хочати барзагов набуд»** гуфтаанд одамҳои қадим.

Раҳим Ҷалил

БУЗАК (-АМ) НАМУР (КИ) БАХОР МЕОЯД (-У АЛАФ МЕХӮРӢ).

Ин зарбулмасал дар чавоби тасаллии беасос, ваъдаи хушку холие, ки ичрои он муддати дароэро талаб мекунад, гуфта мешавад. Инг. **Намур харам, чав хоҳад пухт.**

1. **«Бузак намур, ки бахор меояд!»** То карзи ту баробар шудан думи уштур ба замин мерасад.

Ҷалол Икромӣ

2. — Имсол правлениям колхоз маро ба Москва фиристоданӣ,— гуфт Баҳром, пиёлаи сеюмро ба сараш бардошта истода.

— **«Бузакам намур, ки баҳор мешаваду алаф мехӯрӣ»** — гуфтаанд, имсол тирамоҳ будагист. То тирамоҳ кӣ ҳасту кӣ нест. Хуб ту лаккӣ-дия!

Раҳим Ҷалил

3. Уламо ва муҳандисин ба мардуми мотамзада ваъдаҳо медиҳанду мегӯянд: «Дил хуш доред, ки боз бароятон моҳи тозае хоҳем сохт ва дар фазои лоятаноҳӣ ба даври кураи замин раҳсипор хоҳем кард». Вале мардум, ки заҳри ин навъ ваъдаҳоро мукаррар чашидаанд, зери бор намераванд ва дигар ҳозир нестанд, бо ин **«бузак намир, баҳор меояд»** худро фиреб бидиҳанд.

Сайидмуҳаммадалии Ҷамолзода

ишора:

Гузаро шудат умру ту чун сутурон
Ҷаҳонро бар умедҳо мегузорӣ.
Баҳорон бар умеди меваи хазонӣ,
Зимистон бар умеди сабзаи баҳорӣ.

Носири Хисрав

1. БУЗ БА БИҶ-БИҶ (БИТ-БИТ) ФАРБЕҲ НАМЕШАВАД.
2. БУЗ БА ҚИД-ҚИДӢ ФАРБЕҲ НАМЕШАВАД.
3. БУЗ БА ТАКУ ПУЯ ФАРБЕҲ НАГАРДАД.

1. Бо сухани хушк кор ичро намешавад. 2. барои ичрои хар коре амал лозим аст. Муқ. **Ба так, доне, буз фарбеҳ нагардад.**

1. Зих, доноро гўянд, ки донад гуфт,
Хеч нодонро дониида нагўяд зих.
Сухани ширин аз зафт наёрад бар,
«Буз ба бич-бич ҳаргиз нашавад фарбеҳ».

Абўабдуллоҳи Рўдакӣ

2. Нашавад дил зи ҳарфи Куръон беҳ
«Нашавад буз ба биж-биж фарбеҳ».

Абулмаъоди Симиё

3. Гуфт ногаҳ муарриф, эй ҳоча,
Сабҳаи офарин зи даст бинех!
Гаҳ-гаҳе низ мекуи эҳсоне,
Гарчи таҳсин-т ҳаст з-эҳсон беҳ!
З-он ки дерест то масал задаанд,
«Нашавад буз ба кид-кидӣ фарбеҳ».

Ибни Ямин

БУЗ БО БУЗ МЕҶАНГАД, ПОИ МЕШ МЕШИҚАНАД.

мук. Забардаст чун сар бардорад ба ҷанг, сари зердастон дарояд ба санг.

БУЗДИЛРО ХАТАР ЁР АСТ.

мук. Тарс бародари марг аст.

БУЗЕ, КИ АҶАЛАШ РАСИДА, НОНИ ШУБОНРО МЕХЎРАД.

ниг. Ачали буз расад, худашро ба калтаки чўпон мемолад.

Насим дохили урду шуд, чанд нафар айёрро бардошта бо асбоби таббохӣ равона шуд то ба Кандмонд расид, дўкони ошпазӣ боз кард то як рўз Гулбод ба дари дўкони ў расид. Насим гуфт: Сарҳанг, **«бузе, ки аҷалаш расида, нони шубонро мехўрад».** Пас, Гулбоди айёр дохили дўкон шуд, ки Барқи Фарангӣ ўро гирифта ба замин зад. Насим сари ўро бурид.

Аз «Искандарнома» II

БУЗЕ, КИ СОҲИБАШ БАР САРАШ НАБОШАД, НАР МЕЗОЯД.

мук. Чашми соҳиб — дору.

БУЗЕ НАДОРАМ ДАР РАМА,
НА ҒАМ ДОРАМ, НА ҒАМХОНА.

ниг. Осуда касе, ки хар надорад, аз хоху чаваш хабар надорад. Ман гуфтам, ки бародар, ман чӣ дорамў кӣ дорам, кӣ гурезам. **«Бузе надорам дар рама, на ғам дорам, на ғамхона».**

Ҷалол Ихромӣ

назир:

Зар надорӣ чӣ ғам хӯрӣ зи амир,
Хар надорӣ чӣ тарсӣ аз харгир?

Абулмаъди Сопой

БУЗИ САРСАРИ САНГ — ХӮРОКИ ГУРГУ ПАЛАНГ.

мук. Гӯсолаеро, ки аз пода берун равад, гург мехӯрад.

БУЗ, КИ АЗ ПОДА БЕРУН РАВАД, ШИКОРИ ГУРГ МЕШАВАД.

мук. Гӯсолаеро, ки аз пода берун равад, гург мехӯрад.

ишора:

Мисоли раҳбарони ин ҷазира,
Мисоли он буз асту он ҳазира,
Ки то он буз қадам берун ниҳодаст,
Басе сар дар тағора хун ниҳодаст.

Фаридаддини Аттор

БУЗРО БА (АЗ) ПОИ ХУДАШ МЕОВЕЗАНД, ГӮСФАНДРО (ҲАМ АЗ) БА ПОИ ХУДАШ.

1. Ҳар кас ба кардан худ ҷавобгар аст, гуноҳи ҳар кас ба гардани худи ӯст, 2. ба гуноҳи касе каси дигарро ҷавобгар намекунанд. Мук. Ба чурми Исо Мӯсоро намегиранд.

— Едгор! Чаро дам намезанӣ, магар сухани падаратро дар нафаси вопасинаш ба замин мемонӣ?

— **«Бузро ба пои худаш меовезанд, гӯсфандро ба пои худаш»**, агар падарам карздор бошад, ба ман чӣ? — гуфт.

Садриддин Айнӣ

ишора:

1. Аз ман омад банд бар ман ҳамчупон-к
Пойбанди гӯсфанд аз гӯсфанд.

Носири Хисрав

2. Бародар ба чурми бародар магир,
Ки бас фарқ бошад зи хун то ба шир.
Мазан дар касе аз баҳри кас нешро.
Ба пои худ овез ҳар мешро.

Низомии Ганҷавӣ

БУЗРО ЧИ БА АНҶУМАН КУШАНДУ ЧИ БА СУР.

Агар ичрои амре дар бораи касе ҳатмӣ аст, тарзи ичро ва ё маҳалли ичрои он аҳамияте надорад.

Некӯ масале задааст, шохо, дастур:
«Бузро чи ба анчуман кушанду чи ба сур».

Абулҳасани Фаррухӣ

БУЗРО (БУЗА) ҒАМИ ҶОН (АСТ), КАССОБРО (КАССОБА) ҒАМИ ҶАРБУ (ПИҲ).

Ҳар кас ғами худро мехӯрад, ҳар касеро манфиати шахсии худ манзур аст, гуфтанӣ бошанд, ин зарбулмасалро эрод менамоянд. Ин зарбулмасал дар айни ҳол барои гузоштани фарқ байни мусибат ва дарду ғами ду кас низ гуфта мешавад. Мук. Оҳу ба шиканҷаву тапидан, сайёд ба шитоби сар буридан.

1. Чун зан дид, ки он ҷавон ҳомӯш шуд, гуфт: Эй ҷавон магар аз ҳарфи худ пушаймон шудай?

Асас гуфт: Эй нозанин **«бузро ғами чон аст, кассобро ғами пиҳ».** Маро воқиае пеш омада ва дар фикри онам, ки чон азиз аст ва ғами чони худро мехӯрам, вагарна аз гуфтаи худ пушаймон нашудаам.

Аз «Чоҳат-ут-тамсил»

2. — Аспам набошад, модагов ва барзаговам ҳаст, бечорапарварӣ кунанд, бо маслиҳати шумо «чон гарав, ҷома гарав», як навъ карда хурсанд мекунам.

— Яке аз барзаговонро назр карданӣ шавӣ, ман гирифта мебарам.

Ятими бой Зуфар, ки дар пеши роҳрав истода буд, худ ба худ ба зери лаб: **«Буза ғами чон, кассоба ғами чарбу».**— гуфт.

Садриддин Айнӣ

БУЗУРГ ОН КАСЕ, К-Ӯ БА ГУФТОРИ РОСТ ЗАБОНРО БИЕРОСТУ КАЖҲӢ НАХОСТ.

Фирдавсӣ

мук. Ростӣ-растӣ.

БУЗУРГОН КАСРО БА БУЗУРГӢ НАРАСОНАНД БА ЯК БОР.

Ба бузургӣ расидан поя-поя ва бо ҳиммати худи кас вобаста аст. Ниг. Нардбон поя-поя.

Ман тангдилӣ пеша нагирам, ки **«бузургон**
Касро ба бузургӣ нарасонанд ба як бор».

Абулҳасани Фаррухӣ

БУЗУРГОН ХУРДА БАР ХУРДОН НАГИРАНД.

Бузургон ба камбудиҳои ҷузъии хурдон айб намегиранд.

1. Магар узрам бузургон дарпазиранд,
«Бузургон хурда бар хурдон нагиранд».

Авҳадии Марағӣ

2. Умед, ки фузало бад-он чуръати соҳиб вуқуф шаванд, зайли афв ва ислоҳ бар ҳафвоти ин камина пўшанд ва дар тақбеҳ накўшанд. «Магар узрам бузургон дарпазиранд, **бузургон хурда бар хурдон нагиранд».**

Аз «Тазкират-уш-шуаро-и Давлатшоҳи Самарқандӣ

БУЗУРГОН ШИНОСАНД КАДРИ БУЗУРГОН.

мук. Қадри зар заргар шиносад, қадри чавҳар чавҳарӣ.

БУЗУРГӢ БА АҚЛ (ХИРАД) АСТ, НА БА СОЛ

Саъдӣ

1. На ҳама пирон оқилу доноанд, 2. ақлу фазли касон бо кордшон аён мегардад. Мук. Набувад ҳеч тифли бихрад хурд.

1. **«Бузургӣ бо хирад бошад на бо сол»,**
Басо пирон, ки кам бошанд зи атфол.

Ҷунайдуллоҳи Хозиқ

2. — Садафмоҳатон чавон, то ба наздикӣ ҳам ҳаваскор буд. Дар саҳна таҷрибаи казой надорад,— мегуфт вай.

— **«Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол»** чавон бошад ҳам қобилияти хуб дорад,— бовар кунониданӣ мешуд Ғуломов,— чаро қувваи чавононро писанд намекунед? Магар вай Мастонкампирро бад бозида буд?

Аз «Зафони Тоҷикистон»

ишора:

Гарчи бисьёр сол барнашумурд,
Набувад ҳеч тифли бихрад хурд.

Абулмаъди Сонӣ

БУЗУРГӢ ДАРДИ САР БИСЬЁР ДОРАД.

Бузургӣ, мансабдорӣ ташвишҳои зиёд дорад.

Ба хубӣ дида то дил кор дорад,
«Бузургӣ дардн сар бисьёр дорад».

Носири Хисравӣ

БУЗУРГӢ БА НОМУ БА ГУФТОР НЕСТ.

Саъдӣ

Бузургии ҳар кас дар акл, донишу ҳунар ва амали неки ӯ мебошад.

БУЛБУЛ АЗ (ХУШ)ОВОЗИ(И) ХУД ГИРИФТОРИ ҚАФАС АСТ.

Ҳунармандон бояд рашку бадхоҳии бехунарон ва гирифтори мусибатҳо мебошанд. Инг. Агар тӯтӣ забон мебаст дар ком, на худро дар қафас дидӣ, на дар дом.

ишора:

1. Эй булбули хушсухан, чӣ ширинмақол,
Сармасти ҳавову пойбанди ҳавасӣ?
Тарсам, ки ба ёрони азизат нарасӣ,
К-аз дасти забони хештан дар қафасӣ.

Саъдии Шерозӣ

2. Камол аз лутфи табъ омад асири нишқи маҳрӯён,
Чу булбул, к-аз хушовозӣ гирифтори қафас бошад.

Камоли Ҳуҷандӣ

3. Забон макшо ба гуфтугӯи он гул беш аз ин, Оҳӣ,
Чу булбул аз навои худ гирифтори қафас мондӣ.

Алии Оҳӣ

БУЛБУЛЕ, К-Ӯ (К-АЗ) СИТАМИ ХОР ТАҲАММУЛ НАКУНАД, БЕХТАР ОН АСТ, КИ ҲАРГИЗ (ЗИКРИ) СУХАНИ ГУЛ НАКУНАД.

Исмати Бухорой

Барон ба даст даровардани орзую мақсади худ набояд аз сахтию мушкилиҳо тарсид. Мук. Ҳар киро говус бояд, чаври Ҳиндустон кашад.

Рӯзе дарвеше аз Мовароуннаҳр азимати эҳроми ҳарими муқаддаси шайх тасмим дода, ба меҳнати бисьёр аз навоҳии Самарқанд худро ба дорулмулки Форс расонид ва ҳаронна то касеро пои талаб ба хори зори тааб мачрӯҳ нагардад, дасти висолаш ба гиребони гули мақсуд нахоҳад расид. **«Булбуле, к-ӯ ситами хор таҳаммул накунад, бехтар он аст, ки ҳаргиз сухани гул накунад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

БУНЬЕДИ ЗУЛМ АНДАК БУД,
АНДАК-АНДАК БИСЬЕР ШУД.

Бурдборӣ ва бепарвоии ситамкашон буд, ки зулм як барчанд гардид.

Ба зулми андак укубати бисьёр нафармояд, ки Нӯшервон гуфтааст: **«Буньёди зулм андак буд, андак-андак бисьёр шуд».**

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

ГУНҶИШКЕ НАКД БЕҲ ДОН, КИ ТОВУСЕ БА НАСИЯ.

Аз «Кобуснома»

ниг. Гунҷишки накд беҳ, ки товуси ба насия.

БУРИДАСАР ДИГАРБОРА НАРӮЯД.

ниг. Куштаро боз зинда натвон кард.

Чу маҳрамро бурида бар ҷафо сар,
«Буридасар дигарбора нарӯяд».

Фахриддини Гургонӣ

БУТПАРАСТӢ БЕҲ АЗ ХУДПАРАСТӢ.

Эй писар, нест зи ҳастӣ беҳ,
«Бутпарастӣ зи худпарастӣ беҳ».

Салмони Соваҷӣ

БУХЛУ ДӮСТӢ БО ҲАМ НАБОШАД.

Дар ҷое, ки бухл ҳаст, дӯстӣ нест.

Биё то ҷони ширин бар ту резам,
Ки **«бухлу дӯстӣ бо ҳам набошад».**

Саъдии Шерозӣ

БӮЗИНА БА ЧАШМИ МОДАРАШ ҒИЗОЛ АСТ.

мук. Агарчанд фарзанд чун дев зишт, бувад назди модар чу ҳури биҳишт.

БӮИ МУШК ПИНҲОН НАМЕМОНАД.

Фазлу донишу хислатҳои нек аз назар пинҳон наметонад. мук. Ишку мушк пинҳон наметонад.

Чунин расми покизаву роҳи рост,
Раҳи мову расми ниёкони мост.
Бар ин мушк ҳошок натвон фишонд,
Ки **«бӯи хуши мушк пинҳон намонд».**

Низомии Ганҷавӣ

н ш о р а:

1. Аммо бибояд донист, ки фазл ҳарчанд пинҳон кунанд, охир ошкор шавад чун бӯи мушк.

Аз «Гавҳари Бадҳақӣ»

2. Ҳам бибояд сухан бигуфт охир,
Мушкро чун тавон нуҳуфт охир?

Авҳадии Марағӣ

3. Ишқ сирре буд пинҳон, рангу рӯ пайдош кард,
Мушк агар пинҳон бувад, пинҳон надорад бӯйро.

Сайфи Фарғонӣ

4. Хуш аст аз бихрадон ин нукта гуфтан,
Ки мушку ишкро натвон нуҳуфтан.

Абдураҳмони Ҷомӣ

БӮРИЕБОФ АГАРЧИ БОФАНДА-СТ, НАБАРАНДАШ БА ҚОРГОҲИ ҲАРИР.

1. Шабохат ҳоштани пешае бо пеша ҳаргиз шаҳодат барои як хел будани маҳорати он пешагарон намешавад, 2. ҳар кас аз ӯҳдаи анҷом додани коре, ки дар он малака пайдо намуда аст, бармеояд. Нег. Ба ҳикояи он зарбулмасал.

1. Мақсуд аз ин сухан он аст то бидонӣ, ки ҳар он кӣ ноҳамвордаро кори бузург фармояд, надомат барад, ба наздики хирадмандон ба хиффати раъй мансуб гардад.

Надиҳад хушманди равшанрой
Ба фурӯмоя корҳои хатир.
«Бӯриёбоф агарчи бофанда-ст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир».

Саъдии Шерозӣ

2. Чун ин ҳикоят мазкур шуд ва ғирев аз мачлис бархост ва чамоате, ки ба ҳофиз кинаву ниқор доштанд, он миқдор ҳандаву тамасхур карданд, ки ҳофиз расво гардид. **«Бӯриёбоф агарчи бофанда-ст, набарандаш ба коргоҳи ҳарир».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

ш ш о р а:

Кӣ кард бехин кор чуз бехин кас?
Ҳаллоҷ набофад ҳаргиз дебо.

Носири Хисрав

1. БӮСА БА ПАЙҒОМ РОСТ НАЕЯД (НАМЕОЯД),
2. БӮСА БО ПАЙҒОМ НАТАВОНАД БУД.

1. Барои ичрои кори худ худат кӯшишу ғайрат кун, ки ҳеч кас ба чои ту онро анҷом намедиҳад, 2. бо супориш кор ичро намегардад. Мук. **Бо супориш зиёрати Маккаи натавон кард.**

1. Фаррухҳол гуфт:

— Моро дар синфи ин мукаддима ҳуҷҷате котеъ ва бурҳоне котеъ аст, лекин **«бӯса ба пайғом рост намеояд»**.

Аз «Баҳори дониш»

ишора:

2. Гӯянд, ки ҳаргиз нашавад бӯса ба пайғом,
Мо бӯса аз ин гуна ба пайғом ситонем.

Ҳабиби Ҳурсоний

БӮСТОН БЕ САРИ ХАР НАМЕБОШАД (НАМЕШАВАД).

Ин мақол дар бораи шахси нотарошидае, ки ҳузури ӯ сабаби нороҳатӣ ва малоли дигарон мешавад, гуфта мешавад. Мук. Гул бе хор намешавад.

1. Яке базм зи ағьёр набинӣ холӣ,
Он сон ки **«набуда бӯстон бе сари хар»**.

Собири Ҳамадонӣ

2. Ҳоло бирав, садояш бизан, ин имшаб ҳам болои ҳама шабҳо. Фардо билохира фикре хоҳам кард. Ё ҳамин, ки гуфтам, бо як кулоҳи шарҳ даҳони ёвагӯёнӣ ин хонаро хоҳам баст. Ё ин ки узрашро хоҳам хост.

Оху кӯтоҳ омад зери лаб ғур зад: **«Бӯстон бе сари хар намешавад»**.

Алишуҳаммади Афғонӣ

назир:

1. Мачлиси озодагонро аз гароӣ чора нест,
Ҳин, ки омад хоми дигар деги дигар бармиҳод.

Абулмаҷди Саноӣ

2. Дар миёни сарву савсан рост мебояд, аз он-к
Мачлиси озодагонро аз гароӣ чора нест.

Камоли Исмоил

БӮСТОН ҲАМ БО ДӮСТОН ХУШТАР (АСТ).

Дар хар чо бо дӯстон хуш аст, бӯстон ҳам бе дӯстон дилхуш надорад. Мук. Гулу бунафша ҳам ҳасту ёр нест, чӣ суд?

Аз чаҳон гарчи бӯстон хуштар,
«Бӯстон ҳам ба дӯстон хуштар».

Мактабии Шероӣ

В.

В-АГАР БАД КУНӢ КАЛФАРАТ БАД РАСАД,
КИ НАБВАД МУКОФОТИ БАД ҒАЙРИ БАД.

Фатҳалии Сабо

ниг. Аз мукофоти амали ғофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, чав зи чав.

В-АГАР БИНАМ, КИ НОБИНОВУ ЧОҲ АСТ,
АГАР ХОМӮШ БИНШИНАМ, ГУНОҲ АСТ.

1. Ба афтода ва оҷизмонда дасти ёрӣ дароз кардан шарт аст, 2. ба ғалаткарда роҳи рост нишон додан, гумроҳро ба роҳ даровардан кори нек аст. Мук. Агар бинӣ, ки нобино ба чоҳ аст, агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст.

Чу коре бе фузули ман барояд,
Маро дар вай сухан гуфтан нашояд.
«В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст».

Саъдии Шерозӣ

ВАКОЛАТ НАРДБОНИ ВАЗОРАТ АСТ.

мук. Нардбон-поя-поя.

ВАРАМРО АЗ ФАРБЕҲӢ МАШМОР!

ниг. Омосро аз фарбеҳӣ бишинос!

ишора:

Чи нисбат бувад ҳосидонро ба ту,
Касе фарбеҳӣ чун шуморад варам?

Абулфараҷи Рунӣ

ВАСФИ АЙШ — НИСФИ АЙШ.

ниг. Зикри айш — нисфи айш.

ВАЪДА ДОДӢ ВАФО КУН,
ҚАВЛ ДОДӢ ИҶРО КУН!

Шарт аст, ки ваъда хатман иҷро карда шавад. Мук. Шарт аст, ки шартро ба поён бибаранд.

назир:

1. Е бикун он чӣ шабу рӯз ҳаме ваъда диҳӣ,
Е макун ваъда ҳар он чиз, ки он натвонӣ.

Манучеҳрии Домғонӣ

2. Ин панд агар тавонӣ, аз ман бипазир,
Ё аҳд мабанд ё чу бастӣ, машикан!

Муҳаммадбоқии Улфат

3. Ё магӯ он чи менахоҳӣ кард,
Ё вафо кун бад-он чи мегӯй!

Аз «Амсолу ҳикам»

ВАЪДАЮ ВАФО.

нис. Ваъда додй вафо кун, қавл додй ичро кун!

назир:

1. Кунун гар бад-ин банда рой оварй,
Сазад, к-он чй гуфтй, ба чой оварй.

Асадии Тӯсй

2. Хар кй ба ваъдааш вафо накунад,
Чарх бо ӯ ба чуз чафо накунад.

Абдуллоҳи Ҳотифй

ВАҚТЕ БАД МЕОЯД, АЗ ДАРУ БОМ МЕОЯД.

Бад рӯй доданй бошад, ҳатман рӯй медиҳад, аз вай халосй нест. **«Вақте бад меояд, аз дару бом меояд».** Дирӯз маъмури молия баракан молиёти соли гузаштаро барои ман овардааст. Вақте медиҳам, мехонанд, мебинам навиштаанд: «Сесаду панчоҳ тумон!» Ман намедонам ин аз рӯи чй ҳисобу китобе аст?

Алимуҳаммади Афгонй

ВАҚТЕ МУШУ ГУРБА БО ҲАМ БИСОЗАД, ВОЙ БА ДӮКОНИ БАҚҚОЛ.

Ҳар гоҳ ки коркуни боэътимод бо хиёнатгаре иттифоқ шавад, хочагин соҳиб хароб мегардад.

нишора:

1. Биё, эй ман бишунав розн он кй карда хароб
Дӯкони баккол аз сулҳи гурбаву мушаш.

Адибулмамолики Фароҳонй

2. К-аз сулҳ миёни гурбаву муш
Барбод равад дӯкони баккол.

Эраҷ Мирзо

ВАҚТИ ЗАРУРАТ ЧУ НАМОНАД ГУРЕЗ, ДАСТ БИГИРАД САРИ ШАМШЕРИ ТЕЗ.

Саъдӣ

Агар ҷони касе дар хатар бошад, ӯ барои ҳифзи он ҳатман ҷасорати қатъӣ нишон хоҳад дод.

Ҳилол бо худ андеша кард, ки агар тааммул кунам, ба яқин ки чун рӯз шавад, ки қавм маро бихоҳанд куштан, чахде бикунам, бошад ки худро бираҳонам. Ҳилоли Айёр дар кӯшиш даромад. Ҳилол аз айёрони рӯзгор буд ва дар қисми айёрӣ бемисли рӯзгор буд ва дигар бими ҷон буд. **«Вақти зарурат чу намонад гурез, даст бигирад сари шамшери тез».**

Аз «Доробнома» I

ВАҚТИ МАВОҶИБ САРҲАНГ АСТ, ВАҚТИ ҶАНГ БУНАПО.

Дар бораи касоне, ки дар ҳангоми хавфу хатар худро ба канор кашида дар мавқеи дигар худнамой карда, аз ҳама имтиёзот истифода менамоянд, гуфта мешавад. Мук. Вақти ҷанг ба кахдон, вақти шодӣ ба майдон.

назир:

Вақти зикри ғазва шамшераш дароз,
Вақти карру фарр теғаш чун пиёз.
Вақти андеша дили ӯ размчӯ,
Вақти зарбат мегурезад кӯ ба кӯ.

Ҷалолиддини Румӣ

ВАҚТИ МЕВА ГӮШИ БОҒБОН КАР МЕШАВАД.

Агар касе дар мавриди мусоид дар баровардани ҳоҷати касе худро ба нодонӣ занад, ин зарбулмасал эрод мешавад.

1. Ҳарчанд фақире, ки тавонгар гардад,
Аз хоҳиши дигарон рухаш баргардад.
Лекин натавон дошт аз ин нукта ачаб,
«Дар мавсими мева боғбон кар гардад».

Собири Ҳамадонӣ

2. Рӯзу шаб аз ашки чашмам доманам тар мешавад,
Ҳарчи дар чаврат намоям, сабр, бадтар мешавад.
Пурсишам бепосух аст аз соҳати васлат аз он-к
«Вақти мева гӯшҳои боғбон кар мешавад».

Аҳмади Аҳгар

ВАҚТИ НОҚОМӢ ТАВОН ДОНИСТ ЁР,
ХУД БУВАД ДАР КОМРОНӢ САД ХАЗОР.

Аттор

Дӯстии дӯстро дар мушкилию сахтӣ ға мӯҳточӣ метавон шинохтан. Мук. Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст дар парешонҳолию дармондагӣ.

ВАҚТИ ПИРӢ — ДОҒИ МИРӢ.

ниг. Охири пирӣ—доғи амирӣ.

— Дӯстам,— мехрубонӣ кард прораб.— **«Вақти пирӣ — доғи мирӣ»** гуфтаанд. Биёед, мо хам ин бегох шарики базми чавонон шавем.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

ВАҚТИ СУХАН МАТАРСУ БИГӮ ОН ЧӢ ГУФТАНИСТ,
ШАМШЕР РӮЗИ МАЪРАКА ЗИШТ АСТ ДАР НАЁМ.

Парвин

ВАҚТИ ШОДӢ ДАР МИЕНУ ВАҚТИ ҶАНГ АНДАР КАНОР.

мук. Вақти мавчиб сарҳанг асту вақти ҷанг бунапо.

ВАҚТИ ҶАНГ БА КОҲДОН, ВАҚТИ ШОДӢ БА МАЙДОН.

мук. Вақти мавчиб сарҳанг асту вақти ҷанг бунапо.

ВАҚТ РАВАД, НАҚД РАВАД.

мук. Вақт — ғанимат.

«Вақт равад, нақд равад» мегӯянд. Бинобар ин фурсатро аз даст додан нн, яъне, хосилро аз даст додан аст.

Аз «Хорпуштак»

ВАҚТРО ҒАНИМАТ ДОН (ДОР)!

ниг. Вақт — ғанимат.

1. **«Вақтро ғанимат дон»,** он қадар ки битвонӣ,
Хосил аз хаёт, эй дил, як дам аст, то донӣ.

Хофизи Шерозӣ

2. **«Вақтро дор ғанимат»,** ки хато буд, ки шайх
Нақди имрӯз пан насъни фардо мекард.

Алишери Навоӣ

назир:

Парер гуфт: Имрӯзро ғанимат дор,
Вагарна дар пан дй кай тавон чу фардо рафт?

Сайфи Фаргонӣ

ВАҚТ — ТЕҒИ БУРРАНДА (БУРРОН).

1. Вақтро набояд бехуда аз даст дод, ҳар кореро дар вақташ боя̆д ичро намуд, корҳоро вақт ҳал мекунад.

Дар ин гуна маврид гуфтугузори бисёр вақтро муфт аз даст меравонад. **«Вақт — теғи бурранда»** гуфтаанд. Бисёр корҳоро вақт ҳал мекунад. Дар ин гуна мавридҳо вақтро аз даст додан мисли он аст, ки дар майдони ҷанг шамшерро аз даст дода бошӣ. Зуд равон шав, ки корро сар кунӣ.

Садриддин Айнӣ

ВАҚТ — ҒАНИМАТ.

1. Фурсатро аз даст набояд дод, фурсат ғанимат аст, 2. умр кӯтоҳ аст, аз лаззати ҳаёт ғофил намон! Мук. Умри дубора ба касе надиҳанд.

— Ҷиянам, **«вақт — ғанимат»**, ҳозир танаффуси коргарон мешавад, ту мана ин сангу тарозуро гиру бодирингатро фурӯхтан гир!

Толис Пӯлодов

назир;

Зи ҷонафрӯз дил хушдор имрӯз,
Мабош аз дию аз фардо ҷигарсӯз!
Ба ҷуз имрӯз накди моҳазар нест,
Ки дӣ бигзашту аз фардо хабар нест.

Фаридаддини Аттор

ВОИЗОН, К-ИН ҶИЛВА ДАР МЕҲРОБУ МИНБАР МЕКУНАНД,
ЧУН БА ХИЛВАТ МЕРАВАНД, ОН КОРИ ДИГАР МЕКУНАНД.

мук. Оҳ, аз ин воизони минбаркӯб, шармашон нест худ ин минбару чӯб!

«Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд».
Мушкиле дорам зи донишманди мачлис бозпурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?

Хофизи Шерозӣ

ВОЛО БА СУХАН ГАРДАД МАРДУМ, НА БА БОЛО.

Иззату хурмати одам аз некӯгӯиву росткавлӣ меафзояд, на аз қаду қомати зебо.

Чун тир сухан рост кун, он гоҳ бигӯяш,
Бехуда магӯ, чӯб мапартоб зи паҳно!

Некӯ ба сухан шав, на бад-ин сурат азеро-к
«Воло ба сухан гардад мардум, на ба бало».

Носири Хисрав

ВОМ ЧУНОН КУН, КИ ТАВОН БОЗ ДОД.

мук. Ба кӯрпаат нигоҳ карда, пой дароз кун!

Хотифи хилват ба ман овоз дод,
«Вом чунон кун, ки тавон боз дод».

Низомии Ганҷавӣ

1. ВАҚИФИ ВАКТИ ХЕШ БОЯД БУД.
2. ВАҚИФИ ДАМ БОШ, КИ ДАМ ЯК ДАМ АСТ.

ниг. Вақт — ғанимат.

Г.

ГАВҲАРИ ҚОНИРО БА ОТАШ ОЗМОЯНДУ ГАВҲАРИ ОДАМИРО БА МАЙ.

Май гавҳару сиришти одамиро чунон ки хаст, падид меоварад, майро хӯрда тавонистан хунар аст.

назир:

1. Он чунон маste мабош, эй бехирад,
Ки ба акл ояд, пушаймонӣ хӯрад.
Балки з-он мастон, ки чун май мехӯранд,
Аклҳои пухта ҳасрат мебаранд.

Ҷалолиддини Румӣ

2. Санги маҳак май аст, май ored дар миён,
Пайдокунандаи касу вокас ҳамин май аст.

Аз «Ғазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ

ГАВҲАРИ ПОК БИБОЯД, КИ ШАВАД ҚОБИЛИ ФАЙЗ,
ВАРНА ХАР САНГУ ГИЛЕ ЛУЪЛУВУ МАРҶОН НАШАВАД.
(З-ОН КИ ХАР САНГУ КУЛӮХЕ ДУРРУ МАРҶОН НАШАВАД).

Хофизи Шерозӣ

Хар касе кобили тарбия нест, **хама аз тарбия як хел бахравар намегардад.**

Ба сабаби он ки гинати ӯ нопок ва чавҳари ӯ нокобил аст, асари тарбияи шумо зоеъ хоҳад шуд. **«Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз, варна ҳар сангу гиле лўълуву марчон нашавад».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАВҲАРИ ҲАР КАС АЗ СУХАНИ ӮЙ ПАЙДО ШАВАД.

Чӣ будан, кӣ будани ҳар кас аз сухани ӯ маълум мегардад, сухан аз ботини кас хабар медиҳад. Мук. То мард сухан нагуфта бошад, айбу хунараш нуҳуфта бошад.

«Мешавад чун зи сухан гавҳари ҳар кас пайдо»,
Бикушо лаб ба шакаррезию бинмо гавҳар!

Умеди Розӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

ГАВҲАР, КИ НАФИС АСТ, ЗИ ХОШОК БА ЗЕР АСТ,
ХОШОКИ ХАСИС АЗ ГУҲАРАШ МАРТАБА БОЛОСТ.

Ибни Ямин

Одамони боақлу фазл ҳуднамой намекунанд, ҳуднамой кардан ва ба худ қимат гузоштан ин сифати сабуксарон аст. Мук. Нокасе гар аз касе боло нишинад, айб нест, з-он ки хас болои обу зери дарьё гавҳар аст.

ГАВҲАРӢ ХАРИДОРИ ГАВҲАР БУВАД.

мук. Қадри зар заргар шиносад, қадри чавҳар чавҳарӣ.

Чу гавҳар бурун омад аз кони кӯҳ,
Зи гавҳархарон гашт гетӣ сутӯҳ.
Миён баста ҳар як ба гавҳархарӣ,
«Харидори гавҳар бувад гавҳарӣ».

Низомии Ганҷавӣ

ГАДО, АГАР ҲАМА ОЛАМ БАД-Ӯ ДИҲАНД, ГАДОСТ.

Харис ҳаргиз аз молу пули дуньё сер намегардад. мук. Гадоро гар ҳама олам диҳанд, гадо аст.

Ҷамол дар назару шавқ ҳам чунон боқӣ,
«Гадо, агар ҳама олам бад-ӯ диҳанд, гадост».

Саъдии Шерозӣ

назир:

Онро ки қаноат сару сомон бошад,
Иқболи ҳумо мояи ҳирмон бошад.

Аз табъи гадо шуғли гадой наравад,
Харчанд мукими дари султон бошад.

Абдулқодири Бедил

ГАДО БА ГАДО РАҲМАТ БА ХУДО.

Бенаво ба бенавотар аз худ дасти талаб дароз намекунад.

н а з и р:

Харгиз чамоли мол надидаст чуз ба хоб,
Хар к-ӯ гадой аз паси дигар гадо шудаст.

Носири Хисрав

ГАДО БАҲРИ ТАМАЪ ФАРЗАНДИ ХУДРО КӮР МЕҲОҲАД.

Ҳирс ва оъ тамаъкунандаро ба хар пастию ношоистагй мачбур мекунад. нит. Тамаъ — балои чон.

н ш о р а:

Фалак бо тангчашмон гӯшаи чашми дигар дорад,
Ки чун фарзанд кӯр ояд, шавад чашми гадо равшан.

Соиби Табрезй

1. ГАДО БОР ЕБАД, БОРХАЛТА НАМЕЕБАД.
2. ГАДО БОР ЕФТУ ЧОГАҲ НЕ.

1. Агар яке аз эҳтиёчҳои шахси мӯҳточ тасодуфан конеъ, карда шавад, эҳтиёчҳои дигар боз боқй мемонад, 2. инёзманд ҳамеша гирифтори эҳтиёч аст.

Хурсандии ман ҳалду поён надошт. Китобҳои Зӯлобй як китобхонаро пур мекарданд. Аз сарам чун барқ чунин хаёл зуд даргузар шуд: «Ҳаман инро дар кучо чо мекунй? Дар як хона чор тан умр ба сар мебарем. Падар, модар, ман ва хоҳарам. Токчаҳо ҳатто равоқи мехробии хонаамонро аз сандуқчаю кӯрпачаҳо холй кунем ҳам, китобҳо чо ба чо намешаванд. Ба хучраи мадраса барам чй? Аз он чо медузданд. Ана айнан дар чунин ҳолат гӯянд, ки **«гадо бор ёфту чогаҳ не»**.

1. ГАДО ГАДОРО НАМЕТАВОНАД БУБИНАД.
2. ГАДО ДУШМАНИ ГАДОСТ.

Ҳамкасбон рақибй якдигаранд. Мук. Бувад ҳампеша бо ҳампеша душман ва Ҳампеша ҳампешаро душман аст.

1. Хулоса, хусусан дар байни гурезагон ва маҳаллиён мазмуни маколи точикй, ки мегӯянд: **«Гадо душмани гадост»**, тамоман ҳукмфармо буд.

Садриддин Айнй

2. Фароловй: Кошкй ӯ дар Бухоро мемонд! Ба гумонам, то даме ки устод — нахуст шоири дарбор дар кор аст, Рӯдакиро ба дарбор роҳ нахохад дод. **«Гадо душмани гадост».** Ҳамин тавр не, Шаҳид?

Сотим Улугзода

ГАДО ГАР ТАВОЗЪЪ КУНАД, ХЎИ ЎСТ.

1. Тавозъъ зи гарданфарозон накӯст,
«Гадо гар тавозъъ кунад, хӯи ӯст».

Саъдии Шерозй

2. — Ин шикастанафасй аз некии зоти ҳазратам аст, ки бузургии ҳазратамро дар чашми банда дуболо мекунад,—худро гум накарда муаддабона гуфт мулло Сафар,— аммо таманно дорам, ки ҳазратам ба карами худ гуноҳи бандаро афв фармоянд, зеро ки **«гадо гар тавозъъ кунад, хӯи ӯст».**

Сотим Улугзода

ГАДО ДОНАД, КИ МУМСИК КИСТ.

ниг. Маҳак донад, ки зар чисту гадо донад, ки мумсик кист.

ГАДОИ НЕКФАРҶОМ БЕХ АЗ ШОҲИ БАДФАРҶОМ.

Охири кори бахайри гадо бех аз кори баднатичаи шоҳ аст. **«Гадои некфарҷом бех аз подшоҳи бадфарҷом».**

Ғаме, к-аз паяш шодмонй барй,
Бех аз шодие, к-аз пасаш ғам х(в)арй.

Саъдии Шерозй

н а з и р:

Ҳукми мастурию мастй ҳама бар хотима аст,
Кас надонист, ки охир ба чй ҳолат биравад.

Хофизи Шерозй

ГАДОЙ ЯК ДАРРО НАБИНАД (НАШИНОСАД).

Ба касе мегӯянд, ки ӯ боре аз чое манфиат дида, ба он ҷо пай дар пай рафтан гирад.

— Ҳа домулло, се-чаҳор рӯз боз ба чойхона пашшаҳӯрда шуда мондед. **«Гадой як дарро набинад»** гуфтагй барин шумо маззаи чойхонаро гирифтед-чй?

Баҳриддин Азизй

ГАДОРО ГАР ҲАМА ОЛАМ ДИҲАНД, ГАДО АСТ.

ниг. Гадо, агар ҳама олам бад-ӯ диҳанд, гадост.

ГАДОРО ГУФТАНД ХУШОМАД,
ТӮБРАРО КАШИД, ПЕШ ОМАД.

Мук. Хушомад ҳар киро хушомад гуфтӣ, хуш омад.

ГАЗ НАКАРДА, МАБУР (ПОРА МАКУН)!

ниг. Чил чен куну як бур!

ш ӯ р а:

1. Ҳамчу хайёти бевукуф чаро,
Эй писар, газ накарда пора куний?
Чахд кун то магар ба васлаи сабр,
Ҳар кучо пораест, чора куний.

Хабиби Қоонӣ

2. Бурида ту перкарда газ чомаро,
Нахонда ту поёни «Шахнома»-ро.

Адиби Пешоварӣ

ГАЛА МУРДУ ҒАМИ ШУБОН БАРХОСТ.

ниг. Ҳочӣ мурд, шутур халос шуд.

Гар бирафт обрӯй, тарс бирафт,
«Гала мурду ғами шубон бархост».

Хоқонии Шервонӣ

ГАНДУМ АЗ ГАНДУМ БИРӮЯД, ЧАВ ЗИ ЧАВ.

ниг. Аз мукофоти амал ғофил машав, гандум аз гандум бирӯяд, чав зи чав.

ГАНДУМАТ ЧУН ОРД ШУД, ДАР ОСИЁ ЛАНГАР МАКУН!

Чун мақсадат аз касе ва ё аз чое ҳосил гардид, дигар бо он кордор мабош!

ш ӯ р а:

Сипеҳр аз качравиҳо тӯтиё кард устухонамро,
Чу борам орд шуд, дигар чаро дар осиё монам?

Соиби Табрезӣ

ГАНДУМ ҲАМА ЧО, ПАЗАНДА ЧО-ЧО.

ниг. Орди гандум ҳама чо, пазанда чо-чо.

ГАНҶ БЕ МОР НЕСТ.

мук. Ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд.

Ганҷе ки чунин ҳисор дорад,
Наккоб дар ӯ чӣ кор дорад?
Ин аст ки **«ганҷ нест бе мор»,**
Ҳар ҷо ки рутаб бувад, бувад хор.
Ҳар номваре, ки ӯ ҷаҳон дошт,
Бадномкуне зи ҳамраҳон дошт.

Низомии Ганҷавӣ

ишора:

Зулайхо буд ганҷи хубӣ, оре,
Бувад ҳар ганҷро ночор море.

Абдураҳмони Ҷомӣ

ГАНҶ БЕ РАНҶ МУЯССАР НАМЕШАВАД.

ниг. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

назир:

1. Тан осон ғаму ранҷ бор оварад,
Чу ранҷ оварӣ, ганҷ бор оварад.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Гарат ганҷ бояд, ба тан ранҷ бар,
Ки дар ранҷи тан ёбӣ аз ганҷ бар.

Асадии Тӯсӣ

ГАНҶЕ БЕ РАНҶ НАДИДАСТ КАСЕ.

Бидуни ранҷу заҳмат сарвату молу мулк ба даст нахоҳад омад. Мук. То ранҷ набарӣ, ганҷ барнагирӣ.

«Ганҷ, бе ранҷ надидаст касе»,
Гули бехор начидаст касе.

Абдураҳмони Ҷомӣ

ишора:

1. Ба ранҷ андар аст, эй хирадманд, ганҷ
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Ба ранҷ андар бувад роҳат,
Ба хор андар бувад хурмо.

Катрони Табрезӣ

3. Мард чун ранҷ бурд, ганҷ барад,
Мурғи роҳат ба боғ ранҷ барад.

Абулмаҷди Саноӣ

4. Гахе мегуфт, к-эй саргашта барно,
Чй бояд кӯрро чуз чашми бино?
Агарчи ранҷ беандоза дидй,
Бад-он ганче, ки мечустй, расидй.

Фаридаддини Аттор

5. То ранҷ таҳаммул накунй, ганҷ набинй,
То шаб наравад, рӯз надидор набошад.

Саъдии Шерозй

6. Ба гафлат наёбад касе комй хеш,
Ба кӯшиш тавон ёфт оромй хеш.
Нигаҳбони ганҷ аз чй рӯ аждаҳост,
Чаро аждаҳо бар сари ганҷҳост?
Ки гар ганҷ хоҳй ба ранҷ андар аст,
Дигар хар чй гӯй, на андарх(а)р аст.
Касе ройгонй набурдаст ранҷ,
Агар ганҷ хоҳй, зи сахтй маранҷ!
Кй будаст, ҳаргиз ки бе ранҷ ганҷ,
Ба чанг омадасташ набудаст ранҷ.

Соҳиб

ГАНҶ БЕ РАНҶ НАОЯД БА КАФ (ДАСТ).

ниг. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

«Ганҷ бе ранҷ наояд ба каф» гуфтаанд, ки дуруст аст. Бз Ойбй рӯзҳои аввал табиист, ки душвор буд. Барои фаровон гардидани шири модаговҳо меҳнат, фақат меҳнат кардан лозим буд.

Аз «Тоҷикистони Советй»

ГАНҶ ДАР ВАЙРОНА (ХАРОБЙ) БУВАД (АСТ).

1. Чизи нафису гаронбаҳо дар чои назарногир мешавад, 2. одами бонстъдод ва зебо дар хонаводаи фақирон вучуд дорад. Мук. Мақоми ганҷ дар харобй бошад.

1. Ин чй чои ту чу чаҳонбин аст?
Гуфт: Худ чоям аз чаҳон ин аст,
Ки иморат сарои ранҷ бувад,
«Дар харобй мақоми ганҷ бувад».
Чои ганҷ аст мавзеи вайрон,
Саг бувад саг ба чои ободон.
Пас бигуфташ, к-он ҳилоли арш ку?
Ҳамчу маҳтоб аз тавозъъ фарш ку?

Абулмаъди Саной

2. Он шахс дар бандагӣ пинҳон шудаа,
Баҳри ҷосусӣ ба дунъё омада.
Ту магӯ, к-ӯ бандаи охир-чи ҳост,
Ин бидон, ки **«ганҷ дар вайрониҳост»**.

Ҷалолиддини Румӣ

3. Хост, ки дар ин кор ҳамдасте пайдо кунад, ба ҳамдастӣ яке аз дӯстон изҳор намуд, ки дар хотир чунон аст, ки монанди **«ганҷ дар вайрона аст»** ва бархе беномунишон ях ҷо фароҳам орад

Аз «Маҷмӯъ-ул-амсол»

4. — Таксир, духтари хеле соҳибҷамол шудааст-мӣ? «Булбул аз хонаи акка»-ку...
— Магар нашунидед, ки некон **«ганҷ дар вайрона»** гуфтаанд.

Раҳим Ҷалил

ишора:

1. Чу мор ганҷро ҷой вайронӣ омад,
Ҳаме ганҷро сӯи вайрон фиристад.

Анварии Абевардӣ

2. Васли ту ганҷест пинҳон аз ҳама,
Ҳар кӣ гӯяд ёфтам, девонаест.
Дар хароботи харобӣ меравам,
Ҳ-он ки гар ганҷест, дар вайронаест.

Фаридаддини Аттор

3. Дурушти карданам н-аз хорпуштист,
Басо нармӣ, ки дар зери дурушти.
Гуҳар дар сангу хурмо ҳаст дар хор,
В-аз ин сон дар харобӣ ганҷ бисьёр.

Низомии Ганҷавӣ

ГАНҶРО ХИСРАВ РАБУДУ РАНҶРО ФАРҲОД БУРД.

мук. Кӣ кашад ҷавру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо.

ГАНҶУ МОРУ ГУЛУ ХОРУ ҒАМУ ШОДӢ БА ҲАМАНД.

Осудагӣ бо ноосудагӣ, шодкомӣ бо нокомӣ, роҳат бо ранҷ, хушбахтӣ бо бадбахтӣ, хубӣ бо бадӣ ҳамеша ҳамроҳи якдигаранд. Мук. Ҳар ҷо ки ганҷ аст, мор аст, ҳар ҷо, ки гул аст, хор аст.

Ҳозӣ чу ҳолати мо бидид ва маънии мо бишунид, сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурд ва пас аз тааммули бисьёр бароварду гуфт: Эй он кӣ, тавонгарояро сано гуфтӣ ва бар дарвешон ҷафоро раво дошӣ, бидон, ки ҳар ҷо гул аст, хор аст ва бо ҳамр ҳумор аст ва бар сари ганҷ мор аст...

Чаври душман чӣ кунад, гар накушад толиби дӯст,
«Ганчу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд».

Саъдии Шерозӣ

ишора:

1. Ҳар кучо роҳатест сад ранҷ аст,
Зери ранҷ андарун ҳама ганҷ аст.
З-он ки дар зери ҳафту панҷу чаҳор
Нест мул бе хумору гул бе хор.

Абулмаъҷди Санойӣ

2. Бар паранд арчи сурате зебост,
Мор бо ганҷу хор бо хурмост.

Низомии Ганҷавӣ

3. Шукр кун, то н-оядат аз бад батар,
Варна монӣ ногаҳон дар гил чу хар.
То диҳад дӯғам, наҳоҳам ангабин,
З-он ки ҳар неъмат ғаме дорад қарин.
Ганҷи бе мору гуле бе хор нест,
Шодии бе ғам дар ин бозор нест.

Ҷалолиддини Румӣ

4. Рост гӯянд ҳакимони ҷаҳондида, ки нест
Лола бе доғу шакар бе магасу гул бе хор.

Ҳабиби Коонӣ

1. ГАП ДАР САЛЛА НЕ, ДАР КАЛЛА.
2. ГАП ДАР СУРАТ НЕ, ДАР СИРАТ.

Бартарии одам дар зоҳир набуда, балки дар кирдор, хислатҳои неки ӯ аст, ба инсон на сурати зебо, балки сирати зебо лозим аст.
— «Гап дар сурат не, дар сират» гуфтани мардум бе чиз набудааст, Рауфҷон.

Раҳим Ҷалил

ҒАП ЗАНУ МУОМИЛА ШУНАВ.

Ин мақол ба касе, ки ба савол ҷавоби бемантиқ ва ё дағал медиҳад, гуфта мешавад. Мук. Гап пурсу ҷавоб шунав!
— «Гап зану муомила шунав»,— мегуфт Саодатбибӣ ба муқобили ин далелҳои бебаҳои духтараш далели дурусте ёфта натавониста.

Раҳим Ҷалил

ҒАПИ БИСЬЁР БА ХАР (ХАРРО) БОР.

1. Пургӯй одамро малул ва хаста мекунад, ғапро бояд кӯтоҳ зад, 2. дигар ғап задан фоида надорад. Мук. Бисьёр гуфтан бори хар аст.

1. — Як бор гуфтам, ки дар хона меҳмон ҳаст; даромадан мумкин нест, **«ғапи бисьёр ба хар бор»** гуфтаанд, агар рӯзи бозор дастат нарасад, кадом вақт ки фурсат ёфтӣ, омада мегирӣ.

Садриддин Айнӣ

2. Бобо Шукур баёноти дуру дарозро табиатан дӯст намедорад. **«Ғапи бисьёр ба хар бор»** мегӯяд ӯ.

Абдусалом Деҳотӣ

ш о р а:

Ранҷу бешӣ ба якдигар бошад,
Гуфтани беш бори хар бошад.

Авҳадии Марағӣ

ҒАПИ ДЕВ ЗАДАМ, ДЕВ РАСИД.

мук. Номаша ғиру гӯшаша каш!

ҒАПИ НАҒЗ МОРРО АЗ ХОНААШ МЕБАРОРАД.

инг. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

Боз ба роҳи шайтон даромада, ягон тарсакӣ назанед, ки баъд ҳам аз онлаю ҳам аз мактаб дилхунук мешавад. **«Ғапи нағз морро аз хонааш мебарорад»** гуфтаанд.

Аз «Маориф ва маданият»

ҒАПИ РОСТРО АЗ БАЧА БИПУРС!

инг. Сухани ростро аз бача шунав!

ҒАПИ РОСТ ТАЛХ МЕШАВАД.

инг. Сухани рост талх мебошад.

н а з и р:

1. Туро гуфтори ман имрӯз панд аст,
Чу май талх аст, лекин судманд аст.

Фахриддини Гургонӣ

2. Гарчи гурш асту талх гуфтани ҳақ,
Шӯрбахтист ҳам нуҳуфтани ҳақ.

Авҳадии Марағӣ

ГАПИ ХОНА БА БОЗОР (КӮЧА) РОСТ НАМЕОЯД.

ниг. Сухани хона ба бозор рост намеояд.

1. **«Гапи хона ба кӯча рост намеояд»** гуфтагӣ барои ин кампирон хабар надоштанд, ки дар беруни хавлишон чӣ гапхо хаст.

Хаким Карим

2. — Чӯи калонро бо чӣ мекобед? Бо даст? Бо даст ин кор дар як сол хам тамом намешавад.

— Район экскаватор медиҳад.

— Дар сандалӣ шишта, нақш кашидан осон. Аммо, **«гапи хона ба бозор рост намеояд».**

Сотим Улугзода

ГАП ПУРСУ ҶАВОБ ШУНАВ!

ниг. Гап зану муомила шунав!

— Аз ин одам **«гап пурсу ҷавоб шунав!»**

Садриддин Айнӣ

ГАП (ХАМ) ЯКТА — ХУДО (ХАМ) ЯКТА.

1. Қавли ваъда бояд собит ва қатъӣ бошад, 2. қасам ба хатман иҷро шудани қавл. Мук. Худо якта, гап якта.

1. Ба қавли худи шумо **«гап хам якта ю худо хам якта»** аст. Бекора овора шуда чонатонро накоҳонед.

Рахим Чалил

2. Дирӯз бегоҳӣ модари Назрия ин воқеаро ашкрезон ба ман гуфт ва илтимос кард, ки шуморо низ огоҳонам. Падари Назрия бошад, дар тараддуди ба чанголи тург фиристодани духтар аст, ба дод вою аламу хасрати модар нигоҳ накарда **«гап якта — худо якта»** мегуфтааст.

Боқӣ Рахимзода

ГАРАВ ДАР ДАСТИ ГОЗУР АСТ.

Вобастагии касе аз касе бо ин зарбулмасал хотиришон карда мешавад. Мук. Гозур гарави хеш ба дӯкон дорад.

Ҳак фаромӯш макун ба давлати нав,
З-он ки **«дар дасти гозур аст гарав».**

Абулмаъди Сонӣ

и ш о р а:

Гозур накунад ба музд таъчил,
Зеро ки гарав ба даст дорад.

Аз «Амсоли хикам»

ГАР АЗ ҲАР БОД ЧУН БЕДЕ БИЛАРЗӢ,
АГАР КӮҲЕ ШАВӢ, КОҲЕ НАЯРЗӢ.

Фахриддини Гургонӣ

ГАРАТ ГАНҶ БОЯД БА ТАН РАНҶ БАР,
КИ ДАР РАНҶИ ТАН ЕБӢ АЗ ГАНҶ БАР.

Асадии Тӯсӣ

мук. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

ГАРАТ НЕКӢ АЗ РӮИ КИРДОР НЕСТ,
НАКӮ ГӮЙӢ БОРЕ, КИ ДУШВОР НЕСТ.

Асадии Тӯсӣ

мук. Агар гӯй, накӯ гӯй, эй бародар, ки некӯгӯй бо нафъ асту бе зар.

ГАРАТ САД ҲУНАР БОШАДУ АЛБ ЯК,
САДАТ АЛБ ГИРАНД ҲАСУДУ ДАҒО.

Баҳор

мук. Ба айби аҳли ҳунар кӯшад он кӣ бехунар афтод.

ГАР БА ДАВЛАТ БИРАСӢ, МАСТ НАГАРДӢ, МАРДӢ.

Мард он аст, ки ба молу пули зиёди худ магрур нагашта, хоксорию фурӯтаниро аз даст надиҳад.

Бода пур хӯрдану хушёр нишастан саҳл аст,
«Гар ба давлат бирасӣ, маст нагардӣ, мардӣ».

Аз «Амсоли ҳикам»

н а з и р:

Ҳама кас дар меҳнат сабр кунад, аммо дар офият сабр накунад магар сиддиқе.

Аз «Кимиёи саодат»

ГАР БА ДАСТИ ТУ ҲАДАНГЕСТ, МАРО ҲАМ СИПАРЕСТ.

Ба каси ҳамлакунанда чун огоҳӣ дар бораи кобили муқобилият будани худ гуфта мешавад.

Ман ҳамин замон таъбири ҳар воқеа мустаъфӣ боз гӯям ва низ макидати он мудаббирон ба сирри ҳикмат дафъ кунам. **«Гар ба дасти ту ҳадангест, маро ҳам сипарест».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАР БА СУРАТ ОДАМӢ ИНСОН БУДӢ,
АҲМАДУ БӮҶАҲЛ ҲАМ ЯКСОН БУДӢ.

Ҷалолиддини Румӣ

мук. Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу абрӯ чӣ миёни нақши девору миёни одамият?

1. Чанд сурат? Охир, эй суратпараст,
Чони бемаънӣ аз сурат бираст.
«Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ,
Аҳмаду Бӯчаҳл ҳам яксон будӣ».

Ҷалолиддини Румӣ

2. Қ-эй басо иблиси одамрӯ, ки ҳаст,
Пас ба ҳар дасте набояд дод даст.
«Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ,
Аҳмаду Бӯчаҳл ҳам яксон будӣ».

Муҳаммадтақии Баҳор

ГАР БА ЧОРА ПИЗИШК БИТВОНАД,
МАРГ АЗ ХЕШТАН БИГАРДОНАД.

мук. Қал агар табиб будӣ, сари худ даво намудӣ.

Паҳлавонони синоҳ ва бузургони давлат аз бахри Хурмедшоҳ гирьёну нолон буданд. Ба Гулнор ва хоҳараш — Камарулмулк бар болини вай зорикунон буданд, то ғояте, ки ҳама дил аз вай бардоштанд, агарчи табибон ӯро илоҷ мекарданд ва ғизои мувофиқ — нахӯдоб медоданд, ҳеҷ суд намедошт. **«Гар ба чора пизишк битвонад, марг аз хештан бигардонад»...**

Аз «Самаки Аёр»

ГАР БИРЕЗАД МАЙ, НАРЕЗАД БӮИ МАЙ.

ниг. Мушк резад, бӯяш нарезад.

Тозагул будему дар ин хона хор,
Мӯътабар дар аслу нун беэътибор,
Хуш задаст ин достон деҳқони Чай.
«Гар бирезад май, нарезад бӯи май».

Алиакбари Деҳхудо

ГАР БУВАД ДАР МОТАМЕ САД НАВҲАГАР,
ОҲИ СОҲИБДАРДРО БОШАД АСАР.

ниг. Оҳи соҳибдардро бошад асар.

ГАР ГАДО КОҲИЛ БУВАД, ТАҚСИРИ СОҲИБХОНА ЧИСТ?

Ин зарбулмасал ба он эҳтиёчманди ноҳӯдабарое, ки матлаби худро аз касе рӯёнда наметавонад, чун сарзаниш ғуфта мешавад.

назир:

Ту чун гадои коҳили ҷоҳил нишастай,
Бар дар хамӯшу хонахудо аз ту бехабар.
Шайъан лиллоҳе бизан, ки барояд зи хона бонг,
Ё илоҳе бигӯ, ки кушоянд бар ту дар.

Хабиби Қоонӣ

ГАР ГУЛШАҚАР ХӮРӢ БА ТАҚАЛЛУФ, ЗИЁН ҚУНАД,
ГАР НОНИ ХУШК ДЕР ХӮРӢ, ГУЛШАҚАР БУВАД.

Саъдӣ

Хӯрок хӯрдан дар гуруснагӣ судманд аст.

ГАРДАНИ БЕТАМАЪ БАЛАНД БУВАД.

Каси бетамаъ забондарозу сарболо аст.

Дарвешеро шунидем, ки ба ғоре дарнишаста буд ва дар ба рӯи чаҳониён баста ва мулуку ағниёро дар чашми ҳиммати ӯ шавкату ҳайбат намонда.

Ҳар кӣ бар худ дари суол кушод,
То бимирад ниёзманд бувад.
Оз бигзору подшоҳӣ кун,
«Гардани бетамаъ баланд бувад».

Саъдии Шерозӣ

1. ГАРДАНИ НАРМРО ШАМШЕР НАҲОҲАД БУРИД.
2. ГАРДАНИ ҲАМРО ШАМШЕР НАМЕБУРАД.

Шахси хоксору фурӯтан ҳамеша осуда аст.

1. Паризодон аз ин гуфтаи Ҳотам завқе карда, қарибтар омаданд ва гуфтанд:

— Эй бечора, **«гардани нармро шамшер нахоҳад бурид»**. Моён туро дар гӯшаи боғ пинҳон кунем, агар завқи дидан дорӣ, маликаро аз гӯшаи ин боғ тамошо хоҳӣ кард.

Аз «Саргузашти Ҳотам»

2. — Лекин, Холакои азиз, табғӯлаи миёнбанд ҳамаро, ҳама вақт тарсондаю гурезонда наметавонад. Ҳама Петухов не,— сухани Холро бурид меҳмон.— Ҷояш мешавад, ки шердилию чуръат кор медиҳад. Ҷояш мебиёяд, ки ба қавли урфият **«Гардани хам,ро шамшер намебурад»**.

Раҳим Ҷалил

3. — Шумо заррае ҳам одамгарӣ надоштаед,— гуфт сардор,— Ё гапи сахт намезанад гуфта, тамоман аз худ рафтед? Ман ки гунах-

кор будам, **«гардани хамро шамшер намебурад»** гуфта сар хам карда истодам.

Аз «Хорпуштак»

назир:

Зи бод он дарахте наёбад газанд,
Ки аз хок сар барнаёрад баланд.

Низомии Ганҷавӣ

ГАР ДАР ҲАМА ШАҲР ЯК САРИ НЕШТАР АСТ,
ДАР ПОИ КАСЕ РАВАД, КИ ДАРВЕШТАР АСТ.

Саъдӣ

мук. Камбағалро аз болои уштур саг мегазад.

ГАР ДАСТАИ ГУЛ НАЁЯД АЗ МО,
ҲАМ ҲЕЗУМ (ҲИМА)-И ДЕГРО БИШОЕМ.

Санойӣ

Агар гуфтанӣ бошанд, ки мо ҳочати муҳимеро бароварда натавонем ҳам, аз ӯҳдаи баровардани ҳочати дигаре хоҳем омад, ин зарбулмасалро эрод менамоянд.

1. Бошад ки рӯзе ҳам дар домани хатти бандагиро тавонем ёфт ва худро дар чумлаи авсоти ишон иртиботе бодиҳ овард. **«Гар дастаи гул наёяд аз мо, ҳам ҳимаи дегро бишоем».**

Аз «Марзбоннома»

2. Ва ҳеч хидматгор агарчи фурӯмоя бошад, аз дафъи мазаррате ва ҷалби манфиате холӣ намонад ва он чӯби хушки ба роҳ афганда охир ба кор ояд ва аз он ҳилоле кунанд ё гӯш хоранд ва ҳайвоне, ки дар ӯ нафъу зарар ва хайру шар бошад, чигуна бе иктифоъ шояд гуфт? **«Гар дастаи гул наёяд аз мо, ҳам ҳимаи дегро бишоем».**

Аз «Калила ва Димна»

3. Чун чӯби хушк, ки ба хорӣ бар раҳгузар афтода имкон дорад, ки рӯзе ба кор ояд ва агар хечро нашояд, шояд ки аз вай хилоле расонад ё гӯшро ба сабаби вай аз васас бипардозанд. **«Гар дастаи гул наёяд аз мо, ҳам ҳезуми дегро бишоем».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАР ЕР АҲЛ АСТ, КОР САҲЛ АСТ.

ниг. Агар ёр аҳл аст, кор саҳл аст.

Гар ноз кашӣ зи ёр саҳл аст,
«Гар ёр аҳл аст, кор саҳл аст».

Авҳадии Козарунӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

ГАР ЗАБОНИ ТУ РОЗДОР БУВАД,
ТЕҒРО БО САРАТ ЧӢ КОР БУВАД?

Агар сирри худ ва сирри дигаронро сахт нигох дорй, ту аз ҳар осеб эмин.

Чандон ки рикобдор изтироб намуд, муфид наяфтод ва ба снёсати султонй гирифтор шуда, сар дар сари ифшои сир кард. **«Гар забони ту роздор бувад, тегро бо сарат чй кор бувад?»**

Аз «Анвори Суҳайлй»

ГАР ЗАРУРАТ БУВАД, РАВО БОШАД,
БЕ ЗАРУРАТ ЧУНИН ХАТО БОШАД

Аттор

Агар эҳтиёч, мачбурият ба пеш ояд, ба одату ойин истисно кардан мумкин аст. Мук. Зарур бошад, раво бошад.

1. — Мо дар мадраса кам хонда бошем ҳам, шариатро медонем,— гуфт мутаваллй,— шариат ҳамеша дар вақтҳои зарурат аз қоидаҳои худ истисно мекунад. Чунончи, дар «Чоркитоб» дар мавриде гуфта шудааст, ки **«гар зарурат бувад, раво бошад».**

Садриддин Айнй

2. Холамулло, гӯр савдои бемаҳалли мардакам шавад, мисли китобхонй бурида шуд. Айб накунед-дия! — узр хост Бизумрат.

— Хеч вокеае не,— гуфт Бибихалифа,— **«гар зарурат бувад, раво бошад!»**

Абдусалом Деҳотй

ГАР ЗИ ОИНУ КЕШ БАРГАРДӢ
БЕХ, КИ АЗ ҚАВЛИ ХЕШ БАРГАРДӢ.

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

Аз қавли худ баргаштан ниҳоят бад аст. мук. Ваъда додй вафо кун, қавл додй ичро кун!

Бозоргон гуфт: Чону моли ман фидои ту бод. Ман ангор кунам, ки он дуздон маро куштанд ва ин чавоҳирро ба ғорат бурданд. Ҳама бар ту ҳалол асту бар ман ҳаром ва ман зиндакардан туам ва ҳарфе гуфтаам, аз гуфта ва қавли худ баргардам. **«Гар зи оину кеш баргардӣ бех, ки аз қавли хеш баргардӣ».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

ГАР ЗИ ҲАФТ ОСМОН ГАЗАНД ОЯД,
РОСТ БАР УЗВИ МУСТАМАНД ОЯД.

Саъдй

ниг. Камбағалро аз болои уштур саг мегазад.

ГАР З-ОН КИ ХАЗОР КАЪБА ОБОД КУНӢ
БЕХ З-ОН НАБУВАД, КИ ХОТИРЕ ШОД КУНӢ.

Абӯсаиди Абулхайр

мук. Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст.

ГАР ИШҚИ ҲАРАМ БОШАД, САҲЛ АСТ БИЕБОНҲО.

мук. Сафар дароз набошад ба пои толиби дӯст.

ГАР КАСЕ БОР КАШАД, БОРИ НИГОРЕ БОРЕ.

мук. Хок бардорӣ, аз тӯдан калон бардор!

Асас бихандиду гуфт: Аҳсанта, дузд чунин бояд, ки барои харе, ки чандин посбон дорад, чон ба манчаниқи бало нихад ва чихати шишае, ки дах аз он ба донге фурӯшанд, худро дар хатар андозад. «Ба зар нахаридай чонро, аз он кадраш намедонӣ». Иртиқоби чунин мухотараҳо агар чихати хазинаи Рой мекардӣ, он замон акл туро маъзур медошт. **«Гар касе бор кашад, бори нигоре боре»**.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАР НАБОШАД БИМИ МУРДАН, ЗИНДАГӢ ДУШВОР НЕСТ.

Ваҳиди Қазвинӣ (Аз «Адвиаи ҷиҳон»)

ГАР НАБУДӢ ЧӮБИ ТАР, ФАРМОН НАБУРДӢ ГОВУ ХАР.

мук. Аз банд гирад бадандеш панд.

ГАР НАХОҲӢ, КИ БАР ТУ ХАНДАД ХАР,
НАЗДИ ГАВҲАРШИНОС БАР ГАВҲАР!

Корро ба кордон ва аҳли хирад бисупор!

«Гар нахоҳӣ, ки бар ту хандад хар,
Назди гавҳаршинос бар гавҳар»!
Дасти гавҳаршинос беҳ донад,
Чун кафи пой бар садаф ронад.

Абулмаҷди Синой

ГАР НОМА РАД КУНАНД, ГУНОҲИ РАСУЛ НЕСТ.

мук. Бар гӯянда беш аз гуфтор нест, чун шунаванда харидор нест, чон озор нест.

Гӯяндаро чӣ ғам, ки насиҳат қабул нест,
«Гар нома рад кунанд, гуноҳи расул нест».

Саъдии Шерозӣ

ГАР САБР КУНӢ ЗИ ҒӮРА ҲАЛВО СОЗӢ.

ниг. Сабр куни, аз ғӯра ҳалво мепазад.

Гар сабр куний ба корхо наштобй
Рўзе онд зи гўра халво созй.

Аз «Фарҳанги авом»

ишора:

— **Гар сабр куний, зи гўра халво созам,**— мегуфт устод Айний.— Аввали ҳар кор душвор аст, ин сахтиҳо муваққатианд, гузашта мераванд ва мову шумо бо ҳосили меҳнати худ халвову гўшту равған мехўрем. Умри айёми сахтй кўтоҳ аст.

Ҳасан Ирфон

ГАР САНГ ҲАМА ЛАЪЛИ БАДАХШОН БУДЙ, ПАС ҚИМАТИ САНГУ ЛАЪЛ ЯКСОН БУДЙ.

мук. Агар ҳама шаб қадр будй, шаби кадр бекадр будй.

«Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будй,
Пас қимати сангу лаъл яксон будй».
Гар дар ҳама чоҳе оби ҳайвон будй,
Дарьёфтанаш бар ҳама осон будй.

Саъдии Шерозй

ГАР САР БОЯДАТ СИРРО НИГАҲ ДОР!

ниг. Агар сар боядат, сирро нигаҳ дор!

Ва агар билфарз муниҳии душман ин чо набошад, шояд ки ҳар як аз ҳозиронро дўстею рафике бошад ва юмкин ки аз ишон хабари ин мачлис ва шарҳи суханони гузашта батафсил бозпурсад ва андак замонеро камоҳии тадбирот дар афвоҳу алсина афтода, ба гўши дўсту душман расад ва аз ин чост, ки дар пўшидани асрор муболиға кардаанд: «Чй зебо гуфтааст он марди ҳушьёр, ки **«гар сар боядат сирро нигаҳ дор!»**

Аз «Анвори Суҳайлй»

ГАР САРВ БИРАФТ, НОРВАН ҲАСТ, В-АР ЛОЛА НАМОНД, ЕСУМАН ҲАСТ.

мук. Сари зулфи ту набошад, сари зулфи дигаре.

Вазир чавоб дод: Маликро аз чиҳати як зан чандин фикрат ба замири муборак роҳ набояд дод, то аз таматтўи сўҳбати хидматгорони дигар, ки дар сарои ҳараманд, бознамонад. **«Гар сарв бирафт, норван ҳаст, в-ар лола намонд, ёсуман ҳаст».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

ГАР ТУ ШАВӢ АЗ ҲАМА ХЕШОН БУЗУРГ,
ДАР РАМАИ ХЕШ ШУБОН ШАВ, НА ГУРГ!

Хусрави Деҳлавӣ

мук. Гӯсфанд аз барои чӯпон нест, балки чӯпон барои хидмати ӯст.

ГАР ХОР КОРӢ, СУМАН НАМЕДАРАВӢ.

Агар бад кунӣ, хубӣ намебинӣ.

Ҳаминат писанд аст, агар бишнавӣ,
Ки **«гар хор корӣ, суман надравӣ»**.

Саъдии Шерозӣ

ГАРЧИ ҚАЖДУМ ЗИ НЕШ БИГЗОЯД,
ДОРУЕРО ҲАМАТ БА ҚОР ОЯД.

Саноӣ

мук. Мор агар заҳр дорад, подзаҳр ҳам дорад, занбӯр агар неш дорад, нӯш ҳам дорад.

ГАРЧИ РАСАН ДАРОЗ, САРАШ ҲАМ БА ЧАНБАР АСТ.

мук. Расанро гузар бар чанбар аст.

Овезад он касе ки гурезад зи меҳри ту,
«Гарчи расан дароз, сараш ҳам ба чанбар аст».

Абдулмаликии Муизӣ

ГАРЧИ ТИР АЗ КАМОН ҲАМЕГУЗАРАД,
АЗ ҚАМОНДОР БИНАД АҲЛИ ХИРАД.

1. Натичаи неки ичрои корҳо вобаста ба корфармо аст. 2. аз коркуни корфармо муҳимтар аст. Ниг. Дар Бухоро табарзан як тангаю иччобизан дах танга.

назир:

Чокарат гар бад асту гар бад нест,
Баду некаш зи туст, аз х(в)ад нест.
Чокари марди бад накӯ набувад,
Лаби холӣ чу аз сабӯ набувад.
Ҳаст дар дасти ту чу теғу чу най,
Ту задӣ, айби худ манеҳ бар вай.

Абулмаъди Саноӣ

ГАР ШУМАРӢ ДӮСТ КАСЕРО ШУМОР,
К-Ӯ БУВАД АНДАР ҒАМУ ШОДӢ-Т ЁР.

Хусрави Деҳлавӣ

мук. Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст, дар парешончҳолию дармондагӣ.

Мутаввака гуфт. Метарсам, ки агар кушодани укдаҳои ман оғоз кунӣ, малул шавӣ ва баъзе ёрони ман дар банд монанд. Ва чун ман баста бошам, ҳарчанд малоли ту ба камол расида бошад, чониби ман фурӯ нахоҳӣ гузошт ва аз замири худ дар эҳмоли начоти ман рухсат нахоҳӣ ёфт ва низ дар ҳангоми бало бо якдигар ширкат дошта ем, дар вақти халосу фароғат низ мувофиқат намудан маҳзи мурувват хоҳад буд. **«Гар шумарӣ дӯст касеро шумор, к-ӯ бувад андар ғаму шодӣ-т ёр».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАР ҲАМЕ ХОҲӢ САЛОМАТ АЗ ЗАРАР,
ЧАШМ З-АВВАЛ БАНДУ ПОЁНРО НИГАР!

Румӣ

Агар хоҳӣ, ки дар коре зарар набинӣ, оқибати неку бади онро андеша намуда, сипас ба ичрои он бикӯш! Мук. Марди охирбин муборак бандаест.

ГАР ҲУНАРЕ ДОРИЮ ҲАФТОД АЙБ,
ДӮСТ НАБИНАД БА ҶУЗ ОН ЯК ҲУНАР.

Дӯст ба дӯст айбчӯӣ намекунад, ба ҳаман айбҳои дӯсти худ чашм пӯшида, хислатҳои неки онро ба назар мегирад.

1. Чашми бадандеш, ки барканда бод,
Айб намояд ҳунараш дар назар.
**«Гар ҳунаре дорию ҳафтод айб,
Дӯст набинад ба ҷуз он як ҳунар».**

Саъдии Шерозӣ

2. Ва ман бехуда ин ҳама ранҷ бар худ ниҳодам ва хешро дар чандин бало афкандам. Салоҳ он аст, ки ҳоло боре айш бар ишон мунаққас нагардонам ва обрӯи ӯ пеши марди бегона бар ҳоки мазаллат нарезам, ки ин амал аз рӯи лаҳву саҳв мекунад, на ба қасду амд. Маро назар бар ҳунари ӯ бояд дошт ва дида аз айби ӯ фурӯ бояд баст. **«Гар ҳунаре дорию ҳафтод айб, дӯст набинад магар он як ҳунар».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГАР ҶОН-Т БА ҚОР АСТ, НИГАҲ ДОР ЗАБОНРО!

мук. Забони сурх сари сабз медиҳад барбод.

Чон асту забон асту забон душмани чон аст,
«Гар чон-т ба кор аст, нигаҳ дор забонро».

Масъуди Саъди Салмон

1. ГАҲЕ ЗИН БА ПУШТУ ГАҲЕ ПУШТ БА ЗИН,
2. ГАҲЕ ПУШТ БАР ЗИН, ГАҲЕ ЗИН БА ПУШТ.

1. Зиндагонии одам ҳамеша орому осуда намегузарад, 2. замона доим як хел гардиш намекунад. Муқ. Не ҳама сол кор ҳамвор аст, не ба ҳар вақт ҳол яксон аст.

1. Чунин аст расми сарои дурушт,
«Гаҳе пушт бар зин, гаҳе зин ба пушт».

Абулқосими Фирдавсӣ

назир:

1. Ба яксон нагардад сипеҳри баланд,
Гаҳе шод дорад, гаҳе мустаманд.
Ту дилро бад-ин кор хаста мадор,
Равонро бад-ин банд баста мадор.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Дигарбора чавобаш дод Ромин,
Бад-ӯ гуфт: Эй баҳори Барбару Чин,
Ҷаҳон чун осиёи гирдгард аст,
Ки додораш чунин гардонда кардаст.
Намонад ҳоли ӯ ҳаргиз ба як сон,
Гаҳе озор бошад, гаҳ эмистон.

Фахриддини Гургонӣ

ГИРАМ, ПАДАРИ ТУ БУД ФОЗИЛ, АЗ ФАЗЛИ ПАДАР ТУРО ЧӢ ҲОСИЛ?

Ҳар кас бояд бар ҳунару дониш ва истеъдоди худ биболад, на бар хешу табори худ.

1. Вай дигар пеши худ хаёл кардааст, ки ин ҳаракатҳо мекунад, ки ман аз насли Исфандиёрам — Рӯинтанам. **«Гирам, падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?»** Ин хаёлҳо дар пеши худ кардааст, ки ин ҳаракатҳо мекунад.

Аз «Искандарнома» II

2. — Рост мегӯед, мулло не, бало! — гуфт саҳҳоф. Дирӯз оятеро ба ҷамоате маънидод мекард. Қасам ба ҷонатон, аз шарм замин накафид, ки дароям. Аз пушти ҳазрати қиблагоҳиаш мепарад... **«Гирам падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?»**

Раҳим Ҷалил

назир:

1. Чӣ суд чун ҳаме зи ту ганд ояд,
Гар ту ба ном Аҳмади Атторӣ.

Фазли падар туро надиҳад нафъе,
Ту чун ки гарди хеш намехорӣ.

Носири Хисрав

2. Ҳар писар, к-ӯ аз падар лофад на аз фазлу ҳунар,
Филмасал гар дидаро мардум бувад, номардум аст.
Шохи бебар гарчи бошад аз дарахти мевадор,
Чун наёрад мева бар андар шумор ҳезум аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ

ГИРДИ НОМИ ПАДАР ЧӢ МЕГАРДӢ? ПАДАРИ ХЕШ ШАВ, АГАР МАРДӢ!

Саъдӣ

мук. Гирам, падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?

— **«Гирди номи падар чӣ мегардӣ? Падари хеш шав, агар мардӣ!»** гуфтаанд. Аммо ин сухани пурҳикматро бисьёр одамҳо ба назар намегиранд. Аз болои насаб фахр кардан кори аҳмақон аст.

Садриддин Айнӣ

2. Аз пушти ҳазрати киблагоҳаш мепарад... «Гирам падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?»

— Бах-бах, чи хуш гуфтааст! — сар чунбонид Асирӣ ва нлова намуд.— Дар ин маънӣ ҳазрати Саъдӣ низ хуб фармуда: **«Гирди номи падар чӣ мегардӣ? Падари хеш бош, агар мардӣ!»**

Раҳим Ҷалил

ГИРДИ РОН БА ГАРДАН АСТ.

мук. Ҳаст паҳлӯи гирди рон гардан. (Ишора ба он аст, ки кассоб ронро бо ҳамроҳии гардан мефурӯшад).

1. Гуфтам, эй чон, аз пан як васл чандин ҳачр чист?
Гуфт: Ман қассобам, ин ҷо **«гирди рон бо гардан аст»**.

Абулмаъонди Санойӣ

2. Чун қафо дидӣ сафоро ҳам бубин!
«Гирдрон бо гардан омад», эй амин!

Ҷалолиддини Румӣ

ишора:

1. Дар сафар бе хатар футӯҳ нест,
Ҳаст паҳлуи гирди рон гардан.

Ибни Ямин

2. Ҳар кас, ки ба гирди рон барад даст,
Дар пахлуи он-ш гардане хаст.

Абдурахмони Ҷомӣ

ГИРЬЯ БАР ҲАР ДАРДИ БЕДАРМОН ДАВОСТ.

Гирья ғами дилро сабук мекунад.

Чун худо хохад ба ман ёрӣ диҳад,
Майли банда ҷониби зорӣ диҳад.
«Гирья бар ҳар дарди бедармон давост»,
Чашми гирьён чашмаи файзи худост.

Ҷалолиддини Румӣ

назир:

Касеро, ки дар дил бувад дарду ғам,
Гиристанш дармон бувад лоҷарам.

Абулқосими Фирдавсӣ

ГИРЬЯ ДОМИ ЗАН АСТ.

Занон бо гирья ба дили мардон таъсир карда, мақсади худро ба даст меоваранд.

Зан чу дид ӯро, ки тунду тавсан аст,
Гашт гирьён, **«гирья худ доми зан аст».**

Ҷалолиддини Румӣ

ГИРЬЯИ БА ҲАНГОМ (БАВАҚТ, БАМАВҚЕЪ) БЕҲ АЗ ҲАНДАИ БЕВАҚТ (БЕМАВҚЕЪ).

ниг. Ҳар кор ба вақту соаташ.

Бо писар инчунин масал зад Сом:
«Гирья беҳтар зи ханда беҳангом».
Гирьяи абр бину хандаи барқ,
Дарнигар то ки чист ин ҷо фарқ!
Абр аз он гирья неъмат андӯзад,
Барқ аз он ханда оташ афрӯзад.

Абулмаҷди Саноӣ

ишора:

Қайи номвар гуфт, к-эй мохрӯй,
На мардум бувад, ҳар кӣ наандешад ӯй.
Гиристан ба ҳангом бо сӯзу дард
Беҳ аз хандан нобаҳангоми сард.

Асадии Тӯсӣ

ГИРЬЯИ ЗАН ДАР ОСТИНАШ

Ба андак озоре занон гирьён мешаванд.

— Исто, Амиркул, ҳозир не, баъд! — мегуфт **занак. У** аз **бағали** Амиркул часта, дуртар нишаста ва ба гиристан сар кард. Гирьяаш рост буд ё дурўғ, вале мувофиқи зарбулмасали **«гирьяи зан дар остинаш»** дар воқеъ чашмони ў тар шуданд.— Ман туро нағз дидам, Амиркул,— суханашро давом дод Лутфия.

Сотим Улуғзода

1. ГАВ БИКУШ, ГУНҶИШК ЧИСТ.
2. ГОВ БИКУШ, ГУНҶИШК ҲАЗОРАШ ЯК МАН АСТ.

Агар коре мекунй, кори бузург бикун, бо ҳиммати баланд ба корҳо даст бизан! Мук. Пийҳ андар шиками гунҷишк набошад, андар шиками гов гирд ояд.

ш о р а:

1. Пийҳ андар гунҷишк набошад, андар шиками гов гирд ояд.

Аз «Таърихи Систон»

2. Гарат пийҳ бояд, бикуш гови дех,
Ки гунҷишкро дар шикам нест пийҳ.

Адиби Пешоварй

ГОВ БИМИРАД ҲАМ, АЛОИИ ЧАШМАШ НАМЕРАВАД.

Харис ҳаргиз аз чамъ гардидани пулу мол қонеъ намегардад.

— **«Гов бимирад ҳам, алоии чашмаш намеравад»** гуфтанд, ин ҳирс аст! Ҳамин ҳирс буд, ки ба қозикалон ин қадар чизҳоро чамъ кунонд.

Садриддин Айнй

н а з и р:

Ҳирс аст, ки чумларо ба дом андозад,
В-андар талаби моли ҳаром андозад.
Ҳирс аст, ки чумла халқро з-осоиш
Боз ораду дар ранчи мудом андозад.

Аз «Анвори Суҳайлй»

ГОВИ БЕШИР ОВОЗИ БАЛАНД ДОРАД.

Одами бемаҳсул, бемаънй ва ҳавобаланд бештар мағал, дағдаға, лофу газоф дорад. Мук. Ҳар чй бемағзу миёнтиҳй аст, бонгаш бештар аст.

1. Меҳнатгурезу танбал дорад чунин характер,
Бӯҳтон занад ба ҳар кас, каччу килеб тозад,
Гӯянд: **«Гови бешир бошад баландовоз»,**
Коре накарда фарьёд созад, ба худ бинозад.

Суҳайли Чавҳаризода

2. Баъди дамгирӣ Каромат бо Фотима ном ҳамкораш машварат мекард. Рафоат аз маишат оиҳо хичолат кашид: «Вай то кай ба интизом рион намекунад, ҳам худаш кор намекунад, ҳам дигаронро аз кор бозмедорад,—гуфта худ ба худ ба назди кари Каромат омада: **«Гови бешир овози баланд дорад»** мегӯянд,— киноямез нидо кард ӯ,— шарм намекунӣ магар?

Аз «Занони Тоҷикистон»

назир:

Обдонро бин, ки то холист бардорад хурӯш,
Чунки пур шуд, нашнавад кас наъраву гавғои ӯ.
Оре, оре, ҳар кӣ нодонтар баландовозтар,
В-он кӣ фазлаш бештар, кӯтоҳтар овои ӯ.

Муҳаммадтақии Баҳор

ГОВИ НОДОН АЗ ПАҲЛӮИ ХУД МЕХӮРАД.

Одами нодон ҳамеша ба зарари худ кор мекунад.

1. Дареғ оядам, к-ин чунин ёлу суфт,
Ҳаме аз палангон бибояд нуҳуфт.
Набошӣ бас эмин ба бозӯи хеш,
«Хӯрад гови нодон зи паҳлӯи хеш».

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Ҳамон беҳтар аст, ки ба ҷониби Тӯрон рух орӣ ва бирави ва магрур ба бозуи хеш нашавӣ ва дониӣ, ки **«гови нодон аз паҳлӯи худ мехӯрад».**

Аз «Баҳр-ут-таворих»

ГОВИ ПИР КУНҶОРА ХОБ МЕБИНАД.

Дар сарзаниши орзуи ширину баландпарвози беасоси касе гуфта мешавад, инг. Ташна дар хоб об мебинад.

— Маро мекуши, Хокимияти Советиро кушта наметавонӣ-ку! Ман танҳо нестам. Дӯстони ман хуни маро аз ту мегиранд.

— Баъд аз ду-се мох Хокимияти Советиро несту нобуд мекунем....

— «Гови пир кунҷора хоб мебинад», фаҳмидӣ?

Аз «Тоҷикистон»

ГОВИ РИХИН ҲАМА ГОВОНРО БИЁЛОЯД.

ниг. Гӯсолаи рихин подаро меолоёнад.

ишора:

1. Яке олудае бошад, ки шаҳреро биёлояд,
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рихан.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

2. Чу аз қавме яке бедоништ кард,
На кеҳро манзалат монад, на меҳро.
Шунидастӣ, ки гове дар алафхор
Биёлояд ҳама говони деҳро.

Саъдии Шерозӣ

ГОВ, КИ ФАРБЕҲ ШУД, ХОК БАР САР МЕКУНАД.

мук. Саг, ки сер шуд, саркаш мешавад.

ГОВ ЛАВЗИНА НАДОНАД, ЛАВЗИНА ГИЕШ ГУВОРАД.

мук. Хар чӣ донад лаззати қанду набот?

ишора:

Говро гарчи гиё нест чу лавзинаи тар,
Бигуворад ба ҳама ҳол зи лавзина гиёш.

Носири Хисрав

ГОВОНУ ХАРОНИ БОРБАРДОР
БЕХ З-ОДАМИЕНИ МАРДУМОЗОР.

Саъдӣ

Мардумозор аз ҳайвон ҳам бадтар аст, ба касе озоре расонидан сифати одамӣ намебошад.

— Як бозори тез бошад, ки кас ҳаман ин молҳои дупоро рама карда, бурда фурӯшаду моли чорпо харад! — мегуфт вай мувофиқи мазмуни ин байти Саъдӣ: **«Говону харони борбардор бех з-одамиёни мардумозор».**

Абдусалом Деҳотӣ

ГОВ ГӮСФАНД БО ХӮРДАН ФАРБЕҲ МЕШАВАНД.

Майли дигар нахӯрдани хӯрокеро бо ин мақол изҳор мекунанд ва ё чун сарзаниш ба каси пурхӯр гуфта мешавад.

Ӯ гуфт: Ман пештар дар ҳар шабонарӯз чанд бор казию палав, тушбераю мурғбирьён, барракабобу бодимчон мехӯрдам: акнун аз он хонадонҳое, ки ман пештар ин чизҳоро аз он чойҳо мехӯрдам, ҳар-

чанд бойтар шуда бошанд ҳам, баракаашон паридааст. Дерест, к
ман аз он чоҳо лаб тар накардаам, **«гову гӯсфанд бо хӯрдан фарбе
мешаванд»** гуфтаанд.

Садриддин Айн

ГОЗУР ГАРАВИ ХЕШ БА ДӮКОН ДОРАД.

ниг. **Гарав** дар дасти гозур аст.

Рахтҳое, ки аз гозур бозситонед
Шиби чома ба учрат раҳо мекунед,
То ки мисраъ бар шумо нахонанд.
«Гозур гарави хеш ба дӯкон дорад».

Кории Ядӣ

1. ГОЗУР, ҚИ БА КОРИ ХУД ТАМОМ АСТ,
БЕҲТАР ЗИ ҲАРИРБОФИ ХОМ АСТ.

Хусравии Деҳлавӣ

2. ГОЗУРӢ АЗ БАҲРИ ЧӢ ДАЪВО ҚУНӢ,
ЧУНК НАШӮӢ ХУД ДАСТОРИ ХЕШ?

Носири Хисрав

Ба касе, ки аз ӯҳдаи ичрои коре набаромада, даъвои ичрои кор
бузурге мекунад, чун сарзанишгуфта мешавад. мук. Полонгарие бо
ғояти ҳад бехтар зи кулоҳдӯзии бад.

ГОҲ БОШАД, ҚИ КӮДАКИ НОДОН
БА ҒАЛАТ БАР ҲАДАФ ЗАНАД ТИРЕ.

Коре, ки аз ичрои он оқил оҷиз мондааст, гоҳо тифли нодон та-
содуфан анҷом медиҳад. ниг. ба ҳикоят ни зарбулмасал.

Гаҳ бувад, к-аз ҳакими равшанрой
Барнаёяд дуруст тадбире.
**«Гоҳ бошад, ки кӯдаки нодон
Ба ғалат бар ҳадаф занад тире».**

Саъдии Шерозӣ

ГОҲЕ БА АДО, ГОҲЕ БА УСУЛ, ГОҲЕ БА ХУДО, ГОҲЕ БА
РАСУЛ.

ниг. Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул.

ГОҲЕ НАВБАТИ ТЕҒ АСТУ ГОҲЕ НАВБАТИ СОҒАР.

Масъуди Саъди Салмон

ниг. Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул.

ГОҲ НАҒМАЮ УСУЛ, ГОҲ ХУДОЮ РАСУЛ.

ниг. Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул.

ГОҲ ХУДОВУ РАСУЛ, ГОҲ НАҒМАВУ УСУЛ.

ниг. Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул.

— Гапатон дуруст,— гуфт оқсақол ба элликбошӣ,— лекин шабу рӯз пурсуков, шабу рӯз ҷанҷолшунавӣ ҳам ба дилҳо зад: **«Гоҳ худову расул, гоҳ нағмаву усул»** гуфтаанд. Нағмаву усул-ку надорем, лоақал чорта чақ-чақ ҳам накунем-мӣ?

Ҳасан Ирфон

ГОҲ ҒАМЗАЮ УСУЛ, ГОҲ ХУДОЮ РАСУЛ.

1. Гоҳ кору гоҳ хурсандӣ, 2. ичрои ҳар кор дар мавқеаш хуб аст.

— Таксир,— гуфт шахси садриншин ба имом,— айб нафармоеддин. **«Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худову расуд»** гуфтаанд, мо шабу рӯз дар роҳи дини ислом чиҳод мекунем, гоҳ базме тартиб дода, димоғро чоқ накунем, намешавад.

Садриддин Айнӣ

ГУВОҲИ ОШИҚИ СОДИҚ ДАР ОСТИН БОШАД.

Ошиқро аз зоҳир маълум аст.

1. Маро дилест, ки бо дард ҳамнишин бошад,
Диле, ки зи кас панд нашнавад, чунин бошад.
«Гувоҳи ошиқи содиқ дар остин бошад».

Имоди Кирмонӣ

2. Нисбат дуруст кунад гирьяҳо ба зории мо,
Ҳамин бас аст пас аз марг хайри чории мо.
Зи ашки чашми тарам саф шуд аён ин масал:
«Гувоҳ ошиқи содиқ дар остин бошад».

Мазҳар (Аз «Гулистони маорифат»)

3. Ба роҳи сидқ агар дасти ман шикаст чӣ бок?
Қасе, ки ошиқи содиқ бувад, чунин бошад.
Гувоҳи ман бувад акнун дар остин, оре,
«Гувоҳи ошиқи содиқ дар остин бошад».

Аз «Амсоли ҳикам»

ишора:

1. Диле дорам зи ҳичрони ту пурдард,
Гуво дорам бар ӯ ду гунаи зард.
Агар пеши ту бигзорам гувоён,
Биёрам бо гувоён ошноён.

Фахриддини Гургонӣ

2. Ду кас хоҳад гувоҳон ҳокими шаръ,
Гувоҳи ишк мижгони тари мост.

Қутбиддини Яшй

ГУЗАРАД СОЛИ КАХТӢ (КИМАТӢ), МОНАД РЎ (ЛАБ)-И СЎХТАИ ХОҲАРАМ.

Сахтиҳо мегузарад, мушкилот рафъ мешавад, бадномй бароя он касоне мемонад, ки кӯмаки худро аз инёзмандон дареғ доштаанд.

Ҳайфи Мирбадал, ҳайфи мӯи сафед, садқаи одам шав, бояд болову поёни гапро гӯш карда, як маслиҳат диҳй, ки «на сих сӯзад, на кабоб». Ҳамин ҳам гап шуд, ки «духтарам комсомолка, ман зарбдор» ин гапҳо баъди ду-се рӯз мегузарад, **«гузарад соли қаҳтӣ, монад куни сӯхтаи хоҳарам»** гуфтагй барин ба ин давран давронии серӯза напар!

Баҳриддин Азиза

ГУЗАРИ РАСАН БАР ЧАНБАР АСТ.

ниг. Расанро гузар бар чанбар аст.

Бар комати банда з-ин ба хамтар бошад,
Бар пой ба сони чанбараш сар бошад,
Хам окибат аз зулфи ту бар х(в)ар бошад,
К-**«охир гузари расан ба чанбар бошад»**.

Камолиддини Исфаҳонй

и ш о р а:

Чун гузар бар чанбар омад ҷовидон,
Чанд даргирй расан гирди ҷаҳон?

Фаридаддини Аттор

1. ГУЗАШТА БАРГАШТ НАДОРАД,
2. ГУЗАШТАРО БОЗ НАТАВОН ОВАРД,
3. ГУЗАШТ, ОН ЧЙ ГУЗАШТ.

Аз «Таърихи Байҳақй»

1. Гузашта дигар барнамегардад, 2. ба гузашта афсӯс хӯрдан хато аст, фикри бехбудии ояндаро бояд кард. Мук. Замони гузашта наёяд ба бар. «Гузаштаро боз натавон овард» ва тадбири мустақбал аз муҳиммот аст. Акнун маро аз сари фузул бибояд бархост ва бинои кори худ ба камозорй ниҳод ва аз мазаллате, ки дар рох афтод, рӯй натофт.

Аз «Калила ва Димна»

2. Мор донист, ки **«гузаштаро боз натавон овард»** ба тадбири мустақбал, ки аз ҷумлаи муҳиммот буд, иштиғол намуду гуфт: Инзи куввати ҷавонй андак таҷрибаест, ки ҳосил кардаам ва ҷуз вай

тадбире, ки сарриштан он ба умри дароз ба даст оварда, бинои кор бар камозорй бояд ниход.

Аз «Анвори Суҳайлй»

назир:

1. Ҳаргиз наёмадааст наёяд гузашта боз,
Бар қавли ман гуво бас перору пори ман.

Носири Хисрав

2. Гузашта чу мурғест ҷаста зи дом,
Аз ӯ нест дар дасти ту ғайри ком.
Барояш на ғамгину на шод бош,
Ба куллй зи фикри вай озод бош!

Абдурахмони Ҷомй

3. Он ки-т зи даст рафт, наёяд боз
Кай рафтаро ба зорй боз орй?

Тарабй Шерозй

ГУЛ БЕ ХОР НАМЕШАВАД, (ГӮШТ БЕ УСТУХОН).

Ҳар чизи хуб чиҳати бади ҳам дорад ва билъакс. Мук. Ганчу моро гулу хору ғаму шодй ба ҳаманд.

— **«Гул бе хор намешавад, гӯшт бе устухон»** доятон садқа, ҳар кас як хулқу одат дорад. Усто ҳам одами зинда, албатта, дар зиндагй ин хел ҷанҷолу харашаш марду зан мешавад.

Фотеҳ Нидэй

ишора:

1. Бад-ӯ гуфт гӯянда, к-эй шахрнёр,
Ба манзил гуле нест бе ранчи хор.
Ҳамон марз то буд, бо ранҷ буд,
Зи бахри парокандани ганҷ буд.

Абулқосими Фирдавсй

2. Туро ҳар чо ки моҳе зери пардаст,
Агар рағбат намой акд кардаст.
Қами Гул гир, агар гул рехт аз бор,
Ки гар гул хаст холй нест аз хор.

Фаридаддини Аттор

3. Бе хор набошад ба ҷаҳон ҳеҷ гуле,
Ту он гули сурхй, ки надорй хоре.

Султон Валад

назир:

Агар бо ман нишиний айб набвад,
Ки доим хор дорад ҳамнишини гул.

Сайфи Фарғонӣ

ГУЛ БИРЕЗАД БА ВАҚТИ СЕРОБӢ.

Истеъмоли ҳар чиз ба андоза накӯ аст.

Мунтаҳои камол нуқсон аст,
«Гул бирезад ба вақти серобӣ».

Саъдии Шерозӣ

ГУЛ БИРЕЗАД, НАРЕЗАД АЗ ВАЙ БӮЙ.

иниг. Мушк резад, бӯяш нарезад.

ГУЛ БО ХОР АСТ.

мук. Ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд.

То синонаш зи адӯ гулгун шуд,
Гашт маълум, ки **«гул бо хор аст»**.

Асируддини Ахсикатӣ

ишора:

1. Бе шиддати фано набувад роҳати бақо,
Оре, шукуфта гул набувад бе ҳаланда хор.

Абдулвосеи Ҷабалӣ

2. Ҳар чо, ки ҳабибест, ба паҳлуш ракибест,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад.

Ҳилолии Ҷағатоӣ

ГУЛ БУД, БА САБЗА НИЗ ОРОСТА ШУД.

Амъақи Бухорой

Хуб буд боз хубтар шуд гуфтанӣ бошанд, ин афоризмро эрод менамоянд.

1. Алкашгина — **гандуми** пухтае, ки дар офтоб ниҳанд то турш шавад ва калоғпесаю чангаке ва чилғӯзаке дар он кунанд ва пиёзи хом ва соки турах дар он андозанд ва ин мисраъ бихонанд? **«Гул буд, ба сабза низ ороста шуд».**

Абдусаҳоқи Шерозӣ

2. Гуфтанд, ки ин чаҳор мисраъе аст, рубой низ мешавад гуфтан ва чанд гоҳ аз аҳли фазоил бар рубой машғул буданд ва хушохуш ба аснофи суханварӣ машғул шуданд. **«Гул буд, ба сабза низ ороста шуд».**

Аз «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ

ГУЛ ГУЛРО ДИДА МЕШУКУФАД.

ниг. Ангур аз ангур гирад ранг, ҳамсоя зи ҳамсоя панд.

ГУЛИ КОҒАЗИРО БА ШАБНАМ ЧӢ КОР?

Касе, ки аз чизе хатару харос дорад, набояд бо он кордор шавад.

Ҳамаи мардум мепӯшиданд ва мехурӯшиданд. Чун кайф месохт, баъзе тангҳавсалагонро ба корҳои ношоиста меандохт. «Тунукзарфро ёди май аблаҳ аст, **гули коғазиро ба шабнам чӣ кор?**»

Аз «Баҳр-ут-таворих»

ГУЛИ ҚОҒАЗӢ БӮ НАДОРАД (НАМЕДИҲАД).

мук. Аз фазлаи ҳайвон норинҷ тавон сохт, вале бӯ натавон кард.

ГУЛИ РОҲАТ БЕ ХОРИ ҶАФО НАРӮЯД.

мук. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

ГУЛИ ТАРАБ БЕ ХОРИ ТААБ НАТАВОН ЧИД ВА ДАРИ ГАНҶИ МУРОД ҶУЗ БА КАЛИДИ РАНҶ НАТАВОН КУШОД

мук. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

Сари марди баландҳиммат ба гӯшаву тӯша фурӯ наёяд ва то пояи баланд ба даст наёрад, аз пои талаб нанишинад. **«Гули тараб бе хори тааб натавон чид ва дари ганчи мурод чуз ба калиди ранч натавон кушод»** ва маро пои ҳиммат инон гирифта, ба сари кӯҳ хоҳад кашид ва аз гирдоби бало ва таҳаммули борҳои ано нахоҳам андешид.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГУЛ ПУШТУ РӮ НАДОРАД.

1. Чун қабули узр дар мавриде, ки касе ба касе бо пушт истода бошад, гуфта мешавад, 2. чизи хубу зебо дар ҳама ҳолат дилрабо аст. Мук. Шамъро пушту рӯ намебошад.

Ҷуз васф пеши рӯят дар пушти сар нагӯям
Рӯ кун, ба ҳар кӣ хоҳӣ, **«гул пушту рӯ надорад»**.

Сайидмуҳаммадҳусайни Шаҳриёр

ГУЛРО ҲАМНИШИН БОЯД БАҲОРЕ.

Ҳар касеро ҳамнишине мувофиқи ҳуд лозим аст.

Ба ҳар навъе ки ҳасту они ҳеш аст,
Худованд асту дар фармони ҳеш аст.
Маро бо он суманбар нест коре,
Ки **«гулро ҳамнишин бояд баҳоре»**.

Фаридаддини Аттор

ГУЛУ БУНАФША ҲАМА ҲАСТУ ЁР НЕСТ, ЧӢ СУД?

мук. Бӯстон ҳам бо дӯстон хуштар аст.

Пири деҳконро ба ҳар дарахте чандон пайванд буд, ки марги падару ғами фарзанд надошт ва рӯзгоре ба танҳоӣ дар он боғ мегузаронид. Ҳосил-ул-амр аз вақшати танҳоӣ ба танг омад ва аз даҳшати инфироду беёрӣ боғоят малул шуд. **«Гулу бунафша ҳама ҳасту ёр нест, чӣ суд?»**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ГУЛХАН БО ДОНО ГУЛШАН ШАВАД, ГУЛШАН БО БЕХИРАДОН ГУЛХАН ШАВАД.

Носири Хисрав

мук. Бо мӯҳ шинӣ, мӯҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

ГУЛ ХОҲӢ, АЗ ХОР МАЯНДЕШ (МАТАРС)!

мук. Ҳар киро товус бояд, чаври Ҳиндустон кашад.

Эй дил, зи чафои ёр м-андеш,
Дарнеҳ қадаму зи кор м-андеш!
Чӯяндаи дур зи ҷон натарсад,
«Гул металабӣ, зи хор м-андеш!»

Фаридаддини Аттор

ГУМОН АЗ ИМОН ҶУДО МЕКУНАД.

Шубҳа ё гумон одамро ба роҳи хато мебарад. Мук. Дузд яктою гумонбар садто.

Мардуми мо бехаёиро ба чое расонданд, ки агар ҳоким ё чаноби олӣ барои худ пешхидмате ё махрамбачае нигоҳ доранд, онҳоро ливотагар гуфта тӯҳмат карданд ва ҳол он ки ягон кори бади онҳоро медиданд ҳам, чашм пӯшида гузаштанашон даркор буд; дар китобҳо «ҳамли мӯъмин бар салоҳ» гуфтаанд, мардуми мо сухани китобро зери пой андохтанд, аз рӯи гумон калонони худро бадном кардаанд: **«Гумон аз имон чудо мекунад»** гуфтаанд, бинобар ин онҳо ҳамагӣ кофир шудаанд.

Садриддин Айнӣ

ГУМОН МУОЯНА БОШАД, ХАБАР ЧӢ СУД КУНАД?

мук. Таяммум ботил аст, он ҷо ки об аст.

Дар замони ғайбати ту маро ба ҳеч номахраме улфату сӯҳбат ва мучоласату мухолатат набудааст ва бар хилофи ризои ту қадаме наниҳодаам.

Кабки нар гуфт: Дар равшании офтоб ба нури чароғ ҳоҷат наёяд, **«Гумон муояна бошад, хабар чӣ суд кунад?»**

Аз «Синдбоднома»

ГУМОН ПЎШИДА ГАРДАД, ҲАР КУҶО ГАРДАД АЁН ПАЙДО.

Худиҳо маҳв гардад, гар ту аз рух парда бардорӣ,
«Гумон пўшида гардад, ҳар кучо гардад аён пайдо».

Назири Нишопурй

ГУНАҲ З-ОИНА НАБВАД, ГАР ТУ ЗИШТӢ Е НАКЎРЎЙ.

мук. Афтат хунук бошад, аз оина гила макун!

Бирав аз зиштии худ шиква кун, оинаро машкан,
«Гунаҳ з-оина набвад, гар ту зиштӣ ё накўрўй».

Собири Хамадонй

ГУНАҲИ ЯК ТАН ВАЙРОНИИ ЯК ШАҲР БУВАД.

ниг. Ба касофати як шум сўзад шаҳри Рум.

Рўзгор он чй тавонист бар он рўй бикард,
Ба ситам ҷойгаҳи бўсаи ман кард сиёҳ.
Ба гунаҳ рўй сияҳ гардаду савганд хўрам,
Қ-он бути ман ба ҳама умр накардаст гуноҳ.
Оразашро гунаху зиллати ҳамсоя бисўхт,
Хештан дошт кас аз зиллати ҳамсоя пигоҳ.
«Гунаҳи як тан вайронии як шаҳр бувад»,
Ин ман аз хоча шунидастам дар мачлиси шоҳ.

Абулҳасани Фаррухй

ГУНАҲ КАРД ДАР БАЛХ ОҲАНГАРЕ,
БА ШУШТАР ЗАДАНД ГАРДАНИ МИСГАРЕ.

мук. Дар сахро пахтаро шутур хўрду дар шаҳр гўши бофандаро буриданд.

и ш о р а:

Бувад довари ман чу хукми Садум,
Ҳамоно шунидастй он хукми шум,
Ки дар шаҳр хоин шуд оҳангаре,
Бизад кахрамон гардани дигаре.

Абулқосими Фирдавсй

ГУНАҲ КУНАНД ГОВОН,
КАДХУДО ДИҲАД ТОВОН.

мук. Гуноҳи бача ба гардани оча.

ГУНАҲРО УЗР ШЎЯД, ҶОМАРО ОБ.

Узр ба гуноҳи содиргашта некӯ аст. **мук. Гуноҳе ба узре набошад гарон.**

Ба некӣ-дар мабодам зиндагонӣ,
Агар ман бар ту бад дорам гумоне.
Бихоҳам узр агар кардам гуноҳе,
Накӯ кун узри чун ман узрхоҳе.
Гуноҳ ояд ба нодонӣ зи мастон,
Чу узр оранд, аз ишон дод мастон.
Хирадро май бибандад чашмро хоб,
«Гунаҳро узр шӯяд, ҷомаро об».

Фахриддини Гургонӣ

1. ГУНОҲ АЗ БАНДАВУ АФВ АЗ ХУДОВАНД.
2. ГУНОҲ АЗ КӮЧИК АСТУ БАХШИШ АЗ БУЗУРГ.

нит. Аз хурдон хато аз бузургон ато.

1. Чаро кардӣ ба кавли бадсиголон
Тариқи васлро якбора масдуд?
«Гуноҳ аз бандаву афв аз худованд»,
Таманно аз гадо в-аз подшах чӯд.

Хочуи Кирмонӣ

2. Ба хидматгории сарви баландат
Миён сад чо гирех баста нан канд.
Зи банда лофи ишкат гар гуноҳ аст,
«Гунах аз бандаву афв аз худованд».

Абдураҳмони Ҷомӣ

ишора:

1. Дар он шахре чаро ором гиранд,
Ки узре дар гуноҳе напазиранд.
Агар пӯзиш накӯ бошад зи кеҳтар,
Накӯтар бошад омурзиш зи меҳтар.

Фахриддини Гургонӣ

2. Бузурго! Гар хатое омад аз ман,
Магар аз ман вагар бошад бузург он.
Хатои бандагон бояд ба хар ҳол,
Ки то пайдо шавад афви бузургон.

Чавдарии Хиравӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

назир:

Лутфи шаҳ чонро чиноятчӯ кунад,
З-он ки шаҳ ҳар зиштро некӯ кунад.

Ҷалолиддини Румӣ

ГУНОҲЕ БА УЗРЕ НАБОШАД ГАРОН.

Пурсидани узр боиси сабук шудани гунаҳ мешавад. Муқ. Гунаҳро узр шӯяд, ҷомаро об.

Кунун узр хоҳед аз он хастаҷон,
«Гуноҳе ба узре набошад гарон».

Абулқосими Фирдавсӣ

ГУНОҲЕ МЕКУНӢ, БОРЕ КАБИРА.

муқ. Хок бардорӣ, аз тӯдаи калон бардор!

...В-ар аз бахти мани нокас гуноҳ аст,
«Гуноҳе мекунӣ, боре кабира».

Мӯҳташами Кошонӣ

нщора:

Гар мекунӣ гуноҳ гуноҳи кабира кун,
Шояд ки дар ҷаҳаннам болонишин шавӣ.

Фаридаддини Аттор

ГУНОҲИ БАЧА БА ГАРДАНИ ОЧА.

1. Тарбияи нағзу бади фарзанд ба дасти модар аст, 2. бузургон масъули гуноҳи хурдонанд. Муқ. Ҳар гуноҳе, ки мекунанд говон, бар раисони деҳ бувад товон, ё гунаҳ кунанд говон, кадхудо дихад товон

— Ҳамаи гуноҳҳо бар гардани ҳамин модагов аст, агар ин ҳароммурда ба вай ресмон канда давида бозӣ карданро ёд намедод, вай ин ҳама шумиро аз кучо ёд мегирифт. **«Гуноҳи бача ба гардани оча»** гуфтаанд.

Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»

1. ГУНОҲИ ПИНҲОНӢ БЕҲ АЗ ТОАТИ ОШКОР.
2. ГУНОҲ КАРДАНИ ПИНҲОН БЕҲ АЗ ИБОДАТИ ФОШ.

Чун сарзаниш ба худнамоӣ, порсоӣ риёкор истеъмол карда мешавад. Муқ. Шароб хӯрдани пинҳон беҳ аз ибодати фош.

«Гуноҳ кардани пинҳон беҳ аз ибодати фош»,
Агар худойпарастӣ, ҳавопараст мабош!

Саъдии Шерозӣ

назир:

Ҳафтод зиллат аз назари халқ дар ҳичоб
Бехтар зи тоате, ки зи рӯи риё кунем.

Хофизи Шерозӣ

1. ГУНҶИШКЕ ДАР ДАСТ БЕҲ, КИ БОЗЕ ДАР ҲАВО.
2. ГУНҶИШКИ (БА-) НАКД БЕҲ, КИ ТОВУС БАНАСИЯ.

Ҳар чизи накду ҳозир беҳтар аз насия аст, ками накд бехтар аз чизи насияи бисёр аст.

1. Аммо ҳар киро озмой, ба кирдор озмой, на ба гуфтор ва **«гунҷишки накд беҳ, ки товус банасия»**.

Аз «Кобуснома»

2. Мо дархӯри сайди ту набошем, валекин
«Гунҷишки ба даст аст беҳ аз бози парида».

Саъдии Шерозӣ

ишора:

Гунҷишке дар дасти тасарруфи ту беҳтар аст, аз куланге дар ҳаво, ки дасти ту ба он намерасад.

Аз «Латоиф-ут-тавоиф»

ГУНҶИШКРО КӢ КУШАД? — ҚАССОБ.

Корро кордон бояд кунад, ҳар корро касе кунад, ки ӯ аз ӯҳдаи ичрои он барояд. Мук. Чумчукро кӣ кушад? — Қассоб.

1. — Дар чое ки хӯҷаин бошад, ба дасти ман чамъ шудани пул муносиб нест. **«Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб»** гуфтаанд, тариқи харчро аз дигарон бой беҳтар медонанд.

Садриддин Айнӣ

2. Мо накшаро бе иштироки мутахассиси ин кор — бе иқтисодчин маълумотнок, фақат бо ёрии сарбухгалтер кашида будем. Албатта, ин хел накша бекамукост намешавад. Охир, **«гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб»**.

Фазлиддин Муҳаммадиев

ГУНҶИШКРО ОШЬЕНАИ БОЗ ТАЛАБ КАРДАН МАХОЛ АСТ.

Талабу рафтор мувофиқи кадру қимат ва тавонои худ кардан накӯст. ниг. Ба кӯрпаат нигоҳ карда, пой дароз кун!

Ва Ҳарвон се рӯз бизист ва рӯзи панҷшанбе фармон ёфт. Эзиди таоло раҳмат кунад, ки хуб буд, аммо бузург хатое кард, ки бар тахти худованд нишаст ва **«гунҷишкро ошьёнаи боз талаб кардан махол аст»**.

Аз «Таърихи Байҳақӣ»

1. ГУРБА ДАР ХОБАШ ДУНБА (ЧАРБУ) МЕБИНАД.
2. ГУРБА ДУНБА ДАР ХОБАШ МЕБИНАД.

мук. Ташна дар хоб об мебинад.

Гуфт: Дар рах Мӯсиям омад ба пеш,
«Гурба бинад дунба андар хоби хеш».
Дар паи Мӯсӣ шудам то кӯҳи Тӯр,
Хар семон гаштем нопайдо зи нур.

Чалолиддини Руми

ГУРБАИ ЗИНДА БЕХ АЗ ШЕРИ МУРДА.

мук. Гунчишки накд бех, ки товуси банасия.

ГУРБАИ МИСКИН АГАР ПАР ДОШТӢ,
ТУХМИ ГУНЧИШК АЗ ЧАХОН (ЗАМИН) БАРДОШТӢ.

Агар одами бад тавоно гардад, ситаму бадиҳон вай як бар чанд меафзояд. Мук. Он ду шохи гов агар хар доштӣ, як шикам дар одаме нагзоштӣ.

1. Он кӣ ҳафт иқлими оламро пиҳод,
Хар касеро хар чӣ лоик буд, дод.
Ар тавоно бинӣ, ар кӯтоҳдаст,
Ҳар киро бинӣ чунон бояд ки хаст.
Ин, ки мискин аст, агар қодир шавад,
Бас хиёнатхо, к-аз ӯ содир шавад
«Гурбаи мискин агар пар доштӣ,
Тухми гунчишк аз чаҳон бардоштӣ».

Саъдии Шерозӣ

назир:

Гар анчирхӯр будӣ фарх,
Намондӣ як анчир бар хеч шох.

Низомии Ганчавӣ

ГУРБАИ НОУМЕДШУДА БА ШЕР ЧАНГ МЕЗАНАД.

Касе, ки аз чони худ ноумед гаштааст, барои ҳифзи чони худ сахт мечангад. Мук. Вақти зарурат чу намонад гурез, даст бигирад сари шамшери тез.

Мохрӯй дар чавоби он гуфт:

— «Хасро хор мабин, ки ба чашмат мехалад» гуфтаанд. Душманро хурд ва забун шумурдан хеч раво нест: аз ғаним эмин будан, хусусан агар вай ба чон эмин набошад, ҳаргиз дуруст нест. **«Гурбаи навмедшуда ба шер чанг мезанад»** гуфтаанд; вай медонад, ки имрӯз набошад, фардо ҳаман молу мулкаш аз дасташ хоҳад рафт. Дар ин

сурат аз ҳавли чон дур нест, ки ҳар гуна ҳаракатҳои аҳмақона кунад. Ба ҳар ҳол ман аз ин одам хотирҷамъ шуда наметавонам.

Садриддин Айнӣ

назир:

Гуфтам, ки ба сояи ту хуршед шавам,
На он ки чу уд ояму чун бед шавам.
Навмед далер бошаду чиразабон,
Эй дӯст, чунин макун, ки навмед шавам.

Аз «Марзбоннома»

ГУРБА ОМАДУ ДУНБА РАБУД.

мук. Ҳар рафту расан бурд.

Чун ҳариси хӯрданӣ, зан хоҳ зуд,
Варна **«омад гурбаву дунба рабуд».**

Ҷалолиддини Румӣ

ГУРБАРО БОЗИЮ МУШРО ЧОНКАНӢ.

Ин зарбулмасал дар бораи касе, ки ба азобу машаққат, ба азоби рӯҳии касе эътино накарда, роҳи дилхушии худро пеш мегирад, гуфта мешавад.

— Ин воқеа,— нақл мекард Норов пас аз рафтани духтараш,— барои аскнячёи як баҳонаи нағз шуда монд... Неъмат бошад, сангро гирифта, барои тамошои мардум дар сари тарозу мондааст. Ҳар кӣ пурсад: «Ин мукофоти Самад-аком» гуфта пичинг мепарронад. Одамон бошанд, ба болои мурда сад чӯб гуфтагӣ барин қоҳ-қоҳ зада механанд, албатта, одамон ҳақ доранд, лекин онҳо намедонанд, ки ин барои ман **«гурбаро бозию мушро чонканӣ»** аст.

Комилҷон Носиров

ГУРБА ШАБ САМУР НАМОЯД.

мук. Аз дур шеван сур намояд.

ГУРБА ШЕР АСТ ДАР ГИРИФТАНИ МУШ.

Ин зарбулмасал дар бораи касоне, ки ба заифтар аз худ зулму ситамро раво дошта, дар пеши зӯрмандон худро ҳақиру бечора нишон медиҳанд, гуфта мешавад.

«Гурба шер аст дар гирифтани муш»,
Лек муш аст дар масофи паланг.

Саъдии Шерозӣ

ГУРБА ҲАМА ШАБ МУШ (ДУНБА) ДАР ХОБ МЕБИНАД.

ниг. Ташна дар хоб об мебинад.

ГУРБА ҲАМ БА ХОҲИШИ ХУД ХАРДАЛ НАМЕХЎРАД.

Хеч кас ба майли худ ба талхию ба машаққат тан намедиҳад. Гарданшахии одами тамаъкорро шикастан душвор нест,— гуфт устобобом,— **«гурба ҳам ба хоҳиши худ хардал намехўрад»**, аммо одамизод коре мекунад, ки худи ҷонвар онро то тағаш лесида мегирад. Ҳамдастгоҳони мо ва худи Устосултон, ки одами мудаббир будани бобо Худойбердиро медонистанд, дарҳол пай бурданд, ки ў барои Устоюсуф «чомае бурида мондааст»,— ҳар навъ карда шутурро ба зону медароварад.

Ҳасан Ирфон

ГУРГ БАРОДАРИ ШАҒОЛ АСТ.

ниг. Гургро шағол — дўсти бемалол.

ГУРГ ГУРГРО НАМЕХЎРАД.

мук. Корд дастаи худро намебуррад.

ГУРГ ДИДАН МУБОРАК, НОДИДАН МУБОРАКТАР.

Дидани дидори шахси номатлуб ҳарчанд фоидае дошта бошад ҳам, надидани он беҳтар аст.

1. Ин масал ёд дорам аз туркон,
Маъниаш нек дорад андар бар.
Гург гар диданаш муборак ҳаст,
Ҳаст **нодиданаш муборактар.**

Тақии Дониш

2. Ҷалойир истод. Бо ҳолате, ки рўй ўро аслан надида ва намешиносад, баандозаш кард. Лекин билофосила вазъи худро тағьир дод ва гуфт:

— Хон, Амина, ту ҳастӣ? **«Гург дидан муборак аст, надидан муборактар».**

Алимуҳаммади Афғонӣ

назир:

Гарчи мўъминро сақар надҳад зарар,
Лек ҳам беҳтар бувад з-он ҷо гузар.
Гарчи дўзах дур дорад з-ў накол,
Лек ҷаннат беҳ варо фи-кулли ҳол.

Ҷалолиддини Румӣ

ГУРГЗОДА ОКИБАТ ГУРГ АСТУ БЕ ШАК АЗ ХАРИСТ ГЎСФАНД АЗ ГУРГ ЧАШМИ МЕХРУБОНЙ ДОШТАН.

Бақор

мук. Окибат гургзода гург шавад, гарчи бо одамй бузург шавад.

ГУРГИ ГУШНА АЗ ЧЎПОН НАТАРСАД.

мук. Гурусна ба шер занад.

ГУРГИ КУШТАШУДАРО ПЎСТАШ МЕМОНАД.

Хар чй аз бад, аз золим бимонад, суд аст. Мук. Аз хирс мўе.

— Гум шавед аз назарам! — фарьёд кард подшох. Аммо вазири пири донои ў таскин дода гуфт:

— **«Гурги кушташударо пўсташ мемонад».** Ичозат диҳед, равад, шояд, як чизе биёрад.

Аз «Афсомаҳои халқии точикй»

ГУРГРО ДЎХТАН БОЯД ОМЎХТ, КИ Ў ХУД ДАРИДАН НЕКЎ ДОНАД.

Бадро бояд ба нек шудану некй кардан мачбур кард.

ишора:

Зи бедодй, чаҳон донад, чаҳон сўхт,
Набояд гургро дарридан омўхт.

Фаридаддини Аттор

ГУРГРО ШАҒОЛ — ДЎСТИ БЕМАЛОЛ.

Бад бо бад дўст аст, бадчинс бо бадчинс сознишу омезиш мекунад. Мук. Гург бародари шағол аст.

— Ошноёни раҳматй ба пеши хўчани даромада, акаллан, ҳарчи гўру кафанро дех, гуфтаанд.

Вай бошад, аҳа, шумохо ҳоло барои мурдаатон аз ман кафанпулй пурсида меоед-мй, гуфта, ба духтари вай аксум шуда мондааст ва тўхматҳо карда, ба одамони окпошшо дар ҳаккй инҳо гапҳои беҳуда гуфтааст. **«Гургро шагол — дўсти бемалол»** гуфтаанд.

Раҳим Чалил

ГУРГ ХЕШИ САГ, РЎБОҲ НАДИМИ ШОҲ.

Агар ду шахси бад сифатан аз хамдигар фарк надошта бошанд, ин маколро мегўянд.

Гург гуфт: Бас куи ва халосин маро чў! Рўбоҳ гуфт:

— Ҳоло боғбон бо чўб меояд ва туро аз зиндагй халос мекунад. Гург гуфт:

— Эй бадасл, маро фирефтӣ ва ба домн бало андохтӣ!

Рӯбоҳ гуфт:

— Эй гург, нашнидай, ки гуфтаанд: **«Гург хеши саг, рӯбаҳ надими шоҳ».**

Аз «Ҳикояти бободи»

1. ГУРГ ХЎРАД, НАХЎРАД, ДАХОНАШ СУРХ,
2. ГУРГ ХЎРАД ХАМ БАДНОМ, НАХЎРАД ХАМ БАДНОМ,
3. ГУРГ ХЎРАД ХАМ ГАНДА АСТУ НАХЎРАД ХАМ ГАНДА,
4. ГУРГ ХЎРАД ХАМ ДАҲОНАШ ХУН, НАХЎРАД ХАМ.

Касе, ки ба бадномӣ маъруф шуд, дигар корҳои зишт накунад ҳам, номи ӯ ба бадномӣ боқӣ мемонад.

1. Чанд вакт бекор гаштам. Ба чанд чои дилхоҳам мурочиат кардам, вале дар ҳама чо баъди дида баромадани хуччатҳоям:

— Кори ба шумо мувофиқ нест,— гуфта чавоб медоданд. Ин суханон боз маро ба каъри андешаҳои ногувор кашиданд: **«Ба ту кӣ бовар мекунад? Гург хӯрад ҳам бадном асту нахӯрад ҳам».**

Аз «Маориф ва маданият»

2. Мардум гумон мекунанд, ки аъзои ферма ҳамеша ширу қаймоқ мехӯрад. **«Гург хӯрад, нахӯрад, даҳонаш сурх».**

Аз «Садои Шарқ»

ГУРЕЗИ БАҲАНГОМ ПИРЎЗӢ АСТ.

Аз рӯи мачбурият ва мавкеъ акибнишинӣ кардан як навъ пирӯзӣ аст.

Чу тобат набошад ба чангу ситез,
Аз он беҳ набошад, ки гирӣ гурез.
Ба чанг арчи рафтан зи бехрӯзияст,
«Гурези баҳангом пирӯзияст».
Чу гӯянд, к-аз чанг баркошт пушт,
Аз он беҳ ки гӯянд душман-ш кушт.

Асадии Тӯсӣ

и ш о р а:

Ба болои кӯжу ба пушти дутоҳ
Гурези ба ҳангомро чуст роҳ.

Адиб Собири Тирмизӣ

н а з и р:

1. Гурези баҳангом бо сар ба чой,
Беҳ аз паҳлавонию сар зери пой.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Чу натвонй, ки бар душман ситезй,
Насиҳат он бувад, к-аз вай гуризй.

Аҳмади Чомй

3. Гурези бахангом фарзонагист,
Ситеза на бар чой зи девонагист.

Абдуллохи Хотифй

ГУРУСНА БАР БАЛО ДАЛЕР БУВАД, З-ОН КИ АЗ УМРИ ХЕШ СЕР БУВАД.

Бо зарбулмасали зер муқоиса кунед.

Чавоб доданд: Эй меҳтар, кори мо ба изтирор расида ва муҳим ба ғояти изтироб анчомида; бо ҳавсалаи тиҳй аз дона, ва диле пур аз андеша мачоли истимои насиҳат ва маҳалли мулоҳизаи окибат нест ва бузургон гуфтаанд: **«Гурусна бар бало далер бувад, з-он, ки аз умри хеш сер бувад».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

ГУРУСНА БА ШЕР ЗАНАД (МЕЗАНАД).

Гурусна аз ҳеч касу ҳеч чиз бок надорад. Мук. Гушна ба шер мезанад.

1. Аз ман гурехта дар таҳи равоқ пинҳон шуданат чӣ маънй дорад, гуфта ҳарчанд, ки гуфтугӯ кард, Зӯлобй ҳеч чавоб надод. Ба хотири Чонфулус расид, ки агар Зӯлобй будй, албатта, баромада, маро амон намедод гуфта паймонаи обро лочуръа даркашид... Ин масал машҳур аст, ки **«гурусна ба шер мезанад».**

Аз «Абӯмуслимнома»

2. — Рост мегӯй, ман ин овозаи миршабро шунидаам ва ту марди мусофирй ва бегуноҳ будай ва дар ин давр, ки мутасаддй шудай, аз чиҳати фақр маъзурй, ки **«гурусна ба шер занад».** Ман ба чони ту бахшидам, ба шарте, ки қадаме чанд бо ман рафоқат куни ва аз гуфти ман сар бозназанй ва дигар шаб дар ин шаҳр набошй ва ба вилояти худ равй.

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

3. Вақто ки бӯи палов ба ҳимоги Соқй расид, тоқаташ тоқ шуд. Чунон ки гуфтаанд: **«Гурусна ба шер мезанад».** Соқй тамоми тарсу харосро фаромӯш кард...

Боқй Раҳимзода

ГУРУСНА ДАР ХОБАШ НОН МЕБИНАД.

Ниг. Ташна дар хоб об мебинад.

ГУРУСНА ИМОН НАДОРАД.

ниг. Одами гурусна имон надорад. ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Рӯзе шайтон ба шахсе, ки аз гуруснагӣ ба ҷон омада буд, гизое таоруф намуд. Дар иваз имони ӯро талаб кард. Гурусна розӣ шуд, вале пас аз он ки сер хӯрд, гуфт:

— Он кӣ ман гуфтам, ба ҳисоб наёяд, чунки **«гурусна имон надорад»**.

Аз «Амсоли достонҳо»

ГУРУСНАРО БАР ДАХОН НОНИ ҶАВИН ХУШ АСТ.

Хар хӯрданӣ барои гурусна гуворо аст.

Ёр надорам, ки ман ба ёри ту шодам,
«Гурснаро бар дахон хуш аст ҷавин нон».

Тақии Доништ

ГУФТАИ МУЛЛОРО КУН, КАРДААШРО (КАРДАГИАШРО) НАКУН (НЕ)!

Фосиқон, чун ба дигарон амали нек талқин намуда, худ акси онро мекунанд, ту ба кирдори онҳо амал накарда, ба гуфторашон амал кун!

Ин одам ҳамон одам буд, ки ба ҳавлии Норбой шабона даромада пулҳои ӯро дуздидан ва мирзои ӯро пахш кардан мехост... худ ба худ мегуфтам: чаро он вақтҳо дар ёди ин одам худо, пайғамбар, шариат наёмадааст ва имрӯз якбора соҳиби шариат шуда барома дааст...

— Бинобар ин аст, ки **«гуфтаи муллоро кун, кардаашро накун!»** гуфтаанд-дия...

Садриддин Айнӣ

н а з и р:

Сайфи Фарғонӣ дар шеър агарат гӯяд ваъз,
Ваъзи ӯ гӯш куну шеъри варо ёд магир!

Сайфи Фарғонӣ

ГУФТАНИ БИСЬЁР НА АЗ НАҒЗӢ АСТ,
ВАЛВАЛАИ ТАБЛ ЗИ БЕМАҒЗӢ АСТ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

ГУФТОР БА ВАКТИ ХЕШ ЗАР МЕГАРДАД,
З-Ӯ ҲАР БАДУ НЕК БАХРАВАР МЕГАРДАД.

Аз «Гулистони насрӣ»

Агар сухан дар вақташу ҷои муносибаш гуфта шавад, қадру қимат ва таъсираш бештар мегардад.

ГУШНА БА ШЕР МЕЗАНАД.

ниг. Гурусна ба шер занад.

Хӯчаин, гоҳу бегоҳ, ҳарчанд бо фойтун бошад ҳам, ба Шӯроб рафтуомад накунед! **«Гушна ба шер мезанад»** — мегӯем мо.

Раҳим Ҷалил

ГУШНАРО НОН БА ТАНӮР ДЕР МЕШАВАД (АСТ).

Ин зарбулмасал ба касе, ки аз гуруснагӣ ва ё то ба расидани чизе ба ӯ бекарорӣ мекунад, гуфта мешавад. Мук. Ба гушна оташдон дур аст.

1. **«Гушнаро нон ба танӯр дер мешавад»,**
Чашми ман кай аз дидан сер мешавад?

Саидалӣ Вализода

2. **«Гушнаро нон ба танӯр дер аст»** мегӯянд. Вақте ки гурусна мемонам, аз чӣ сабаб, ки мақоли «ҳар кӣ бе ёр бувад, пайваста бемор бувад» ба хотирам меояд.

Тоҷӣ Усмон

ГУҲАР ДОШТӢ, АРҶ НАШНОХТӢ,
БА НОДОНӢ АЗ КАФ БИАНДОХТӢ.

Чунин дод посух, ки шахро бигӯй,
Ки чизе ки ҳаргиз наёбӣ мачӯй!
Пан сайди часта шуда тезгом,
Чӣ тозӣ ҳаме хира дар даст дом?
Ҳар он хишт, к-аз колбад шуд бадар,
Бар он колбад бозн-ояд дигар.
«Гуҳар доштӣ, арҷ нашнохтӣ,
Ба нодонӣ аз каф биандохтӣ».

Асадии Тӯсӣ

ГУҲАР НАШКАНӢ, ТЕША ОҲИСТА ДОР!

Низомӣ

мук. Эҳтиёт — нисфи ҳаёт.

1. ГӮРАМ ҶУДО, ГӮРХОНААМ ҶУДО,
2. ГӮР ҶУДОВУ ХОНА ҶУДО.

Кӯҳна шудааст. Ин зарбулмасал дар бораи шахсе, ки дар коре бо ҳеч кас ширкат накарда, худро ба канор мекашад ва манфиати шахсии худро аввалтар медонад, гуфта мешавад.

1. Хар шабе аз ту дар ин гӯшаи кошона чудо,
З-оташат шамъ чудо сӯзаду парвона чудо.
Мурдаву зинда малулам зи мулоқоти рақиб,
Хаст дарин масале **«гӯр чудо, хона чудо».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

2. — Баъзе вақт хазор эҳтиёт мекунӣ, ки пеши по нахӯрӣ, аммо бинитро зада хуншор мекунанд,— гуфт Маҳками Мухтор худдорӣ карда натавонист.— Ин бародари мо **«гӯрам чудою гӯрхонаам чудо»** гуфта худашонро ба канора гирифтанию лекин хато мекунанд. «Хушку тар сӯзад ба ҳам чун оташ афтад бешаро» гуфтаанд.

Раҳим Ҷалил

ГӮРИ ХӮД, АЪМОЛИ ХУД.

Хар кас ҷазои амали худро мебинад, ҳар кӣ бад кунад, бад мебинаду нек кунад — нек.

Хайф аст, ҷавоне ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

Дигаре гуфт: Кӯр шавад, **«гӯри худ, аъмоли худ»** гуфтаанд. Ба вай кӣ мондааст даҳонкалониро! Бачаи пешхез чӣ мешавад мегӯед?
— Як рӯз не, як рӯз худашро нобуд мекунад-дия!

Садриддин Айнӣ

1. ГӮР СӮЗАДУ ДЕГИ ҚАЛАНДАР ҶӮШАД,
2. ГӮР СӮЗАДУ ДЕГ ҶӮШАД,
3. ГӮР СӮЗАДУ КАБОБИ ҚАЛАНДАР ПАЗАД,
4. Г... БОШАДУ ДЕГ ҶӮШАД.

Кӯҳна шудааст. Дар боран касе, ки манфиати шахсии худро аз зарари дигарон бехтар мешуморад, гуфта мешавад. Мук. Олам сӯзаду кабоби қаландар пазад.

1. Ин ҳама «азизон»-ро ҳиммати надоштагиашон хамин шуд, ки **«г...бошаду дег ҷӯшад».** Фақат дар садади ин шуданд, ки доштагиашон аз дасташон наравад».

Аз «Наводири Зиёия»

2. — Ин ва касоне ки ӯро пеш андохтаанд, ба хонавайрон шудани мардум чӣ парво доранд, коре шавад, ки хеч набошад, чанд рӯзе давр ронанд, **«гӯр сӯзаду дег ҷӯшад»** мегӯянд.

Садриддин Айнӣ

3. Эй ба дили васеат қоил маи! — мегӯяд боғдор худ ба худ.— Бо ин миқрону зогнӯл то ба як иморат мерасидагӣ санг меканию

санг метароший, ки дарахти умрат хазон мешавад. Хайр ба ман чи? Ман сад сўми аз ту мегирифтагиамро аллакай сад бор чарх завонда. ба хазор расондам. **«Гўр сўзаду дег чўшад».**

Рахим Чалил

1. ГЎСОЛА АЗ БОЛО (САР)-и МЕХ МЕПАРАД,
2. ГЎСОЛА АЗ ПУШТИ МЕХ МЕЧАХАД,
3. ГЎСОЛА БА ЗЎРИ МЕХ МЕЧАХАД.

Агар шахси очизу нотавоне ба хешони сарватманду олимартабаи худ биболад ва ифтихор кунад ва дағдаға кунад, ин зарбулмасал гуфта мешавад. Мук. Пирон намепаранд, муридон мепаранд.

1. Ахли дунъё ба муфлисон механдад,
«Аз пушти мех мечаҳад гўсола».

Мумтози Самарқандй (Аз «Тазкираи Малеқо»)

2. Лекин ҳозир аз дасташ ҳеч кор намеояд, **«гўсола аз сари мех мепарад»** гуфтагй барин, ин одам ҳам аз болои Иброхимбек мепарад...

Садриддин Айнй

ГЎСОЛА АЗ ПОДА БЕРУН РАВАД, ГУРГ МЕХЎРАД.

Ҳар касе, ки аз халқаи хешу ёру дўстони худ берун меравад, гирифтори мусибат мегардад. Мук. Буз, ки аз пода берун равад, шикори гург мешавад.

«... Аздусар муллои дуруст намешавад. Як лаб нон бошад, аз ҳамин лавҳу чадвалу калами мўйи ҳам меёбед».

Ў дар чавоб хандида гуфт:

— **«Гўсола аз пода берун равад, гург мехўрад».** Бинобар ин ба дараҷаи говй расида натавонам ҳам, барои мухофизати худ дар миёни говон буданро бехтар медонам.

Садриддин Айнй

ишора:

Оқибат тўъмаи гургони биёбон гардид
Гўсфанде, ки бурун аз рамаву танҳо буд.

Муҳаммадбоқири Улфат

назир:

Зиндагй бо дўстон айш асту танҳо оташ аст,
Шох аз гулбун чудо масруфи гулхан мешавад.

Абдулқодири Бедил

ГӮСОЛА БА РӮЗГОР ГОВЕ ГАРДАД.

Мук. Чӯча ҳамеша дар зери сабад наемонад.

Аммо чун Ҷобири кофирдил ба маскани комчӯй мутамаккин шуд ва аз вучуди шоҳзода ҳаросманд буд, ки мабодо ба ҳукми ин ки **«гӯсола ба рӯзгор гове гардад»**, Шерзод ба синни рушду тамъиз расад ва вайро аз авранги давлат чун хӯшаи ованг сарнагун намояд.

Аз «Баҳор ва хазон»

ГӮСОЛА БО ГӮСОЛА — ОШНОИ САДСОЛА.

Хар табака бо табакаи худ ошной дорад, ҳамчинс бо ҳамчинс соз меояд, инг. Кунад ҳамчинс бо ҳамчинс парвоз, кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.

— Дар аҷл барон духтари Ӯрунбой Калъачӣ, гумоштаи Калъачӣ муносиб буд: **«гӯсола бо гӯсола — ошнои садсола»** гуфтаанд. Аммо Ҳасанчони мо аз бетачрибагӣ ба дом афтод, ҳам худашро сӯзонд ва ҳам Фотимаро.

Садриддин Айнӣ

ГӮСОЛАИ МО ПИР ШУДУ ГОВ НАШУД.

Агар касе пас аз умри дароз аз ӯҳдаи ичрои коре набарояд ва тачрибаю ақлу идрок пайдо накарда бошад, ин зарбулмасалро мегӯянд. Мук. Шутури мо пир шуд, валекин шошидан наёмӯхт.

ГӮСОЛАИ РИХИН (ИФЛОС) ПОДАРО МЕОЛОЕНАД.

1. Як одами бад дигаронро ҳам бадном ва ё олуда мекунад, 2. ба касофати одами бад одами хуб мемонад. Мук. Гови рихин ҳама говонро биёлояд.

Гови бешохбанди таппа-тайёр шудааст. Як гӯй, дах мегӯяд. Бехуда намегӯянд, ки **«гӯсолаи рихин подаро меолонад»**. Ин шайтони шахрӣ, отунбибии туртинчиҳо зану духтарони моро кофиру худобехабар мекунад.

Раҳим Ҷалил

ш ӯ р а:

1. Яке олудае бошад, ки шахреро биёлояд,
Чу дар говон яке бошад, ки говонро кунад рихан.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

2. Чандон ки аз назари дарвешон гоиб шуд, ба бурче баррафт ва дурче бидуздид то рӯз равшан шуд, он торикрой маблағе роҳ рафта буд ва рафиқони бегуноҳ хуфта. Бомдодон ҳамаро ба қалъа дароварданду бизаданд ва ба зиндон карданд. Аз он таъриф тарки сӯҳбат гуфтему тарики узлат гирифтем.

Чу аз қавме яке бедоништ кард,
На кеҳро манзалат монад, на меҳро.
Шунидастӣ, ки гове дар алафзор
Биёлояд хама ғовони дехро.

Саъдии Шерозӣ

3. Рафтӣ ба базми ғайру накӯномии ту рафт,
Номуси як қабила зи як хомии ту рафт.
Акнун агар фариштa накӯ гӯндат, чӣ суд?
Дар шаҳр сад ҳикояти бадномии ту рафт.

Назирии Нишопурӣ

ҒӮСОЛАИ ШУДАНӢ АЗ ПОЯШ МАЪЛУМ.

Аз кордорӣ ва сазю кӯшиши қар чавон ояндаи ӯ маълум шуда меистад. инг. Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост.

1. Дар ҳавлӣ занон мегуфтанд: Биёед, келинбибичон, чигаратона хун накунед, **«ғӯсолаи шудаӣ аз пояш маълум»** мегӯянд, намешудагиаш намешудааст. Хайр мулло нашуд чӣ шуд? Сари ягон касба гирад, гушна наменонадагест охир.

Раҳим Чалил

2. Каюм Амиров ин хел одам набуд. Ранси нав дигартар менамояд. **«Ғӯсолаи шудаӣ аз пояш маълум».**

Фазлиддин Муҳаммадиев

ҒӮСОЛА ҚАҲДОН ҲОЛӢ МЕКУНАД, БАЧА — НОНДОН.

— Магар як бача дар як сол 50 танга мехӯрад? — Бозор тааччубкунон гуфт:

— **«Ғӯсола қаҳдон холӣ мекунад, бача — нондон»** гуфтаанд, сагбача дар як сол аз як одами калон знёдтар мехӯрад, лекин ман ба ту рахмхӯрӣ карда камтар ҳисоб кардам...

Садриддин Айнӣ

ҒӮСФАНД АЗ БАРОИ ЧӮПОН НЕСТ, БАЛКИ ЧӮПОН БАРОИ ХИДМАТИ ӮСТ.

Саъдӣ

Подшоҳу арбобони давлат барои халқанд, на халқ барои онҳо. Муқ. Гар ту шавӣ аз ҳама хешон бузург, дар раман хеш шубон шав, на гург!

назир:

Баҳри пос аст мор бар сари ганҷ,
Н-аз пай он ки гирад аз вай ҳанҷ.

Абулмаҷди Санӣ

ГЎСФАНДРО БАРОИ КУШТАН ФАРБЕХ МЕКУНАНД.

мук. Харро ба арўсй мебаранд барои хуш нест, барои обу хезумкашист.

ГЎСФАНДРО ДАР ОҒИЛ (МЕ-)ШУМОРАНД.

иног. Ҷўчаро дар вақти сихпарнаш мешуморанд.

ишора:

Хар чиро дар дасти худ дорй, биёр,
Харфи пеш аз вақт кай оид ба кор?
Суди нобурда маёвар дар ҳисоб,
Гўсфандро дар оғил куи шумор!

Аҳмади Ахгар

ГЎШ АЗИЗ АСТ, ГЎШВОРАШ ҲАМ АЗИЗ АСТ.

иног. Гўшвора азиз аст, гўш азизтар аст.

ГЎШ БОШАД ГУШВОР(-А) БИСЬЁР АСТ.

мук. Сар бошад, дастор меоид.

ГЎШВОРА АЗИЗ (НАҒЗ) АСТ, ГЎШ АЗИЗТАР (НАҒЗТАР) АСТ.

Мол азиз аст, вале худи одам аз вай азизтар мебошад. Мук. ҳар кас гўшро хост, гўшвора ҳам мехоҳад, иног. Одам молро пайдо мекунад, мол одамро пайдо намекунад.

ишора:

1. Зи гўшат ҳалқа ёбад зинату ҳусн,
Туро бар ҳалқа ёбад зебу фар гўш.
Агарчи гўшворат нағзу зебост,
Аз он зеботар асту нағзтар гўш.

Заҳириддини Форьёбй

2. Пеши мўъмини кай бувад ин қисса хор,
Қадри ишқи гўш ишқи гўшвор.

Ҷалолиддини Румй

ГЎШИ ТУ ДУ ДОДАНДУ ЗАБОНИ ТУ ЯКЕ
ЯЪНЕ, КИ ДУ БИШНАВУ ЯКЕ БЕШ МАГЎ!

иног. Як забон дорй ду гўш, яке бигў, дуто бинюш!

1. Кам гўю чуз маслихати хеш магўй,
Чизе, ки напурсанд, ту аз пеш магўй!

«Гӯши ту ду доданду забони ту яке,
Яъне, ки ду бишнаву яке беш магӯй!»

Саъдии Шерозй

2. — Гуфт: Эй азиз, хомӯшй касби камол аст ва гуфтугӯ моддаи бахсу ҷидол. Басе файзҳо дар фавоиди хомӯшй аст, ки дар гуфтан нест. **«Гӯши ту ду доданду забони ту яке, яъне, ки ду бишнаву яке беш магӯ!»**

Аз «Маҳбуб-ул-қулуб»

назир:

Аз ҳакиме пурсиданд: Чаро истимоъи ту аз нутқ зиёда аст? — Гуфт: — Зеро ки маро ду гӯш додаанду як забон, яъне, дучандон, ки мегӯй, мешунав!

Аз «Ахлоқи Носирй»

ГӮШИ ХАР ДАРХӮР АСТ БО САРИ ХАР.

Дар мавриде гуфта мешавад, ки агар кас ва ё чизи бад ба аслаш мувофиқ ва мутаносиб бошад.

Аблаҳе дид уштуре ба чаро,
Гуфт: Нақшат ҳама каж аст чаро?
Гуфт уштур, ки андар ин пайкор
Айби нақкош мекунй, ҳуш дор!
Дар кажнам макун ба нақш нигоҳ,
Ту зи ман роҳи рост рафтан хох.
Нақшам аз маслиҳат чунон омад,
Аз кажй ростии камон омад.
Ту фузул аз миёна берун бар,
«Гӯши хар дархӯр аст бо сари хар».

Абулмаҷди Саной

ишора:

Кам фузулй кун ту дар ҳукми қадар,
Дархӯр омад шахси хар бо гӯши хар.

Ҷалолиддини Румй

1. ГӮШТ АЗ НОХУН ҶУДО НАМЕШАВАД.
2. ГӮШТ АЗ НОХУН ҶУДОЙ НАДОРАД.

ниг. Гӯштро аз нохун ҷудо карда намешавад.

ГӮШТ БЕ УСТУХОН НАМЕШАВАД.

1. Одам аз камбудй холй нест, кор бе камбудй намешавад. 2. Ҳар чизи хубу мукаммал ҳам дар зимн нуқсе дорад.

мук. Шолӣ бе курмак намешавад.

«Гӯшт бе устухон намешавад». Вале ин гуна одамон дар сафашон хеле кам буданд.

Тоҷӣ Усмон

ГӮШТ БИГАНДАД НАМАКАШ БАРЗАНАНД, ЧОРА ЧӢ БОШАД, ЧУ БИГАНДАД НАМАК?

Агар хурдон хиёнате кунанд, ё нуқсон дошта бошанд, ислоҳи он мумкин аст, аммо бузургон, арбобони давлат хиёнате кунанд ва нуқсоне дошта бошанд, ислоҳи он ниҳоят мушкил аст. мук. Чу куфр аз Каъба бархезад, кучо монад мусулмонӣ?

Қозӣ гуфт: Туро девонагӣ ранҷа медорад ва гирди он мегардӣ, ки бар девонагии ту ҳукм кунам ва бифармоям то туро дар бемористон кунанд ва банде бар ту ниҳанд, то чун дорӣ аз он ҷо нараҳӣ.

Ман битарсидам ва донистам, ки дар дил кардааст, ба ман ҳеҷ чадиҳад ва ҳар чӣ ӯ ҳукм кунад, мардумон бар он раванд. Нармак-нармак аз пеши ӯ бархостам ва берун омадам ва бо худ гуфтам, ки гуфтаанд: **«Гӯшт бигандад намакаш барзананд, чора чӣ бошад чу бигандад намак?».** Ҳаман довариҳо ба қозӣ дуруст шавад, чун қозӣ бедод кунад, кист, ки аз қозӣ дод бистонад?

Аз «Сиёсатнома»

ишора:

Гӯшт чун ганда шавад, ӯро намак дармон бувад,
Чун намак ганда шавад, ӯро ба чӣ дармон кунанд?

Носири Хисрав

назир:

1. Хоҳанд аз султон амон, чун дузд афзунӣ кунад,
Дуздӣ чун султон кунад, пас аз кучо хоҳанд амон?

Ҷалолиддини Румӣ

2. Фурӯ кӯфт пире писарро ба чӯб,
Бигуфт: Эй падар, бегуноҳам макӯб!
Тавон бар ту аз ҷаври мардум гирист,
Вале чун ту ҷаврам куни, чора чист?

Саъдии Шерозӣ

1. ГӮШТИ АЗ БУНИ ДАНДОН БЕРУН СЕРӢ НАКУНАД.
2. ГӮШТЕ, КИ АЗ БУНИ ДАНДОН БА ХИЛОЛ БЕРУН ОВАРӢ, ШИКАМРО СЕР НАКУНАД.

Дар ато ва бахшиш ба касон ва ё зердастони худ ҳиммат-ро пеш гир, ки аз бахшишҳо ту фақир намегардӣ.

Ва низ ҳамчунон ки бо валинеъмати хеш мунсиф бошӣ, бо лашкару раият мунсифтар бош ва тавфирҳои ҳақир макун, ки **«гӯшти аз буни дандон берун сарӣ накунад»**, ки тавфир бузургтар аз суд бошад.

Аз «Қобуснома»

ГӮШТИ НАҒЗ — ШӮРБОИ НАҒЗ, ШИРИ НАҒЗ — ЧУРҒОТИ НАҒЗ.

Ҳосил мувофиқи асл аст, ҳосили нек неку ҳосили бад бад аст. Мук. Аз чунин ҳирмон нечунин хӯша.

— Э валло,— гуфта ёбандан ин тадбирро таҳсин кард.— Раҳматӣ падари Эшони Қозикалон ҳам одами соҳибтадбир буданд, аз он тавр падар ин тавр писар мерӯяд-дия.

— **«Гӯшти наҳз — шӯрбои наҳз»** гуфтаанд,— гуфта Қозикалонро махсусан таъриф кард.

Садриддин Айнӣ

ГӮШТИ ХАР, ДАНДОНИ САГ.

Ба одами бад ҷазои бад, ба амали бад рафтори бад. Мук. Сари харо дандони саг.

Бо ин ривоят гуфтаи худро дуруст баровардам ва имомро дар пеши мардум шарманда кардам. Муллоҳон мо ҳоҳиланд. Гуфтаҳои мо барин касон маъқул бошад ҳам, писанд намекунанд ва суҳани пурқимати «мангар кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд»-ро намедонанд, агар донанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд. Дахони вирро бо мӯҳри муфтӣ мӯҳр кардан даркор аст. **«Гӯшти хар, дандони саг»** гуфтаанд.

Садриддин Айнӣ

ГӮШТРО АЗ БАҒАЛИ ГОВ БОЯД БУРИД.

нниг. Гӯштро бояд аз бағали гов бурид.

ГӮШТРО АЗ НОХУН (УСТУХОН) ҶУДО КАРДА НАМЕШАВАД.

1. Фарзандро аз падару модар ҷудо кардан мумкин нест, 2. пайванди хешовандиро аз ҳамдигар катъ карда намешавад. нниг. Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност. Мук. Миёни гӯшту нохун наметавон ҷудой андохт.

1. Масалан, худатон медонед, ки Шамсӣ бойбача ҷанде аст, ки аз бой ароз карда, ба катори шумо рафта, колхозчӣ шуда гаштааст. Давлати падараш ба ҷанд пушташ бас кунад ҳам, боз вай ин тавр карда гаштааст. Масалан, ки бой зоҳираш аз ин кори вай норизо бо-

шад хам, аммо **«гӯштро аз нохун чудо карда намешавад»** гуфтагии азизон барин хушу ёваш ба фарзандаш мебошад.

Бахриддин Азизӣ

2. Дар халк **«гӯштро аз нохун чудо карда намешавад»** мегӯянд — изҳори фазл кард Азиз.— Мана, агар шумо гӯшт бошед, бародар, мо нохун, мо нохун бошем, шумо гӯшт.

Аз «Садои Шарқ»

ишора:

Васли ту бе ҳичр тавон диданӣ,
Гӯшт чудо кай шавад аз устухон?

Хоҷагии Шерозӣ

ГӮШТРО БОЯД АЗ БАҒАЛИ ГОВ БУРИД.

1. Умеди гирифтани чизе аз касе боид кард, ки ӯ аз ӯҳдаи додани он барояд, 2 суду баҳра аз моли фақирон бурдан писанд нест.Ниг. Гӯштро аз бағали гов боид бурид.

ишора:

Туро пахлӯи фарбеҳ нест ноёб,
Ки дорӣ дар яке пахлу ду кассоб.

Низомии Ганҷавӣ

ГӮШТРО, КИ ХӮРДАНД, УСТУХОНРО БА ГАРДАН НАЕВЕЗАНД.

Кореро, ки кардӣ шарт нест, ки опро овозаю дарвоза кунӣ.

ишора:

Хирадманд он касеро мард хонад,
Ки рози худ нухуфтан метавонад.
На хар кас, к-ӯ хӯрад бо гӯшт нонро,
Ба гардан боз бандад устухонро.

Фахриддини Гургонӣ

ГӮШТ ХАРГИЗ АЗ НОХУН ЧУДО НАМЕШАВАД.

ниг. Гӯштро аз нохун чудо карда намешавад.

ГӮЯНДАРО ЧӢ ҒАМ, КИ НАСИҲАТ КАБУЛ НЕСТ,
ГАР НОМА РАД КУНАНД, ГУНОҲИ РАСУЛ НЕСТ.

Саъдӣ

ниг. Бар гӯянда беш аз гуфтор нест, чун шунаванда харидор нест, чои озор нест.

1. ГӮЯНД: САНГ ЛАЪЛ ШАВАД ДАР МАҚОМИ САБР,
ОРЕ, ШАВАД, ВАЛЕК БА ХУНИ ҶИГАР ШАВАД.
2. ГӮЯНД: САБР КУН, КИ ТУРО САБР БАРДИХАД,
ОРЕ, ДИХАД, ВАЛЕК БА УМРИ ДИГАР ДИХАД.

Дақиқӣ

Айнулҳаёт гуфт, ки ман сабр мекунам, аммо дилам сабр надорад. Чӣ кунам? Вақт аст, ки пардаи сабурӣ бидарам, ки азим ошуфтаву беқарор шудам.

«Гӯянд: Санг лаъл шавад дар маҳоми сабр,
Оре, шавад, валек ба хуни ҷигар шавад».
Гӯянд: «Сабр кун, ки туро сабр бардихад,
Оре, дихад, валек ба умри дигар дихад».

Аз «Доробнома» II

Д.

ДАВИДАНИ ГӮСОЛА ТО КАХДОН.

Ҷаҳду кӯшиш то ҳосил шудани мақсади шахсӣ, кӯшиш то ичро шудани кори худ. Мук. Парвози гунчишк то лаби бом.

1. Ҷадидҳо ҳеҷ кор карда натавонистанд ва пас аз ин ҳам ҳеҷ кор карда наметавонанд, дар асл ҳам онҳо ягон кори дуруст кардани набуданд, **«давидани гӯсола то кахдон»** гуфтаанд: ниҳоят матлаби онҳо «ислоҳи мактаб», «ислоҳи мадраса» ва «ислоҳи хукумати амир» буд. Худ аз худ маълум мешавад, ки ислоҳи як чиз нест кардани он чиз нест, балки дурусттар карда пойдор намудани он чиз аст...

Садриддин Айнӣ

2. Як маколест, ки чунон гӯяд:
«Давидани гӯсола то кахдон».
Худписандӣ натиҷаи хомист.
Адаби хешро нахӯрдаст он.

Мирзо Турсунзода

3. Се сол боз дар шахри мусофирӣ хонда гаштааст, дар газетаҳо таърифу тавсиф карда заданд, писари Саврисоатон бошад, **«давидани гӯсола то кахдон»** гуфтагӣ барин, якуним сол ҳам тоб оварда натавонист.

Толис Пӯлодов

ДАВИДА ХУШК НАМЕМОНАД.

мук. Харакат аз ту, баракат аз худо.

ДАВЛАТ АГАР СИЛСИЛАЧУНБОН ШАВАД, МӮР ТАВОНАД, КИ СУЛАЙМОН ШАВАД.

Ваҳшӣ

Агар давлату иқбол дастгирӣ кунад, ҳатто шахси очизу нотавон ҳам бузургу бадавлат хоҳад гашт. Мук. Толеъ агар силсилачунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад.

— Аҷабо! Писари домодшаванда кариб аз ман калонтар аст. Падари ин кас, албатта, боз ҳам пири нотавонтаранд. Зани чавонро чӣ мекунанд? — гуфт ба тааҷҷуб Холбобо.

— Эй, нодоне! Охир вай давлати калон дорад. **«Давлат агар силсилачунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад!»** гуфтаанд,— эзоҳ дод Шукурбои хӯчаин, ки табъи шӯх дошт.

Тоҷӣ Усмон

назир:

Файзи рӯҳулқудс ар боз мадад фармояд,
Дигарон ҳам бикунанд он чӣ Масеҳо мекард.

Хофизи Шерозӣ

ДАВЛАТ ДОРӢ, САВЛАТ ДОРӢ.

Пулу молу мулк мӯчиби ғуруру такаббурӣ аст.

— **«Давлат дорӣ, савлат дорӣ»** гуфтаанд. Фаттоҳ «як рӯзи меҳнат дар колхозам 36 сӯм» гуфта, буруташро табар намебурад, хаёл мекунад, ки дар олам аз колхози ӯ беҳтар колхозе нест.

Фазлиддин Муҳаммадиев

ДАВЛАТИ АФТОНУ ХЕЗОН БЕХТАР (ПОЙДОР) БОШАД.

Аз «Таърихи Байҳақӣ»

ниг. Афтандаву хезанда бувад давлати айём. Акси «Давлати тезро бақо набувад».

ДАВЛАТИ ТЕЗРО БАҚО НАБУВАД.

1. Давлате, ки дар натичаи заҳмату кор ба даст наёмада бошад, дер намепояд, 2. чизи муфт зуд бар бод меравад.

назир:

Тездавлатро басе шодӣ набояд кард, аз он-к
Хар кӣ боло зуд гирад, зуд мирад чун шарор.

Абулмаҷди Санӣ

ДАВЛАТ КӮР АСТ.

Давлат бештар насиби носазоворон аст, нобакорон соҳиби давлат мегарданд.

Масал гӯянд: **«Давлат кӯр бошад»,**
Таҳи давлатмандро ин шӯр бошад.
Сипеҳри кӯр бахри мо зад ин рой,
Ки давлат рафту кӯрӣ монд бар ҷой.

Хусрави Деҳлавӣ

ДАВЛАТРО САРФ КУНӢ, КАМ МЕШАВАД,
ИЛМРО САРФ КУНӢ, ҶАМЪ МЕШАВАД.

1. Илму дониш аз молу давлат беҳтар аст, 2. илмро ҳарчанд бештар паҳн кунӣ, қадру қимати он афзун мегардад.

ишора:

1. Гар мол чу давлати Ҷам ояд,
Чун харҷ кунӣ, ҳаме кам ояд.
Аз илм, ба акси кисаи зар,
Чун харҷ кунӣ, шавад фузунтар.

Андалеби Кошонӣ

2. Ба ҳар кас, то ки битвонӣ, биёмӯз он чӣ медонӣ,
Ки ганҷи донишу бинишҳ намекоҳад зи бахшидан.

Абулқосими Ҳолат

ДАВЛАТ САРИ ДАВЛАТ МЕОЯД.

мук. Зар зар кашад.

ДАВЛАТ ЧИРКИ ДАСТ АСТ.

Давлат барои одам муваққатӣ, тезгузар аст, пулу чиз сарф шуда, тамом мегардад.

— Эй, нодоне! Охир вай давлати калон дорад. «Давлат агар силсилачунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад» гуфтаанд,— эзоҳ дод Шукурбои хӯчани, ки табъи шӯх дошт.

— Хим, магар нашунидаед, ки **«давлат чирки даст аст»** ҳам мегӯянд? — ҷавоб гардонд Холбобо.

Тоҷӣ Усмон

ДАВЛАТ ҲАМА З-ИТТИФОҚ ХЕЗАД,
БЕДАВЛАТӢ АЗ НИФОҚ ХЕЗАД.

Низомӣ

Хушбахтӣ ва комёбии мардум вобаста ба иттифоқ ва иттиҳоди онҳо аст.

ДАВОИ ДАРДИ ДАНДОН КАНДАН АСТ.

чиг. Дандоне, ки дард мекунад, бояд кашид.

ДАВОИ САРИ САГ МЕКУНАД САГИ ДИГАР.

нис. Захми сари саг саг кунад илоч.

Аз беадабй нисбат ба вазоратпаноҳ имрӯз пагоҳй бо фармони олии ҷанобашон падарсӯхтаро танбеҳ намуданд.

Ҳочй Кутбиддини мулкдор меҳрубонии сагро нисбат ба ман дида, ҳандакунон гуфт:

— Оғоён, рост гуфтаанд, ки **«давои сари саг мекунад саги дигар»**, ӯ ниро гуфта бо асои худ яке ба фарки дӯсти вафодорам зад, ки овози нолаи ҷонсӯзи ман бо чирросу уллоси дилхароши вай якбора баланд шуд.

Ҳасан Ирфон

ДАВОИ ҚУРУТ — ОБИ ГАРМ (ЧӮШ).

1. Бо бадон боид бад рафтор кард, чазои рафтори бад бадй аст, бо бадон рафтори бил-мисл боид кард, 2. дафъи намудани ҳаракате, ҳолате бо ҳамон роҳ ва ба ҳамон воситае мумкин аст, ки сабаби ба вучуд омадани он гардидааст.

1. Дуруст аст, ки ман дар мунозираҳо пеш аз ҳама ба мукобара ва муголата намедароям ва аз ҳама пештар даъвои худро бо далелҳои мантиқй исбот мекунам. Лекин медонам, ки ин муллоҳоро бо роҳи мантиқ ва бо роҳи илмй ҳомӯш кардан мумкин нест, дар охири кор суханони обдори ба чои расонанда зада, ҳарифро ба ҳомӯш кардан маҷбур мекунам. **«Давои қурут — оби гарм»** гуфтаанд, ки бесабаб нест.

Садриддин Айнй

2. Энахон ба духтарон обн хунук хӯрданро манъ карда буд, чунки обн хунук аъзои баданро суст мекунад ва хатто боиси беморй ҳам мешавад. **«Давои қурут — оби гарм»** гуфтагй барои давои ҳавои гарм чои кабуди талх аст!

Абдусалом Деҳотй

ДАДИ ОЗМУДА БЕҲ АЗ МАРДУМИ НООЗМУДА.

1. Аз озмуда ҳаргиз фиреб намехӯрй, бехтарин кас барои ту он касест, ки онро озмуда бошй, 2. озмуда аз ноозмуда беҳтар аст. Нис. Деви озмуда беҳ аз мардуми ноозмуда.

Ва бар одами ноозмуда эмин мабош ва озмударо низ ҳар вакт биёзмой ва озмударо ба ноозмуда мадех, ки рӯзгори дароз боид, то боз касе озмуда ва мӯътамад ба даст оид, ки андар масал омадааст, ки **«дади озмуда беҳ аз мардуми ноозмуда»**.

Аз «Қобуснома»

ишора:

Ба мактаб маро устодам чунин
Бигуфту ҳанӯзам ба ёд андар аст.
Даде, к-озмудиш дар бешу кам,
Зи ноозмуда башар беҳтар аст.

Аҳмади Ахтар

ДАЛВ ХАМЕША АЗ ЧОҲ ДУРУСТ БАРНАМЕОЯД.

ниг. Кӯза на ҳар бор аз об ношикаста бароя̄д.

Одати он носипосон дар ту руст,
«Н-оядат ҳар бор далв аз чоҳ дуруст».

Ҷалолиддини Румӣ

ДАЛЕРӢ КУН, КИ МАЙДОН АЗ ДАЛЕР АСТ,
АГАР РӮБАҲ ДАЛЕР АФТОД ШЕР АСТ.

Далерӣ бонси ғалаба аст, зафар карини далерон аст.

«Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст»,
Диле, к-аз ҳайбати оҳе биларзад,
Бари соҳибдилон коҳе наярзад.

Хилолии Чиғатой

ДАМЕ ПЕШ (НАЗД)-И ДОНО БЕҲ АЗ ОЛАМЕСТ.

Фирдавсӣ

1. Нигаҳ дор фурсат, ки олам дамест,
«Даме пеши доно беҳ аз оламест».
Сикандар, ки бар оламе ҳукм дошт,
Дар он дам, ки бигзашт, олам гузошт.
Муяссар набудаш, к-аз ӯ оламе
Ситонанду мӯҳлат диҳандаш даме.

Саъдии Шерозӣ

2. Зи мастии ишқ, ар хирад ёри туст,
Машав ҳушьёр, ар тавонӣ даме.
Мадеҳ як даме вақти худро зи даст,
«Даме назди доно беҳ аз оламест».

Ибни Ямин

ДАМИ ЗАРГАРӢ КУҶОВУ ДАМИ ОҲАНГАРӢ КУҶО.

мук. Як задани оҳангар, сад задани сӯзангар.

ДАМИ СӮҲТАГОНРО АСАР АСТ.

мук. **Он чӣ пиразан кунад ба сахар, накунад сад ҳазор тиру** табар.

Доманат хуни дили уд гирифту хуш кард,
То бидонй, ки **«дами сўхтагонро асар аст»**.

Салмони Совачй

ДАМ ҒАНИМАТ АСТ.

ниг. Вақт — ғанимат.

назир:

Нигах дор фурсат, ки олам дамест,
Даме пеши доно бех аз оламест.
Чу рўзе ба шодй ҳаме бигзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам хўрад.

Абулқосими Фирдавсй

1. ДАНДОНЕ, КИ ДАРД МЕКУНАД, БОЯД КАШИД (КАНД).
2. ДАНДОНИ КИРМАФТОДАРО БОЯД КАНД.

Харчанд касе ва ё чизе ниҳоят ғарон ҳам бошад, ҳамин ки бонси ташвишу малол гашт, онро боял аз худ дафъ кард. Мук. Чун моргазида ғардад ангушт, хуштар бувадаш буридан аз мушт.

ишора:

1. Дар даҳон дор то бувад хандон,
Чун ғаронй купад, бикан дандон!
Чунки дандони туро кирм уфтод,
Нест дандон, барканаш, эй устод.

Чалолиддини Румй

2. Ёри ракибдида сазояш надидан аст,
Дандони кирмдида илочаш кашидан аст.

Собири Хамадонй

ДАНДОНИ МОРРО БА НАМАД МЕТАВОН КАШИД.

мук. Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

Шуд кунд аз мулоимати ман забони хасм,
«Дандони морро ба намад метавон кашид».

Сойби Табрезй

ДАНДОН ШИКАНАД ДАРУНИ ДАҲОН.

ниг. Даст шиканад даруни остин.

ДАР АЙБ НАЗАР МАКУН, КИ БЕ АЙБ ХУДОСТ.

ниг. Бе айб худост.
Ва маърифати он кй аз ҳар як чй кор ояд ва ҳар кадом чй корро

шояд ҳосил кунад ва фардои фардоро фарохўри аҳаминат ва ба миқдори ақлу кифоят ҳомзад намоянд ва агар бо ҳунари касе айбе ниҳ ёфта шавад, аз он ҳам ғофил набошанд, ки маҳлуқ бе айб натавонад буд ва гуфтаанд: **«Дар айб назар макун, ки бе айб худост».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАР АМАЛ КЎШУ ҲАР ЧИ ХОҲӢ ПЎШ!

Ботини одамиро аз зоҳир наметавон шинохт, дурусткору дурустгў бош, зоҳиратро оростан аҳаминяте надорад.

Ва аз он ҷо, ки саломати ҳоли дарвешон аст, гумони фузулаш набурданд ва ба ёрӣ кабулаш карданд.

Сурати ҳоли орифон халқ аст,
Ин кадар бас чу рўй дар халқ аст.
«Дар амал кўшу ҳар чи хоҳӣ пўш!»,
Тоҷ бар сар неҳу алам бар дўш.

Саъдии Шерозӣ

ДАР АМОНАТ ХИЁНАТ ШАРТ НЕСТ.

мук. Амонатро хок ҳам хиёнат намекунад.

Мо ба амонат пеши вай омадем. **«Дар амонат хиёнат шарт нест».** Чун моро ба эҳтиёр дорад ва чон худ ба мо таслим кардааст, раво набошад ва на кори озодамардон бошад.

Аз «Самаки Аёр»

ДАРАТРО МАҲКАМ КУНУ ҲАМСОЯТРО ДУЗД МАГИР!

инг. Пои мурғатро бибанду ҳамсояатро дузд махон!

ДАР АФВ ЛАЗЗАТЕСТ, КИ ДАР ИНТИҚОМ НЕСТ.

инг. Лаззати афв з-интиқом беҳ аст.

1. ДАРАХТ АГАР МУТАҲАРРИК БУДӢ ЗИ ҶОӢ БА ҶОӢ, НА ҶАВРИ АРРА КАШИДИЮ НА ЗАХМҲОИ ТАБАР.
2. ДАРАХТ АГАР МУТАҲАРРИК ШУДӢ ЗИ ҶОЕ БА ҶОӢ, НА ҶАВРИ АРРА КАШИДӢ, НА ҶАФОИ ТАБАР.

Анварӣ

Дар як ҷо дер мондан бонси костани обрў ва хорӣ мешавад. Мук. Бисъёр сафар бояд, то пухта шавад хоме.

1. Чаро сафаре нагузинӣ ва вилояте чанд нагардӣ, ки бузургон гуфтаанд: **«Дарахт агар мутаҳаррик шудӣ зи ҷое ба ҷой, на ҷаври арра кашидӣ, на ҷафои табар».**

Ин сухан ўро хуш омад, бенхтиёр аз ватани хеш роҳи сафар пеш гирифт.

Аз «Синдбоднома»

2. **«Дарахт агар мутаҳаррик будӣ зи ҷой ба ҷой,**
На ранҷи арра кашидӣ, на захмҳои табар».
Замон чу ҳокими тусту макон чу маъбари ту,
Макони нек гузину замон накӯ бингар!
Чунон шавӣ, ки макону замону аҳли замон
Дигар натонад кардан ба ақл дар ту асар.
Ту тира гардӣ аз шаб чу оинаи гардун
На зардрӯи хазон гардӣ аз ҳаво чу шаҷар.

Ҷалолиддини Румӣ

3. Бо ҳар дилёр, ки дар чашми халқ хор шавӣ,
Сабук сафар кун, аз он ҷо бирав ба ҷои дигар.
«Дарахт агар мутаҳаррик будӣ зи ҷой ба ҷой,
На ҷаври арра кашидию на ҷафои табар».

Ибни Ямин

4. Ба ҷирми ҳоку ба гардун нигоҳ бояд кард,
Ки ин кучост зи орому он кучо зи сафар.
Сафар мураббии мард асту ошьёни хатар,
Сафар хазинаи мол асту устоди ҳунар.
«Дарахт агар мутаҳаррик шудӣ зи ҷой ба ҷой»
На ҷаври арра кашидию на ҷафои табар».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАРАХТ АРЧИ САБЗАШ КУНАД ОБ Х(В)АРД,
ШАВАД НИЗ З-АФЗУНИИ ОБ ЗАРД.

Хусрави Деҳлавӣ

муқ. Исроф ҳаром аст.

ДАРАХТ ДАР ЯК ҶО САБЗ МЕШАВАД.

Барои ба даст даровардани натиҷаи нек маҳалли кор ва шуғли худро набояд зуд иваз кард. Муқ. Ниҳол дар як ҷо месабзад.

— Шумо гумон накунед, ки фондан бунак барои коркунони танҳо ҳамин аст, ки онҳо бо ин тарфбозии худро давом медиҳанд. Ин тавр нест. Ин як фондани дилхушкунии бунак аст. Фондани асосии бунак дар он аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд, **«дарахт дар як ҷо сабз мешавад»** гуфтаанд ва рӯз ба рӯз ҳунар ва малакаашон зиёд мешавад.

Садриддин Айнӣ

1. ДАРАХТЕ, К-АВВАЛ АЗ ПАЙВАНД КАҶ ХАСТ,
НАШОЯД ҶУЗ БА ОТАШ КАРДАНАШ РОСТ.
2. ДАРАХТЕ, К-АЗ ҶАВОНӢ КЎЖ БАРХОСТ.
ЧУ ХУШКУ ПИР ГАРДАД, КАЙ ШАВАД РОСТ?

Агар тарбияи кўдак аз аввал нодуруст шуда бошад, ислоҳи он дигар мумкин наметарадад.

«Дарахте, к-аввал зи пайванд кач хост,
Нашояд ҷуз ба оташ кардanaш рост».
Гилеми наю, к-аз ӯ гарми наёяд,
Куҳан гардад, кучо гарми физояд?

Низомии Ганҷавӣ

ДАРАХТЕ, КИ ХАРГИЗ НАРЎЯД, МАКОР!

мук. Сози роҳе, ки рост нест, масоз, тухми он чи-т ба кор нест, макор!

Мапарвар касе, ки-т н-ояд ба кор,
«Дарахте, ки харгиз нарўяд, макор!»

Саъдӣ

ДАРАХТИ ДЎСТӢ БИНШОН, КИ КОМИ ДИЛ БА БОР ОРАД,
НИХОЛИ ДЎШМАНӢ БАРКАН, КИ РАНҶИ БЕШУМОР ОРАД.

Хофиз

1. Чамоатеро ки мутарассиду мутаракқиби инҳидоми ҷоҳу ҷалоли хоҷа Низом буданд ва сабили адовати ӯ мепаймудаанд, Амири Араб ишорпо насиҳати бисёр карду фармуд, ки **«дарахти дўстӣ бишон, ки коми дил ба бор орад, нихоли душмани баркан, ки ранҷи бешумор орад».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

2. Дидри бехудӣ дорад хавои равзан ризвон,
Намирад кар кӣ рахти эмидгӣ дар ин дидр орад.
Биё, Ибрат, бихон ин мисраи Хофиз, ки мегўяд:
«Дарахти дўстӣ бишон, ки коми дил ба бор орад».

Ибрати Нойинӣ

1. ДАРАХТИ КОҲИЛӢ БОРАШ ГУРУСНАГИСТ,
2. ДАРАХТИ КОҲИЛӢ КУФР ОВАРАД БОР.

Он марди фозил, ки аз ин мукаддима огоҳ буд, аз ҳоли ман воқиф гардида гуфт: Чаро даст аз ин кор бардоштӣ ва худро бекор гузоштӣ, ки бузургон гуфтаанд: **«Дарахти коҳилӣ куфр оварад бор».**

Аз «Чаҳор мақола»

ДАРАХТИ МЕВАДОР БА САБАБИ САМАР САРУ ШОХШИКАСТА ШАВАД.

Одамони хубу пурҳунар ҳамвора дучори маломату озори нодонанд. Мук. Дарахти пурбор санг мехӯрад.

Димна гуфт: На ҳамоно ки Шер ба чиҳати азамати ҷаҳондорӣ ва шавкати комгорӣ дар ҳаққи ту андеша кунад, ки туро ҳунар ба ҳеч вачҳ мустағнӣ набошад.

Шатраба гуфт: Шояд ки ҳунари ман сабаби кароҳияти вай шуда бошад, ки аспи тезтакро ҳунарварӣ мӯчиби ино гардад ва **«дарахти мевадор ба сабаби самар сару шохшикаста шавад»**, андалеб аз ҳунари худ дар ҳабси қафас гирифтор аст ва товус аз ҳусну ҷамол болу парканданӣ шармсор.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

назир:

1. Беди бебор эмин аст аз заҳмати ҳар кас, валек
Санги ноаҳлон хӯрад шохе, ки дорад мева бор.

Абулмаъоли Саноӣ

2. Нест шохи мевадор эмин зи санги ногаҳон
Хуш тихидасте, ки ӯ озода чун сарвисиҳист.

Абдурраҳмони Ҷомӣ

ДАРАХТИ ПУРБОР САНГ МЕХӮРАД.

инг. Дарахти мевадор ба сабаби самар сару шохшикаста шавад.

нашора:

1. Киро бо ту гӯянд бад бештар,
Чу набвад гунах, дон, ки ҳасташ ҳунар.
Дарахте, ки дорад фузунтар бар ӯй,
Фузун афтанад санг ҳар кас бар ӯй.

Асадии Тӯсӣ

2. Зи ҳар чӣ бар сарат оянд, мапеч рӯю манол,
Ки санг мехӯрад он шохае, ки борвар аст.

Собити Муайяди

ДАРАХТИ ТАЛХ БОР ОВАРАД ТАЛХ.

Аз бад бад меӯяд, бадӣ бадӣ меоварад.

Напайванданд бо ҳам мехру кина,
Ки кин оҳан бувад, мехр обгина,

«Дарахти талх ҳам талх оварад бар»,
Агарчи мо диҳемаш оби шаккар.

Фахриддини Гургонӣ

ишора:

1. Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талхат орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.

Абӯшакури Балхӣ

2. Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт.
В-ар аз чӯи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангабин резию шаҳди ноб.
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Абулқосими Фирдавсӣ

1. ДАРАХТ ОСОН БУВАД АЗ БУН БУРИДАН,
БУРИДА БОЗ НАТВОН РЎЯНИДАН,
2. ДАРАХТРО БАРКАНДАН ОСОН БУВАД, АММО НИШОН
ДАНУ БА ҲАДДИ КАМОЛ РАСОНИДАН ДУШВОР.

Натичаеро, ки бо сад мехнату машаккат ва дар арзи солҳои да
роз ба даст даромадааст, дар як дам набояд барбод дод.

1. В-агар чунин наварзам мехрубонӣ,
Буридан ҳар гаҳе аз ман тавонӣ.
Ҳама вақте тавон чустан чудой,
Валекин чуст натвон ошиной.
«Дарахт осон бувад аз бун буридан,
Бурида боз натвон рўяниданн».

Фахриддини Гургонӣ

2. Модари ман ҳадиси ман ба самъи аълои подшоҳ бирасонад ва иззи насаби ман маро аз ин зул начоте дихад ва камоли ҳасаби ман дар ин олам ҳаёте. **«Дарахтро баркандан осон бувад, аммо ни шондан ва ба ҳадди камол расонидан душвор».**

Аз «Бахтиёрнома»

1. ДАРАХТ ҲАР ЧӢ БОРАШ БЕШТАР МЕШАВАД, САРАШ
ПОИНТАР (ФУРЎТАР) МЕОЯД,
2. ДАРАХТ ҲАР ЧӢ ПУРБОРТАР АСТ, АФТОДАТАР АСТ.

Одами фозилу донишманд фурўтану хоксор мешавад. Мук. Обро майл чоинби пастӣ аст.

назир:

1. Тавозўъ кунад ҳушманди гузин,
Ниҳад шохи пурмева сар бар замин.

Саъдии Шерозӣ

2. Афтодагӣ омўз агар толиби файзӣ,
Харгиз нахўрад об замине, ки баланд аст.

Пурьёи Валӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

ДАР АҚИБИ РАНҶ БАСЕ РОҲАТ АСТ.

мук. Ганҷ бе ранҷ надидаст касе.

Ранҷи зи фарьёдӣ бар соҳат аст,
«Дар ақиби ранҷ басе роҳат аст».

Низомии Ганҷавӣ

ДАР АҲЛИ ҲУНАР ШИКАСТАКОМӢ
БЕҲ З-ОН КИ БУВАД ШИКАСТАНОМӢ.

Аз бадномӣ нокомӣ беҳтар аст.

Ин шефтарои ночавонмард
Бе оқибат асту ройгонгард.
Хӯ карда ба кӯҳу дашт гаштан,
Чавлон задану чаҳон наваштан,
Бо ном шикастагон нишастан,
Номи ману номи худ шикастан.
«Дар аҳли ҳунар шикастакомӣ
Беҳ з-он ки бувад шикастаномӣ».

Низомии Ганҷавӣ

ДАР БАЛО БУДАН БЕҲТАР АЗ БИМИ БАЛО (АСТ).

Дар даруни бало буда азоб кашидан беҳ аст, аз он ки дар хориҷ нодида сўхтан. Мук. Аз берунӣ бало будан дар даруни он будан беҳтар аст.

1. Дили ман, Ибни Ямин, рафт дар он турраву гуфт:
«Дар бало бехтар аз он аст, ки дар бими бало».

Ибни Ямин

2. Ваъдан нозам кардӣ, ин ҳама таъхир чист?
Он нахоҳӣ **«дар бало беҳтар, ки дар бими бало».**

Камоли Ҳуҷандӣ

3. Дил фиган, Ҷомӣ, дар он зулфу матарс,
«Дар бало бехтар, ки дар бими бало».

Абдурахмони Ҷомӣ

ДАР БАСТА БЕХ ГАРЧИ ДУЗД ОШНОСТ.

Бо вучуди ҳаман эътимоде, ки ба касе дорӣ, ҳаргиз эҳтиётро аз даст мадеҳ, барои рӯй надодани хиёнату бадкирдорӣ чорахои лозимиро бубин!

1. Машав бар зан эмин, ки зан порсост,
Ки **«дар баста бех гарчи дузд ошност».**

Низомии Ганҷавӣ

2. Пиразан хилват ёфта гуфт: — Эй марди нодон, ҳеҷ аз гашти номуси хештан огаҳ набудӣ, ки чун поймоли сутурон шуд ва надонӣ, ки занон дар ҳадди зоти худ бадгавҳаранд. Харчанд ба ҳасби зоҳир ба хильяи иффат ороста бошанд, боз маротибаи эҳтиёт ва лозимаи таъкидот ба тақдими расонидан шарти ғайрат ва лозимаи хушёрист, ки гуфтаанд: «Машав бар зан эмин, ки зан порсост, ки **дар баста бех гарчи дузд ошност».**

Аз «Баҳори Дониш»

ДАР БА ТУ МЕГӮЯМ, ДЕВОР ГӮШ КУН!

мук. Духтарам ба ту мегӯям, келинам ту шунав!

1. ДАР БИЕБОН КАФШИ КӮҲНА НЕЪМАТ АСТ,
2. ДАР БИЕБОНИ ФАҚИРИ СӮХТА (ГУРСНА)-РО ШАЛҒАМИ ПУХТА БЕҲ, КИ НУҚРАИ ХОМ,
3. ДАР БИЕБОНИ ХУШКУ РЕГИ РАВОН ШАЛҒАМИ ПУХТА БЕҲ ЗИ НУҚРАИ ХОМ.

Чизе ки ҳангоми зарурат ба дард мехӯрад, харчанде ки беаҳамият ва ночиз бошад ҳам, бехтар аз он чизи гаронест, ки ҳеҷ мушкили инсонро осон накунад ва барои дафъи эҳтиёҷ ба кор наояд.

1. Хамчунин дар каъри басит мусофире гумшуда буд ва кӯту кувваташ ба охир омада ва дираме чанд дар миён дошт, бисъёре бигардиду рах ба чое набурд, пас ба сахтӣ халок шуд. Тоифае бар сари вай бирасиданду дирамхо диданд пеши рӯяш ниҳода ва бар хок набиштаанд:

Гар ҳама заррӣ чаъфарӣ дорад,
Марди бетӯша бинагирад ком.

«Дар биёбон фақири сӯхтаро
Шалғами пухта беҳ, ки нукраи хом».

Саъдии Шерозӣ

2. — Эй падар, гирам ки ман хеле ҷавоҳир дорам, аммо танӣ танҳо дар ин биёбони хунхор вай ба чӣ кор ояд, гурснаву ташна ба кучо равам? Чон дар кафу сар дар наздикии талаф бас набуд, ки боз ин бор низ ба дӯшам бошад. **«Дар биёбони хушку реги равон шалғами пухта беҳ зи нукраи хом!».**

Аз «Чор дарвеш»

ДАР БУХОРО ТАБАРЗАН ЯК ТАНГАЮ ИНЧОБИЗАН САД ТАНГА.

ниг. Марднкор як танга, инчобизан сад танга.

— Ту писари Раҳматбой нонам Халим гуфтӣ-мӣ?

— Ҳеҷ кунда кафондай? Вай ҳам хунари калон. Аввал чон табар мегӯтидагиро ёфтан даркор. Набошад, сад зӯр занӣ ҳам, парахае намепарронӣ. Беҳуда нагуфтаанд, ки **«дар Бухоро табарзан як тангаю инчобизан дах танга».** Дар ин ҷо ҳар кас ҳам табарзану ҳам инчобизан буданаш шарт.

Раҳим Чалил

ДАРВЕШ ДАР КОРВОН (КОФИЛА) ЭМИН АСТ.

мук. Осуда касе ки хар надорад, аз коху ҷаваш хабар надорад.

н а з и р:

Аз пан корвон тиҳидастон
Шоду эмин раванд чун мастон.

Авҳадии Марогӣ

ДАРВЕШИ АЗДЕХРОНДА ДАЪВОИ КАДХУДОЙ КУНАД.

и ш о р а:

1. Яке достон зад бар ин марди мех,
Ки дарвешро чун бпронй зи дех.
Нагӯяд, ки чуз мехтари дех будам,
Ҳама банда буданду ман мех будам.

Абулқосими Фирдавсӣ

2. Дехрнлаву деххудой нонем,
Чун бадр ба ниман тамомем.

Низомии Ганҷавӣ

ДАРВЕШИИ ВА ҚАНОАТ БЕҲ АЗ ТАВОНГАРИИ БЕБИЗОАТ.

Даҳ одаме бар суфра бинишанду ду сағ бар ҷифае ба сар набаранд.

Харис бо ҷаҳоне гурусна аст ва қонеъ ба ноне сер. Ҳукамо гуфтаанд: **«Дарвешии ба қаноат беҳ аз тавонгарии бебизоат»**.

Рӯдаи танг ба як нони тиҳӣ пур гардад,
Неъмати рӯи замин пур накунад дидаи танг.

Саъдии Шерозӣ

ДАРВЕШРО ТӮША АЗ БӮСА БЕҲ!

Ҳочатмандро баровардa шудани ҳочаташ, ки барои вай дар айни замон хеле муҳим аст, беҳтар аз атоӣ аст, ки ба вай лозимӣ надорад.

Маро бӯса гуфтам ба тасхиф дех,
Ки **«дарвешро тӯша аз бӯса беҳ!»**
Ба хидмат манеҳ даст бар кафши ман,
Маро нон деху кафш бар сар бизан!

Саъдии Шерозӣ

ДАРВЕШ ҲАР ҚУҶО, КИ ШАБ ОЯД, САРОИ ӮСТ.

Шахсе, ки хонумон надорад, ҳар ҷо ки фурӯд ояд, макони ӯст. Мук. Онро, ки ҷой нест, ҳама шаҳр чои ӯст.

1. Чун мард дарфитод зи ҷою макоми хеш,
Дигар чӣ ғам хӯрад, ҳама офоқ чои ӯст.
Шаб ҳар тавонгаре ба сарое ҳамеравад,
«Дарвеш ҳар қуҷо, ки шаб ояд, сарои ӯст».

Саъдии Шерозӣ

2. Рост аст, ки Вайлонуддавли хонаи ва бистари муайяне ҳам ба худ сурог надорад ва **«дарвеш ҳар қуҷо, ки шаб ояд, сарои ӯст»** дуруст дар ҳаққи ӯ нозил шуда...

Сайидмуҳаммадалии Ҷамолзода

1. ДАРВОЗАИ ШАҲР МЕТАВОН БАСТ,
НАТВОН ДАҲОНИ МАРДУМОН БАСТ.
(БАДРО НАТАВОН, ВАЛЕ ДАҲОН БАСТ),
2. ДАРВОЗАИ ШАҲРРО БАСТАН МУМКИН, ВАЛЕ ДАҲОНИ МУҲОЛИФОНРО НЕ,
3. ДАРВОЗАИ ШАҲРРО БАСТАН МУМКИН (ОСОН), ДАҲОНИ БАДГӮЯРО НЕ.

Аз бадгӯй боздоштани душману айбҷӯён ва бадгӯён ҳаргиз мумкин нест. Мух. Куфл ба даҳони мардум наметавон зад.

1. Мачнун зи ҳадиси ёри дилҷӯй,
Гирьён шуду гуфт, к-эй парирӯй,
Афтад ба манат чу ҳамъниноӣ,
Дар сарзаниши араб бимоӣ.
«Дарвозаи шаҳрро тавон баст,
Натвон даҳани мухолифон баст».

Абдуллоҳи Ҳотифӣ

2. Нолаи ошикон ба фалаки мино расид. Чун ҳуҷуми халқ аз ҳад гузашт, ҳоҷа бисьёр хавфнок гардид, пас дарвешбачаро бар маркаби тезтак савор карда аз тарси забони хосу ом гуломонро фармул, ки зуд ӯро ба хона бирасонад, ба ҳукми он ки: **«Дарвозаи шаҳр метавон баст, натвон даҳони мухолифон баст».**

Аз «Шаҳзода Шерӯя ибни Малакшоҳи Румӣ»

3. Муаллима шудан дар ин замонаи нотинч он қадар осон не. Мо одамҳои омӣ. Аз дуньё бехабар, айб намекунед... Аз чанд кас шунидам, ки мактаби шӯрой гӯё бачагонро бедину диёнат мекарда бошад.

«Дарвозаи шаҳр метавон баст,
Натвон даҳони мардумон баст».

гуфтаанд,— ҷавоби фаврӣ дод муаллимаи ҳозирҷавоб.

Раҳим Ҷалил

н а з и р:

1. Ҳам бигӯяндӣ, гар ҷои сухан ёбандӣ,
Мардуми ёвасуханро натавон баст даҳон.

Абулҳасани Фаррухӣ

2. Агар барпарӣ чун малак з-осмон,
Ба доман даровезадат бадгумон
Ба кӯшиш тавон Дачларо пеш баст,
Нашояд забони бадандеш баст.

Саъдии Шерозӣ

ДАР ГАДОӢ ГИРЬЯ ҲАМ ДАРКОР ҲАСТ.

Барои гузаронидани таъсир гирья ҳам аҳамияте дорад.

Ва ҳар лаҳза сари остин бар чашм бимол, то ашк фурӯ резад, **«дар гадоӣ гирья ҳам даркор ҳаст»,** он вақт ишон раҳм карда чизе ба ту хоҳанд дод.

Аз «Чокеъ-ут-тамсил»

ДАР ГУМОН ҲАМА ҒАССУ САМИН БОШАД.

Дар гумон ҳам росту ҳам дурӯғ аст. Мук. Дузд яктою гумонбар садто.

Ҷавоб дод хирад, к-ин гумон мабар ба сахош,
Ки **«дар гумон ҳама ғассу самин тавонад буд».**

Абулфараҷи Румӣ

ДАР ГУФТАН АСАРЕ ҲАСТ, КИ ДАР НОГУФТАН НЕСТ.

1. Мақсаду хоҳиши ҳар кас на ба хомӯшӣ, балки ба гуфтан маълум мегардад, 2. дар вақти зарурат хомӯш нишастан хуб нест. Мук. Дар мақоми ҳарф мӯҳри хомӯшӣ бар лаб задан теғро зери сипар дар ҷанг пинҳон кардан аст.

— Мебинам, ки хеле шартакигӯй шудед, муаллима? — хандида гап зад Воҳидов.

Зебӣ ҷиддӣ ҷавоб дод:

— **«Дар гуфтан асаре ҳаст, ки дар ногуфтан нест»,** рафиқ Воҳидов.

Фотеҳ Нидзӣ

1. ДАРД АЗ ТАБИБОН НАШОЯД НУХУФТ,
2. ДАРД АЗ ТАБИБОН ПИНҲОН МАКУН (МАДОР)!

Дарди дилро аз касоне, ки кодири илочи он ҳастанд, набояд пинҳон дошт. Мук. Кас накунад дард нихон аз табиб.

1. Чу мехоҳӣ, ки ёбӣ рӯи дармон,
«Макун дард аз табиби хеш пинхон!»

Низомии Ганҷавӣ

2. Ба аҳбоб бояд гами хеш гуфт,
Ки **«дард аз табибон нашояд нухуфт».**

Аз «Маҳбуб-ул-қулуб»

ш о р а:

1. Мо рози пинҳон бо ёр гуфтем,
Натвон нухуфтан дард аз табибон.

Хофизи Шерозӣ

2. Эй дил, зи дилбар пинҳон чӣ дорӣ,
Дарде, ки чуз ӯ дармон надорад.
Бояд ки ҳар к-ӯ бемор бошад.
«Дард аз табибон пинҳон надорад».

Хоҷуи Кирмонӣ

ДАРД ДАР ОЛАМ АР ФАРОВОН АСТ,
ХАР ЯКЕРО ХАЗОР ДАРМОН АСТ.

мук. Хар дардеро дармонест.

Кӯҳ агар пур зи мор шуд машкӯҳ,
Сангу тарьёк ҳаст ҳам дар кӯҳ.
В-ар зи каждум ба дил гумон дорй,
Кафшу наъл аз барои он дорй.
«Дард дар олам ар фаровон аст,
Хар якеро ҳазор дармон аст».

Абулмаъди Сағой

ДАР ДАРҲО НОН ДИҲАНД, ҶОМА НАДИҲАНД.

Ба касоне, ки меҳмонравиро дӯст медоранд, чун мазаммат гуфта мешавад.

назир:

Масал ҳаст ин ки ҷоман тан зиён оянд мар он касро,
Ки солу маҳ начашад чуз ба хони ину он меҳмон.

Носири Хисрав

ДАР ДАЪВО ҲАЛВО КИСМАТ НАМЕКУНАНД.

мук. Дар чанг ҳалво таксим намекунанд.

ДАР ДЕГИ ЧӮБИН ҲАЛВО НАМЕПАЗАНД.

наг. Дар танӯри чӯбин касе нон напазад.

ишора:

Аз магзи хушк чарбзабон бахрае набурд,
Дар деги чӯб бахри чй ҳалво кунад касе?

Кассоби Кошонй

ДАР ДЕҲ АГАР КАС АСТ, ДУ БОНГ БАС АСТ.

мук. Ба окил як ишорат бас аст.

ишора:

Бас кунам, худ зираконро ин бас аст,
Бонг ду кардам, агар дар деҳ кас аст.

Чалолиддини Румй

ДАР ДЕҲ КИРО ХУШ АСТ? — РАИСУ БАРОДАРАШРО.

Кӯҳна шудааст. Дар деҳ ахволи раису наздикони он хуб асту халос. **Наг.** Деҳ барои кадхудо хуб асту бародараш.

Рӯзи ҷазо ба коми набию валӣ бувад,
«Дар деҳ киро хуш аст? — Раису бародараш».

Муҳаммадсаиди Ашрафӣ
(Аз «Бахори Аҷам»)

ДАРД ДИГАР, АҶАЛ (МАРГ) ДИГАР

Мук. Дард меҳмон аст.

1. — **«Дард дигар, аҷал дигар»**, — одам ба бемор шудан наметарсад, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд.

Садриддин Айнӣ

2. — Ҳеҷ воқеа не,— ӯро тасалло дод падар.— Гап дар решаи умр.

— **«Дард дигару марг дигар»**,— онҳое, ки беморбинӣ меомаданд, бемордоронро ҳамин тавр таскин медоданд.— Умраш бошад, ришта мешаваду канда не.

Аз «Садои Шарқ»

ДАРДИ БАДРО ДАВОИ БАД.

1. Сазои рафтори бад бадӣ аст, 2. бадкардаро бад бошад ҷавоб. Мук. Ба дарди бад — давои бад.

1. — Ташнаи хуни касон, шуд ғаркаи хуни худаш.
— **«Дарди бадро давои бад»**.
— Ҳаққаш...
— Чоҳкан зери чоҳи худ афтод.

Абдусалом Деҳотӣ

2. — **«Дарди бадро давои бад»** — гуфтаанд,— пичиррос мезад Аҳмаматхола.

— Модоме ки туро ба роҳи рост, ба халос шудан аз болои фаранҷӣ даъват кунаму маро ранҷонӣ, ҳамин тавр мекунам, ки чашматро мош барин кушода мемонию фаранҷии садьямоқии якпудиатро худат партофта «бале» мегӯӣ!

Раҳим Ҷалил

назир:

Касеро, ки бадмаст бошад, қафош
Чунон кун ба силӣ, ки нилӣ бувад,
Ки пирони хушьёр хуш гуфтаанд,
Ки дармони бадмаст силӣ бувад.

Анвари Абевардӣ

ДАРДИ ДИЛИ СӮХТА ДИЛСӮХТА ДОНАД.

нис. Андӯҳи дили сӯхтагон сӯхта донад.

ДАРДИ ИШҚ ДАРМОН НАПАЗИРАД.

инг. Ишқ дарди бедавост.

ишора:

Пурсид, ки ин бемор чаро лаб ба сухан намекушояд ва мофизамир худро бо мани парешонботин бознаменамояд. Хоҳархонда оҳе сард баркашиду гуфт: «Дарди сари илоҷ макаш баъд з-ин табиб, дардест дарди ишқ, ки дармонпазир нест».

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАРДИ КАМПИР — ҒЎЗА.

Ҳар кас орзӯ ва мақсадеро дар дил мепарварад.

1. — Ба мо,— гуфт Ҳақбердӣ,— дузд даркор не, агар ба ту даркор бошад, худат ба пеши вай рафтан гир, агар Иброҳим зӯр барояд, боз ба сари мо амирро меорад, ки мо ҳанӯз ҷабру зулми ӯро аз ёд набаровардаем.

— **«Дарди кампир — ғўза»**, бой ҳам одамонш амирро мехоҳад,— дигаре гуфт.

Садриддин Айнӣ

2. — **«Дарди кампир — ғўза»** мегўянд, писарам, лекин дарди модарат келин шуда мондааст.

Ҷалол Икромӣ

1. ДАРДИ ХУД (ХЕШ) ПЕШИ ДАРДМАНДОН БИГЎ,
2. ДАРДИ ХУДРО БА ДАРДМАНД БИГЎЙ!

инг. Дардро пеши дардмандон бигўй!

ДАРД КАМУ ДАРДИ САР КАМ.

1. Молу мулк кам, ғаму ташвиш ҳам кам, 2. ҳар чӣ кам дошта бошӣ, осудатарӣ.

1. Мегўянд, ки Каримҷонбой ҳанӯз соли гузашта... заминҳои худро ваъламатона ба чорякқору қарориҳояш тақсим карда будааст. Чӣ кори хубе!.. **«Дард каму дарди сар кам»**.

Раҳим Ҷалил

2. Чаро пахтаро чоркунча намекоред?

— Бародар, **«дард каму дарди сар кам»** гуфтаанд.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

ДАРД КЎХ БАРИН МЕОЯДУ МЎ БАРИН МЕРАВАД.

мук. Ғам кўҳ-кўҳ меояду мў-мў меравад.

ишора:

Хар ғамеро дар замона ғарчи шодй дар бун аст,
Лек дар дунболи ҳар шодй ҳазорон ғам бувад.
Андак-андак шод гардад дил, ки бо ғам мудғам аст,
Дард ояд кӯҳ-кӯҳу зарра-зарра кам шавад.

Аҳмади Ахсар

ДАРД МЕҲМОН АСТ.

Касалй барои одам муваққатй ва гузаро аст, аз он маъюс набояд шудан. Мук. Дард дигар, аҷал дигар.

1. Меҷдааш касал доштааст. Дорую дармон карда, як навъ ба худаш овардааянду аммо ҳолй ҷавоб намедодаанд. **«Дард — меҳмон»** мегӯянд, кошкй тезтар дуруст шуда меомаду дилакам осуда мешуд.

Раҳим Ҷалил

2. — Янга, нодуруст гуфта бошам, ба дилатон нагиред, акаамо сиҳат шаванд, ба кор мебароянд. **«Дард меҳмон аст».**

Қодир Наимй

ДАРДМАНДОН РОҲ МЕПУРСАНДУ АЗ ПАЙ МЕРАВАНД.

Барои ба даст даровардани мақсад аз ҳеҷ манфиате рӯ намегардонанд.

— Дар он сахро тохтан гирифт ва ба як чашм задан аз дидаи деҳқон ғоиб шуд. Бечора бо вучуди мазаллати ғурбат ва меҳнат бар ақиб равон шуд. **«Дардмандон роҳ мепурсанду аз пай мераванд».**

Аз «Анвори Суҳайлй»

ДАРДО, КИ РОЗИ ПИНҲОН ҲОҲАД ШУД ОШКОРО.

Ҳеҷ сирре нест, ки охир ошкор нагардад. Мук. Харгиз намонад сухан дар пуҳуфт.

1. Шумо ҳайрон нашавед, ки мо аз сураттақдимкунии зани шумо чй ҳел хабардор шудаем. Дуруст гуфтаанд, ки **«дардо, ки рози пинҳон ҳоҳад шуд ошкоро!»**... ҳоло ҳозир сари кафида дар таги токй бошад ҳам, ин вокеа даҳан ба даҳан ба шаҳр овоза мешавад.

Раҳим Ҷалил

2. Хандан коҳ-коҳ ба ҳаво печид. Ба ҳукми **«дардо, ки рози пинҳон ҳоҳад шуд ошкоро»**, ба амир ба ивази мансаби ҳокимй духтари худро тақдим кардани Мирзоакрамбой бо чй роҳе маълуми халқ гардида, дар байни кӯҳистон ҳам гап шуда буд, бинобар ин киноя Саидалиро ҳама фаҳмиданд.

Сотим Улуғзода

3. **«Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро»** гуфта, дар охири сўҳбат аз устоди худ маслиҳат пурсидам.

Мирсаид Миршакар

ДАРДРО ПЕШИ ДАРДМАНД БИГЎЙ!

Дарду мусибати худро ба касе бигў, ки ў аҳли дард бошад. Мук. Ба пеши табиб нарав, пеши корафтода рав!

назир:

Тандурустонро набошад дарди реш,
Чуз ба ҳамдарде нагўям дарди хеш.
Гуфтан аз занбўр бе ҳосил бувад,
Бо яке дар умри худ ноҳўрда неш.

Саъдии Шерозй

ДАР ДУ МЕХРОБ НАМОЗ НАМЕХОНАНД.

Мук. Ду соҳибро парастиш натавон кард.

ишора:

Дар он сурат бад-ин рахшанда чон аст,
Хабар буд ону ин боре аён аст.
Дигар рах гуфт аз ин рах рўй бартоб,
Раво набвад намозе дар ду меҳроб,
Зи як даврон ду шарбат хўрд натвон
Ду соҳибро парастиш кард натвон.

Низомии Ганчавй

ДАРД ХИРВОР МЕОЯД, МИСКОЛ МЕРАВАД.

мук. Ғам кўҳ-кўҳ меояду мў-мў меравад.

ДАРЕРО ТО НАКЎБЙ, ДАРАТРО НАМЕКЎБАНД.

мук. Ангушт макун ранча ба дар кўфтани кас, то кас накунад ранча ба дар кўфтанат мушт.

— Ана ҳамин хел шуда, тақсирҳои ношустарўям ба даст афтоеду мондед! Лекин ман ба шумо, аблаҳҳо, ҳайрон. Ба зери замни дарою ангиштатро кану кобилу гапдаро шуда гаштан гир-дия. **«Дареро то накўбй, даратро накўбанд».**

Раҳим Ҷалил

ДАРЕҒ СУД НАДОРАД ЧУ РАФТ КОР АЗ ДАСТ.

Кор, ки аз кор гузашт, афсўс хўрдан суде надорад, ниг. Пушаймонй надорад суд.

Илочи вокеа пеш аз вуқӯъ бояд кард,
«Дареғ суд надорад чу рафт кор аз даст».

Саъдии Шерозӣ

ДАР ЗАМИНИ ШӮР НАПӮШАКАР НАБОЯД КОШТ,
АЗ НОЧИНСОН ЧАШМИ ВАФО НАБОЯД ДОШТ.

ниг. Ҳар кӣ аз нокас тамаъ дорад вафо, аз дарахти бед мечӯяд самар.

Бобоҳоямон мегӯянд, ки **«дар замини шӯр пайшакар набояд кошт, аз ночинсон чашми вафо набояд дошт».** Ин одамон аз қабили ҳамон ночинсон ҳастанд.

Раҳим Ҷалил

ДАР ЗАРФИ ХОЛӢ САДО ЗИЁД МЕПЕЧАД.

Ниг. Гови бешир овози баланд дорад.

ДАРИ БАСТА ШЕРРО БАРМЕГАРДОНАД.

мук. Пои мурғатро бибанду ҳамсояатро дузд махон!

ДАРИ ДАРВОЗА(ХО)РО МЕТАВОН БАСТ, АММО ДАҲАНИ МАРДУМРО НАМЕТАВОН БАСТ.

ниг. Дарвозаи шаҳр метавон баст, наътои даҳони мардумон баст.

ДАР ИН ДУНЬЕ КАСЕ БЕ ҒАМ НАБОШАД.
АГАР БОШАД БАНИ-ОДАМ НАБОШАД.

Ҳар одам барои худ ғаме дорад.

назир:

1. Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Чаҳон торик будӣ човидона,
Дар ин ғетӣ саросар ғар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Шаҳиди Балхӣ

2. Дар олами бевафо касе хуррам нест,
Шодию ишрат дар бани-одам нест.
Он кас, ки дар ин замона ӯро ғам нест,
Ё одам нест, ё аз ин олам нест.

Ҳилолии Чағатой

ДАРИ ХОНААТРО БИБАНДУ ҲАМСОЯАТРО ДУЗД МАГИР!

мук. Пои мурғатро бибанду ҳамсояатро дузд махон!

ДАР КОРИ ҲАЙР ҲОҶАТИ ҲЕҶ ИСТИХОРА НЕСТ.

1. Кори хайрро бетаваккуф боид кард. 2. нчрои коре, ки фонда-аш аён аст, эҳтиёч ба маслиҳату машварат нест. Мук. Кори хайр напазирад таваккуф. Ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

1. Рохест роҳи нишк, ки ҳечаш канора нест,
Он чо, чуз он ки чон бисупоранд, чора нест.
Хар гах ки дил ба нишк диҳй, хуш даме бувад,
«Дар кори хайр ҳочати ҳеч истихора нест».

Хофизи Шероз

2. Бо вучуди он ки аз пасттарин мардуми он тоифа будам, нешдастй кардам ва бар дигарон сабкат гирифтам ва бо яке аз фузало изҳор кардам, ки ман ин нрода дорам. Он азиз бишунид ба шигифт омада, бар рўи ман хандид ва дасте бар пушти ман зад, ки ба дастьёрии ў пушти ман қавй гардид ва гуфт:

— **«Дар кори хайр ҳочати ҳеч истихора нест».** Хуб фикри бачо кардай, ки аз ту ёдгорй хоҳад монд.

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

3. Санд Аҳмадхон ба тарафи дасти рости худ нигоҳ кард.— Таксир! — гуфт қозй,— **«дар кори хайр ҳочати ҳеч истихора нест»** гуфтаанд, раъйи олй айни савоб аст, ба фаҳми ман, бе ҳеч гуна машварат баҳодурони умароро ба нчрои ин кор амр фармудан лозим аст.

Садриддин Айнй

ишора:

1. Ба азми тавба набоид зи шайхам истимдод,
Ба кори хайр чй ҳочат, ки истихора кунам?

Алишери Навой

2. Хайр таъхир барнаметобад,
Хунук он кас, ки хайр дарьёбад.

Аҳмадии Марогй

3. Он возеъе, ки вазъи асоси чаҳон аз ўст,
Дар кори хайр, гуфт, ки таъхир не равост.

Тақии Доништ

ДАР КОРИ ШИТОБ ПУШАЙМОНИ БИСЬЕР АСТ.

мук. Шитобзадагй кори шайтон аст.

ДАР МАЗРАЪИ ДАХР (ХАР) ОН ЧЙ КОРЙ, ДАРАВЙ.

мук. Аз мукофоти амал гофил машав, гандум аз гандум **бирўяд, чав зи чав.**

Шер гуфт: — Ман дар ҳеч ҳукм аз чодаи адл шиҳироф навар-

зидаам ва мумкин нест, ки чуд дар манҳачи адолат қадам занам ва агар ин хиёнат аз ту содир шуда бошад, ба ҷазое, ки сазои ту бошад, хоҳӣ расид. **«Дар мазраъи даҳр он чӣ корӣ, даравӣ».**

Аз «Анвари Суҳайлӣ»

ДАР МАРАЗИ ИШҚ НАБОШАД ТАБИБ.

Хоҷуи Кирмонӣ

ниг. Ишқ дарди бедавост.

назир:

Чӣ дармон, Хоҷу, ар дар дард мирӣ,
Ки дарди ошиқӣ дармон надорад.

Хоҷуи Кирмонӣ

ДАР МАСАЛ МУНОҚИША НЕСТ.

Ба масале, ки мупосиби ҳол ва дар мавридаш гуфта шудааст, эрод намегиранд.

1. Боре **«андар масал муноқишат нест»**
Фарз ки Рай-Макка, шаҳрйёр-Муҳаммад.

Муҳаммадтақии Бакво

2. Ҳарчанд беадабӣ аст, мегуфт, матлаб ин тавр харфаҳмтар мешавад. **«Дар масал муноқиша нест».** Ба назарам меояд барои шумо ҳам маҳз ин ки дуруст ба матлаб пай бибаред, як мукаддима бичинам, бад нест.

Алиакбари Деҳхудо

ДАР МАСҶИД ХОБ ҲАМ НАМЕКУНАМ, ХОБИ ПАРЕШОН ҲАМ НАМЕБИНАМ.

Вакте бихоҳанд бигӯянд, ки кори ношоиста намекунаму бекарор ҳам намешавам ин зарбулмасалро эрод мекунанд. Мук. Дур аз шутур бихобу хоби ошуфта мабин!

— Ҳа,— мегуфт модарам,— додарат хеле қайсар, якраҳа, худи дадет барин, мегӯяд, ки Зеборо на ин ки ба додарам гирифта намедиҳам, ба душманам ҳам раво намебинам! **«Дар масҷид хоб ҳам намекунам, хоби парешон ҳам намебинам!»**

Ч. Икромӣ, А. Одинцов

назир:

Бар лаби боми хатар патвон ба хоби ами рафт,
Эминӣ хоҳӣ, зи авҷи эътибор андеша кун!

Саиби Табрезӣ

ДАР МАКОМИ ХАРФ МӮХРИ ХОМӮШӢ БАР ЛАБ ЗАДАН ТЕҒРО ЗЕРИ СИПАР ДАР ҶАНГ ПИНҲОН КАРДАН АСТ.

мук. Дар гуфтан асаре хаст, ки дар нагуфтан нест.

ДАР МИЁНИ МУРДАХО ШАҲИД.

Агар касе ба миёни гурӯҳи номувофиқ афтида бошад, ни зарбулмасал эрод мегардад. ниг. Миёни мурдахо — шаҳид.

Баъзе вақт одамони аз шеър бехабар, камфаҳм ва камзаковат ҳам ба ягон бонсе ба ин мачлис даромада мемонданд. Чунончи, мулло Окил, ки даъвои муллоӣ дошта бошад ҳам, аз шеър ва шеърфаҳмӣ дур буд, ба Шарифчон махдуми Зиё чиҳати қадрдонӣ дошта рафтуоӣ менамуд. Аксар вақт дар мачлисҳои шеърхонии Шарифчон махдум ба қатори шеърхонон ва шеърфаҳмон (ба қавли мулло Назруллои Лутфӣ: **«Дар миёнаи мурдахо шаҳид»**) дар як кунҷаки хона менишаст. Лутфӣ, ки марди шӯхтабиат буд, барои шӯхӣ баъзе мисраъ ва байтҳои бофтан худашро ба яке аз шоирони классикӣ (ба Бедил ё Хофиз) нисбат дода, мехонд ва тавчеҳ намуданро ба мулло Окил мефармуд.

Аз «Садои Шарқ»

ДАРМОНДАГОН МАҲОЛ БИСЬЁР ГӮЯНД.

Касе, ки дар кори кулли дармонда бошад, андешаҳои маҳол бисьёр мегӯяд.

Ту, Сурӣро агар пурсад, чизе дигар гӯй! Бозгаштам ва Сурӣ пурсид. Мутолаате овардам ва гуфтам: — Амир гуфт: — **«Дармондагон маҳол бисьёр гӯянд»**.

Аз «Таърихи Байҳақӣ»

ДАР НАВМЕДӢ БАСЕ УМЕД АСТ,
ПОЁНИ ШАБИ СИЯҲ САФЕД АСТ.

мук. Аз пай ҳар гирьи охир ҳандаест.

1. Навмед машав эй ҳора чустан,
К-аз лона шигифт нест рустан,
Коре, ки на з-ӯ умед дорӣ,
Бошад сабаби умедворӣ.
«Дар навмедӣ басе умед аст,
Поёни шаби сиях сафед аст».

Низомии Ганҷавӣ

2. Пас киссаи дуздону зар бурдану ӯро баста он чо афгандан, тамомӣ бозронд. Бӯзина гуфт:

— Хушдил бош ки **«дар навмедй басе умед аст, поёни шаби сиях сафед аст»**, ба кадри токат дар тадоруки он халал саъй хоҳам намуд.

Аз «Анвори Суҳайлй»

3. Ман бо ғулом ба хона дохил шудам. Чун духтарак маро бинд, бехуд шуд. Чун ба худ омад, ин байт барҳонд: **«Дар навмедй басе умед аст, поёни шаби сиях сафед аст»**. Пас аз он дуруст бинишаст ва гуфт:

— Эй хоҷа, ба худо савганд, гумон надоштам, ки рӯи туро бубинам.

Аз «Ҳазору як шаб»

4. Ҳамин буд, ки эзд-эзд ба комбинат меомад, «ба кор қабул кунед» мегуфт. Ҳар дафъа ба вай «сабр кунед, мешавад» мегуфтанд. **«Дар навмедй басе умед аст, поёни шаби сиях сафед аст»** гуфтаанд. Ваъдаҳо ҳарчанд тӯл кашида бошанд ҳам, Зайнаб тоқат кард, ноумед шуда чои дигар нарафт.

Аз «Тоҷикистони Советй»

ишора:

То чои дорам, ғами ту хоҳам хӯрдан,
Бисьёр умед ҳаст дар навмедй.

Ҷалолиддини Румй

ДАР НООМАДИ КОР АТОЛА ДАНДОН ШИКАНАД.

инг. Дар омади кор шиша сандон шиканад, дар ноомади кор атола дандон шиканад.

1. — Зор монад, **«дар ноомади кор атола дандон шиканад»** гуфтаанд, рост будааст. Боз 11 машина пахтаамонро аз завод баргардондаанд.

Аз «Тоҷикистони Советй»

2. — **«Дар ноомади кор атола дандон шиканад»** мегӯянд. Баъд аз Камар ҳам якчанд зан гирифтам. Аммо бахтам шӯрй кард.

Тоҷй Усмон

ДАР ОБ МУРДАН БЕҲ, КИ АЗ ҒУК ЗИНҲОР ХОСТАН.

Аз нокасон амон, мадад чустан бадтар аз мурдан аст. Мук. Маро аз шикастан чунон дард н-ояд, ки аз касон хостан мумиёй.

Ба хешовандони кам аз хеш мӯҳтоҷ будан мусибате азим дон, ки **«дар об мурдан беҳ, ки аз ғук зинҳор хостан»**.

Аз «Кобуснома»

ишора:

1. Ба зери пои пилон даршудан паст
Беҳ аз пеши хасисон доштан даст.
Ба об-андар шудан ғарқа чу моҳӣ
Аз он бех, к-аз вазағ зиниҳор хоҳӣ.
Ба нохун санг баркандан зи кӯҳсор
Беҳ аз ҳочат ба назди носазовор.

Низомии Ганҷавӣ

2. Агар дар об ҷонат бар лаб ояд
Беҳ аз он к-аз вазағ зиниҳор хоҳӣ.

Аҳмади Ахғар

ДАР ОБ МУРДАН БЕХТАР, КИ ДАР ИНТИЗОРИ ОБЕ.

мук. Ба серӣ мурдан беҳ, ки ба гуруснагӣ ҷон супурдан.

Сарам, аз худой хоҳам, ки ба пояш андар афтад,
Ки **«дар об мурдан бехтар, ки дар интизори обе»**.

Саъдии Шерозӣ

ДАРОЗГӮШ БОРИ ФИЛ БАРНАДОРАД.

мук. Асб бори фил накашад, маъзур бошад.

Дигар салотинро воҷиб аст, ки бори хурдон бар дӯши бузургон ва аз они бузургон бар дӯши хурдон наниҳанд, ки **«дарозгӯш бори фил барнадорад»**.

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

ДАРОЗИИ ШАБ АЗ РАНҶУР ПУРСАНД.

Азобу уқубати дардро аз касе бипурс, ки худи ӯ азоби дардро чашида бошад. Мук. Тариқи бодияро аз шутурсавор мапурс, бинӣ, бубин, ки ба пои пиёдагон чанд аст?

Зи бехобӣ намемирам, чӣ созам,
Кӣ донад қадри шабҳои дарозам?
Ғами ҳачр аз дили маҳҷур пурсанд,
«Дарозии шаб аз ранҷур пурсанд».

Фаридаддини Аттор

назир:

Дарозиои шаб аз чашми дардмандон пурс,
Ту қадри об чӣ донӣ, ки дар лаби ҷӯй.

Саъдии Шерозӣ

ДАРОЗРО МОНУ КӮТАХРО БУР!

Агар ба чои гунаҳгор бегуноҳро ҷазо диҳанд ва ё ба чои роҳи ҳақ роҳи ноҳақро пеш гиранд, ин зарбулмасал гуфта мешавад.

1. Мулозим Юсуфро гирифта бурд, магар қозӣ ишорате карда, ки маро мулозими дигаре ба зиндони қозихона бурд ва пас аз шом мирохурбошии қозикалон ба ман одам ҳамроҳ карда сиҳат, саломат ба хонаам фиристад.

Ҳаит гуфт:

— **«Дарозро мону кӯтаҳро бур!»** гуфтаанд, ки бисьёр рост аст.

— Агар ман барои дарозҳоро буридан мегирифтанд, ту барои кӯтоҳҳо аз гуруснагӣ мемурд, ҳатто шиками эшони қозикалонат ҳам аз давлати ман барои дарозҳо сер мешавад.

Садриддин Айнӣ

2. — Хӯш,— мад кашид бобо ба хаёл афтода,— босмачиҳо гурехтанду хеста пиҳоқ кунам, Шабаров аллакай дар сари дастгоҳу дастаки галтакашро бепарво тоб медиҳад. Гӯё ҳеч чиз нашудааст. Нотарсиро бинед! Босмачӣ аз назднки вай гурехта мерафт. Ягонтааш **«дарозро мону кӯтаҳро бур»** мепарронад ё калам карда меравад гуфта хаёл накардааст.

Раҳим Ҷалил

ДАР ОМАДИ КОР ШИША САНДОН ШИКАНАД, ДАР НООМАДИ КОР АТОЛА ДАНДОН ШИКАНАД.

Агар кор кушоиш кунад, толеъ рӯ оварад, ҳар кори мушкил осон мегардад, агар бахт ноомад кунад, мушкилтару сарпечтар мегардад. Мук. Толеъ агар силсилачунбон шавад, мӯр тавонад, ки Сулаймон шавад.

Дар гузашта бехуда ҳам нагуфтаанд, ки **«дар омади кор шиша сандон шиканад, дар ноомади кор атола дандон шиканад».** Лекин дар назар, гарчанде ки шишаи аламзадагон ақаллан ягон бор ба дилашон шуда аз сандон парахае напарронда бошад ҳам, аз атола дандони онҳо тез-тез мешикаст. Зеро барори кори бечорагон танҳо орзую афсона, вале нобарорӣ, яъне, ноомади кор, бо онҳо ҳамеша улфату ҳамхона буд.

Раҳим Ҷалил

1. ДАР ОН ДИЛЕ, КИ ТАЛАБ ҲАСТ, ОРАМИДАН НЕСТ.
2. ДАР ОН ДИЛЕ, КИ ҲАВАС БИСЬЁР ҲАСТ, ОРАМИДАН НЕСТ.

1. Бар ҳачру васлу малолу **ишшот** гирья кунам,
Дар он диле, ки талаб ҳаст, орамидан нест».

Назири Нишопурӣ

2. **«Нест ором дар он дил, ки ҳавас бисёр аст»,**
Шарораме шавал шўъла, чу хас бисёр аст».

Саиби Табрезй

ДАР ОТАШ БУДАН БЕҲ АЗ БЕРУНИ ОТАШ (АСТ).

инг. Аз берун бало будан дар дарун он будан беҳтар аст.

ДАР ОШИҚӢ ҲАВАС ДИГАРУ ИШҚ ДИГАР АСТ.

Ширин зи шўри Хисраву Фарҳод ни биёфт,
«Дар ошиқӣ ҳавас дигару ишқ дигар аст».

Гиёси Дехлй

ДАР ПАИ ҲАР РАНҶ РОҲАТЕСТ, КИ НОҲОР,
ЧУН ШАБИ ДАҲҶУР БИГЗАРАД, САҲАР ОЯД.

Гуломи Ҳамадонй

мук. Аз пан ҳар гирья охир хандаест.

ДАР ПАИ ҲАР ШОДИЕ ҒАМЕ МУҲАҲЕСТ.

Акси «Аз пан ҳар гирья охир хандаест».

Хукамо рост гуфтаанд, ки «дар пан ҳар ғаме шоднест» ва **«дар пан ҳар шодие ғаме муҳаҳёст»**, «ҳар хандаеро сад гирья дар пай аст». Бингар, ки ба ивази он хуррамӣ эрониёни миёкин чӣ ғамҳо хўрданд!

Аз «Доробнома» II

ДАР ПАИ ҲАР ҒАМЕ ШОДИЕСТ (МУҲАҲЕСТ).

мук. Аз пан ҳар гирья охир хандаест.

Хукамо рост гуфтаанд, ки **«дар пан ҳар ғаме шоднест»** ва «дар пан ҳар шодие ғаме муҳаҳёст», «ҳар хандаеро сад гирья дар пай аст». Бингар, ки ба ивази он хуррамӣ эрониёни миёкин чӣ ғамҳо хўрданд!

Аз «Доробнома» II

ДАР ПАСИ ҲАР ГИРЬЯ ОХИР ХАНДАЕСТ.

инг. Аз пан ҳар гирья охир хандаест.

«Дар паси ҳар гирья охир хандаест»,
Марди охирбин муборакбандаест.

Чалолиддини Румй

ДАР ПАСИ ҲАР САҲАР ШОМЕСТ.

Мук. Аз пан ҳар гирья охир хандаест.

Аз он чо, ки вазъи замонаро «дар паси ҳар саҳар шомест» ва

перомуни ҳар дона даме, ҳанӯз баъми нибисот дарҳӯрӣ хоҳиши хотир тазъин напазируфта буд ва анчумани ишрат ба андозаи тамошои дил равнақ нагирифта, ки сипеҳри нотавонбин бар комроиям рашк бурд.

Аз «Бақори Дониш»

ДАР ПАҲЛӮИ ЗАН ТИР БЕҲ АЗ ПИР БУВАД.

инг. Зани ҷавонро тире ба паҳлу нишинад беҳтар, ки пире.

1. Пас даллол ба сӯи канизак омаду гуфт: Эй шамсини хубон, ин бузургон мехоҳанд, ки туро харида гиранд.

Канизаки мохрӯй ба сӯи он шайхи зардчашми зиштрӯй нигоҳ карда ба даллол гуфт, ки: Ман ба марди куҳансол фурӯхта намешавам, ки шоир гуфтааст:

Шӯи зани навҷавон агар шер бувад,
Чун пир бувад ҳамеша дилгир бувад.
Оре масал аст ин, ки занон мегӯянд:
«Дар паҳлӯи зан тир беҳ аз пир бувад»

Аз «Ҳазору як шаб»

ДАР ПЕШДАСТӢ ЗАВОЛ НАБОШАД.

мук. Дасти пеш бадал надорад.

Чу аз пештозони онизафар
Расонданд саросар такопаш хабар.
Зи хомӣ чунон пухт бо худ хаёл,
Ки **«дар пешдастӣ набошад завол».**

Фирдавсии Сочӣ

ДАР РАВШАНИИ ОФТОБ БА НУРИ ЧАРОҒ ҲОҶАТ НАЕЯД.

мук. Чароғи пеши офтоб партаве надорад.

Мода гуфт:

— Дар замони ғайбати **ту маро ба ҳеҷ номаҳраме улфату сӯҳбат ва муҷоласату мухолатат набудааст ва бар хилофи ризои ту қадаме наниҳодаам.**

Кабки нар гуфт: — **«Дар равшании офтоб ба нури чароғ ҳоҷат наёяд».**

Аз «Синдбоднома»

ДАРРО (ДАРА) ЗАДАМ, ДЕВОР КАФИД.

Дар мавриди ҷавоби беробту подарҳаво гуфта мешавад. Мук. ин тут гӯям, шумо бед мегӯед.

1. Гуфто, **ки** баъд, як дам шинед!
Гуфтам, ки «Вокзалро диҳед!»
Баъд аз каме телефон кунам,
«Дарро задам, девор кафид»:

— Вокзал-мӣ?
— Не, ҳаммоми шаҳр!

Мухиддин Аминзода

2. Мирбобо: Пахтаро-дия. Ба хотир дорам, як бор хирман дар-гирифта буд. Чиноиткорро хуб кофтанд. Сонӣ маълум шуд, ки пах-тан нам худ аз худ алов мегирифтааст.
Канбарой (бо қаҳр): **«Дара задам, девор кафид».**

Абдумалик Баҳорӣ

ДАР РОҲИ ИШҚ МАРҲИЛАИ ҚУРБУ БӮЪД НЕСТ.

Ишқ дуру наздикиро намедонад, ишқ дар ҳама ҳол заволно-пазир аст.
Сангпушт гуфт: Эй рафики ҳамдам ва дӯсти маҳрам, гараз аз истиҳзои ту на ҳамин риояти лавозими зиёфат ва тартиби маъкуло-ту машрубот аст, балки муддао он ки чудой аз мнён рахт бардош-та, пайваста шарафи висол ҳосил бошад. Бӯзина гуфт: — **«Дар раҳи ишқ марҳилаи қурбу бӯъд нест».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАР РӮЗИ НАБАРД ЗАРБАТ АЗ ҲАРБАВУ ДАЪВО АЗ МАРД.

Ғалаба дар ҷанг вобаста на танҳо ба зӯрмандии мардон, балки вобаста ба аслиҳаи онҳо низ мебошад.
Гове бар галаи худ солор буд ва дар миёни говон ба қуввати сурув номдор. Чун гург рӯй ба ишон овардй, офати вай ба захми сурув аз ишон дур кардй.
Ногоҳ дасти ҳодиса бар вай шикаст овард ва сурувии вайро офате расид. Баъд аз он чун ӯ гургро бидидй, дар паноҳи говони ди-гар хазидй. Сабаби онро суол карданд. Дар ҷавоб гуфт:

«З-он рӯз ки аз сурувии худ мондам фард,
Шуд маъракаи диловарй бар ман сард.
Дерин масале ҳаст, ки **«дар рӯзи набард**
Зарбат бувад аз ҳарбаву даъво аз мард».

Абдураҳмони Ҷомӣ

ДАР САФАР ДОНАНД МАРДУМ КАДРИ ЧОИ ХЕШРО.

Дил зи зулфаш то ба дур афтод дорад тобу печ,
«Дар сафар донанд мардум кадри чои хешро».

Котибии Туршезй

ДАР САФРО ХАЛВО НАХЎРАНД.

мук. Дар чанг халво таксим накунанд.

ишора:

Туро яздон хамегўяд, ки дар дунъё махўр бода,
Чаро тарсо хамегўяд, ки дар сафро махўр халво?
Барои дин бишагзорй харом аз гуфтан яздон,
Валек аз бахри тан монй халол аз гуфтан тарсо.

Абулмаъуди Сонй

ДАР САХРО ПАХТАРО УШТУР ХЎРДУ ДАР ШАХР ГЎШИ БОФАНДАРО БУРИДАНД.

Агар касеро нохак гунахгор ё гунахгорро монда бегунохеро чаю доданй шаванд, ин зарбулмасалро мегўянд. Мук. Гунах кард дар Балх охангаре, ба Шуштар заданд гардани мисгаре.

Аз сад яки айби ўро ба ранс гуфтаму маслихат пурсидам, ки аз ў чудо шавам, чй мешуда бошад? Ранс бошад, **«дар сахро пахтаро уштур хўрду дар шахр гўши бофандаро буриданд»** гуфтагй барш, баръакс, худи маро ба тахта кашид.

Рахим Чалил

ДАР СУХАН ДУР БИБОЯДАТ СУФТАН, ВАРНА ГУНГЙ БЕХ АЗ СУХАН ГУФТАН.

Сухан бояд балеғу бикр ва судманд бошад, вагарна хомўш будан бехтар аст. Ниг. Сухан нав ор, ки навро халоватест дигар.

«Дар сухан дур бибоядат суфтан,
Варна гунгй бех аз сухан гуфтан».
Гунгй андар хадиси камовоз
Бех, ки бисъёргўи бехудатоз.
Кард аклат насихате махкам,
Ки накўгўй бош ё абкам.

Абулмаъуди Сонй

ДАР СУХАНИ РОСТ ЗИЁН КАС НАКАРД.

Аз рост гуфтан касе зиён нахохад кард. Мук. Хар кй хак гўяд, аз ботил наяндешад.

Ростии хеш нихон кас накард,
«Дар сухани рост зиён кас накард».
Ростй овар, ки шавй растагор,
Ростй аз ту, зафар аз кирдгор.

Низомии Ганчавй

ДАР СЎХТА БЕХ, КИ ХОНА ВАЙРОН.

Аз зарари калон зарари андак бехтар аст.

Гуфтанд ба иттифоқ пирон:
«Дар сўхта бех, ки хона вайрон».
Чун фитнаи мо бурун зад ни тоб,
Он бех, ки кунем фитна дар хоб.

Хусравии Деҳлавй

ДАР ТАКИ ДОИРА ХАР ЧО, КИ НИШИНЙ САДР АСТ.

Гарчи Хоқонй аз асқоб фурўтар бинишаст,
Натавон гуфт, ки дар садри ту ў камқадр аст.
Садри ту доираи чоху чалол аст муқим,
«Дар таки доира хар чо, ки нишинй садр аст».

Хоқонии Шервонй

ДАР ТАНИ СОЛИМ АКЛИ СОЛИМ.

ишора:

Дар тани солим бувад акли матину фикри хуб,
Кай тавон аз нотавон дост авсофе чунин?

Афсари Сабзаворй (Аз «Модар туро ситоиш мекунам»)

ДАР ТАНЎРИ ЧЎБИН КАСЕ НОН НАПАЗАД.

Хар кор василаи махсус барои худ дорад. Мук. Бо шамшери чўбин чанг натавон кард.

ишора:

Хамепазем хама дар танўри чўбин нон,
Хамебурем хама чоми тан аз маҳтоб.

Сўзании Самарқандй

ДАР ТАЪХИР ОФАТХОСТ.

Барои он ки зараре ва ё нохушие рўй надиҳад, хар кор бояд дар мавридаш анчом дода шавад.

1. Ба фитрок ар хаме бандй, худоро, зуд сайдам кун,
Ки «офатхост дар таъхир»-у соликро зиён дорад.

Хофизи Шерозй

2. Шер гуфт: — Ин соат вақт аст зудтар бознамой, ки мухиммоти куллй таъхир барнатобад ва агар кори имрўз ба фардо афтад, ҳазор офат рўй намояд. «Макун таъхиру сирри кор пеш ор, ки **«дар таъхир офатҳост бисьёр»**.

Аз «Анвори Суҳайлй»

ДАР ТОБИСТОН МОРОН БОРАД БЕХТАР АСТ АЗ БОРОН.

Ҳар кору ҳар чиз дар вақту мавридаш судманд аст.

Лекин деҳқононн он чоҳо ҳамагй галла-донакор буданд. Онҳо сабзавотро ҳам лалмй мекоштанд, дар он гуна чоҳо борон чй кадар зйдтар борад, ҳамон кадар бехтар аст, борон онҳо ҳатто дар тобистон ҳам борон даркор мешудааст. Аммо дар мо бошад, **«дар тобистон морон борад бехтар аст аз борон»** мегўянд,— гуфт пирамард.

Садриддин Айнй

ДАР ТУРО МЕГЎЯМ, ДЕВОР ТУ БИШУНАВ!

нис. Духтарам ба ту мегўям, келинам ту шунав!

ДАРУ ДАРВОЗАРО МЕТАВОН БАСТ,
ДАҲОНИ МАРДУМРО НАМЕТАВОН БАСТ.

нис. Дарвозаи шаҳр метавон баст, наъвои даҳони мардумон баст.

ишора:

1. Даҳони душману гуфти ҳасуд натвон баст,
Ризои дўст ба даст ору дигарон бигзор!

Саъдии Шерозй

2. Қому дини мору нешн каждум бастан
Битвон, натавон забони мардум бастан.

Машраб (Аз «Ғазалиёт ҳикоя»)

ДАРУНИ ХОНАИ ХУД ҲАР ГАДО ШАҲАНШОҲЕСТ.

Собири Табрезй

мук. Бар дари хона ҳар саге шер аст.

ДАР ХОК ЧЙ ТАЪСИР БУВАД ГАНҶИ ДАФИНРО?

мук. Барои инҳодан чи сангу чи зар.

ДАР ХОНА АГАР КАС АСТ, ЯК ХАРФ БАС АСТ.

Одами оқил аз ишорате моҳияти масъаларо дарк мекунад. Мук. Агар дар хона кас, ҳарфе бувад бас.

1. Эй ҳоҷа, агар ҳама биҳиштат ҳавас аст,
Хайрот бикун, агар туро дастрас аст.

Хайрот чу кардай, бирав эмин бош,
«Дар хона агар кас аст, як харф бас аст».

Бобо Афзали Кошй

2. Забон суда шуд э-ин сухан хомаро,
Варақ шуд сиях э-ин рақам номаро.
Чй хуш гуфт дono, ки **дар хона кас**
Чу **бошад:** зи гўянда **як харф бас!**
Хамон бех, ки дар кўи дил рах кунем,
Забонро бад-ин харф кўтах кунем.

Абдувахиди Чомй

3. Ин назм бистуяк байт аст, он чй ба хотир омад, бар хамон карор ёфт, ихтисор карда шуд. **«Дар хона агар кас аст, як харф бас аст».**

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

4. Он вақт адолат мекардем, холо зулм. Он вақт олим будем дар тамоми олам, холо чохилтарини халқ шудаем, тамоми шарқу гарби дуньё ба мо мўхточ буданд ва аз мо сармашқ мегирифтанд, акнун мо бояд дар камоли эхтиёч забуну зердасти халки олам мебошем. **«Дар хона агар кас аст, як харф бас аст».**

Аз «Тўхфаи ахли Бухоро»

5. Дил гуфт маро илми ладунний хавас аст,
Таълим куи он агар туро дастрас аст.
Гуфтам, ки алиф гуфт дигар хеч магўй,
«Дар хона агар кас аст, як харф бас аст».

Мирзодаи Ишқй

ДАР ХОНА БА КАДХУДОЙ МОНАД ХАМА ЧИЗ.

Мук. Моли хона ба сохибхоча меравад.

1. ДАР ХОНАЕ, КИ ОФТОБ НАМЕДАРОЯД, ТАБИБ МЕДАРОЯД.
2. ДАР ХОНАЕ, КИ ОФТОБ НАДАРОЯД, ТАБИБ МЕДАРОЯД.

Нури офтоб шифои хар дард аст.

ишора:

Он чо, ки дўст бошад, чои ракиб нест,
Хамрохаш ар биёяд, чои шикеб нест.
Чое, ки дард нест, ба дармон чй хочат аст?
Он чо, ки офтоб битобад, табиб нест.

Ахмади Ахгар

ДАР ХОНАИ МЎР ШАБНАМЕ ТЎФОН АСТ.

Зарар барои одамони очиз гарчанд ки хурду ночиз бошад ҳам, ногуворо аст. Мук. Бувад қатраи об тўфони мўр.

Горатгари хонаи гадо меҳмон аст,
«Дар хонаи мўр шабнаме тўфон аст».

Аз «Фарҳанги авом»

ишора:

Ба кам моли ноқис овд ба шўр,
Бувад қатраи об тўфони мўр.

Хусрави Деҳлавй

назир:

Дилам аз ашки дида вайрон гашт,
Хонаи мўр чун шабнам нест.

Адибулмамолики Фароҳонй

ДАР ХОНАИ ҚОЗӢ ГИРДУ БИСЬЕР АСТ, ВАЛЕ ХИСОБ ДОРАД.

Гарчанд пулу мол фаровон бошад ҳам, бехуда сарф карда намешавад.

ишора:

Хар касе бошад ба молаш посбон,
Дасти худ кўтаҳ куи аз моли касон!
Хаст гирду хонаи қозӣ зиёд,
Лек бишмурдасту натвон хўрд аз он.

Аҳмади Аҳгар

1. ДАР ХОНА ҲАР ЧӢ БОШАД, МЕҲМОН ҲАР КӢ БОШАД.
2. ДАР ХОНА ҲАР ЧӢ, МЕҲМОН ҲАР КӢ.

Агар меҳмоне тасодуфан ва бехабар омада бошад, ин зарбулмасалро чун узр барои номукаммалии меҳмондорӣ гуфта мешавад. Мук. Меҳмон ҳар кӣ бошад, дар хона ҳар чӣ бошад.

1. Пеши хаёлат ором ин нимчон, ки бошад
«Дар хона ҳар чӣ бошад, меҳмон ҳар он кӣ бошад».

Котибии Туршезй

2. Дасти ўро гирифта бинишонд, порчаи нони хушке, ки дошт бар табаки ихлос ниҳод ва пеши меҳмон оварда ва кўзаи об ҳозир карда, гуфт:

— Расида расида хўрад, ки гуфтаанд: **«Дар хона хар чй бошад, меҳмон ҳар кй бошад».**

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

ДАР ХОНА ХАФТ БОНУ, ХОКАШ ТО ЗОНУ.

ниг. Ба ду кадбону хона норўфта мемонад.

ДАР ХУМИ ХОЛЙ САДО ЗИЁДТАР МЕПЕЧАД.

Мардуми бехунар нисбат ба хунармандон зиёд ҳдлао доранд.
ниг. Дар зарфи холй садо зиёд мепечад.

— Овози маро ҳам таъриф мекунанд,— гуфт Хаппон касдан, агар ғазал хонам, дили санг об мешавад...

— Бале, **«дар хуми холй садо зиёдтар мепечад».**

Ч. Икромй, Хабибулло Назаров

ДАР ШАҲРИ КЎРОН ОДАМИ ЯКЧАШМА ПОДШОҲ АСТ.

ниг. Хирс дар кўҳ Бўалй Синост.

ш ш о р а:

Нимшоир Халил, аммо ба шеъри хеш меозам,
Дар ни кишвар чу якчашмам миёни мачман кўрон.

Иброҳим Халил (Аз «Зарбулмасал-ҳои форсй дар Афгонистон»)

ДАР ШАҲРИ НАПСАВОРОН БОЯД САВОРИ НАП ШУД.

мук. Хоҳй нашавй расво, ҳамранги чамоат шав!

1. ДАРЬЁ АЗ ЗАБОНИ САГ НАЁЛОЯД.
2. ДАРЬЁ БА ДАҲОНИ САГЕ НАЁЛОЯД.
3. ДАРЬЁ БА ДАҲАНИ САГ НАЧИС КАП ГАРДАД.
4. ДАРЬЁ БА ДАҲОНИ САГ НАЧИС НАМЕШАВАД.
5. ДАРЬЁ ЗИ ДАҲОНИ САГ НАГАРДАД МУРДОР.
6. ДАРЬЁ ПАЛИД НАМЕШАВАД АЗ ДАҲОНИ САГ.

Аз ёвагўй, ҳарзагўй ва суханони пошоистан бад кадру кимати одамони арчманд паст намегардад, пагину бадном намешаванд. Мук. Кай шавад дарьё ба пўзи саг начис?

1. Агар ҳар рўбаҳе гўяд маломат шермардонро,
Масал гўям, ки **«дарьё аз забони саг наёлояд».**

Носири Хисрав

2. Хасм гар зишт гўядат, «дарьё
Ба дахони саге наёлояд».

Рашиди Ватвот

3. Ва қозии Систонро писаре буд бағоят зариф ва хуштабъ. Қасидаи Мавлоно Наҳвиро чавоб гуфта, як байт аз қасидаи вай ин аст ки: «Гар айби хоҳи поки Систон кунад қасе, **«дарьё палид намешавад аз дахони саг»**.

Аз «Бадоеъ-ул-вақоеъ»

ишора:

1. Дарьёи Муҳитро ки пок аст,
Аз чирки даҳони саг чӣ бок аст?

Низомии Ганҷавӣ

2. Кай шавад хуршед аз пуф мунтамис,
Кай шавад дарьё ба пӯзи саг начис?

Ҷалолиддини Румӣ

3. Машраби ишқ чу бошад чӣ ғам аз таъни ҳасуд,
Баҳри жарф аз даҳани саг нашавад мустаъмал.

Абдураҳмони Ҷомӣ

назир:

Гар баде гуфт туро душмани дун боке нест,
Мис на он аст, ки ӯ мартабаи зар шиканад.
Таъни хаффош кучо равнақи хуршед барад,
Санги бадасл кучо қимати гавҳар шиканад.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАРЬЁРО БА СОҒАР ТИҲӢ НАТАВОН КАРД.

маъ. Натавон кардан тиҳӣ ба соғар дарьё.

назир:

Нашояд бодро дар бар гирифтан,
На дарьёро ба муште баргирифтан.

Фахриддини Гургонӣ

ДАРЬЁ ҲАРГИЗ НАБУВАД БЕ НАҲАНГ.

маъ. Беша бе шер нест дарьё бе наҳанг.

Мардум рӯзе нагӯяд бе ҳасуд,
«Дарьё ҳаргиз набувад бе наҳанг».

Масъуди Саъди Салмон

ДАР ЯК ДЕГ ДУ КАЛЛА НАМЕПАЗАД (НАМЕҶӮШАД).

мук. Деги шарокат ба чӯш наёяд.

Сафархон: **«Дар як дег ду калла намечўшад»**. Дар як колхоз истодани ману шумо мумкин нест, мефахмед? Ман бояд хатман равам, даст монед!

Абдумалик Баҳорӣ

ДАР ЯК ДИЛ ДУ ЕР НАМЕГУНҶАД.

мук. Бо як даст ду харбуза бардошта намешавад.

— Он вокеан дигар аст, ба ту дахл надорад.

— Ман ҳам медонам, ки он вокеан дигар аст, лекин ҳамонро ҳам медонам, ки **«дар як дил ду ёр намегунҷад»**.

Садриддин Айнӣ

ишора:

Моро хоҳӣ хате ба олам даркаш,
К-андар як дил ду чусте нояд хуш.

Афзаладдини Муҳаммад.
(Аз «Ҳафт иқлим»)

ДАР ЯКЕ ТАН ЯКЕ ДИЛ АЗ ДУ БЕҲ АСТ.

мук. Бо як даст ду харбуза бардошта намешавад.

Кишваре ро ду подшаҳ фараҳ аст,
«Дар яке тан яке дил аз ду беҳ аст».

Абулмаҷди Саноӣ

ДАР ЯК ШАҲР ДУ ПОДШОҲ НАМЕГУНҶАД.

нис. Ду тег дар як наём нагунҷад.

Гуфт: Эй, ба гамам рафиқ гашта,
Мачнуни маро шафиқ гашта.
«Як шаҳру ду подшаҳ нагунҷад»,
Ду сар ба яке кулаҳ нагунҷад.

Шамсиддини Шоҳин

назир:

1. Аз ду як мир бехирад бошад,
Дар наёме ду тег бад бошад.

Абулмаҷди Саноӣ

2. Ракамсанчи нахуст аз хоман хеш
Чунин орост накши номан хеш,
Ки чун Шерўя шуд бар тахти шоҳӣ,
Даромад кинавар дар кинахоҳӣ,

Ки шаҳреро ду султон барнатобад,
Чу ин бошад ба чо, он барнатобад.
На як маснад ду шаҳро пой дорад,
На як сар ду кулаҳро чой дорад.

Хусравии Деҳлавӣ

3. Аз ду дил дам мазан, ки дар як мулк
Хутбаи шаҳр бар ду шаҳ накунанд.

Ҳабиби Қоонӣ

ДАР ҒАЙРИ ВАТАН ШАМОТАТИ ДУШМАН НЕСТ.

Амали ғариб мавриди кохишу маломат намебошад.

Агар лобуд ҳирфат ихтиёр мебояд кард, аз ин мавзеъ рахт барбастан авлост. **«Дар ғайри ватан шамотати душман нест».** Ин ё, то ба маҳалле дигар накл кунем ва он чо ба ҳар вачҳ, ки тавонем, ба сар барем.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАР КАТОРИ ШОЛӢ КУРМАК ОБ МЕХЎРАД.

ниг. Аз пушти шолӣ курмак об мехўрад.

И ш о р а:

Мўйсафед ин фикри маро пай бурда гуфт:

— Мо пиёбаро ба ин дарача тунд карда хўрдан одат надорем. Инро фақат барои ту тайёр куноидам ва худамон ҳам **«дар катори шолӣ курмак об хўрдагӣ»** барин хўрда истодаем.

Садриддин Айнӣ

ДАР КАТОР ЯК НАР ДОШТА БОШӢ, БОРАТ ДАР РОҲ НАМЕМОНАД.

Бо марди кордону тачрибадида корат нотамом наменонад.

— **«Дар катор як нар дошта бошӣ, борат дар роҳ наменонад»** гуфтаанд калъачиҳои кадимӣ. Ана ҳамин «вакилҳо, оксаколҳо» «нар»-и мову шумо мешаванд, бори дар роҳ мондагинамонро мебардоранд.

Садриддин Айнӣ

ДАР КАФАС АЗ ЧИСТ БУЛБУЛ? — АЗ ЗАБОНИ ХЕШТАН.

ниг. Агар тўтӣ забон мебаст дар ном, на худро дар кафас **мединд**, на дар дом.

Аз макони хеш агар дур уфтодам, айб нест,
Аз хунар берун фитад гавхар зи кони хештан.

Ман ин табъи ҳамчу обӣ хештан дар оташам,
«Дар кафас аз чист булбул? — Аз забони хештан».

Ибни Ямин

ДАР ҲАВЗЕ, КИ МОҲӢ НЕСТ, КУРБОККА СИПАҲСОЛОР АСТ.

Ниг. Хире дар кӯҳ Бӯалӣ Синост.

ДАР ҲАМА КОРЕ, КИ ДАРОӢ НАҲУСТ, РАҲНАИ БЕРУН ШУДАНАШ КУН ДУРУСТ!

Ба ҳар коре, ки шурӯъ хоҳӣ кард, нахуст оқибати неку бад ва суду зиёнашро андеша намо! Мук. То нахустӣ чон кадам устувор, пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор!

1. Солим гуфт: Мусаллам, ки ба бӯи баҳори давлат бо гавғои ҳазюни накбат дартавон сохт, аммо дар роҳе кадам задан, ки пойи надорад ва дар баҳре сайёҳат намудан, ки соҳилаш падид нест, аз тариқи хирадмандӣ дур менамояд ва ҳар кӣ дар коре шурӯъ намояд, боид ки чунон ки мадҳалашро доништа махрачашро низ бибинад ва оқибати муҳим назар ба анҷом андохта, зарару шафъи онро ба мизони ақл бисанҷад, то ранҷи беҳуда накашида бошад ва нақди умри азизро бар бодӣ фано барнадода.

То нахустӣ чон кадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор!
«Дар ҳама коре, ки дарой, нахуст
Раҳнаи берун шуданаш кун дуруст!»

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Чун мардуми шаҳре заиф шаванд, ҳарфу забти оиҳо осонтар бошад баъд аз тағаллуб тасаллут ва ҳол он ки таъхири таъвиқи Россия дар гирифтани вилоят ҳам аз барои маслиҳати ҳоли ӯст, ки ин навъ ҳарчеро мулоҳиза менамуд, ки ин миқдор халқи қасири мухолифмашрабро чӣ навъ ба забон боид даровард, мабодо ки баъд аз вазъи таклиди низом инфиоқе шуда, шӯре ва балвоеро барангезонанд ва дар ин чамъияти мо санги тафриқа андозанд,— **«дар ҳама коре, ки дарой, нахуст раҳнаи берун шуданаш кун дуруст!»**

Аз «Наводир-ул-вақоеъ»

ДАР ҲАМА КОР МАШВАРАТ БОЯД, КОРИ БЕМАШВАРАТ НАКӮ Н-ОЯД.

Оқибати кори бомаслиҳат ичро шуда нек аст, кори бомаслиҳат аз хато ҳоӣ аст. Ниг. Чоман бомаслиҳат кӯтоҳ намоеяд ва машварат роҳбари савоб омад, дар ҳама кор машварат боид.

1. Бе мадади машварати бузургони хурдадон дар масолеҳи мулк

мадхал нанамоянд ва тамоми низом аъмолу аҳкоми худ ба тадобири вазирони комил ва муширони оқил бозбанданд, то ҳар чӣ аз ишон содир гардад, ба салоҳ мақрун бошад ва аминияти олам ва ҷамъияти ҳоли бани-одамро мутазаммин. **«Дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накӯ н-ояд».**

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

2. Мо бояд кувваҳои худро барои ин нигоҳ дорем. Машварат кардан лозим аст. Ханӯз вақт ҳаст. Азизон гуфтаанд, ки **«дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накӯ н-ояд».**

Сотим Улуғзода

назир:

Машварат корҳо ба сомон кард,
Он чӣ душвор буд, осон кард.

Абдулқодири Бедил

ДАР ҲАМА ҶО ХУРӮС ЯК ХЕЛ ҶЕҒ МЕЗАНАД.

ниг. Хурӯс дар ҳама ҷо баробар ҷеғ мезанад.

1. То хвёбон ва регистон ҳама ҷоро давр зада баромадам, **«дар ҳама ҷо хурӯс баробар ҷеғ мезад»,** дар ҳама ҷо садои «во шарпато!» дар ҳама ҷо «ғулғулаи бигир, бубанд, бизан, кашола кун!» баланд буд.

Садриддин Айнӣ

2. Ту содда, ғумон мекунӣ, ки аз ин ҷо халос шавӣ, кори осонтару хушдаромад меёбӣ? Хобатро ба об гӯй!» **«Дар ҳама ҷо хурӯс баробар ҷеғ мезанад».**

Раҳим Ҷалил

1. ДАР ҲАР ДИЛЕ ТАМАННОЕСТ
2. ДАР ҲАР ДИЛЕ ҲАЁЛЕ, ДАР ҲАР САР ҲАВОЕСТ.

Ҳар кас хоҳишу орзу ва умеде дорад.

1. Дили маро ба ҳавои ту завқи сарбозист,
Муқаррар аст, ки **«дар ҳар диле таманноест».**

Косими Анвор

2. Дар кӯи ишқбозӣ мардона по гузоред,
Ҳар манзиле тилисмест, ҳар гом аждаҳоест.
Ошиқ — васли вақдат, зоҳир самоъи касрат,
«Дар ҳар диле хаёле, дар ҳар саре ҳавоест».

Сайидои Насафӣ

1. ДАР ХАР ЗАРАР (ЗИЁН)-Е НАФЬЕ (ЗИРАКӢ) ХАСТ.

1. Одам аз зарар дидан хушьёру пухта мегардад, 2. натичаи пешгирии зарар суд хохад бўд.

1. Агар дар хар боб камар аст, хеш мўътабар дорад, хама умр дар мехнат гузарад бо он чи гўянд, ки **«дар хар зиёне зиракӣ аст»**, лекин аз вачхи киёс он некўтар, ки зиёни дигаронро дида бошад ва суди тичорати ишон бардошта...

«Калила ва Димна»

2. Аз он чое ки мегўянд: **«Дар хар зараре нафъе хаст»** эхтимол аз баракати хонанишиниӣ бошад, ки забони ман дашном ва иборахои нобоби кўчагиро ёд нагирифта монд ва харгиз касе аз ман сухани поравое нашунид.

Хасан Ирфон

ДАР ЧАВОНӢ ДАВОДАВӢ, ДАР ПИРОНСОЛӢ КОДОКИ САНДАЛӢ.

Кўшишу гайрати чавонӣ роҳати давраи пиронсолагӣ аст.

— Шабу рўз даводавӣ мекунӣ, ҳеч оромӣ надорӣ...

— **«Дар чавонӣ даводавӣ, дар пиронсолагӣ кодоки сандалӣ»** гуфтаанд.

Қодир Наимӣ

назир:

Чавоно, ба рўзи чавонӣ зи пирӣ
Биандеш, к-аз пир н-ояд чавонӣ.

Парвини Эътисомӣ

ДАР ЧАВОНӢ МАСТӢ, ДАР ПИРӢ СУСТӢ, ПАС ХУДОРО КАЙ ПАРАСТӢ?

Ансории Ҳиравӣ

мук. Имрўз тавонед, надонед, фардо ки бидонед, натавонед.

назир:

Чун тавонистам, надонистам чӣ суд?
Чун бидонистам, тавонистам набуд.

Фаридаддини Аттор

ДАР ЧАНГ ХАЛВО ТАҚСИМ (БАХШ) НАМЕКУНАНД.

Дар чанг гайр аз задану кўфтан ва кушокушию харобӣ чизи дигар нахоҳад буд.

— Не, нодуруст! — гуфтам ман,— медонед, ки **«дар чанг халво**

таксим намекунанд». Албатта, онҳое, ки ба халқ ва ба Ватан хоин карда буданд, чазояшонро кашиданд.

Тоҷӣ Усмон

ДАР ҶАҲОН БЕҲТАР АЗ СУЛҲ ЧИЗЕ НЕСТ.

Ва чун соате баромад, Ланд биёмад ва хидмат карду гуфт: Шоҳо, котил мегӯяд: Он чӣ тавонистӣ кардан, бикардӣ. Акнун биё, то сулҳ кунем, ки **«дар ҷаҳон беҳтар аз сулҳ чизе нест».**

Аз «Искандарнома» I

ДАР ҶАҲОН СУДНОКАРДА БИСЬЁР АСТ.

инг. Судноbурда дар ҷаҳон бисьёр.

Казоро дар роҳ бадраи заре ёфтанд ва онро ғанимат шумурда, мутавакқиф гаштанд. Шарики доно гуфт:

— Эй бародар, **«дар ҷаҳон судноkарда бисьёр аст»,** ҳоло бадни бадраи зар каноат кардан ва дар гӯшаи кошонаи худ ба фароғат ба сар бурдан авло менамояд.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

ДАР ҶӮИ НОКАНДА ОБ НАМЕРАВАД.

Ҳеҷ кас бидуни фароҳам кардани шароити мусоиди ичрои кор суде намебарад.

Ба сахро баромадам, то бубинам, ки аҳволи он майдонҳои дар аввали июль чигит шинондашуда чӣ гуна аст. Дар урфият мегӯянд, ки **«дар ҷӯи ноканда об намеравад».**

Фазлиддин Муҳаммадиев

ДАСТ АГАР ДАР КОР МАШҒУЛ АСТ, ПО ОСУДА АСТ.

Саъдӣ

ДАСТ АЗ ДАСТ МУБОРАКТАР БУВАД.

Мумкин аст, ки касе нисбат ба каси дигар бештар фондарасон бошад.

Қобус фармуд, ки ӯро талаб кунед ва ба сари бемор баред, то муолиҷат кунад, ки **«даст аз даст муборактар бувад».**

Аз «Чаҳор мақола»

ДАСТАК БА ЯК ДАСТ НАТВОН ЗАД ВА ОС БА ЯК САНГ НАТВОН КАРД.

мук. Аз як даст садо намебарояд.

Тӯтӣ гуфт: Чунин донам, ки ӯ аз ин сӯз бе сӯз аст. **«Дастак ба як даст натвон зад ва ос ба як санг натвон кард».** Вафову сафое, ки

чониби туст, агар чониби ӯ ҳам будй, хакикат гарази шумо баромадй ва максади шумо ба кифоят расидй.

Аз «Тўтинома»

ДАСТАШ БА ХАР НАМЕРАСАД, ПОЛОНАШРО МЕЗАНАД.

нис. Зўраш ба хар намерасад, полонашро мезанад.

ДАСТ БИШКАНАД ДАР ОСТИН,
САР БИШКАНАД ДАР КУЛОХ.

нис. Даст шиканад дарун остин. Мук. Сари кафида дар зери токй бех!

ДАСТ БОЛОИ ДАСТ БИСЬЕР АСТ,
(ДАР ЧАҲОН ПИЛИ МАСТ БИСЬЁР АСТ)

Ин зарбулмасал дар бораи касе гуфта мешавад, ки ӯ ба хунар ва ё дониш ё ба зўр ва макоми худ магрур шуда, ба дигарон чабру ситамро раво бинад. Мук. Болои даст даст бисьёр аст.

1. Кам бувад бех зи сондат харчанд,
«Даст болои даст бисьёр аст».

Абдурахмони Чомй

2. Бо вучуди он ки аз паси он тонфа хезон будам, пешдастй кардам ва бар дигарон сибкат гирифтам, агарчи **«даст болои даст бисьёр аст»**, аммо «дасти пеш завол надорад».

Аз «Чомеъ-ут-тамсил»

3. — Ман дар ин чанд рўз хуб кунчковй карда мебинам бо чй душманй ва бадхохй Заххок туро меннгарад ва марги туро мечўяд? Набояд фиреби ин марди хасудро бихўрй. Боистй бидонй, ки дар чахон **«даст болои даст бисьёр аст»**.

Аз «Рўстамнома»

4. Шерўя ханчар кашид, гўшу бинии ўро бурид ва гуфт:— Бирав, аз барои подшохи худ хабар бибар ва бигў: — «Дар чахон фили маст бисьёр аст, **даст болои даст бисьёр аст»**.

Аз «Шохзода Шерўя ибни Малихшохи Рум

назир:

1. Чу афроз хар ахтаре ахтар аст,
Ки хар бартареро забар бартар аст.

Абулкосими Фирдавсй

2. Гарат зўр бошад зи пилон басе,
Бувад хам ба зўр аз ту афзун касе.

Асадии Тўсй

3. Машав ғарра ба зӯри бозуи хеш,
Ки бошад зӯрбозуҳо аз ин беш.

Хусрави Деҳлавӣ

ДАСТБУРИДА ҲОЛИ ДАСТБУРИДАРО МЕДОНАД.

мук. Андӯҳи дилсӯхта сӯхта донад.Ниг. ба ҳикояи ин зарбулмасал.

Кас чун ғами Зулайхо Юсуф надида донад,
«Дасти бурида ҳолаш дасти бурида донад».

Аҳлии Шерозӣ

ДАСТ ДАСТИ ПЕШДАСТОН АСТ.

ниг. Дасти пеш бадал надорад.

Бувад равшан бар донишпарастон,
Ки **«бошад даст дасти пешдастон».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

ДАСТ ДАСТРО МЕШИНОСАД.

Чизеро, ки аз касе гирифтӣ, бояд ба худи ӯ бидиҳӣ, моли амонат бояд шахсан ба соҳибаш баргардонида шавад. Мук. Дастро даст мешиносад.

1. Дил чашми ситезамастро бишиносад,
Мижгони дароздастро бишиносад.
Дасту дили худ ба дасти зулфат додам,
З-он рӯй, ки **«даст дастро бишиносад».**

Мумтоз (Аз «Суханварони сайҳали рӯи замин»)

2. Ҳоло соҳиби дӯкон, ки дасташ ба чое банд нест, омада якаи маро часпидааст.

— Хуб, **«даст дастро мешиносад»** биравад аз худаш бигирад.

Алимуҳаммади Афғонӣ

ишора:

Аз ту хоҳам он чӣ ман додам ба ту,
Боз деҳ он чӣ фиристодам ба ту.
Гуфт пайғамбар, ки дастат ҳар чӣ бӯ
Боядаш дар окибат вопас супурд.

Ҷалолиддини Румӣ

ДАСТ ДАСТРО МЕШ?ЯД, ОБ ХУНРО.

Кӯҳна шудааст. Агар ба хиёнати касе ҳамдастию ҳамкорӣ карда шавад, ин зарбулмасал гуфта мешавад.

Барои чӣ Самгинов дуздон ва каллобонро ба зери ҳимояи худ мегирад? Ин маълум аст. «Даст дастро мешӯяд, об хунро» мегӯянд дар урфият.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

ДАСТ ДИҲӢ, ОРИНҶ МЕГИРАД.

нис. Дил диҳӣ, сина меҷӯяд, хона диҳӣ, ганҷ меҷӯяд.

1. ДАСТЕ, КИ БА ДАНДОН НАТАВОН БУРИД, БИБӮС,
2. ДАСТЕ, КИ ЗИ ДИДАНАШ ТУРО НАНГ ОЯД,
ДАР ВАҚТИ ЗАРУР БӮСА ДОДАН ШОЯД,
3. ДАСТЕ, КИ НАТАВОН БУРИД, БОЯД БӮСИД,
4. ДАСТЕРО, КИ НАТАВОН БУРИДАН, БИБӮС,
5. ДАСТЕ, КИ ТУРО НАХОҲАД, ОН ДАСТ БИБУР!

Кӯҳна шудааст. 1. Агар аз ӯҳдаи аз сари худ дур кардани зӯрманде набарой, ба он итоат кун! 2. дар зарурат ва маҷбурият мумкин аст, ки иззати нафс шикаста шавад. Мук. Чу дасте натонӣ газидан, бибӯс!

1. Сухандон нагуфт ин сухан бар фусӯс,
Ки **«дасте, ки натвон буридан, бибӯс!»**

Абӯшакури Балхӣ

2. Ва фарзанди ман маро ба малаллати узве бонста, аммо акулаву беморӣ дар вай афтод, катъ аволотар, хосса, ки аз барои дафъи шаҳват рафъи мулку давлати ман металабад ва гуфтаанд: **«Дасте, ки туро нахоҳад, он даст бибур!».**

Пас сайёҳро ишорат кард, ки ӯро берун бар ва ҳалок кун!

Аз «Синдбоднома»

3. Гар заҳран шерон бидарад пилан кӯс,
Барбод мадеҳ чонӣ гиромӣ ба фусус.
Бо он ки хусумат натавон кард, бисоз,
«Дасте, ки ба дандон натавон бурд, бибӯс!»

Саъдии Шерозӣ

4. Мор гуфт: — Зиндагии малик дароз бод, маро аз куте ва тӯъмае чора нест, ки бад-он зинда монам ва ин хидматро ба поёни расонам. Малик гуфт:

— Ҳамчунин аст, ки мегӯӣ. Маро аз маркаб гузир нест ва маркабро ба куте қуввате натавонад буд. Пас ҳар рӯз ду гук аз барои вай вазифа мукаррар кард, ки дар ротибаи чошту шом ба кор барад.

Ва мор аз рӯзгор бад-он вазифа мегузаронид ва ба ҳукми он ки дар он тавозӯъ манфиате мундариҷ буд, аз он ор намедошт.

«Дасте, ки зи дандонаш туро нанг оид,
Дар вакти зарур бӯса додан тавонад».
Ҳар кор, ки ор асту малол афзояд,
Дар ҳолати эҳтиёҷ бад нанмояд.

Аз «Анвори Суҳайлӣ»

назир:

Танеро, ки натвонӣ аз ҷой бурд,
Ба пурсиши ӯ пай чӣ хоҳӣ фишурд?
Ба пахлуи шер он гаҳе даст каш,
Ки дорӣ ба шерафгани дастҳ(в)аш.

Низомии Ганҷавӣ

1. ДАСТЕРО, КИ ҲАКИМ БИБУРРАД, ДИЯТ НАДОРАД.
2. ДАСТЕРО, КИ ҲАКИМ БИБУРРАД, ХУН НАДОРАД.

1. Дастеро ки табиб ва ё қозӣ мувофиқи қонун мебурад, ба он қасос нест, 2. ҳар амале, ки аз рӯи қонун карда мешавад, ҷавобгарӣ надорад.

назир:

Ё ба захми дарра ӯро деҳ ҷазо
Он чунон кӣ рои ту бинад сазо.
К-он ки аз ҷаври ту мирад дар димор
Бар ту тавон нест, он бошад ҷибор.
Бар ҳаду таъзири қозӣ ҳар кӣ мурд,
Нест бар қозӣ замон, к-ӯ нест хурд.

Ҷалолиддини Румӣ

ДАСТИ БЕҲУНАР КАФҶАИ ГАДОИСТ.

Бехунар маҷбур аст, ки гадой кунад.

нишора:

Он шоха, киаш самар набошад,
Эмин зи дами табар набошад.
Асбоби гадоягасту зиллат,
Дасте, ки дар он ҳунар набошад.

Аҳмади Ахгар

ДАСТИ БУРИДА ЗЕРИ ОСТИН.

Мук. Даст шиканад даруни остин.
Моҳипораеро ба даҳон бурда, хонд. **Дилаш якбора бехузур шуд.**

Гӯё моҳӣ нею заҳри қотилро хонд. **«Дасти бурида зери остин»** гуфтаанд. Монанди ҳамин вай моҳии талхро аз даҳонаш гирифта, номаълум зери дастурхон гузошт.

Аз «Тоҷикистони Советӣ»

ДАСТИ ЗЕРИ САНГРО ОҲИСТА МЕБОЯД КАШИД.

мук. Чора басе ҷой беҳтар аст зи зӯр.

ишора:

Даст чун монад ба зери санг сахт,
Чуз ба нармӣ кай тавон берун кашид?

Масъуди Саъди Салмон

ДАСТИ МӮ КӮТОҲУ ХУРМО БАР НАХИЛ.

инг. Пои мо ланг асту манзил бас дароз, дасти мо кӯтоҳу хурмо бар нахил.

1. Ман бемор ва парҳезгор будан ва давраҳон серқилуқолро дӯст надоштани ӯро ба домулло гуфта будам, ки «ӯҳ, боби ман будааст, аммо дареғ, ки **«дасти мо кӯтоҳу хурмо бар нахил»** гуфт домулло.

Ҳасан Ирфон

2. Он замон бигузашт, к-аз макри ачониб умрхо
«Дасти мо кӯтоҳу хурмо буд бар шохи нахил».

Хаялуллоҳи Халилӣ

ишора:

Шохи насли ту, эй дарахти умед,
Бас баланд асту дасти ман кӯтоҳ.

Хоҷуи Кирмонӣ

ДАСТИ ОДАМИЗОД (ОДАМ) ГУЛ (АСТ).

1. Одамизод ҳар кореро ба хубӣ ичро намояд, 2. ҳар неъмату зебоие, ки дар ҷаҳон ҳаст, маҳсули меҳнати одамон аст.

1. Дар ин ҷо дар ром кардани табиати саркаш ҳамроҳи Анатолий Валерианович Гурский бисьёр ҳамкорон ва шогирдони вай ҳам фидокорона ҷаҳду ҷадал мекунанд. Кас фикр мекунад, ки зарбулмасали **«дасти одамӣ гул аст»** маҳз дар ҳаққи ҳамин тавр касони мӯъчизакор гуфта шудааст.

Абдусалом Деҳотӣ

2. **«Дасти одамизод гул аст»** — мегӯяд зарбулмасали тоҷик. Мо ба ин калиман «озод»-ро ҳамроҳ карда мегӯем: **«Дасти одами озод**

гул аст». Чунки меҳнати озод набудагӣ барои одамизод ранчу кулфат аст. Меҳнат озод бошад, гул аст, ки димоғи одамизоди меҳнаткашро муаттар мекунад.

Раҳим Чалил

1. ДАСТИ ПЕШ (ПЕШИН) БАДАЛ НАДОРАД.
2. ДАСТИ ПЕШ ЗАВОЛ НАДОРАД.

Пешдастӣ дар ҳар кор хуб аст. Мук. Пешдастӣ кун, ки набвад дасти пешинро бадал.

1. Бувад равшан бари доништпарастон,
Ки бошад даст дасти пешдастон.
Забони дахрро беҳ з-ин масал нест,
Ки гӯяд **«дасти пешинро бадал нест».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

2. Қатли ман хоҳад зи як сӯ ғам, зи дигар сӯ ачал,
Пешдастӣ кун, ки **«набвад дасти пешинро бадал».**

Абдураҳмони Ҷомӣ

3. Бо вучуди он ки аз паси он тоифа хезон будам, пешдастӣ кардам ва бар дигарон сибқат гирифтам, агарчи даст болои даст бисьёр аст, аммо **«дасти пеш завол надорад».**

Аз «Ҷомеъ-ут-тамсил»

ишора:

Чу бинӣ биовард кас ҳамнабард,
Набояд ки гардад туро рӯй зард.
Ту пирӯзӣ, ар пешдастӣ кунӣ,
Сарат паст гардад чу сустӣ кунӣ.

Абулқосими Фирдавсӣ

ДАСТИ ПОК АЗ АНГАБИН НАЁЛОЯД.

Одами пок аз ҳаргуна бадиҳо олуда намешавад.

ишора:

Ҳар кӣ рағбат кунад дар ин маънӣ,
Дил бибояд, ки пок биздояд,
З-он ки чун даст пок бошад сахт,
Ҳаме аз ангабин наёлояд.

Носири Хисрав

1. ДАСТИ ШИКАСТА БА ГАРДАН ҲАМЕЛ,
2. ДАСТИ ШИКАСТА ВУБОЛ (ҲАМИЛ)-И ГАРДАН (АСТ).
3. ДАСТИ ШИКАСТА ТОВОНИ ГАРДАН.

Хешони бекораву бефоида, фарзанди нохалаф боиси ташвиши оила мебошанд. Мук. Пой чун шуд ланг, дар доман хуш аст.

Баъзе аз қабилаи мо салоҳ дар ин диданд, ки чун мо ҳама молу қанизу ғуломони вайро мутасарриф шудем, аз ёбуй чй ҳосил? Салоҳ дар он аст, ки аспашро бозданем, то магар худро ба қофила бирасонад, ки **«дасти шикаста вуболи гардан аст»**.

Аз «Баҳор ва хазон»

1. ДАСТИ ШИКАСТА БА КОР МЕРАВАД, ДИЛИ ШИКАСТА БА КОР НАМЕРАВАД.
2. ДАСТИ ШИКАСТА КОР МЕКУНАД(У) ДИЛИ ШИКАСТА КОР НАМЕКУНАД (НЕ).

1. Агар касе аз касе биранҷад ва дилшикаста гардад, дигар инсбат ба ӯ рағбат нахоҳад кард, 2. набояд касеро дилозурда сохт, зеро ки ба даст даровардани дил бағоят мушкил аст. Мук. Пои шикаста роҳ мераваду дили шикаста кор намекунад.

Ҳамон ба ёдам расида ба неши самоворчй рафтанй будам. **«Дасти шикаста кор мекунаду дили шикаста не»** — мегўянд. Аз ҳамин чою ҳамин кор дилам монда буд.

Раҳим Ҷалил

ишора:

Ҳаргиз пои озори дили халқ мабош,
К-озори дили халқ зиён орад бор.
Аз дасти шикаста кор бармеояд,
Лекин зи дили шикаста бари-ояд кор.

Аҳмади Аҳгар

ДАСТ КОР МЕКУНАД, ЧАШМ МЕТАРСАД.

мук. Ҳар кор аввал сахтй дорад.

ДАСТМОЯИ БУЗУРГИ АКЛУ АДАБ АСТ, НА АСЛУ НАСАБ.

Димна гуфт: **«Дастмояи бузургй аклу адаб аст, на аслу насаб»**. Ҳар кй акли софй ва хирад комил дорад, хештанро аз пояи ҳазиз ба мартабаи шариф расонад ва ҳар киро раъйи заиф ва акли нахиф бошад, худро аз дарачаи олй ба мартабаи диний андозад.

Аз «Анвори Суҳайлй»

ДАСТОРИ КАЛ, КИ БАРОШУФТ, ТО ҶОН БИКЎШАД.

Фурўмоягон ҳамин ки оҷиз монданд, барои ҳимояи худ аз гуфтору рафтори носазо ҳуддорӣ намекунанд. Муқ. Кал, ки сар бараҳна кард, то ҷон бикўшад.

и ш о р а:

Нигаҳдор бар хештан обрўй,
Макун бо фурўмоя ҳаргиз ҷадал,
Ки чун оҷиз ояд биранҷонадат,
Чунон ки бувад назди ома масал,
Ки то ҷон бикўшад ба ҷанг андарун,
Чу дастораш ошуфта гардид кал.

Носири Хисрав

ДАСТОР НАДОРЕМУ ҒАМИ ХЕҶ НАДОРЕМ.

ниг. Осуда касе, ки ҳар надорад, аз коху ҷаваш хабар надорад.

ДАСТРО ДАСТ МЕШИНОСАД.

ниг. Даст дастро мешиносад.

ДАСТ (БИ)-ШИКАНАД ДАРУИ (ЗЕР)-И ОСТИН.

1. Сирри одам бояд пўшида бошад. 2. бегонагон набояд аз ҷангу ҳарҳашам хона огоҳ бошанд.

1. Маъзолик ҳар рўз сад мушту лагад аз ҳазрати эшон меҳўранд, ҳадду ёфои дам задан надоранд, ки ба ҳазрати эшони калон осй мешаванд. Натиҷаи иеъён агар ҳусроии ухравй бошад, музоика нест, лекин аз ният ё ишшони дараҷаи аъло мемонанд. Лиҳозо «сар кафад таҳи тоқй», **«даст шиканад даруни остин»**, ҳар чй шавад, хайр, ҳазрати эшон наранҷанд.

Аз «Наводири Зиёи»

2. — Охир, ҳасратҳоямро ба шумо гуфта, диламро андак холй накунам, ба кй гўям? **«Даст шиканад зери остин»** гуфта, то ба ҳамии дам аз вай ба касе шикоят намекардам.

Раҳим Ҷалил

3. — Айб дар ҳар сен мо! Умрат дароз шавад, ҷон ука, **«даст шиканад, даруни остин»**.

Аз «Комсомоли Тоҷикистон»

ДАФЪИ ОТАШ КАСЕ БА ОТАШ НАКУНАД.

Хашмро бо хашм дафъ намекунанд.

Окил ҳаргиз адон нох(в)аш накунад,
Ҳам пайравии душмани саркаш накунад.
Оташ чу баланд шуд бар ӯ об зананд,
«Дафъи оташ касе ба оташ накунад».

Воизи Кашфӣ (Аз «Амсолу ҳикам»)

ДАХЛ ОБИ РАВОН АСТУ ХАРҶ ОСИЁИ ГАРДОН.

Саъдӣ

Муқ. Харҷи бо даҳл баробар ҳунар аст.

1. Вале мебинам, ки ту аз рӯзе, ки дар ин шаҳр қадам гузоридай, чуз шикампарастӣ ва ёвахарҷӣ мақсад надорӣ ва пешаи дигар барои худ ихтиёр накардай. Магар нашунидай, ки гуфтаанд: **«Даҳл оби равон асту харҷ осиёи гардон».** То даҳл набошад, харҷ натавон кард.

Аз «Достонҳои амсол» I

2. — Э бародар! **«Даҳл оби равон асту харҷ осиёи гардон».** Ақлу адаб пеш гир, лаҳву лаъб бигузор!

Тоҷӣ Усмон

ДАШТИ ХОЛӢ БЕҲ ЧУН ШАҲР ПУР АЗ ГУРГОН.

муқ. Чои холӣ беҳ пур аз гург марғзоре:

З-ин қавӣ қофилае кӯру кар, эй ҳоҷа,
Натавонад, ки раҳад ҳеҷ ҳакиме осон.
Шаҳр бигзор бад-ишону ба даштон шав!
«Дашти холӣ беҳ чун шаҳр пур аз гургон».

Носири Хисрав

ДАЪВОГАРИ СУСТ ҚОЗИРО МУТТАҲАМ МЕКУНАД.

Оқубати бефаҳмро ҳимоя кардан шармандагӣ аст.

1. Ҳатто вақте ки худи мо ба миёна даромадему ҳаққи шуморо рӯёнида доданӣ шудем, **«даъвогари сусти қозиро муттаҳам мекунад»** гуфтагӣ барин моро шарманда кардед.

Раҳим Ҷалил

2. Вай ландаҳури ношуд, вай фаришта аз зонда шуданаш пушаймон ва хари аҳмақ кирон оворагӣ ҳам намекунад. **«Даъвогари сусти қозиро муттаҳам кардааст».**

Толис Пӯлодов

ДАЪВӢ ХИҶОЛАТ БУВАД БЕ ГУВОҲӢ.

Ба дастури доно чунин гуфт шоҳ,
Ки **«даъвӣ хиҷолат бувад бе гувоҳӣ».**

Саъдии Шерозӣ

1953
БИБЛИОТЕКА

назир:

Даъвй, ки муҳаррад бувад аз шоҳиди маънй,
Ботил шавадаш бе чунею чарое.

Абулмаъди Сонй

ДАҲ АНГУШТ ЯК ХЕЛ (ЯК СОН) НЕСТ.

ниг. Панҷ ангушт баробар нест.

ишора:

1. Дилором гуфт: Эй шаҳи некдон,
На ҳар зан дуднл бошаду даҳзабон.
Хама кас ба як хӯю як хост нест,
Даҳ ангушти мардум ба ҳам рост нест.

Асадии Тӯсй

2. На ҳар теге бувад бо захм ҳамнушт,
На яксон рӯяд аз дасте даҳ ангушт.

Низомии Ганҷавй

3. Баробар кай бувад бо ӯ ҳар он к-ӯ нисбате дор
Ҳама ангушти мо бар дасти мо ҳамвор кай бош

Адиб Собири Т

М ФАЗЫЛОВ

Словарь таджикско-персидских пословиц, поговорок и
Т. I

(на таджикском языке

Муҳаррир *Х Авазова*
Рассом *М Серебрянская*
Муҳаррири рамҳо *Т Королёва*
Муҳаррири техникй *И Сучелегова*
Мусаҳҳеҳ *И Ҳамроев*

Ба матбаа 28/III-1974 супурда шуд. Ба чоп аз 9/IX-1974 имзо шуд. Коғази №2. Формати 84×108¹/₃₂. Чузъи чопй 11,5. Чузъи нашрию ҳисобй 15.43. Чузъи чоп...и шартй 19,32. Адади нашр 25000. Супориши № 2739. Нархаш 52 тин. КЛ 02650.

Душанбе. Нашриёти «Ирфон» кӯчаи Шевченко, 10

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб